# Низоми ҳуқуқи зан дар ислом

***Муртазо Мутаҳҳарӣ***

**Баргардон ва таҳия аз:**

***Сайидюнуси Истаравшанӣ***

# Феҳрист


Феҳрист....2

Муқаддима....8

Пешгуфтор....17

Мушкили ҷаҳонии равобити хонаводагӣ....18

Мустақил бошем ё аз ғарб тақлид кунем?....19

Ҷабри таърих....19

Мо ва Қонуни асосӣ....20

Авотифи мазҳабии ҷомеаи эронӣ....20

Бахши аввал: хостгорӣ ва номзадӣ....22

Хостгорӣ ва номзадӣ....22

Оё хостгории мард аз зан иҳонат ба зан аст?....22

Ғаризаи мард, талаб ва ниёз аст ва ғаризаи зан, ҷилва ва ноз....23

Мард, харидори висоли зан аст, на рақабаи ӯ....24

Расми хостгорӣ як тадбири зарифона ва оқилона барои ҳифзи ҳайсият ва эҳтироми зан аст....25

Иштибоҳи нависандаи “40 модда дар қонуни маданӣ”....25

Бахши дуввум: Зан ва истиқлоли иҷтимоӣ....29

Истиқлол дар интихоби сарнавишт....29

Истиқлол дар интихоби сарнавишт....30

Шавҳар додан қабл аз таваллуд....30

Муовазаи духтарон ё хоҳарон....31

Пайғамбари Акрам духтараши Заҳроро дар интихоби шавҳар озод мегузорад....31

Наҳзати исломии зан, сафед буд....31

Масъалаи иҷозаи падар....33

Мард, бандаи шаҳват аст ва зан, асири муҳаббат....34

Бахши севвум: Ислом ва таҷаддуди зиндагӣ....39

Ислом ва таҷаддуди зиндагӣ (1)....39

Муқтазаёти замон....39

Ислом ва муқтазаёти замон....41

Хислати интибоқи ислом бо замон аз назари хориҷиён....41

Ишколот....43

Худи замон бо чӣ чиз мунтабиқ шавад?....43

Интибоқ ё насх?....44

Ислом ва таҷаддуди зиндагӣ (2) .....47
Ҷомидҳо ва ҷоҳилҳо .....49
Тамсили Қуръон .....50
Ислом ва таҷаддуди зиндагӣ (3) .....53
Розу рамзи таҳаррук ва инъитоф дар қонунҳои исломӣ .....53
Таваҷҷӯҳ ба руҳ ва маънӣ ва бетафовутӣ нисбат ба қолаб ва шакл .....54
Қонуни собит барои эҳтиёҷи собит ва қонуни мутағайир барои эҳтиёҷи мутағайир .....55
Масъалаи тағйири хатт .....58
Туфайлигарӣ ҳаром аст, на кулоҳ лаганӣ .....58
Масъалаи аҳамму муҳим .....59
Қонунҳое, ки ҳаққи “вето” доранд .....59
Ихтиёроти ҳоким .....60
Асли иҷтиҳод .....60
Бахши чаҳорум: Мақоми инсонии зан аз назари Қуръон .....62
Мақоми инсонии зан аз назари Қуръон .....63
Фалсафаи хосси ислом дар бораи ҳуқуқи хонаводагӣ .....63
Тасовӣ ё ташобуҳ? .....64
Мақоми зан дар ҷаҳонбинии исломӣ .....66
Ташобуҳ на, тасовӣ оре .....70
Эъломияи ҳуқуқи башар фалсафа аст, на қонун .....73
Фалсафаро бо купон наметавон исбот кард .....75
Нигоҳе ба таърихи ҳуқуқи зан дар Урупо .....75
Ҳайсият ва ҳуқуқи инсонӣ .....78
Нукоти муҳимми муқаддимаи Эъломияи ҳуқуқи башар .....79
Мақом ва эҳтироми инсон .....80
Таназзул ва суқути инсон дар фалсафаҳои ғарбӣ .....80
Ғарб дар бораи инсон дучори таноқуз шудааст .....82
Ғарб, ҳам худро фаромӯш карда ва ҳам Худои худро .....84
Бахши панҷум: Мабонии табиии ҳуқуқи хонаводагӣ .....86
Мабонии табиии ҳуқуқи хонаводагӣ (1) .....86
Робитаи ҳуқуқи табиӣ ва ҳадафдории табиат .....87
Ҳуқуқи иҷтимоӣ .....88
Ҳуқуқи хонаводагӣ .....89
Мабонии табиии ҳуқуқи хонаводагӣ (2) .....90
Оё зиндагии хонаводагӣ табиӣ аст ё қарордодӣ? .....91

Фарзияи чаҳор давра....91
Зан дар табиат....94
Бахши шашум: Тафовутҳои зану мард....97
Тафовутҳои зану мард (1)....97
Таносуб аст ё нақсу камол?....98
Назарияи Афлотун....99
Афлотун ва Арасту, рӯ дар рӯйи якдигар....100
Назари дунёи имрӯз....101
Дугунагиҳо....101
Аз лиҳози ҷисмӣ....101
Аз лиҳози равонӣ....102
Аз назари эҳсосот (нисбат) ба якдигар....103
Тафовутҳои зану мард (2)....103
Шоҳкори хилқат....105
Пайванде болотар аз шаҳват....105
Дугунагӣ эҳсосот марду зан нисбат ба ҳам....107
Назарияи як хонуми равоншинос....108
Наҳзати аҷулона....109
Назарияи Уилям Дюрант....109
Бахши ҳафтум: Маҳр ва нафақа....114
Маҳр ва нафақа (1)....115
Таърихчаи маҳр....115
Маҳр дар низоми ҳуқуқии ислом....117
Нигоҳе ба таърих....117
Фалсафаи ҳақиқии маҳр....119
Маҳр дар Қуръон....121
Дугунагии эҳсосот дар ҳайвонот....122
Ҳадия ва коду дар равобити номашрӯъ....122
Муошиқаи фарангӣ аз издивоҷаш табиитар аст....122
Маҳру нафақа (2)....123
Русуми ҷоҳилият, ки дар ислом мансух шуд....123
Низоми маҳри ислом хосси худаш аст....126
Ойини фитрат....126
Интиқодҳо....127
Маҳру нафақа (3)....131

Маҳҷурияти зани фарангӣ то нимаи дуввуми қарни 19-ум ... 132
Чаро Урупо ногаҳон истиқлоли молӣ дод? ... 133
Қуръон ва истиқлоли иқтисодии зан ... 134
Як муқоиса ... 135
Интиқод ва посух ... 135
Се навъ нафақа ... 137
Оё зан имрӯз маҳру нафақа намехоҳад? ... 138
Риояти ҷониби зан дар масоили молӣ ... 138
Фалсафаи таблиғ алайҳи нафақа ... 141
Давлат ба ҷойи шавҳар ... 142
Оё Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар ба зан тавҳин кардааст? ... 145
Бахши ҳаштум: Масъалаи ирс ... 147
Масъалаи ирс ... 147
Илали маҳрумияти зан аз ирс ... 147
Ирси писархонда ... 149
Ирси ҳампаймон ... 149
Зан, ҷузъи саҳмулирс ... 149
Ирси зан дар Эрони Сосонӣ ... 150
Эроди ғарбпарастон ... 152
Эроди занодиқаи садри ислом бар масъалаи ирс ... 153
Бахши нӯҳум: Ҳаққи талоқ ... 154
Ҳаққи талоқ (1) ... 155
Афзоиши талоқ дар зиндагии ҷадид ... 155
Талоқ дар Эрон ... 157
Муҳити талоқзои Омрико ... 158
Фарзияҳо ... 159
Ҳаққи талоқ (2) ... 162
Талоқҳои ноҷавонмардона ... 164
Шойеъаи беасос ... 166
Чаро ислом талоқро таҳрим накард? ... 168
Ҳаққи талоқ (3) ... 169
Қонунҳои фитрат дар мавриди издивоҷ ва талоқ ... 169
Мақоми табиии мард дар ҳаёти хонаводагӣ ... 171
Назари як бонуи равоншинос ... 173
Бунёне, ки бар асоси авотиф бино шудааст ... 174

Он чи бунёни хонаводагиро устувор месозад, беш аз тасовӣ аст ..................................176
Тасовӣ дар фасод.......................................................................................................176
Ҳаққи талоқ (4)...........................................................................................................177
Табиати сулҳи хонаводагӣ бо соири сулҳҳо ҷудост ......................................................179
Ислом аз ҳар омили инсироф аз талоқ истиқбол мекунад ...........................................180
Савобиқи хидмати зан дар хонавода............................................................................184
Ҳаққи талоқ (5)...........................................................................................................186
Ҳаққи талоқ ношӣ аз нақши хосс мард дар масъалаи ишқ аст, на аз моликияти ӯ.......187
Талоқ аз он ҷиҳат раҳоӣ аст, ки моҳияти табиии издивоҷ тасоҳуб аст ..........................187
Ҷаримаи талоқ ...........................................................................................................189
Ҳаққи талоқ барои зан ба сурати ҳаққи тафвизӣ ..........................................................189
Талоқи қазоӣ...............................................................................................................190
Оё баъзе издивоҷҳо саратон аст ва зан бояд бисӯзад ва бисозад? ................................191
Бунбастҳо...................................................................................................................193
Бунбасти талоқ ...........................................................................................................194
Назари Оятуллоҳ Ҳиллӣ..............................................................................................194
Назари Шайхуттоифа (Шайх Тӯсӣ) ..............................................................................198
Бахши даҳум: Таъаддуди завҷот ..................................................................................200
Таъаддуди завҷот ........................................................................................................201
Коммунизми ҷинсӣ ......................................................................................................201
Назарияи Афлотун .......................................................................................................202
Чандшавҳарӣ ..............................................................................................................203
Ишколи чандшавҳарӣ...................................................................................................205
Таъаддуди завҷот ........................................................................................................205
Ислом ва таъаддуди завҷот ..........................................................................................206
Таъаддуди завҷот дар Эрон...........................................................................................209
Иллатҳои таърихии таъаддуди завҷот (1).......................................................................211
Иллати шикасти чандҳамсарӣ .......................................................................................213
Шикасти иштирокияти ҷинсӣ........................................................................................214
Иллатҳои таърихии таъаддуди завҷот (2).......................................................................218
Омилҳои ҷуғрофиёӣ......................................................................................................218
Вазъи чандҳамсарӣ дар Мағрибзамин ..........................................................................220
Одати моҳона ..............................................................................................................223
Маҳдуд будани давраи фарзандзоии зан ......................................................................224
Омилҳои иқтисодӣ.......................................................................................................224

Омили адад ва ашира 225
Фузунии адади занон бар мардон 225
Баррасии иллатҳо ва омилҳо 226
Ҳаққи зан дар чандҳамсарӣ 227
Илали фузунии адади занони омода ба издивоҷ аз мардон 231
Муқовамати бештари зан дар баробари бемориҳо 232
Ҳаққи зан дар чандҳамсарӣ 234
Назарияи Рассел 235
Аз ҳар даҳ ангилисӣ 236
Таъаддуди завҷот мамнӯъ ва ҳамҷинсбозӣ равост?! 237
Оё табиати мард чандҳамсарӣ аст? 238
Чандҳамсарӣ, омили наҷоти якҳамсарӣ 241
Чеҳраи воқеии баҳс 241
Найранги марди қарни 20-ум 242
Бӯҳрони ношӣ аз маҳрумияти занони бешавҳар 244
Аксуламалҳои мухталиф дар заминаи падидаи фузунии зан 245
Ишколот ва айбҳои чандҳамсарӣ 246
Баррасии саҳеҳ 247
Аз назари руҳӣ 248
Аз назари тарбиятӣ 249
Аз назари ахлоқӣ 250
Аз назари ҳуқуқӣ 252
Аз назари фалсафӣ 253
Нақши ислом дар чандҳамсарӣ 254
Маҳдудият 255
Адолат 255
Масъалаи бим аз адами адолат 258
Ҳарамсароҳо 259
Марди имрӯз ва таъаддуди завҷот 260

بسم الله الرحمان الرحيم

## Муқаддима

Дар дунёи ғарб, аз қарни 17-ум ба баъд, по ба пойи наҳзатҳои илмӣ ва фалсафӣ, наҳзате дар заминаи масоили иҷтимоӣ ва ба номи “ҳуқуқи башар” сурат гирифт. Нависандагон ва мутафаккирони қарни 17-ум ва 18-ум афкори хешро дар бораи ҳуқуқи табиӣ ва фитрӣ дар миёни мардум пахш карданд. Жан-Жак Руссо ва Волтер ва Монтескё аз ин гурӯҳ нависандагон ва мутафаккиронанд. Ин гурӯҳ ҳаққи азиме бар ҷомеаи башарият доранд. Шояд битавон иддао кард, ки ҳаққи инҳо бар ҷомеаи башарият, аз ҳаққи мукташифон ва мухтареъони бузург камтар нест.

Асли асосии мавриди таваҷҷӯҳи ин гурӯҳ ин нукта буд, ки инсон билфитра ва ба фармони хилқат ва табиат, воҷиди (дорандаи) як силсила ҳуқуқ ва озодиҳост. Ин ҳуқуқ ва озодиҳоро ҳеч фард ё гурӯҳ ба ҳеч унвон ва бо ҳеч ном наметавонанд аз фард ё қавме салб кунанд; ҳатто худи соҳиби ҳақ низ наметавонад ба майл ва иродаи худ, онҳоро ба ғайр мунтақил намояд ва худро аз инҳо урён ва мунсалих (ҷудо) созад; ва ҳамаи мардум аъамм аз ҳокиму маҳкум, сафеду сиёҳ, сарватманду мустаманд дар ин ҳуқуқ ва озодиҳо, бо якдигар “мутасовӣ” ва баробаранд.

Ин наҳзати фикрӣ ва иҷтимоӣ самароти худро зоҳир сохт; аввалин бор дар Англистон ва сипас дар Омрико ва баъд дар Фаронса, ба сурати инқилобҳо ва тағйири низомҳо ва имзои эъломияҳо бурузу зуҳур намуд ва ба тадриҷ ба нуқоти дигар сироят кард.

Дар қарни 19-ум афкори тозае дар заминаи ҳуқуқи инсонҳо дар масоили иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва сиёсӣ пайдо шуд ва таҳаввулоти дигаре рух дод, ки мунтаҳӣ ба зуҳури сотсиализм ва лузуми тахсиси манофеъ ба табақоти заҳматкаш ва интиқоли ҳукумат аз табақаи сармоядор ба мудофеъони табақаи коргар гардид.

То охирҳои қарни 19-ум ва аввалҳои қарни 20-ум, он чи дар бораи ҳуқуқи инсонҳо гуфтугӯ шуда ва ё амалан иқдоме сурат гирифта, марбут аст ба ҳуқуқи миллатҳо дар баробари давлатҳо ва ё ҳуқуқи табақаи коргар ва заҳматкаш дар баробари табақаи корфармо ва арбоб. Дар қарни 20-ум масъалаи “ҳуқуқи зан” дар баробари “ҳуқуқи мард” матраҳ шуд ва барои аввалин бор дар Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар — ки пас аз ҷанги ҷаҳонии дуввум дар соли 1948 аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид мунташир гашт — тасовӣ (баробарӣ)-и ҳуқуқи зану мард сареҳан эълом шуд.

Дар ҳамаи наҳзатҳои иҷтимоии ғарб аз қарни 17-ум то қарни ҳозир, меҳвари аслӣ ду чиз буд: “озодӣ” ва “тасовӣ” (баробарӣ). Ва назар ба ин ки наҳзати ҳуқуқи зан дар ғарб дунболаи соири наҳзатҳо буд ва ба илова, таърихи ҳуқуқи зан дар Урупо аз назари озодиҳо ва баробариҳо фавқулъода мароратбор буд, дар ин маврид низ ҷуз дар бораи “озодӣ” ва “тасовӣ” сухан нарафт. Пешгомони ин наҳзат, озодии зан ва тасовии ҳуқуқи ӯро бо мард, мукаммил ва мутаммими (такмилкунандаи) наҳзати ҳуқуқи башар — ки аз қарни 17-ум унвон шуда буд — донистанд ва муддаӣ шуданд, ки бидуни таъмини озодии зан ва тасовии ҳуқуқи ӯ бо мард, сухан аз озодӣ ва ҳуқуқи башар бемаънӣ аст ва ба илова, ҳамаи мушкилоти хонаводагӣ ношӣ аз адами озодии зан ва адами тасовии ҳуқуқи ӯ бо мард аст ва бо таъмини ин ҷиҳат, мушкилоти хонаводагӣ якҷо ҳал мешавад.

Дар ин наҳзат ба ин нукта таваҷҷӯҳ нашуд, ки масоили дигаре ҳам ғайр аз тасовӣ ва озодӣ ҳаст. Тасовӣ ва озодӣ шарти лозиманд, на шарти кофӣ.

Тасовии ҳуқуқ як матлаб аст ва ташобуҳи ҳуқуқ матлабе дигар. Баробарии ҳуқуқи зану мард аз назари арзишҳои моддӣ ва маънавӣ як чиз аст ва ҳамонандӣ ва ҳамшаклӣ ва ҳамсонӣ чизе дигар. Дар ин наҳзат, амдан ё саҳван, “тасовӣ” ба ҷойи “ташобуҳ” ба кор рафт ва “баробарӣ” бо “ҳамонандӣ” яке шумурда шуд, “кайфият” таҳтушшуоъи “каммият” қарор гирифт, “инсон” будани зан мӯҷиби фаромӯшии “зан” будани вай гардид.

Ҳақиқат ин аст, ки ин бетаваҷҷӯҳиро наметавон танҳо ба ҳисоби як ғафлати фалсафии ношӣ аз шитобзадагӣ гузошт; омилҳои дигаре низ дар кор буд, ки мехост аз унвони “озодӣ” ва “тасовӣ”-и зан истифода кунад.

Яке аз он омилҳо ин буд, ки матомеъи (тамаъҳои) сармоядорон дар ин ҷараён бедахолат набуд. Корхонадорон барои ин ки занро аз хона ба корхона бикашанд ва аз нерӯи иқтисодии ӯ баҳракашӣ кунанд, ҳуқуқи зан, истиқлоли иқтисодии зан, озодии зан, тасовии ҳуқуқи зан бо мардро унвон карданд ва онҳо буданд, ки тавонистанд ба ин хостаҳо расмияти қонунӣ бидиҳанд.

Уилям Дюрант дар фасли 9-ум аз китои “*Лаззоти фалсафа*” пас аз нақли бархе назариёти таҳқиромез нисбат ба зан аз Арасту ва Нитше ва Шопенгауэр ва бархе китобҳои муқаддаси яҳуд ва ишора ба ин ки дар инқилоби Фаронса бо он ки сухан аз озодии зан ҳам буд, аммо амалан ҳеч тағйире рух надод, мегӯяд: “*То ҳудуди соли 1900, зан ба сахтӣ дорои ҳаққе буд, ки мард ногузир бошад аз рӯйи қонун онро мӯҳтарам бидорад*”. Он гоҳ дар бораи иллатҳои тағйири вазъи зан дар қарни

20-ум баҳс мекунад, мегӯяд: "*Озодии зан, аз авtorизи (паёмадҳои) инқилоби санъатӣ аст*". Сипас ба сухани худ чунин идома медиҳад:

"*Занон, коргарони арзонтаре буданд ва корфармоён ононро бар мардони саркаши сангинқимат тарҷеҳ медоданд. Як қарн пеш, дар Ангилистон кор пайдо кардан бар мардон душвор гашт, аммо эълонҳо аз онон мехост, ки занону кӯдакони худро ба корхонаҳо бифиристанд… Нахустин қадам барои озодии модарони бузурги мо, қонуни 1882 буд. Ба мӯҷиби ин қонун, занони Британияи Кабир аз имтиёзи бесобиқае бархӯрдор мешуданд ва он ин ки пулеро, ки ба даст меовარданд, ҳақ доштанд, ки барои худ нигаҳ доранд. Ин қонуни ахлоқии олии масеҳиро корхонадорони Маҷлиси авом (порлумон) вазъ карданд, то битавонанд занони Ангилистонро ба корхонаҳо бикашонанд. Аз он сол то ба имсол судҷӯии муқоваматнопазире ононро аз бандагӣ ва ҷон кандан дар хона раҳонида, гирифтори ҷон кандан дар мағоза ва корхона кардааст…" ("Лаззоти фалсафа", с.155-159)*

Такомули мошинизм ва рушди рӯзафзуни тавлид ба мизони беш аз ҳадди ниёзи воқеии инсонҳо ва зарурати таҳмил бар масрафкунанда бо ҳазорон афсуну найранг ва фаврияти истихдоми ҳамаи васоили самъӣ ва басарӣ ва фикрӣ ва эҳсосӣ ва завқӣ ва ҳунарӣ ва шаҳавонӣ барои табдили инсонҳо ба сурати омили беиродаи масраф, бори дигар эҷоб кард, ки сармоядорӣ аз вуҷуди зан баҳракашӣ кунад, аммо на аз нерӯи баданӣ ва қудрати кори зан ба сурати як коргари содда ва шарик бо мард дар тавлид, балки аз нерӯи ҷозиба ва зебоии ӯ ва аз гарав гузоштани шарофат ва ҳайсияташ ва аз қудрати афсунгарии ӯ дар тасхири андешаҳо ва иродаҳо ва масхи онҳо ва дар таҳмили масраф бар масрафкунанда ва бадеҳӣ аст, ки ҳамаи инҳо ба ҳисоби озодии ӯ ва тасовиаш бо мард гузошта шуд.

Сиёсат низ аз истихдоми ин омил ғофил намонд; моҷароҳояшро мураттаб дар рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо мехонед. Дар ҳамаи инҳо, аз вуҷуди зан баҳракашӣ шуд ва зан, василае барои иҷрои мақосиди мард қарор гирифт, аммо дар зери сарпӯши озодӣ ва тасовӣ.

Бадеҳӣ аст, ки ҷавони қарни 20-ум ҳам аз ин фурсати гаронбаҳо ғафлат накард; барои ин ки аз зери бори таъаҳҳудоти (ӯҳдадориҳои) суннатӣ нисбат ба зан шона холӣ кунад ва арзон ва ройгон ӯро шикор кунад ва ба чанг оварад, аз ҳама бештар бар бечорагии зан ва табъизҳои нораво нисбат ба ӯ ашки тимсоҳ рехт, то он ҷо, ки ба хотири ин ки дар ин

“ҷиҳоди муқаддас” беҳтар ширкат кунад, издивоҷи худро то ҳудуди 40-солагӣ ба таъхир андохт ва аҳёнан барои ҳамеша “муҷаррад” монд.

Шак нест, ки қарни мо як силсила бадбахтиҳо аз зан гирифт, вале сухан дар ин аст, ки як силсила бадбахтиҳои дигар барои ӯ армуғон овард. Чаро? Оё зан маҳкум аст ба яке аз ин ду сахтӣ ва ҷабран бояд якеро интихоб кунад? Ё ҳеч монеъе надорад, ки ҳам бадбахтиҳои қадими худро тард кунад ва ҳам бадбахтиҳои ҷадидро?

Ҳақиқат ин аст, ки ҳеч ҷабре вуҷуд надорад. Бадбахтиҳои қадим ғолибан маълули ин ҷиҳат буд, ки инсон будани зан ба фаромӯшӣ супурда шуда буд ва бадбахтиҳои ҷадид аз он аст, ки амдан ё саҳван, зан будани зан ва мавқеъи табиӣ ва фитриаш, рисолаташ, мадораш, тақозоҳои ғаризиаш, истеъдодҳои вежааш ба фаромӯшӣ супурда шудааст.

Аҷаб ин аст, ки ҳангоме, ки аз ихтилофоти фитрӣ ва табиии зану мард сухан меравад, гурӯҳе онро ба унвони нақси зан ва камоли мард ва билохира чизе, ки мӯҷиби як силсила бархӯрдориҳо барои мард ва як силсила маҳрумиятҳо барои зан аст талаққӣ мекунанд, ғофил аз ин ки нақсу камол матраҳ нест; дастгоҳи офариниш нахоста якеро комил ва дигареро ноқис, якеро бархӯрдор ва дигареро маҳруму мағбун биёфаринад.

Ин гурӯҳ пас аз ин талаққии “мантиқӣ” ва “ҳакимона” мегӯянд, бисёр хуб, ҳоло, ки дар табиат чунин зулме бар зан шуда ва заъифу ноқис офарида шуда, оё мо ҳам бояд мазиди бар иллат шавем ва зулме бар зулм биафзойем? Оё агар вазъи табиии занро ба фаромӯшӣ бисупорем, инсонитар амал накардаем?

Иттифоқан қазия баръакс аст; адами таваҷҷӯҳ ба вазъи табиӣ ва фитрии зан, бештар мӯҷиби поймол шудани ҳуқуқи ӯ мегардад. Агар мард дар баробари зан ҷабҳа бибандад ва бигӯяд, ту яке ва ман яке, корҳо, масъулиятҳо, баҳраҳо, подошҳо, кайфарҳо ҳама бояд муташобеҳ ва ҳамшакл бошад, дар корҳои сахту сангин бояд бо ман шарик бошӣ, ба фароҳӯри нерӯи корат музд бигирӣ, таваққӯъи эҳтиром ва ҳимоят аз ман надошта бошӣ, тамоми ҳазинаи зиндагиатро худат бар ӯҳда бигирӣ, дар ҳазинаи фарзандон бо ман ширкат кунӣ, дар муқобили хатарҳо худат аз худат дифоъ кунӣ, ба ҳамон андоза, ки ман барои ту харҷ мекунам, ту бояд барои ман харҷ кунӣ ва… дар ин вақт аст, ки кулоҳи зан сахт пас и маърака аст, зеро зан биттабъ нерӯи кор ва тавлидаш аз мард камтар аст ва истеҳлоки сарваташ бештар. Ба илова, бемории моҳона, нороҳатии айёми бордорӣ, сахтиҳои вазъи ҳамл ва ҳазонати кӯдаки ширхор, занро дар вазъе қарор медиҳад, ки ба ҳимояти мард ва таъаҳҳудоти камтар ва ҳуқуқи бештар ниёзманд аст. Ихтисос ба инсон надорад; ҳамаи ҷондороне, ки ба сурати “завҷ” зиндагӣ мекунанд чунинанд; дар ҳамаи ин навъ ҷондорон, ҷинси нар ба ҳукми ғариза ба ҳимояти ҷинси модда бармехезад.

Дар назар гирифтани вазъи табиӣ ва фитрии ҳар як аз зану мард бо таваҷҷӯҳ ба тасовии онҳо дар инсон будан ва ҳуқуқи муштараки инсонҳо, занро дар вазъи бисёр муносибе қарор медиҳад, ки на шахсаш кӯбида шавад ва на шахсияташ.

Барои ин ки андаке огоҳӣ биёбем, ки ба фаромӯшӣ супурдани мавқеияти фитрӣ ва табиии ҳар як аз зану мард ва танҳо такя бар озодӣ ва тасовӣ кардан, ба куҷо мунтаҳӣ мешавад, беҳтар аст бибинем, онон, ки пеш аз мо дар ин роҳ афтодаанд ва ба поёни роҳ расидаанд, чӣ мегӯянд ва чӣ менависанд.

Дар маҷаллаи “*Хонданиҳо*” (шумораи 79 аз соли 34, муаррихаи 4 тирмоҳи 53) мақолае аз моҳномаи “*Шаҳрбонӣ*” таҳти унвони “*Саргузаштҳое аз занони коргар дар ҷомеаи Омрико*” нақл кардааст. Ин мақола тарҷимае аст аз маҷаллаи Coronet.

Ин мақола, муфассал ва хонданӣ аст. Ибтидо, дарди дили хонумеро нақл мекунад, ки чӣ гуна ба унвони тасовии зану мард, риоятҳое, ки собиқан аз занони коргар мешуд, ки масалан вазнаҳои беш аз 25 фунтиро баланд накунанд, дар ҳоле, ки барои мардон чунин маҳдудияте вуҷуд надошт, дигар имрӯз вуҷуд надорад. Ӯ мегӯяд: ҳоло шароити кор дар корхонаи General Motors аёлати Уҳойу ё ба иборати беҳтар, ҳамон ҷойе, ки қариб 2500 зан дар ҳоли зaҷр кашидан ҳастанд тағйир ёфтааст… Хонуми мазкур ҳамчунин худро дар ҳоли нигаҳ доштани як мошини бухори бисёр қавӣ ё пок кардани як танӯри филизии 25 фунтӣ, ки чанд лаҳза қабл марди қавиҳайкале онро барҷой гузошта мебинад ва бо худ мегӯяд: сар то по кӯфта ва маҷрӯҳ шудам. Ӯ мегӯяд: дар ҳар дақиқа бояд як дастаи 25 то 50 инчиро, ки болиғ бар 35 фунт вазн дорад, ба қуллобиҳо овезон кунам, ҳамеша дастҳоям мутаваррим (варам) ва дурдолуд аст.

Ин мақола сипас дарди дилҳо ва ташвишу изтиробҳои хонуми дигареро бозгӯ мекунад, ки шавҳараш як малавони нерӯи дарёӣ аст ва ахиран дарёсолор тасмим гирифтааст теъдоде занро дар киштии мардон ба кор бигуморад. Менависад: дар ин миён нерӯи дарёӣ як киштиро бо 40 зан ва 480 малавони мард ба маъмурият фиристод. Аммо вақте ин киштӣ пас аз аввалин сафари дарёии “мухталит”-и худ ба бандар бозгашт, тарсу ваҳшати ҳамсарони малавонҳо мавриди таъйид қарор гирифт, зеро ба зудӣ маълум шуд, ки на танҳо достонҳои ишқии зиёде дар киштӣ иттифоқ афтода, балки ағлаби занон ба ҷойи як нафар бо чанд нафар омезиши ҷинсӣ доштаанд.

Менависад: дар аёлати Флорида, нигаронӣ баъд аз озодӣ гиребонгири занони “бева” гардидааст, зеро яке аз қозиҳои ин аёлат ба номи Томас Теста ахиран қонунеро, ки барои занони бева то 500 доллар бахшудагии молиётӣ дар назар гирифта буд, ғайриқонунӣ эълом кардааст ва изҳор медорад, ки ин қонун табъизе алайҳи мардон ба шумор меравад.

Он гоҳ изофа мекунад: хонум МакДэниел дар дастҳояш эҳсоси сӯзиш мекунад, хонум Стоун (он ки шавҳараш малавон буд) дучори ташвиш ва изтироб гардидааст, занони беваи аёлати Флорида ҷаримаи накдӣ шудаанд ва соирин ҳам ҳар як ба саҳми худ таъми озодиро хоҳанд чашид. Барои хелеҳо ин суол пеш омадааст, ки оё хонумҳо беш аз ин чизе, ки касб кардаанд, аз даст надодаанд? Ҳоло дигар баҳс бефоида аст, зеро ин бозӣ шурӯъ шуда ва тамошочиён, тоза муваффақ ба пайдо кардани сандалиҳои худ шудаанд. Имсол қарор аст 27-умин моддаи ислоҳии Қонуни асосии кишвари Омрико тасвиб шавад ва ба мӯҷиби он, куллияи бартариҳои ношӣ аз ҷинсият ғайриқонунӣ эълом гардад… Ва бад-ин тартиб изҳороти Роско Баванда, устоди донишкадаи ҳуқуқи Ҳорворд, ки озодии занонро мабдаъи натоиҷи таассуфовари мақоми қонуни зан дар кишвари Омрико мехонд, таҳаққуқ хоҳад пазируфт…

Яке аз сенаторҳои аёлати Каролинаи шимолӣ ба номи Ҷей Эрвин баъд аз мутолеаи ҷомеаи омрикоии занон ва мардони мутасовилҳуқуқ пешниҳод мекунад: қонунҳои хонаводагӣ ҳама бояд тағйир кунад, дигар мардон набояд масъулм қонуни таъминм махориҷм хонавода бошанд…

Ин маҷалла менависад: хонум МакДэниел мегӯяд: яке аз занон ба иллати бардоштани вазнаҳои сангин дучори хунрезии дохилӣ шудааст. Мо мехоҳем ба вазъи собиқ баргардем, диламон мехоҳад мардон бо мо мисли зан рафтор кунанд, на мисли як коргар. Барои тарафдорони озодии занон ин мавзӯъ хеле содда аст, ки дар утоқҳои муҷаллали худ биншинанд ва бигӯянд, занону мардон бо ҳам баробаранд, зеро то кунун гузорашон ба корхонаҳо наафтодааст.

Онҳо хабар надоранд, ки бештари занони муздбигири ин кишвар бояд мисли ман дар корхонаҳо кор кунанд ва ҷон бикананд. Ман ин баробариро намехоҳам, зеро анҷоми корҳои махсуси мардон, аз ӯҳдаам барнамеояд. Мардон аз назари ҷисмӣ аз мо қавитаранд ва агар қарор бошад, ки мо бо онҳо рақобати шуғлӣ дошта бошем ва корамон нисбат ба кори онҳо санҷида шавад, ман ба саҳми худ тарҷеҳ медиҳам, ки аз кор барканор шавам. Имтиёзотеро, ки занони коргари аёлати Уҳойу аз даст додаанд, ба маротиб беш аз он имтиёзҳое аст, ки тавассути қонуни ҳимояти коргарон касб кардаанд. Мо шахсияти зан буданро аз даст додаем. Ман наметавонам бифаҳмам аз он вақте, ки озод шудаем, чӣ чизе оидамон шудааст, албатта имкон дорад иддаи маъдуде аз занон вазъашон беҳтар шуда бошад, вале мусалламан мо ҷузъи онҳо нестем.

Ин буд хулосае аз он мақола. Аз муҳтавои мақола пайдост, ки ин бонувон аз нороҳатиҳое, ки ба номи "озодӣ" ва "баробарӣ" бар онҳо таҳмил шудааст, ончунон ба сутуҳ омадаанд, ки душмани ин ду калима шудаанд, ғофил аз ин ки ин ду калима гуноҳе

надоранд. Зану мард ду ситораанд дар ду мадори мухталиф; ҳар кадом бояд дар мадори худ ва фалаки худ ҳаракат намояд:

لاَ الشَّمْسُ يَنْبَغِي لَها أَنْ تُدْرِكَ الْقَمَرَ وَ لاَاللَّيْلُ سابِقُ النَّهارِ وَكُلٌّ فِي فَلَكٍ يَسْبَحُونَ

(*Ёсин/40*) Шарти аслии саодати ҳар як аз зану мард ва дар ҳақиқат ҷомеаи башарӣ ин аст, ки ду ҷинс ҳар як дар мадори хеш ба ҳаракати худ идома диҳанд. Озодӣ ва баробарӣ он гоҳ суд мебахшад, ки ҳеч кадом, аз мадор ва масири табиӣ ва фитрии хеш хориҷ нагарданд. Он чи дар он ҷомеа нороҳатӣ офаридааст, қиём бар зидди фармони фитрат ва табиат аст, на чизи дигар.

Ин ки мо муддаӣ ҳастем, масъалаи “низоми ҳуқуқи зан дар хона ва иҷтимоъ” аз масоиле аст, ки муҷаддадан бояд мавриди арзёбӣ қарор гирад ва ба арзёбиҳои гузашта басанда нашавад, ба маънии ин аст, ки аввалан табиатро роҳнамои худ қарор диҳем, сониян аз маҷмӯъи таҷрибиёти талху ширин (чӣ дар гузашта ва чӣ дар қарни ҳозир) ҳаддиаксар баҳрабардорӣ намоем ва танҳо дар ин вақт аст, ки наҳзати ҳуқуқи зан ба маънии воқеӣ таҳаққуқ меёбад.

Қуръони Карим, ба иттифоқи дӯсту душман, эҳёкунандаи ҳуқуқи зан аст.

Мухолифон лоақал ин андоза эътироф доранд, ки Қуръон дар асри нузулаш гомҳои баланде ба суди зан ва ҳуқуқи инсонии ӯ бардошт. Вале Қуръон ҳаргиз ба номи эҳёи зан ба унвони “инсон” ва шарики мард дар инсоният ва ҳуқуқи инсонӣ, зан будани зан ва мард будани мардро ба фаромӯшӣ насупурд. Ба иборати дигар, Қуръон занро ҳамон гуна дид, ки дар табиат ҳаст. Аз ин рӯ ҳамоҳангии комил миёни фармонҳои Қуръон ва фармонҳои табиат барқарор аст; зан дар Қуръон, ҳамон зан дар табиат аст. Ин ду китоби бузурги илоҳӣ (яке таквинӣ ва дигаре тадвинӣ) бо якдигар мунтабиқанд. Дар ин силсила мақолот агар кори муфид ва тозае сурат гирифта бошад, тавзеҳи ин интибоқ ва ҳамоҳангӣ аст.

Он чи акнун аз назари хонандаи мӯҳтарам мегузарад, маҷмӯъи мақолоте аст, ки ба муносибати хоссе ин банда дар солҳои 45-46 дар маҷаллаи “*Зани рӯз*” таҳти унвони “*Зан дар ҳуқуқ исломӣ*” нашр дод ва таваҷҷӯҳи фаровоне ҷалб кард. Барои афроде, ки собиқаи корро намедонанд ва дар он вақтҳо дар ҷараён набуданд ва акнун мешунаванд, ки ин мақолот дар он маҷалла аввалин бор нашр ёфтааст, қатъан мӯҷиби шигифтӣ хоҳад буд, ки чӣ гуна ин банда он маҷалларо барои ин силсиламақолот интихоб кардам ва чӣ гуна он маҷалла ҳозир шуд бидуни ҳеч дахлу тасарруфе ин мақолотро чоп кунад? Аз ин рӯ лозим медонам “шаъни нузул”-и ин мақолотро баён намоям:

Дар соли 45 таби таъвизи қонунҳои маданӣ дар мавриди ҳуқуқи хонаводагӣ, дар сатҳи маҷаллот хусусан маҷаллоти занона, сахт боло гирифт ва назар ба ин ки бисёре аз пешниҳодҳое, ки мешуд, бар зидди нусуси мусаллами Қуръон буд, табъан нороҳатиҳое дар миёни мусалмонони Эрон ба вуҷуд овард. Дар ин миён қозии фақид Иброҳими Маҳдавии Занҷонӣ (р) беш аз ҳама гарду хок мекард ва ҳарорат ба харҷ медод. Мушорун илайҳ лоиҳае дар 40 модда ба ҳамин манзур танзим кард ва дар маҷаллаи фавқуззикр чоп намуд. Маҷаллаи мазбур низ бо чопи сафаҳоти ҷадвалдор, аз хонандагони худ дар бораи 40 моддаи пешниҳодӣ назар хост. Мушорун илайҳ зимнан ваъда дод, тайм як силсиламақолот дар маҷаллаи фавқуззикр ба таври мустадал аз 40 моддаи пешниҳодии худ дифоъ намояд.

Муқорини ин айём, яке аз мақомоти мӯҳтарам ва машҳури руҳонии Теҳрон ба ин банда телефон карданд ва изҳор доштанд: дар маҷлисе бо мудирони муассисаи “Кайҳон” ва муассисаи “Иттилоот” мулоқоте доштам ва дар бораи бархе матолиб, ки дар маҷаллоти занонаи ин ду муассиса дарҷ мешавад тазаккуроте додам. Мушорун илайҳимо изҳор доштанд, агар шумо матолибе доред бидиҳед, мо қавл медиҳем, ки дар ҳамон маҷаллот айнан чоп шавад.

Муаззамун лаҳ пас аз нақли ин ҷараён, ба ман пешниҳод карданд, ки агар вақту фурсат иҷоза медиҳад, ин маҷаллотро бихонам ва бархе тазаккуроти лозим дар ҳар шумора бидиҳам. Банда гуфтам: ман ба ин сурат, ки дар ҳар шумора ҳошияе бар гуфтае бинависам ҳозир нестам, вале назар ба ин ки оқои Маҳдавӣ қарор аст як силсила мақолот дар дифоъ аз 40 моддаи пешниҳодии худ дар маҷаллаи “*Зани рӯз*” бинависад, ман ҳозирам тайи силсиламақолоте дар бораи ҳамон 40 модда дар ҳамон маҷалла дар сафҳаи муқобил баҳс кунам, то ҳар ду мантиқ дар маърази афкори умумӣ қарор гирад. Муаззамун лаҳ аз ман фурсат хостанд, то бори дигар бо мутасаддиён тамос бигиранд. Муҷаддадан ба ман телефон карданд ва мувофиқати он маҷалларо бо ин шакл эълом доштанд. Пас аз ин ҷараён, ин банда номае ба он маҷалла навишт ва омодагии худро барои дифоъ аз қонунҳои маданӣ то он ҳадд, ки бо фиқҳи ислом мунтабиқ аст эълом кард ва дархост намуд, ки мақолоти инҷониб ва мақолоти оқои Маҳдавӣ дӯш ба дӯши якдигар ва дар баробари якдигар дар он маҷалла чоп шавад. Зимнан ёдоварӣ кард, ки агар он маҷалла бо пешниҳоди ман мувофиқ аст, айни номаи маро ба аломати мувофиқат чоп кунад. Маҷалла мувофиқат кард ва айни нома дар шумораи 87 (муаррихаи /45/87)-и он маҷалла чоп шуд ва аввалин мақола дар шумораи 88 дарҷ гардид.

Ман қаблан зимни мутолеоти худ дар бораи ҳуқуқи зан, китобе аз Маҳдавии фақид дар ин мавзӯот хонда будам ва муддатҳо буд, ки ба мантиқи ӯ ва амсоли ӯ ошно будам. Ба илова, солҳо буд, ки ҳуқуқи зан дар ислом мавриди алоқаи шадиди ман буд ва ёддоштҳои зиёде дар ин замина таҳия карда ва омода будам.

Мақолоти Маҳдавии фақид чоп шуд ва ин мақолот низ рӯ дар рӯи онҳо қарор гирифт. Табъан ман аз мавзӯе шурӯъ кардам, ки мушорун илайҳ баҳси худро шурӯъ карда буд. Дарҷи ин силсиламақолот мушорун илайҳро дар мушкили сахте қарор дод, вале 6 ҳафта бештар тӯл накашид, ки бо сактаи қалбӣ даргузашт ва барои ҳамеша аз посухгӯӣ роҳат шуд. Дар он 6 ҳафта ин силсиламақолот ҷойи худро боз кард. Алоқамандон, ҳам аз ман ва ҳам аз маҷалла тақозо карданд, ки ин силсиламақолот мустақиллан идома ёбад. Бо ин тақозоҳо мувофиқат шуд ва то 33 мақола идома ёфт. Ин буд “шаъни нузул”-и ин мақолот.

Агарчӣ дар ин 33 мақола фақат қисмате аз он чи дар назар буд нигориш ёфт ва матолиби зиёде боқӣ монд, вале ин банда ба иллати хастагӣ ва машоғили дигар аз танзим ва нигориши онҳо худдорӣ кардам. Алоқамандон ба ин мақолот аз он вақт то кунун мукаррар тақозои таҷдиди чоп онҳоро ба сурати китобе мустақил кардаанд ва ин банда ба интизори ин ки онҳоро такмил ва як давраи комил аз “Низоми ҳуқуқи зан дар ислом” якҷо чоп кунам, аз таҷдиди чоп худдорӣ мекардам. Ахиран чун эҳсос кардам, ки ин интизор аз худам чандон баҷо нест, ба он чи мавҷуд аст қаноат шуд.

Масоиле, ки дар ин силсиламақолот тарҳ шуд иборат аст аз: хостгорӣ, зан ва истиқлоли иҷтимоӣ, ислом ва таҷаддуди зиндагӣ, мақоми зан дар Қуръон, ҳайсият ва ҳуқуқи инсонӣ, мабонии табиии ҳуқуқи хонаводагӣ, тафовутҳои зану мард, маҳр ва нафақа, ирс, талоқ, таъаддуд завҷот.

Масоиле, ки боқӣ монд ва ёддоштҳояш омодааст иборат аст аз: ҳаққи ҳукумати мард дар хонавода, ҳаққи ҳазонати кӯдак, идда ва фалсафаи он, зан ва иҷтиҳод ва ифто, зан ва сиёсат, зан дар муқаррароти қазоӣ, зан дар муқаррароти ҷазоӣ, ахлоқ ва тарбияти зан, пӯшиши зан, ахлоқи ҷинсӣ (ғайрат, ифоф, ҳаё ва ғайра), мақоми модарӣ, зан ва кори хориҷ ва як идда масоили дигар.

Агар Худованд тавфиқ иноят фармуд, ин қисмат низ баъдан ҷамъу тадвин ва ба сурати ҷилди дуввум чоп ва мунташир хоҳад шуд.

***Аз Худованд тавфиқ ва ҳидоят масъалат менамояд.***

***28 шаҳривармоҳи 53 шамсӣ (19 сентябри 1974)***

***Муртазо Мутаҳҳарӣ***

# Пешгуфтор

** Мушкили ҷаҳонии равобити хонаводагӣ*

** Мустақил бошем ё аз ғарб тақлид кунем?*

** Ҷабри таърих*

** Мо ва Қонуни асосӣ*

** Авотифи мазҳабии ҷомеаи эронӣ*

Хушвақтам, ки маҷаллаи “*Зани рӯз*” дархости маро роҷеъ ба баҳс дар бораи пешниҳодҳои 40-гонаи он маҷалла барои тағйири маводди қонуни мадании Эрон дар масоили марбут ба умури хонаводагӣ пазируфт ва дар шумораи пеш омодагии худро барои дарҷи ин силсиламақолот зимни нашри номаи инҷониб эълом кард.

Ман ин фурсатро муғтанам мешуморам, ки ба ин васила гӯшае аз фалсафаи иҷтимоии исломро бо ҷавонон дар миён мегузорам.

Умедворам битавонам зеҳни онҳоро дар бораи масоили марбут ба равобити хонаводагӣ аз назари ислом равшан кунам.

Ҳамон тавре, ки дар номаи худам мутазаккир шудам, ман намехоҳам аз қонуни маданӣ difoъ кунам ва онро комилу ҷомеъ ва сад дар сад мунтабиқ бо қонунҳои исломӣ ва мавозини саҳеҳи иҷтимоӣ муаррифӣ кунам; шояд худи ман ҳам эродҳое ба он дошта бошам; ва ҳам намехоҳам равишеро, ки дар миёни аксарияти мардуми мо маъмул буда саҳеҳ ва мунтабиқ бо адолат бидонам. Баръакс, ман ҳам ба вузуҳ беназмиҳо ва нобасомониҳое дар равобити хонаводагӣ мушоҳида мекунам ва мӯътақидам бояд ислоҳоти асосӣ дар ин замина ба амал ояд.

Аммо бар хилофи касоне назири нависандагони китоби “*Интиқод бар қонунҳои асосӣ ва мадании Эрон*” ва китоби “*Паймони муқаддас ё мисоқи издивоҷ*”, мардони эрониро сад дар сад табриа намекунам ва онҳоро бетақсир муаррифӣ наменамоям ва тамоми гуноҳонро ба гардани қонуни маданӣ намеандозам ва гуноҳи қонуни маданиро табаъият аз фиқҳи ислом намедонам ва ягона роҳи ислоҳро тағйири маводди қонуни маданӣ намешиносам. Ман он идда аз қонунҳои исломиро, ки марбут ба ҳуқуқи завҷайн ва равобити онҳо бо якдигар ё фарзандон ё афроди хориҷ аст ва рӯйи онҳо ангушт гузошта шуда ва пешниҳод барои тағйири онҳо дода шудааст, як-як дар ин силсиламақолот матраҳ мекунам ва собит мекунам, ки ин қонунҳо бо мулоҳизоти дақиқи равонӣ ва табиӣ ва иҷтимоӣ ҳамроҳ аст ва ҳайсият ва шарофати инсонии зану мард

мутасовиян дар онҳо малҳуз шудааст ва дар сурати амал ва ҳусни иҷро беҳтарин зомини ҳусни равобити хонаводагӣ аст.

Аз хонандагони мӯҳтарам иҷоза мехоҳам, пеш аз вуруд дар масоили мавриди назар, чанд нуктаро бо онҳо дар миён бигузорам:

## Мушкили ҷаҳонии равобити хонаводагӣ

1. Мушкили равобити хонаводагӣ дар асри мо на ончунон саҳлу содда аст, ки битавон бо пур кардани купон аз тарафи писарон ва духтарон ё ташкили семинарҳое аз навъи семинарҳое, ки дидем ва шунидем, ки дар чӣ сатҳи фикрӣ аст, онро ҳал кард ва на махсуси кишвар ва мамалакати мост ва на дигарон онро ҳал кардаанд ва ё муддаии ҳалли воқеии он ҳастанд.

Уилям Дюрант, файласуф ва нависандаи маъруфи "*Таърихи тамаддун*" мегӯяд:

"*Агар фарз кунем, дар соли 2000 ҳастем ва бихоҳем бидонем, ки бузургтарин ҳодисаи рубъи аввали қарни 20-ум чӣ будааст, мутаваҷҷеҳ хоҳем шуд, ки ин ҳодиса, ҷанг ва ё инқилоби Русия набудааст, балки ҳамоно дигаргунии вазъи занон будааст. Таърих чунин тағйири таконди ҳандае дар муддате ба ин кӯтоҳӣ, камтар дидааст ва хонаи муқаддас, ки пояи назми иҷтимоии мо буд, шеваи заношӯӣ, ки монеъи шаҳватронӣ ва нопойдории вазъи инсон буд, қонуни ахлоқии печидае, ки моро аз тавахҳуш ба тамаддун ва одоби муошарат расонда буд, ҳама ошкоро дар ин интиқоли пурошӯбе, ки ҳамаи русум ва ашколи зиндагӣ ва тафаккури моро фаро гирифтааст, гирифтор гаштаанд.*"

Акнун низ, ки мо дар рубъи севвуми қарни 20-ум ба сар мебарем, нолаи мутафаккирони ғарбӣ аз баҳам хӯрдани назми хонаводагӣ ва суст шудани пояи издивоҷ, аз шона холӣ кардани ҷавонон аз қабули масъулияти издивоҷ, аз манфур шудани модарӣ, аз коҳиши алоқаи падару модар ва бахусус алоқаи модар нисбат ба фарзандон, аз ибтизоли зани дунёи имрӯз ва ҷонишин шудани ҳавасҳои сатҳӣ ба ҷойи ишқ, аз афзоиши доими талоқ, аз зиёдии сарсомовари фарзандони номашрӯъ, аз нодирулвуҷуд шудани ваҳдат ва самимият миёни завҷайн, беш аз пеш ба гӯш мерасад.

# Мустақил бошем ё аз ғарб тақлид кунем?

Мӯҷиби таассуф аст, ки гурӯҳе аз бехабарон мепиндоранд масоили марбут ба равобити хонаводагӣ назири масоили марбут ба роҳнамоӣ, токсиронӣ, автобусронӣ, лӯлакашӣ ва барқ, солҳост, ки дар миёни урупоиён ба наҳви аҳсан ҳал шуда ва ин мо ҳастем, ки арза ва лиёқат надоштаем ва бояд ҳар чи зудтар аз онҳо тақлид ва пайравӣ кунем.
Ин, пиндори маҳз аст. Онҳо аз мо дар ин масоил бечоратар ва гирифтортар ва фарёди фарзонгонашон баландтар аст. Аз масоили марбут ба дарсу таҳсили зан, ки бигзарем, дар соири масоил хеле аз мо гирифтортаранд ва аз саодати хонаводагии камтаре бархӯрдор мебошанд.

# Ҷабри таърих

Баъзе дигар тасаввури дигаре доранд; тасаввур мекунанд, ки сустии назми хонаводагӣ ва роҳ ёфтани фасод дар он, маълули озодии зан аст ва озодии зан натиҷаи қаҳри зиндагии санъатӣ ва пешрафти илм ва тамаддун аст; ҷабри таърих аст ва чорае нест аз ин ки ба ин фасод ва беназмӣ тан диҳем ва аз он саодати хонаводагӣ, ки дар қадим буд, барои ҳамеша чашм бипӯшем.
Агар инчунин фикр кунем, бисёр сатҳӣ ва ношиёна фикр кардаем. Қабул дорам, ки зиндагии санъатӣ хоҳ ноҳоҳ бар рӯйи равобити хонаводагӣ асар гузошта ва мегузорад, вале омили умдаи аз ҳам гусехтагии назми хонаводагӣ дар Урупо, ду чизи дигар аст:
Яке, русум ва одот ва қонунҳои золимона ва ҷоҳилонае, ки қабл аз ин қарн дар миёни онҳо дар бораи зан ҷорӣ ва ҳоким будааст, то он ҷо, ки зан барои аввалин бор дар қарни 19-ум ва аввалҳои қарни 20-ум дар Урупо дорои ҳаққи моликият шуд.
Дигар ин ки касоне, ки ба фикри ислоҳи авзоъ ва аҳволи занон афтоданд, аз ҳамон роҳе рафтанд, ки баъзе аз муддаиёни равшанфикрии имрӯзи мо меравaнд ва маводди пешниҳодии 40-гона яке аз мазоҳири он аст; хостанд абрӯи зани бечораро ислоҳ кунанд, чашмашро кӯр карданд.
Беш аз он ки зиндагии санъатӣ масъули ин ошуфтагӣ ва беназмӣ бошад, он қонунҳои қадимии мутақаддимони Урупо ва ислоҳоти ҷадиди мутаҷаддидонашон масъул аст. Аз ин рӯ, барои мо мардуми мусалмони Машриқзамин ҳеҷ зарурати иҷтинобнопазире нест, ки аз ҳар роҳе, ки онҳо рафтаанд биравем ва дар ҳар манҷалобе, ки онҳо фурӯ рафтаанд фурӯ равем. Мо бояд ба зиндагии ғарбӣ, ҳушёрона бингарем. Зимни истифода ва иқтибоси улум ва санойеъ ва техник ва порае муқарароти иҷтимоии қобили таҳсин ва тақлиди онҳо, бояд аз ахз ва тақлиди русум ва одот ва қонунҳое, ки барои худи онҳо

ҳазорон бадбахтӣ ба вуҷуд овардааст — ки тағйири қонунҳои мадании Эрон ва равобити хонаводагӣ ва татбиқи он бо қонунҳои урупоӣ яке аз онҳост — парҳез намоем.

## Мо ва Қонуни асосӣ

2. Сарфи назар аз ин ки ин пешниҳодҳо хонумонбарандоз ва мухолифи муқтазаёти равонӣ, табиӣ ва иҷтимоӣ аст — чунонки баъдан тавзеҳ дода хоҳад шуд — аз назари интибоқ бо Қонуни асосӣ чӣ фикре шудааст? Аз тарафе Қонуни асосӣ тасреҳ мекунад, ҳар қонуне, ки мухолифи қонунҳои исломӣ бошад, "қонуният" надорад ва қобили тарҳ дар маҷлисайн (палати боло ва пойини порлумон) нест. Аз тарафи дигар, бештари моводди ин пешниҳодҳо мухолифи сареҳи қонуни ислом аст. Оё худи мағрибзаминиҳо, ки ғарбзадагони мо инчунин кӯр-кӯрона аз онҳо пайравӣ мекунанд, Қонуни асосии кишварашонро ин тавр бозича қарор медиҳанд?

Сарфи назар аз дин, худи қонуни асосии ҳар кишваре барои афроди он кишвар муқаддас аст. Қонуни асосии Эрон низ мавриди эҳтироми қотибаи миллати Эрон аст. Оё бо семинарҳои казоӣ ва чопи купон ва қиёму қуъуди намояндагон метавон Қонуни асосиро зер по гузошт?

## Авотифи мазҳабии ҷомеаи эронӣ

3. Аз айбҳои пешниҳодҳо ва аз мухолифати сареҳи онҳо бо Қонуни асосӣ чашм мепӯшем.

Ҳар чизро агар инкор кунем, ин қобили инкор нест, ки алъон ҳам нерӯмандтарин отифае, ки бар руҳияи миллати Эрон ҳукумат мекунад, отифаи мазҳабии исломӣ аст. Бигузарем аз иддаи бисёр маъдуде, ки қайди ҳама чизро задаанд ва аз ҳар бебандуборӣ ва ҳарҷу марҷ тарафдорӣ мекунанд, аксарияти қариб ба иттифоқи ин мардум побанди муқаррароти динӣ мебошанд.

Таҳсилу дарсхондагӣ бар хилофи пешбиниҳое, ки аз тарафи иддае мешуд, натавонист миёни ин миллат ва ислом ҷудоӣ биандозад. Баръакс, бо ин ки таблиғоти исломии саҳеҳ кам аст ва ба илова таблиғоти истеъмории зиддимазҳаб зиёд аст, дарсхондагон ва таҳсилкардагон ба наҳви рӯзафзуне ба сӯйи ислом гароиш пайдо кардаанд.

Акнун мепурсам, ин қонунҳо бо ин заминаи равонӣ, ки хоҳ нохоҳ вуҷуд дорад, чӣ гуна созгор мешавад? Яъне вақте қонуни урф мутобиқат бо ҳукми сареҳи шаръи ислом надошта бошад, чӣ гуна натиҷае гирифта мешавад?

Фарз кунед, зане дар асари ихтилофҳо ва асабониятҳо ба маҳкама руҷӯъ кард ва алорағми ризои шавҳар, ҳукми талоқаш содир шуд ва сипас ба ақди издивоҷи марди дигаре даромад. Ин зану шавҳари ҷадид дар айни ин ки худро ба ҳукми қонуни урф, зану шавҳар медонанд, дар умқи виҷдони динии худ, худро аҷнабӣ ва бегона ва омезиши худро номашрӯъ ва фарзандони худро зинозода ва худро аз назари динӣ мустаҳиққи эъдом медонанд.

Дар ин ҳол фикр кунед чӣ вазъи нороҳаткунандае аз назари равонӣ барои онҳо пеш хоҳад омад; дӯстон ва хешовандони мазҳабии онҳо бо чӣ чашме ба онҳо ва фарзандони онҳо нигоҳ хоҳанд кард? Мо, ки наметавонем бо тағйир ва вазъи қонун, виҷдони мазҳабии мардумро тағйир бидиҳем. Мутаассифона ё хушбахтона виҷдони аксарияти қариб ба иттифоқи ин мардум аз отифаи мазҳабӣ фориғ нест.

Шумо агар мутахассиси ҳуқуқӣ ва равонӣ аз хориҷ биёваред ва мушовара кунед ва бигӯед, мо чунин қонунҳое мехоҳем вазъ кунем, аммо заминаи равонии аксарияти мардуми мо ин аст ва ин, бибинед оё дар ҳамчу заминае назари мувофиқ хоҳад дод? Оё нахоҳад гуфт, ин кор ҳазорон нороҳатиҳои руҳӣ ва иҷтимоӣ тавлид мекунад?

Муқоисаи ингуна қонунҳо бо қонунҳои ҷазоӣ аз лиҳози мизони осори суе, ки ба бор меоварад, бисёр ғалат аст. Тафовут миёни онҳо аз замин то осмон аст. Зарбае, ки аз ноҳияи тағйир ва таътили қонунҳои ҷазоӣ ворид мешавад, мутаваҷҷеҳи иҷтимоъ аст ва фақат афроди мунҳарифро ҷарӣ мекунад, аммо қонунҳои марбут ба равобити завҷайн ва авлодӣ, ба зиндагии хусусӣ ва фардии афрод марбут аст ва мустақиман бо отифаи мазҳабии шахсии ҳар фард дар ҷанг аст. Ингуна қонунҳо ё дар асари нуфузи мазҳаб ва ғалабаи виҷдон, беасар ва билоамал мемонад ва хоҳ нохоҳ нороҳатиҳое, ки ингуна қонунҳо эҷод мекунад, мӯҷиб хоҳад шуд, ки ин қонунҳо расман лағв гардад ва ё пас аз кашмакаши равонии ҷонкоҳе нерӯи мазҳабиро тазъиф мекунад.

## Бахши аввал: хостгорӣ ва номзадӣ

** Оё хостгории мард аз зан иҳонат ба зан аст?*

** Ғаризаи мард, талаб ва ниёз аст ва ғаризаи зан, ҷилва ва ноз*

** Мард, харидори висоли зан аст, на рақабаи ӯ*

** Расми хостгории мард аз зан, як тадбири бисёр оқилона ва зарифона аст, ки барои ҳифзи эҳтиром ва ҳайсияти зан ба кор рафтааст*

** Иштибоҳи нависандаи "40 модда дар қонуни маданӣ"*

## Хостгорӣ ва номзадӣ

Ман сухани худро дар бораи 40 моддаи пешниҳодӣ, аз ҳамон нуқта оғоз мекунам, ки дар ин пешниҳодҳо оғоз шудааст. Дар ин пешниҳодҳо, ба тартиби "қонуни маданӣ", аввал аз хостгорӣ ва номзадӣ баҳс ба миён омадааст.

Назар ба ин ки қонунҳои марбут ба хостгорӣ ва номзадӣ, ки дар қонуни маданӣ омадааст, қонунҳои мустақими исломӣ нест, яъне насс ва дастури сареҳе аз худи ислом дар ағлаби инҳо нарасидааст ва қонуни маданӣ он чи дар ин замина гуфта, тибқи истинботе аст, ки аз қоъидаҳои куллии исломӣ кардааст, мо худро мукаллаф ба дифоъ аз қонуни маданӣ намедонем ва вориди баҳс дар ҷузъиёти назариёти пешниҳодкунанда намешавем, бо ин ки пешниҳодкунанда муртакиби иштибоҳоти азиме шудааст ва ҳатто аз дарки мафҳуми саҳеҳи он чанд моддаи содда оҷиз будааст. Аммо аз ду матлаб дар инҷо наметавонем сарфи назар кунем.

## Оё хостгории мард аз зан иҳонат ба зан аст?

1. Пешниҳодкунанда мегӯяд:

*"Қонунгузори мо ҳатто дар ин чанд моддаи казоӣ (марбут ба хостгорӣ ва номзадӣ) ҳам, ин нуктаи иртиҷоъӣ ва ғайриинсониро фаромӯш накардааст, ки мард асл аст ва зан фаръ. Дар таъқиби фикри мазбур, моддаи 1034-ро, ки аввалин моддаи қонун дар китоби никоҳ ва талоқ аст, ба наҳви зер танзим намудааст:*

*Моддаи 1034 — аз ҳар зане, ки холӣ аз мавонеъи никоҳ бошад, метавон хостгорӣ намуд.*

*Ба тавре, ки мулоҳиза мешавад, ба мӯҷиби моддаи мазбур, бо ин ки ҳеч гуна ҳукм ва илзоме баён нашудааст, издивоҷ ба маънии “зан гирифтан” барои мард матраҳ шуда ва ӯ ба унвони муштарӣ ва харидор талаққӣ гардида ва дар муқобил, зан навъе коло вонамуд шудааст. Ин қабил таъбирот дар қонунҳои иҷтимоӣ асари равонии бисёр бад ва ногувор эҷод мекунад ва махсусан таъбироти мазбур дар қонуни издивоҷ, бар рӯйи робитаи зану мард асар мегузорад ва ба мард жести оқоӣ ва моликият ва ба зан вазъи мамлукӣ ва бандагӣ мебахшад.*“

Ба дунболи ин мулоҳизаи дақиқи “равонӣ”, мабодде, ки худи пешниҳодкунанда таҳти унвони “Хостгорӣ” зикр мекунад, барои ин ки хостгорӣ ҷанбаи яктарафа ва ҳолати “зан гирифтан” ба худ нагирад, хостгориро, ҳам вазифаи занон дониста ва ҳам вазифаи мардон, то дар издивоҷ танҳо “зан гирифтан” сидқ накунад, “мард гирифтан” ҳам сидқ кунад ё лоақал на зан гирифтан сидқ кунад ва на мард гирифтан. Агар бигӯем, зан гирифтан, ё агар ҳамеша мардонро муваззаф кунем, ки ба хостгории занон бираванд, ҳайсияти занро пойин оварда ва онро ба сурати колои харидани даровардаем.

## Ғаризаи мард, талаб ва ниёз аст ва ғаризаи зан, ҷилва ва ноз

Иттифоқан яке аз иштибоҳоти бузург, ҳамин аст. Ҳамин иштибоҳ сабаби пешниҳоди илғои маҳр ва нафақа шудааст ва мо дар ҷойи худ машрӯҳан дар бораи маҳр ва нафақа баҳс хоҳем кард.

Ин ки аз қадимулайём мардон ба унвони хостгорӣ назди зан мерафтаанд ва аз онҳо тақозои ҳамсарӣ мекардаанд, аз бузургтарин омилҳои ҳифзи ҳайсият ва эҳтироми зан будааст. Табиат, мардро мазҳари талаб ва ишқ ва тақозо офаридааст ва занро мазҳари матлуб будан ва маъшуқ будан. Табиат, занро гул ва мардро булбул, занро шамъ ва мардро парвона қарор додааст. Ин яке аз тадобири ҳакимона ва шоҳкорҳои хилқат аст, ки дар ғаризаи мард ниёз ва талаб ва дар ғаризаи зан нозу ҷилва қарор додааст. Заъфи ҷисмонии занро дар муқобили нерӯмандии ҷисмонии мард, бо ин васила ҷуброн кардааст.

Хилофи ҳайсият ва эҳтироми зан аст, ки ба дунболи мард бидавад. Барои мард қобили таҳаммул аст, ки аз зане хостгорӣ кунад ва ҷавоби рад бишнавад ва он гоҳ аз зани дигаре хостгорӣ кунад ва ҷавоби рад бишнавад, то билохира зане ризояти худро ба ҳамсарӣ бо

ӯ эълом кунад. Аммо барои зан, ки мехоҳад маҳбуб ва маъшуқ ва мавриди парастиш бошад ва аз қалби мард сар дароварад, то бар саросари вуҷуди ӯ ҳукумат кунад, қобили таҳаммул ва мувофиқи ғариза нест, ки мардеро ба ҳамсарии худ даъват кунад ва аҳёнан ҷавоби рад бишнавад ва суроғи марди дигаре биравад.

Ба ақидаи Уилям Ҷеймс, файласуфи маъруфи омрикоӣ, ҳаё ва худдории зарифонаи зан ғариза нест, балки духтарон Ҳавво дар тӯли таърих дарёфтанд, ки иззат ва эҳтиромашон ба ин аст, ки ба дунболи мардон наравoнд, худро мубтазал накунанд ва аз дастраси мард худро дур нигаҳ доранд; занон ин дарсҳоро дар тӯли таърих дарёфтанд ва ба духтарони худ ёд доданд.

Ихтисос ба ҷинси башар надорад, ҳайвоноти дигар низ ҳамин тавранд; ҳамвора ин маъмурият ба ҷинси нар дода шудааст, ки худро дилбохта ва ниёзманд ба ҷинси мода нишон бидиҳад. Маъмурияте, ки ба ҷинси мода дода шуда ин аст, ки бо пардохтан ба зебоӣ ва лутф ва бо худдорӣ ва истиғнои зарифона, дили ҷинси хашинро ҳар чи бештар шикор кунад ва ӯро аз маҷрои ҳассоси қалби худаш ва ба ирода ва ихтиёри худаш дар хидмати худ бигуморад.

## Мард, харидори висоли зан аст, на рақабаи ӯ

Аҷабо! Мегӯянд, чаро қонуни маданӣ лаҳне ба худ гирифтааст, ки мардро харидори зан нишон медиҳад? Аввалан, ин марбут ба қонуни маданӣ нест, марбут ба қонуни офариниш аст.

Сониян, магар ҳар харидорӣ аз навъи моликият ва мамлукияти ашё аст? Талаба ва донишҷӯ харидори илм аст, мутааллим харидори муаллим аст, ҳунарҷӯ харидори ҳунарманд аст. Оё бояд номи инҳоро моликият бигузорем ва мунофии ҳайсияти илм ва олим ва ҳунар ва ҳунарманд ба шумор оварем? Мард, харидори висол зан аст, на харидори рақабаи ӯ. Оё воқеан шумо аз ин шеъри шоири ширинсухани мо Ҳофиз, иҳонат ба ҷинси зан мефаҳмед, ки мегӯяд:

*Шероз маъдани лаби лаъл асту кони ҳусн,*

*Ман ҷавҳарии муфлисам, иро мушаввашам.*

*Шаҳрест пуркарашмаву хубон зи шаш ҷиҳат,*

*Чизем нест, в-арна, харидори ҳар шашам.*

Ҳофиз афсӯс мехӯрад, ки чизе надорад нисори хубон кунад ва илтифоти онҳоро ба худ ҷалб кунад. Оё ин иҳонат ба мақоми зан аст ё мазҳари олитарин эҳтиром ва мақоми зан дар дилҳои зинда ва ҳассос аст, ки бо ҳамаи мардӣ ва мардонагӣ, дар пешгоҳи зебоӣ ва

ҷамоли зан хузӯъу хушӯъ мекунад ва худро ниёзманд ба ишқи ӯ ва ӯро бениёз аз худ муаррифӣ мекунад?

Мунтаҳои ҳунари зан ин будааст, ки тавониста мардро дар ҳар мақоме ва ҳар вазъе будааст, ба остони худ бикашонад.

Акнун бибинед ба номи дифоъ аз ҳуқуқи зан, чӣ гуна бузургтарин имтиёз ва шараф ва ҳайсияти занро лаккадор мекунанд?

Ин аст, ки гуфтем, ин оқоён ба номи ин ки абрӯи зани бечораро мехоҳанд ислоҳ кунанд, чашми вайро кӯр мекунанд.

## Расми хостгорӣ як тадбири зарифона ва оқилона барои ҳифзи ҳайсият ва эҳтироми зан аст

Гуфтем, ин ки дар қонуни хилқат, мард мазҳари ниёз ва талаб ва хосторӣ ва зан мазҳари матлубият ва посухгӯӣ офарида шудааст, беҳтарин зомини ҳайсият ва эҳтироми зан ва ҷубронкунандаи заъфи ҷисмонии ӯ дар муқобили нерӯмандии ҷисмонии мард аст ва ҳам беҳтарин омили ҳифзи таъодул ва тавозуни зиндагии муштараки онҳост. Ин навъе имтиёзи табиӣ аст, ки ба зан дода шуда ва навъе таклифи табиӣ аст, ки ба дӯши мард гузошта шудааст.

Қонунҳое, ки башар вазъ мекунад ва ба иборати дигар, тадобири қонунӣ, ки ба кор мебарад, бояд ин имтиёзро барои зан ва ин таклифро барои мард ҳифз кунад. Қонунҳои мабнӣ бар яксон будани зану мард аз лиҳози вазифа ва адаби хосторӣ, бар зиёни зан ва манофеъ ва ҳайсият ва эҳтироми ӯст ва таъодулро ба зоҳир ба нафъи мард ва дар воқеъ ба зиёни ҳар ду баҳам мезанад.

Аз ин рӯ, маводде, ки аз тарафи нависандаи "40 пешниҳод" мабнӣ бар ширкат додани зан ба вазифаи хостгорӣ пешниҳод шуда, ҳеч гуна арзише надорад ва бар зиёни ҷомеаи башарӣ аст.

## Иштибоҳи нависандаи "40 модда дар қонуни маданӣ"

Матлаби дуввуме, ки ба муносибати ин фасл лозим аст тазаккур диҳам ин аст, ки оқои Маҳдавӣ, нависандаи "40 пешниҳод", дар шумораи 86 маҷаллаи "*Зани рӯз*", сафҳаи 72 менависанд:

"*Ба мӯҷиби моддаи 1037, ҳар як аз номзадҳо, ки бидуни иллати муваҷҷаҳ васлати мазбурро баҳам занад, бояд ҳадоёеро, ки тарафи муқобил ва ё*

*волидайни ӯ ва ё ашхоси солис ба манзури васлати мазкур додаанд мустарад дорад ва дар сурате, ки айни онҳо боқӣ набошад, қимати онҳоро бояд рад кунад, магар ин ки ҳадоё бидуни тақсири тараф талаф шуда бошад.*

*Тибқи муқаррароти моддаи мазкур, номзадӣ ҳам аз назари қонунгузори мо монанди ваъдаи издивоҷ ҳеч асари қонунӣ ва замонати иҷроӣ надошта ва нисбат ба тарафайн ҳеч навъ таъаҳҳуде эҷод намекунад ва танҳо асари он ин аст, ки тарафи мутахаллиф, ки ба қавли нависандаи қонуни мазбур "бидуни иллати муваҷҷаҳ" васлати мазбурро баҳам занад, айн ё қимати ҳадоёеро, ки ба манзури васлат аз тараф дарёфт дошта, бояд мустарад дорад ва ҳол ин ки ғолибан дар даврони номзадӣ, тарафайн ба манзури васлат чизе ба якдигар намедиҳанд, вале барои хотири худи номзадӣ мутаҳаммили махориҷи фавқулъода сангин мешаванд…*"

Чунонки мулоҳиза мефармоед, эроди оқои Маҳдавӣ бар ин моддаи қонунӣ ин аст, ки барои номзадӣ асари қонунӣ ва замонати иҷроӣ қоил нашудааст; танҳо асаре, ки қоил шуда ин аст, ки тарафи мутахаллиф бояд айни ҳадоёе, ки дарёфт дошта ё қимати онҳоро ба тараф бипардозад ва ҳол он ки умдаи хасорате, ки шахс ба воситаи номзадӣ мутаҳаммил мешавад, хасоратҳои дигар аст, мисли хасорате, ки ба воситаи ҷашни номзадӣ ё меҳмонӣ кардани номзад ва гардиш бо ӯ мутаҳаммил мешавад.

Ман мегӯям, эроди дигаре низ бар ин моддаи қонунӣ ворид аст ва он ин ки мегӯяд, агар тарафи мутахаллиф "бидуни иллати муваҷҷаҳ" васлатро баҳам занад, бояд айн ё қимати ҳадоёе, ки дарёфт дошта мустарад дорад ва ҳол он ки тибқи қоъида агар бо иллати муваҷҷаҳ низ васлатро баҳам занад, бояд лоақал айни ҳадоёе, ки дарёфт дошта дар сурат мутолибаи тарафи муқобил мустарад дорад.

Аммо ҳақиқат ин аст, ки ҳеч кадом аз ин эродҳо ворид нест.

Қонуни маданӣ дар моддаи 1036 чунин мегӯяд:

"*Агар яке аз номзадҳо васлати манзурро бидуни иллати муваҷҷаҳе баҳам занад, дар ҳоле, ки тарафи муқобил ё абавайн (волидайн)-и ӯ ё ашхоси дигар ба эътимоди вуқӯъи издивоҷ мағрур шуда ва махориҷе карда бошанд, тарафе, ки васлатро баҳам задааст, бояд аз ӯҳдаи хасорати ворида*

*бароят, вале хасорати мазбур фақат марбут ба махориҷи мутаъорафа хоҳад буд.*“

Ин моддаи қонун ҳамон чизеро, ки оқои Маҳдавӣ хаёл мекунанд қонун пешбинӣ накардааст баён мекунад. Дар ин модда аст, ки қайди “бидуни иллати муваҷҷаҳ” зикр шудааст.

Тибқи ин модда, на танҳо тарафи мутахаллиф зомини махориҷе, ки шахси номзад мутаҳаммил шудааст мебошад, зомини махориҷи абавайн ё ашхос дигар низ мебошад.

Дар ин модда бо такя рӯйи калимаи “мағрур шуда” ба решаи ин моддаи қонунӣ, ки ба номи қоъидаи “ғурур” маъруф аст ишора мекунад.

Ба илова, дар қонуни маданӣ “тасбиб” яке аз мӯҷиботи замони қаҳрӣ шинохта шуда ва аз моддаи 332, ки марбут ба тасбиб аст низ метавон замони тарафи мутахаллифро дар ин гуна маворид истифода кард.

Бинобар ин, қонуни маданӣ на танҳо дар бораи хасоратҳои номзадӣ — ки ба қавли нависандаи пешниҳодҳо, ба хотири худи номзадӣ сурат мегирад — сукут накардааст, дар ду модда онро гунҷонидааст.

Аммо моддаи 1037-и қонуни маданӣ ин аст:

“*Ҳар як аз номзадҳо метавонанд дар сурати баҳам хӯрдани васлати манзур, ҳадоёеро, ки ба тарафи дигар ё абавайни ӯ барои васлати манзур додааст мутолиба кунанд. Агар айни ҳадоё мавҷуд набошад, мустаҳиққи қимати ҳадоёе хоҳад буд, ки одатан нигоҳ дошта мешавад магар ин ки он ҳадоё бидуни тақсири тарафи дигар талаф шуда бошад.*“

Ин модда марбут ба ашёе аст, ки тарафайн ба якдигар эҳдо мекунанд ва чунонки мулоҳиза мефармоед, дар ин модда ҳеч гуна қайд нашудааст, ки як тараф бидуни иллати муваҷҷаҳ васлатро баҳам зада бошад; қайди “бидуни иллати муваҷҷаҳ” истинботи беҷойе аст, ки оқои Маҳдавӣ кардаанд.

Аҷабо! Касоне, ки аз дарки мафҳуми чанд моддаи соддаи қонуни маданӣ нотавонанд — бо ин ки як умр корашон баррасии онҳо будааст ва солҳо будҷаи мамлакатро ба номи тахассуси фаннӣ дар дарки ин қонунҳо масраф кардаанд — чӣ гуна ангезаи тағйири қонунҳои осмониро, ки ҳазорон мулоҳизот ва резакориҳо дар онҳо ба кор рафтааст, дар сар мепарваронанд? Ин нукта низ ногуфта намонад, ки оқои Маҳдавӣ то панҷ сол қабл, ки машғули таълифи китоби “*Паймони муқаддас ё мисоқи издивоҷ*” будаанд, ҷумлаи болоро ба сурати “бидуни иллат ва мӯҷибе” қироат мекардаанд. Дар китоби

худашон доду фарёд роҳ андохтаанд, ки магар дар дунё коре бидуни иллат ва мӯҷиб мумкин аст? Аммо ахиран мутаваҷҷеҳ шудаанд, ки солҳо ин ҷумларо ғалат қироат мекарда ва мефаҳмидаанд ва ҷумлаи мазбур “бидуни иллати муваҷҷаҳ” будааст.
Аз эродоти дигаре, ки дар фасли хостгорӣ ба нависандаи “пешниҳодҳо” ворид аст, феълан сарфи назар мекунам.

# Бахши дуввум: Зан ва истиқлоли иҷтимоӣ

** Шавҳар додан қабл аз таваллуд*

** Муовизаи духтарон*

** Пайғамбари Акрам дар посухи Алӣ алайҳис салом, ки ба хостгории ҳазрати Заҳро алайҳас салом омада буд, фармуд: бо Заҳро дар миён мегузорам*

** Наҳзати исломии зан, сафед буд*

** Аз назари ислом дар ин ки падар ихтиёрдори мутлақ нест ҳарфе нест*

** Мард, бандаи шаҳват аст ва зан асири муҳаббат*

** Ислом, занро беирода талаққӣ накардааст, балки ӯро дар муқобили ҳисси шикорчигарии мард ҳимоят кардааст*

** Баҳсе дар бораи вилояти падар бар духтар*

## Истиқлол дар интихоби сарнавишт

Духтарак, нигарону ҳаросон омад назди Расули Акрам:

— Ё Расулаллоҳ! Аз дасти ин падар…

— … Магар падарат бо ту чӣ кардааст?

— Бародарзодае дорад ва бидуни он ки қаблан назари маро бихоҳад, маро ба ақди ӯ даровардааст.

— Ҳоло, ки ӯ кардааст, ту ҳам мухолифат накун, сиҳҳа бигузор ва зани писарамуят бош.

— Ё Расулаллоҳ! Ман писарамуямро дӯст надорам. Чӣ гуна зани касе бишавам, ки дӯсташ надорам?

— Агар ӯро дӯст надорӣ, ҳеч. Ихтиёр бо худат, бирав ҳар касро худат дӯст дорӣ, ба шавҳарӣ интихоб кун.

— Иттифоқан ӯро хеле дӯст дорам ва ҷуз ӯ касе дигарро дӯст надорам ва зани касе ғайр аз ӯ нахоҳам шуд. Аммо чун падарам бидуни он ки назари маро бихоҳад ин корро кардааст, амдан омадам бо шумо суолу ҷавоб кунам, то аз шумо ин ҷумларо бишнавам ва ба ҳамаи занон эълом кунам, аз ин пас падарон ҳақ надоранд сари худ ҳар тасмиме, ки мехоҳанд бигиранд ва духтаронро ба ҳар кас, ки дили худашон мехоҳад шавҳар диҳанд.

Ин ривоятро фуқаҳо монанди шаҳиди Сонӣ дар “*Масолик*” ва соҳиби “*Ҷавоҳир*” дар “*Ҷавоҳирул-калом*” аз туруқи омма нақл кардаанд. Дар ҷоҳилияти араб, монанди ҷоҳилияти ғайри араб, падарон худро ихтиёрдори мутлақи духтарон ва хоҳарон ва аҳёнан модарони худ медонистанд ва барои онҳо дар интихоби шавҳар ирода ва ихтиёре қоил набуданд. Тасмим гирифтан, ҳаққи мутлақи падар ё бародар ва дар набудани онҳо, ҳаққи мутлақи аму буд.

Кори ин ихтиёрдорӣ ба он ҷо кашида буд, ки падарон ба худ ҳақ медоданд, духтаронеро, ки ҳанӯз аз модар мутаваллид нашудаанд, пеши пеш ба ақди марди дигаре дароваранд, ки ҳар вақт мутаваллид шуд ва бузург шуд, он мард ҳақ дошта бошад он духтарро барои худ бибарад.

## Истиқлол дар интихоби сарнавишт

## Шавҳар додан қабл аз таваллуд

Дар охирин ҳаҷҷе, ки Пайғамбари Акрам анҷом дод, як рӯз дар ҳоле, ки савора буд ва тозиёнае дар даст дошт, марде сари роҳ бар он ҳазрат гирифт ва гуфт:

— Шикояте дорам.

— Бигӯ.

— Дар солҳо пеш дар даврони ҷоҳилият, ман ва Ториқ ибни Мураққаъ дар яке аз ҷангҳо ширкат карда будем. Ториқ васати кор эҳтиёҷ ба найзае пайдо кард. Фарёд баровард: кист, ки найзае ба ман бирасонад ва подоши онро аз ман бигирад? Ман ҷилав рафтам ва гуфтам: чӣ подош медиҳӣ? Гуфт: қавл медиҳам аввалин духтаре, ки пайдо кунам, барои ту бузург кунам. Ман қабул кардам ва найзаи худро ба ӯ додам. Қазия гузашт. Солҳо сипарӣ шуд. Ахиран ба фикр афтодам ва иттилоъ пайдо кардам, ӯ духтардор шуда ва духтари расидае дар хона дорад. Рафтам ва қиссаро ба ёди ӯ овардам ва дайни худро мутолиба кардам. Аммо ӯ аз гуфтаи худ баргашта ва зери қавлаш зада, меҳоҳад муҷаддадан аз ман маҳр бигирад. Акнун омадаам пеши ту, бибинам оё ҳақ бо ман аст ё бо ӯ?

— Духтар дар чӣ синне аст?

— Духтар бузург шуда. Мӯйи сафед ҳам дар сараш пайдо шуда.

— Агар аз ман мепурсӣ, ҳақ на бо туст, на бо Ториқ. Бирав дунболи корат ва духтари бечораро ба ҳоли худ бигузор.

Мардак ғарқи ҳайрат шуд. Муддате ба пайғамбар хира шуд ва нигоҳ кард. Дар андеша фурӯ рафта буд, ки ин чӣ ҷур қазовате аст. Магар падар ихтиёрдори духтари худ нест?! Чаро агар маҳри ҷадиде ҳам ба падари духтар бипардозам ва ӯ ба майлу ризои худ духтарашро таслими ман кунад, ин кор норавост?
Пайғамбар аз нигоҳҳои мутаҳайиронаи ӯ ба андешаи мушавваши ӯ пай бурд ва фармуд:
— Мутмаин бош, бо ин тартиб, ки ман гуфтам, на ту гунаҳкор мешавӣ ва на рафиқат Ториқ.

## Муовазаи духтарон ё хоҳарон

Никоҳи "шиғор" яке дигар аз мазоҳири ихтиёрдории мутлақи падарон нисбат ба духтарон буд.
Никоҳи "шуғор" яъне муоваза (иваз) кардани духтарон. Ду нафар, ки ду духтари расида дар хона доштанд, бо якдигар муоваза мекарданд, ба ин тартиб, ки ҳар як аз ду духтар маҳри он дигар ба шумор мерафт ва ба падари ӯ таъаллуқ мегирифт. Ислом ин расмро низ мансух кард.

## Пайғамбари Акрам духтараши Заҳроро дар интихоби шавҳар озод мегузорад

Пайғамбари Акрам худ чанд духтар шавҳар дод. Ҳаргиз ирода ва ихтиёри онҳоро аз онҳо салб накард. Ҳангоҳе, ки Алӣ ибни Абӯтолиб алайҳис салом барои хостгории Заҳрои Марзия алайҳас салом назди Пайғамбари Акрам рафт, Пайғамбари Акрам фармуд: то кунун чанд нафари дигар низ ба хостгории Заҳро омадаанд ва ман шахсан бо Заҳро дар мён гузоштаам. Аммо ӯ ба аломати норизоӣ чеҳраи худро баргардондааст. Акнун хостгории туро ба иттилоъи ӯ мерасонам.
Пайғамбар рафт назди Заҳро ва матлабро бо духтари азизаш дар миён гузошт. Вале Заҳро бар хилофи навбатҳои дигар, чеҳраи худро барнагардонд, бо сукути худ ризояти худро фаҳмонд. Пайғамбари Акрам такбиргӯён аз назди Заҳро берун омад.

## Наҳзати исломии зан, сафед буд

Ислом, бузургтарин хидматҳоро нисбат ба ҷинси зан анҷом дод. Хидмати ислом ба зан, танҳо дар ноҳияи салби ихтиёрдории мутлақи падарон набуд; ба таври куллӣ ба ӯ ҳуррият дод, шахсият дод, истиқлоли фикру назар дод, ҳуқуқи табиии ӯро ба расмият

шинохт. Аммо гоме, ки ислом дар тариқи ҳуқуқи зан бардошт, бо он чи дар Мағрибзамин мегузарад ва дигарон аз онҳо тақлид мекунанд, ду тафовути асосӣ дорад:
Аввал дар ноҳияи равоншиносии зану мард. Ислом дар ин замина эъҷоз кардааст. Мо дар зимни мақолоти оянда дар ин бора баҳс хоҳем кард ва намунаҳо аз он ба даст хоҳем дод.
Тафовути дуввум дар ин аст, ки ислом дар айни он ки занонро ба ҳуқуқи инсониашон ошно кард ва ба онҳо шахсият ва ҳуррият ва истиқлол дод, ҳаргиз онҳоро ба тамаррӯд ва исён ва туғён ва бадбинӣ нисбат ба ҷинси мард водор накард.
Наҳзати исломии зан, сафед буд, на сиёҳ ва на қирмиз ва на кабуд ва на бунафш; эҳтироми падаронро назди духтарон ва эҳтироми шавҳаронро назди занон аз миён набурд, асоси хонаводаҳоро мутазалзил накард, занонро ба шавҳардорӣ ва модарӣ ва тарбияти фарзандон бадбин накард, барои мардони муҷаррад ва шикорчии иҷтимоъ, ки дунболи шикори муфт мегарданд, васила дуруст накард, занонро аз оғӯши поки шавҳарон ва духтаронро аз домани пурмеҳри падарону модарон таҳвили соҳибони мақомдорон ва пулдорон надод; коре накард, ки аз он сӯйи укёнусҳо нола ба осмон баланд шавад, ки эй вой конуни муқаддаси хонавода муталошӣ шуд, итминони падарӣ аз миён рафт, бо ин ҳама фасод чӣ кунем? Бо ин ҳама баччакушӣ ва сиқти ҷанин чӣ кунем? Бо 40 дарсад навзоди зино чӣ кунем? Навзодоне, ки падарони онҳо маълум нест ва модарони онҳо чун онҳоро дар хонаи падаре меҳрубон ба дунё наёвардаанд, алоқае ба онҳо надоранд ва ҳамин ки онҳоро ба як муассисаи иҷтимоӣ таҳвил медиҳанд, ҳеч вақт ба суроғи онҳо намеоянд.
Дар кишвари мо ниёзмандӣ ба наҳзати зан ҳаст, аммо наҳзати сафеди исломӣ, на наҳзати сиёҳ ва тираи урупоӣ; наҳзате, ки дасти ҷавонони шаҳватпараст аз ширкат ва дахолат дар он кӯтоҳ бошад; наҳзате, ки ба ростӣ аз таълимоти олии исломӣ сарчашма бигирад, на ин ки ба номи тағйири қонуни маданӣ қонунҳои мусаллами исломӣ дастхуши ҳавову ҳавас қарор гирад; наҳзате, ки дар дараҷаи аввал ба як баррасии амиқ ва мантиқӣ бипардозад, то равшан кунад дар иҷтимоъоте, ки номи ислом бар худ ниҳодаанд, чӣ андоза таълимоти исломӣ иҷро мегардад.
Агар ба ёрии Худо тавфиқи идомаи ин мақолот ҳамроҳ бошад, пас аз он ки дар ҳамаи масоили лозим баҳси худро ба поён расондем, корномаи наҳзати исломии занро мунташир хоҳем кард.
Он вақт зани эронӣ хоҳад дид, метавонад наҳзате бапо кунад, ки ҳам нав ва дунёписанд ва мантиқӣ бошад ва ҳам аз фалсафаи мустақилли 14 қарни худаш сарчашма гирифта бошад, бидуни ин ки дасти дарюзагӣ ба тарафи дунёи ғарб дароз карда бошад.

# Масъалаи иҷозаи падар

Масъалае, ки аз назари вилояти падарон бар духтарон матраҳ аст ин аст, ки оё дар ақди дӯшизагон — ки барои аввалин бор шавҳар мекунанд — иҷозаи падар низ шарт аст ё на? Аз назари ислом чанд чиз мусаллам аст:

Писару духтар ҳар ду аз назари иқтисодӣ истиқлол доранд. Ҳар як аз духтару писар агар болиғ ва оқил бошанд ва ба илова, рашид бошанд, яъне аз назари иҷтимоӣ он андоза рушди фикрӣ дошта бошанд, ки битавонанд шахсан моли худро ҳифз ва нигаҳдорӣ кунанд, сарвати онҳоро бояд дар ихтиёри худашон қарор дод. Падар ё модар ё шавҳар ё бародар ва ё каси дигар ҳаққи назорат ва дахолат надорад.

Матлаби мусаллами дигар, марбут ба амри издивоҷ аст. Писарон агар ба синни булуғ бирасанд ва воҷиди ақл ва рушд бошанд, худ ихтиёрдори худ ҳастанд ва касе ҳаққи дахолат надорад. Аммо духтарон: духтар агар як бор шавҳар кардааст ва акнун бева аст, қатъан аз лиҳози ин ки касе ҳаққи дахолат дар кори ӯ надорад, монанди писар аст. Ва агар дӯшиза аст ва аввалин бор аст, ки мехоҳад бо марде паймон заношӯӣ бибандад чӣ тавр?

Дар ин ки падар ихтиёрдори мутлақи ӯ нест ва наметавонад бидуни майлу ризои ӯ, ӯро ба ҳар кас, ки дилаш мехоҳад, шавҳар бидиҳад, ҳарфе нест. Чунонки дидем Пайғамбари Акрам сареҳан дар ҷавоби духтаре, ки падараш бидуни иттилоъ ва назари ӯ, ӯро шавҳар дода буд, фармуд: агар моил нестӣ, метавонӣ бо дигарӣ издивоҷ кунӣ. Ихтилофе, ки миёни фуқаҳо ҳаст, дар ин ҷиҳат аст, ки оё дӯшизагон ҳақ надоранд бидуни он ки мувофиқати падаронро ҷалб кунанд, издивоҷ кунанд ва ё мувофиқати падарон ба ҳеҷ ваҷҳ шарти сиҳҳати издивоҷи онҳо нест?

Албатта як матлаби дигар низ мусаллам ва қатъӣ аст, ки агар падарон бидуни ҷиҳат аз мувофиқат бо издивоҷи духтарони худ имтиноъ кунанд, ҳаққи онҳо соқит мешавад ва духтарон дар ин сурат — ба иттифоқи ҳамаи фуқаҳои ислом — дар интихоби шавҳар озодии мутлақ доранд.

Роҷеъ ба ин ки оё мувофиқати падар шарт аст ё на, чунонки гуфтем, миёни фуқаҳо ихтилоф аст ва шояд аксарияти фуқаҳо хусусан фуқаҳои мутаъаххир, мувофиқати падарро шарт намедонанд, вале иддае ҳам онро шарт медонанд. Қонуни мадании мо аз дастаи дуввум — ки фатвои онҳо мутобиқи эҳтиёт аст — пайравӣ кардааст.

Чун матлаб як масъалаи мусаллами исломӣ нест, аз назари исломӣ дар бораи он баҳс намекунем, вале аз назари иҷтимоӣ лозим медонам дар ин бора баҳс кунам. Ба илова,

назари шахсии худам ин аст, ки қонуни маданӣ аз ин ҷиҳат роҳи савобе (дурусте) рафтааст.

## Мард, бандаи шаҳват аст ва зан, асири муҳаббат

Фалсафаи ин ки дӯшизагон лозим аст — ё лоақал хуб аст — бидуни мувофиқати падарон бо марде издивоҷ накунанд, ношӣ аз ин нест, ки духтар қосир шинохта шуда ва аз лиҳози рушди иҷтимоӣ камтар аз мард ба ҳисоб омадааст. Агар ба ин ҷиҳат буд, чӣ фарқе аст миёни бева ва дӯшиза, ки беваи 16-сола ниёзе ба мувофиқати падар надорад ва дӯшизаи 18-сола тибқи ин қавл ниёз дорад. Ба илова, агар духтар аз назари ислом дар идораи кори худаш қосир аст, чаро ислом ба духтари болиғи рашид истиқлоли иқтисодӣ додааст ва муомилоти чандсадмиллионии ӯро саҳеҳ ва мустағнӣ аз мувофиқати падар ё бародар ё шавҳар медонад? Ин матлаб, фалсафаи дигаре дорад, ки гузашта аз ҷанбаи далелҳои фиқҳӣ, аз ин фалсафа наметавон чашм пӯшид ва ба нависандагони қонуни маданӣ бояд офарин гуфт.

Ин матлаб ба қусур ва адами рушди ақлӣ ва фикрии зан марбут нест, ба гӯшае аз равоншиносии зану мард марбут аст, марбут аст ба ҳисси шикорчигарии мард аз як тараф ва ба хушбоварии зан нисбат ба вафо ва садоқати мард аз тарафи дигар.

Мард, бандаи шаҳват аст ва зан, асири муҳаббат. Он чи мардро мелағзонад ва аз по дармеоварад, шаҳват аст ва зан, ба эътирофи равоншиносон, сабр ва истиқоматаш дар муқобили шаҳват, аз мард бештар аст. Аммо он чизе, ки занро аз по дармеоварад ва асир мекунад ин аст, ки нағмаи муҳаббат ва сафо ва вафо ва ишқ аз даҳони марде бишнавад. Хушбоварии зан дар ҳамин ҷост.

Зан, модоме, ки дӯшиза аст ва ҳанӯз собуни мардон ба ҷомааш нахӯрдааст, замзамаҳои муҳаббати мардонро ба суҳулат бовар мекунад.

Намедонам назариёти профессор Рик, равоншиноси омрикоиро таҳти унвони “Дунё барои марду зан як ҷур нест” дар шумораи 90 маҷаллаи “Зани рӯз” хондед ё нахонадед. Ӯ мегӯяд:

“Беҳтарин ҷумлае, ки як мард метавонад ба зане бигӯяд, истилоҳи “азизам, туро дӯст дорам” аст.”

Ҳам ӯ мегӯяд:

“Хушбахтӣ барои як зан яъне ба даст овардани қалби як мард ва нигаҳдории ӯ барои тамоми умр.“

Расули Акрам, он равоншиноси худоӣ, ин ҳақиқатро 14 қарн пеш ба вузуҳ баён кардааст, мефармояд:

قَوْلُ اَلرَّجُلِ لِلْمَرْأَةِ إِنِّي أُحِبُّكِ لاَ يَذْهَبُ مِنْ قَلْبِهَا أَبَداً

“*Сухани мард ба зан, ки: “туро дӯст дорам”, ҳаргиз аз дили зан берун намеравад.“ (Кофӣ, китоби никоҳ, боби наводир*)

Мардони шикорчӣ аз ин эҳсоси зан ҳамвора истифода мекунанд. Доми “азизам, аз ишқи ту мемирам”, барои шикори духтароне, ки дар бораи мардон таҷрибае надоранд, беҳтарини домҳост.

Дар ин рӯзҳо достони зане ба номи Афсар, ки мехост худкушӣ кунад ва марде ба номи Ҷавод, ки ӯро иғфол карда буд, сари забонҳо буд ва корашон ба додсаро кашид. Он мард барои иғфоли Афсар аз формулаи фавқ истифода мекунад ва Афсар — тибқи нақли маҷаллаи “Зани рӯз” — чунин мегӯяд:

“*Агарчӣ бо ӯ ҳарф намезадам, аммо дилам мехост ҳар рӯз ва ҳар соат ӯро бибинам. Ошиқаш нашуда будам, аммо ба ишқе, ки иброз медошт, ниёзи руҳӣ доштам. Ҳамаи занҳо ҳамин тавранд; қабл аз он ки ишқро дӯст дошта бошанд, ошиқро дӯст доранд ва ҳамеша барои духтарон ва занон пас аз пайдо шудани ошиқ, ишқ ба вуҷуд меояд. Ман низ аз ин қоъида мустасно набудам.*“

Тоза, ин як зани бева ва таҷрибадида аст. Вой ба ҳоли духтарони ноозмуда!

Ин ҷост, ки лозим аст духтари марди ноозмуда, бо падараш — ки аз эҳсосоти мардон беҳтар огоҳ аст ва падарон ҷуз дар шароити истисноӣ барои духтарон хайру саодат мехоҳанд — машварат кунад ва лузуман мувофиқати ӯро ҷалб кунад.

Дар ин ҷо қонун ба ҳеч ваҷҳ занро таҳқир накардааст, балки дасти ҳимояти худро рӯйи шонаи ӯ гузоштааст. Агар писарон иддао кунанд, ки чаро қонун моро мулзам ба ҷалби мувофиқати падарон ё модарон накардааст, он қадр дур аз мантиқ нест, ки касе ба номи духтарон ба лузуми ҷалби мувофиқати падарон эътироз кунад.

Ман таъаҷҷуб мекунам аз касоне, ки ҳар рӯз бо достонҳое аз қабили достони Буюку Зуҳра ва Одилу Насрин мувоҷеҳ ҳастанд ва мебинанд ва мешунаванд ва боз ҳам духтаронро ба тамаррруд ва беэътиноӣ нисбат ба авлиёашон тавсия мекунанд.

Ин корҳо аз назари ман навъе табонӣ аст миёни афроде, ки муддаии дилсӯзӣ нисбат ба зан ҳастанд ва миёни сайёдон ва шикорчиёни зан дар асри имрӯз; инҳо барои онҳо тӯъма дуруст мекунанд, тироварӣ менамоянд ва шикорҳоро дуруст мекунанд.

Нависандаи “40 пешниҳод” дар шумораи 88 маҷаллаи “Зани рӯз” мегӯяд:

“*Моддаи 1043, мухолиф ва ноқизи ҳамаи маводди қонунии марбут ба булуғ ва рушд аст ва низ мухолифи асли озодии инсонҳо ва маншури Милали Муттаҳид аст…*“

Мисли ин ки нависанда чунин тасаввур кардааст, ки муфоди моддаи мазбур ин аст, ки падарон ҳақ доранд аз пеши худ духтаронро ба ҳар кас, ки бихоҳанд шавҳар диҳанд ё ҳақ доранд беҷиҳат монеъи издивоҷи духтарони худ бишаванд.

Агар ихтиёри издивоҷ ба дасти худи духтарон бошад ва мувофиқати падарро шарти сиҳҳати издивоҷ бидонем, он ҳам ба шарти ин ки падар суиният ё каҷсалиқагии хоссе, ки монеъи издивоҷи духтар бишавад надошта бошад, чӣ айбе дорад ва чӣ мунофоте бо асли озодии инсонҳо дорад? Ин як эҳтиёт ва муроқабате аст, ки қонун барои ҳифзи зани таҷрибанакарда кардааст ва ношӣ аз навъе суизанн ба табиати мард аст.

Нависандаи мазбур мегӯяд:

“*Қонунгузори мо духтарро дар синни 13-солагӣ, пеш аз он ки рушди фикрӣ пайдо кунад ва усулан маънии издивоҷ ва ҳамсар будан ва ҳамсар доштанро ба дурустӣ дарк кунад, солеҳ барои издивоҷ медонад ва иҷоза медиҳад якчунин мавҷуде, ки ҳанӯз барои хариду фурӯши чанд кило сабзӣ салоҳият надорад, издивоҷ кунад ва барои худаш шарики зиндагии модомулумр интихоб намояд, аммо ба духтаре, ки 25 ё 40 сол дорад ва дарс хонда ва донишгоҳ дидааст ва ба мақоми олӣ аз дониш расидааст, иҷоза намедиҳад бидуни иҷоза ва тасвиби падар ё ҷадди падарии авом ва бесаводи худ издивоҷ кунад…*“

Аввалан, аз куҷои қонун истифода мешавад, ки духтари 13-сола метавонад бидуни иҷозаи падар издивоҷ кунад ва духтари 25 ё 40-солаи донишгоҳдида наметавонад?

Сониян, шартияти иҷозаи падар дар ҳудуде аст, ки аз отифаи падарӣ ва дарки эҳсосоти мард нисбат ба занон сарчашма мегирад ва агар шакли монеътарошӣ ба худ бигирад, эътибор надорад.

Солисан, гумон намекунам як нафар қозӣ то кунун пайдо шуда бошад ва муддаӣ шуда бошад, ки аз назари қонуни маданӣ рушди ақлӣ ва фикрӣ дар издивоҷ шарт нест ва як духтари 13-сола, ки ба қавли нависанда, маънии издивоҷ ва интихоби ҳамсарро намефаҳмад, метавонад издивоҷ кунад.

Қонуни маданӣ дар моддаи 211 чунин мегӯяд: “*Барои ин ки мутаомилин аҳл маҳсуб шаванд, бояд болиғ ва оқил ва рашид бошанд*.” Ҳарчанд дар ин ҷумла калимаи “мутаомилин” ба кор рафта ва боби никоҳ боби муомила нест, аммо чун дунболаи як унвони куллӣ аст (уқуд, муомилот ва илзомот), ки аз моддаи 181 оғоз мешавад, коршиносони қонуни маданӣ моддаи 211-ро ба унвони “аҳлияти омм” талаққӣ кардаанд, ки дар ҳамаи уқуд лозим аст.

Дар тамоми қаболаҳои қадим, номм мардро пас аз “алболиғу алъоқилу алрашид” ва номи занро пас аз “алболиғаи алъоқилаи алрашида” зикр мекарданд. Чӣ гуна мумкин аст нависандагони қонуни маданӣ аз ин нукта ғофил монда бошанд?!

Нависандагони қонуни маданӣ бовар намекардаанд, ки кори инҳитоти фикрӣ ба инҷо бикашад, ки бо он ки аҳлияти оммро зикр кардаанд, лозим бошад, ки муҷаддадан моддае дар боби никоҳ ба булуғ ва ақл ва рушд ихтисос диҳанд.

Яке аз шореҳини қонуни маданӣ (оқои доктор Сайидалӣ Шойгон) моддаи 1064-ро, ки мегӯяд: “оқид бояд болиғ ва оқил ва қосид бошад” ба хаёли ин ки марбут ба завҷайн аст ва аҳлияти онҳоро барои никоҳ баён мекунад ва шарти рушдро зикр накардааст, бо моддаи 211, ки аҳлияти оммро зикр кардааст, мунофӣ дониста ва сипас дар мақоми тавҷеҳ баромадааст, дар сурате, ки моддаи 1064 марбут ба оқид аст ва лозим нест оқид рашид бошад.

Он чи дар ин маврид қобили эътироз аст, амал мардуми эронӣ аст, на қонуни маданӣ ва на қонуни ислом. Дар миёни мардуми мо ғолиби падарон ҳанӯз монанди даврони ҷоҳилият, худро ихтиёрдори мутлақ медонанд ва изҳори назари духтарро дар амри интихоби ҳамсар ва шарики зиндагӣ ва падари фарзандони ояндааш беҳаёӣ ва хориҷ аз назокат медонанд ва ба рушди фикрии духтар — ки лузуми он аз мусалламоти ислом аст — таваҷҷӯҳе намекунанд. Чӣ бисёр аст ақдҳое, ки қабл аз рушди духтарон сурат мегирад ва шаръан ботил ва било асар аст.

Оқидҳо аз рушди духтар таҳқиқ ва ҷустуҷӯ намекунанд, булуғи духтарро кофӣ медонанд, дар сурате, ки медонем чӣ достонҳо аз уламои бузург дар заминаи озмоиши рушди ақлӣ ва фикрии духтарон дар даст аст. Баъзе аз уламо рушди динии духтарро шарт медонистаанд; танҳо ба ақд бастани духтаре тан медоданд, ки дар усули дин битавонад истидлол кунад ва мутаассифона ғолиби авлиёи атфол ва оқидҳо ин муроъотҳоро намекунанд.

Аммо мисли ин ки бино нест амали ин мардум интиқод шавад; бояд ҳамаи косаҳо ва кӯзаҳоро сари қонуни маданӣ шикаст ва афкори мардумро мутаваҷҷеҳи айбҳои қонуни маданӣ — ки зоидаи қонунҳои исломӣ аст — кард.

Эроде, ки ба назари ман бар қонуни маданӣ ворид аст, марбут ба моддаи 1042 аст. Ин модда мегӯяд:

"*Баъд аз расидан ба синни 15 соли тамом низ унос (духтарон) наметавонанд модом, ки ба синни 18 соли тамом нарасидаанд, бидуни иҷозаи валийи худ шавҳар кунанд*."

Тибқи ин модда, духтар миёни 15 ва 18 (ҳарчанд бева бошад) бидуни иҷозаи валӣ наметавонад шавҳар кунад, дар сурате, ки на аз назари фиқҳ ва на аз назари эътибори ақлӣ агар зане воҷиди шароити булуғ ва рушд бошад ва як бор ҳам шавҳар кардааст, лузуме надорад, ки мувофиқати падарро ҷалб кунад.

# Бахши севвум: Ислом ва таҷаддуди зиндагӣ

** Муқтазаёти (талаботи) замон*

** Дин ва муқтазаёти замон аз назари Неҳру*

** Хоссияти интибоқи ислом бо пешрафтҳои зиндагӣ, эъҷоби хориҷиёнро барангехтааст*

** Ислом барои эҳтиёҷоти собит, қонунҳои собит ва барои эҳтиёҷот мутағайир, вазъи нособит ва мутағайире дар назар гирифтааст*

** Агар ҳама чизро бо замон мунтабиқ кунем, пас худи замонро бо чӣ чиз мунтабиқ созем?*

** Фикри адами интибоқи ислом бо замон, ношӣ аз ҷумуди гурӯҳе ва ҷаҳолати гурӯҳе дигар аст*

** Қуръон ҷомеаи исломиро ба гиёҳе, ки дар ҳоли рушд аст ташбеҳ мекунад*

** Калимаи "падидаи қарн" хонаводаҳои бешумореро муталошӣ кардааст*

** Ҷомид ҷуз бо кӯҳна хӯ намегирад ва ҷоҳил ҳар фасодеро ба номи муқтазаёти замон муваҷҷаҳ мешуморад*

** Печу лӯлоҳое, ки дар сохтмони қонунҳои ислом ба кор рафта ва ба онҳо хоссияти таҳаррук ва инъитоф додааст*

** Кулоҳи лаганӣ ҳаром нест, туфайлигарӣ ҳаром аст*

** Ислом барои қоъидаи зарар ва қоъидаи ҳараҷ, ҳаққи "вето" қоил шудааст*

## Ислом ва таҷаддуди зиндагӣ (1)

## Муқтазаёти замон

Инҷониб дар муқаддимаи китоби "*Инсон ва сарнавишт*", ки масъалаи азамат ва инҳитоти мусалмононро баррасӣ кардаам, таҳқиқ дар иллатҳои инҳитоти мусалмононро дар се бахш қобили баррасӣ донистаам: бахши ислом, бахши мусалмонон, бахши омилҳои бегона.

Дар он муқаддима, яке аз мавзӯъоти 27-гонае, ки баррасӣ ва таҳқиқ дар онҳоро лозим шумурдаам, ҳамин мавзӯъ аст ва ваъда додаам, ки рисолае таҳти унвони "*Ислом ва*

*муқтазаёти замон*” дар ин замина мунташир кунам ва албатта ёддоштҳои зиёде қаблан барои он таҳия кардаам.

Дар ин силсиламақолот наметавон тамоми матолибе, ки бояд ба сурати як рисола дарояд гунҷонид, вале то он ҷо, ки иҷмолан зеҳни хонандагони мӯҳтарами ин мақолотро дар бораи ин мавзӯъ равшан кунам, тавзеҳ хоҳам дод.

Мавзӯъи “мазҳаб ва пешрафт” аз мавзӯъоте аст, ки бештар ва пештар аз он ки барои мо, мусалмонон матраҳ бошад, барои пайравони соири мизоҳиб матраҳ будааст. Бисёре аз равшанфикрони ҷаҳон фақат аз он ҷиҳат мазҳабро тарк кардаанд, ки фикр мекардаанд миёни мазҳаб ва таҷаддуди зиндагӣ носозгорӣ аст; фикр мекардаанд, лозимаи диндорӣ тавaққуф ва сукун ва мубориза бо таҳаррук ва таҳаввул аст ва ба иборати дигар, хоссияти мазҳабро субот ва якнавохтӣ ва ҳифзи шаклҳо ва суратҳои мавҷуд медонистаанд.

Неҳру, нахуствазири фақиди Ҳинд, ақоиди зиддимазҳабӣ доштааст ва ба ҳеҷ дину мазҳабе мӯътақид набудааст. Аз гуфтаҳои вай чунин бармеояд, ки чизе, ки вайро аз мазҳаб мутанаффир кардааст, ҷанбаи “догма” ва якнавохтии мазҳаб аст.

Неҳру дар охирҳои умр дар вуҷуди худаш ва дар ҷаҳон як халаъ эҳсос мекунад ва мӯътақид мешавад, ин халаъро ҷуз нерӯи маънавӣ наметавонад пур кунад. Дар айни ҳол аз наздик шудан ба мазҳаб ба хотири ҳамон ҳолати ҷумуд ва якнавохтӣ, ки фикр мекунад дар ҳар мазҳабе ҳаст, ваҳшат мекунад.

Як рӯзноманигори ҳиндӣ ба номи Корончиё, дар охирҳои умри Неҳру бо вай мусоҳибае ба амал овардааст (ба форсӣ чоп шудааст) ва зоҳиран охирин изҳори назаре аст, ки Неҳру дар бораи масоили куллии ҷаҳонӣ кардааст.

Корончиё он ҷо, ки роҷеъ ба Гондӣ бо вай музокира мекунад, мегӯяд: баъзе аз равшанфикрон ва аносури мутараққӣ ақида доранд, ки Гондӣ бо роҳи ҳаллҳои эҳсосотӣ ва равишҳои маънавӣ ва руҳонии худ, эътиқодоти ибтидоии шуморо ба сотсиалисми илмӣ мутазалзил ва заъиф сохт.

Неҳру, зимни ҷавобе, ки медиҳад, мегӯяд: истифода аз равишҳои маънавӣ ва руҳонӣ низ лозим ва хуб аст. Ман ҳамеша дар ин мавридбо Гондӣ ҳамақида будам ва чӣ басо, ки имрӯз истифода аз ин васоилро лозимтар мешуморам, зеро имрӯз дар баробари халаъи маънавии тамаддуни ҷадиде, ки ривоҷ мепазирад, беш аз дирӯз бояд посухҳои маънавӣ ва руҳонӣ биёбем.

Корончиё сипас роҷеъ ба марксизм аз вай суолоте мекунад ва Неҳру бархе норасоиҳои марксизмро гӯшзад мекунад ва дубора ҳамон роҳи ҳаллҳои руҳиро тарҳ мекунад. Дар ин вақт Корончиё ба вай мегӯяд:

Оқои Неҳру! Оё изҳороти шумо, ки акнун аз мафоҳими роҳи ҳаллҳои ахлоқӣ ва руҳӣ сухан мегӯед, миёни ҷаноби олӣ бо Ҷавоҳир Лаъли дирӯз (яъне худи Неҳру дар замони ҷавонӣ) тафовуте ба вуҷуд намеоварад? Он чи шумо мегӯед ин тасаввурро эҷод мекунад, ки оқои Неҳру дар шомгоҳи умраш дар ҷустуҷӯи Худованд баромадааст.
Неҳру мегӯяд: оре, ман тағйир ёфтаам. Таъкиди ман бар рӯйи мавозин ва роҳи ҳаллҳои ахлоқӣ ва руҳӣ бидуни таваҷҷӯҳ ва нодониста нест… Сипас худи вай мегӯяд: акнун ин масъала пеш меояд, ки чӣ гуна метавон ахлоқ ва руҳиётро ба сатҳи олитаре боло бурд? Ва ин тавр ҷавоб медиҳад: бадеҳӣ аст барои ин манзур мазҳаб вуҷуд дорад, аммо мутаассифона мазҳаб ба шакле кӯтаҳназарона ва ба сурати пайравӣ аз дастурҳои хушк ва қолабӣ ва анҷоми баъзе ташрифоти муайян пойин омадааст. Шакли зоҳирӣ ва садафи хориҷии он боқӣ мондааст, дар ҳоле, ки рух ва мафҳуми воқеии он аз миён рафтааст.

# Ислом ва муқтазаёти замон

Дар миёни адён ва мизоҳиб, ҳеч дину мазҳабе монанди ислом дар шуъуни зиндагии мардум мудохила накардааст. Ислом дар муқаррароти худ ба як силсила ибодот ва азкору аврод ва як ришта андарзҳои ахлоқӣ иктифо накардааст. Ҳамон тавре, ки равобити бандагон бо Худоро баён кардааст, хутути аслии равобити инсонҳо ва ҳуқуқ ва вазоифи афродро нисбат ба якдигар низ дар шаклҳои гуногун баён кардааст. Қаҳран пурсиши интибоқ бо замон дар бораи ислом, ки чунин дине аст, бештар маврид пайдо мекунад.

# Хислати интибоқи ислом бо замон аз назари хориҷиён

Иттифоқан бисёре аз донишмандон ва нависандагони хориҷӣ исломро аз назари қонунҳои иҷтимоӣ ва маданӣ мавриди мутолеа қарор додаанд ва қонунҳои исломиро ба унвони як силсила қонунҳои мутараққӣ ситоиш карда ва хоссияти зинда ва ҷовид будани ин дин ва қобилияти интибоқи қонунҳои онро бо пешрафтҳои замон мавриди таваҷҷӯҳ ва тамҷид қарор додаанд.
Бернард Шоу, нависандаи маъруф ва озодфикри ангилисӣ гуфтааст:
"*Ман ҳамеша нисбат ба дини Муҳаммад ба воситаи хоссияти зинда будани аҷибаш ниҳояти эҳтиромро доштаам. Ба назари ман, ислом танҳо мазҳабе аст, ки истеъдоди тавофуқ ва тасаллут бар ҳолатҳои гуногун ва суратҳои мутағайири зиндагӣ ва мувоҷеҳа бо қуруни мухталифро дорад.*

*Чунин пешбинӣ мекунам ва аз ҳамин акнун осори он падидор шудааст, ки имони Муҳаммад мавриди қабули Урупои фардо хоҳад буд.*

*Руҳониюни қуруни вусто дар натиҷаи ҷаҳолат ё таъассуб, шамоили торике аз ойини Муҳаммад расм мекарданд. Ӯ ба чашми онҳо аз рӯйи кина ва асабият, зидди Масеҳ ҷилва карда буд.*

*Ман дар бораи ин мард, ин марди фавқулъода, мутолеа кардам ва ба ин натиҷа расидам, ки на танҳо зидди Масеҳ набуда, балки бояд наҷотдиҳандаи башарият номида шавад. Ба ақидаи ман, агар марде чун ӯ соҳиби ихтиёри дунёи ҷадид бишавад, тавре дар ҳалли масоил ва мушкилоти дунё тавфиқ хоҳад ёфт, ки сулҳ ва саодати орзуи башар таъмин хоҳад шуд.*“

Доктор *Шиблӣ Шумайл*, як араби лубнонии моддимаслак аст. Ӯ барои аввалин бор бунёди анвоъи Дарвин ба замимаи шарҳи Бухнери олмонӣ ба унвони ҳарбае алайҳи ақоиди мазҳабӣ, ба забони арабӣ тарҷима кард ва дар ихтиёри арабзабонон қарор дод.

Вай, бо он ки материалист аст, аз эъҷоб ва таҳсин нисбат ба ислом ва азамати оварандаи он худдорӣ намекунад ва ҳамвора исломро ба унвони як ойини зинда ва қобили интибоқ бо замон ситоиш мекунад.

Ин мард дар ҷилди дуввуми китобе, ки ба номи “*Фалсафат ан-нушуъ вал-иртиқо*” ба арабӣ мунташир кардааст, мақолае дорад таҳти унвони “*Ал-Қуръон вал-ъумрон*”. Ин мақоларо дар радди яке аз хориҷиён, ки ба кишварҳои исломӣ мусофират карда ва исломро масъули инҳитоти мусалмонон дониста, навиштааст.

Шиблӣ Шумайл саъй дорад дар ин мақола собит кунад, ки иллати инҳитоти мусалмонон инҳироф аз таъолими иҷтимоии исломӣ аст, на ислом ва он идда аз ғарбиҳо, ки ба ислом ҳамла мекунанд, ё исломро намешиносанд ва ё суиният доранд ва мехоҳанд бо бадбин кардани шарқиҳо ба қонунҳо ва муқаррароте, ки ба ҳар ҳол аз миёни худашон бархоста, тавқи бандагии худро ба гардани онҳо бигузоранд.

Дар асри мо ин пурсиш, ки оё ислом бо муқтазаёти замон ҳамоҳангӣ дорад ё на, умумият пайдо кардааст. Инҷониб, ки бо табақоти мухталиф ва махсусан табақаи таҳсилкарда ва дунёдида бархӯрд ва муошарат дорам, ҳеч матлаберо надидаам ба андозаи ин матлаб мавриди суол ва пурсиш воқеъ шавад.

# Ишколот

Гоҳе ба пурсиши худ ранги фалсафӣ медиҳанд ва мегӯянд: дар ин ҷаҳон ҳама чиз дар тағйир аст, ҳеч чизе собит ва якнавохт боқӣ намемонад, иҷтимои башар низ аз ин қоъида мустасно нест ва чӣ гуна мумкин аст як силсила қонунҳои иҷтимоӣ барои ҳамеша битавонад собит ва боқӣ бимонад?

Агар сирфан аз назари фалсафӣ ин масъаларо мавриди таваҷҷӯҳ қарор диҳем, ҷавобаш возеҳ аст.

Он чизе, ки ҳамвора дар тағйир аст, наву кӯҳна мешавад, рушду инҳитот дорад, тараққӣ ва такомул дорад, ҳамоно маводд ва таркиботи моддии ин ҷаҳон аст ва аммо қонунҳои ҷаҳон собит аст.

Масалан, мавҷудоти зинда тибқи қонунҳои хоссе такомул пайдо карда ва мекунанд ва донишмандон қонунҳои такомулро баён кардаанд. Худи мавҷудоти зинда доиман дар тағйир ва такомуланд, аммо қонунҳои тағйир ва такомул чӣ тавр? Албатта қонунҳои тағйир ва такомул, мутағайир ва мутакомил нестанд ва сухани мо дар бораи қонунҳост. Дар ин ҷиҳат фарқ намекунад, ки қонуни мавриди назар як қонуни табиӣ бошад ё як қонуни вазъӣ ва қарордодӣ, зеро мумкин аст як қонуни вазъӣ ва қарордодӣ аз табиат ва фитрат сарчашма гирифта бошад ва таъйинкунандаи хатти сайри такомулии афрод ва иҷтимоъоти башарӣ бошад.

Вале пурсишҳое, ки дар заминаи интибоқ ва адами интибоқи ислом бо муқтазаёти замон вуҷуд дорад, танҳо ҷанбаи куллӣ ва фалсафӣ надорад. Он пурсише, ки беш аз ҳар пурсиши дигар такрор мешавад ин аст, ки қонунҳо дар заминаи эҳтиёҷот вазъ мешавад ва эҳтиёҷоти иҷтимоии башар собит ва якнавохт нест, пас қонунҳои иҷтимоӣ низ наметавонад собит ва якнавохт бошад.

Ин пурсиш чӣ пурсиши хуб ва арзандае аст! Иттифоқан яке аз ҷанбаҳои эъҷозомези дини мубини ислом — ки ҳар мусалмони фаҳмида ва донишманде аз он эҳсоси ғурур ва ифтихор мекунад — ин аст, ки **ислом дар мавриди эҳтиёҷоти собити фардӣ ё иҷтимоӣ, қонунҳои собит ва дар мавриди эҳтиёҷоти муваққат ва мутағайир, вазъи мутағайире дар назар гирифтааст** ва мо ба ёрии Худованд, то андозае, ки бо ин силсиламақолот мутаносиб бошад шарҳ хоҳем дод.

# Худи замон бо чӣ чиз мунтабиқ шавад?

Аммо қабл аз он ки вориди ин мабҳас бишавем, зикри ду матлабро лозим медонам:

Яке ин ки аксари афроде, ки аз пешрафт ва такомул ва тағйири авзоъи замон дам мезананд, хаёл мекунанд, ҳар тағйире, ки дар авзоъи иҷтимоӣ пайдо мешавад, хусусан агар аз Мағрибзамин сарчашма гирифта бошад, бояд ба ҳисоби такомул ва пешрафт гузошт. Ва ин, аз гумроҳкунандатарин афкоре аст, ки доманагири мардуми имрӯз шудааст.

Ба хаёли ин гурӯҳ, чун васоил ва абзорҳои зиндагӣ рӯз ба рӯз иваз мешавад ва комилтар ҷойи ноқистарро мегирад ва чун илму санъат дар ҳоли пешрафт аст, пас тамоми тағйироте, ки дар зиндагии инсонҳо пайдо мешавад, навъе пешрафт аст ва бояд истиқбол кард, балки ҷабри замон аст ва хоҳ нохоҳ ҷойи худро боз мекунад, дар сурате, ки на ҳамаи тағйирот натиҷаи мустақими илму санъат аст ва на зарурат ва ҷабре дар кор аст.

Дар ҳамон ҳоле, ки илм дар ҳоли пешравӣ аст, табиати ҳавасбоз ва дарандахӯйи башар ҳам бекор нест. Илм ва ақл, башарро ба сӯйи камол ҷилав мебарад ва табиати ҳавасбоз ва дарандаи хӯйи башар саъй дорад башарро ба сӯйи фасод ва инҳироф бикашонад. Табиати ҳавасбоз ва дарандахӯ ҳамвора саъй дорад илмро ба сурати абзоре барои худ дароварад ва дар хидмати ҳавасҳои шаҳавонӣ ва ҳайвонии худ бигуморад.

Замон, ҳамон тавре, ки пешравӣ ва такомул дорад, фасод ва инҳироф ҳам дорад. Бояд бо пешрафти замон пешравӣ кард ва бо фасод ва инҳирофи замон ҳам бояд мубориза кард. Муслеҳ ва муртаҷеъ ҳар ду алайҳи замон қиём мекунанд, бо ин тафовут, ки муслеҳ алайҳи инҳирофи замон ва муртаҷеъ алайҳи пешрафти замон қиём мекунад.

Агар замон ва тағйироти замонро миқёси куллии хубиҳо ва бадиҳо бидонем, пас худи замон ва тағйироти онро бо чӣ миқёсе андозагирӣ кунем? Агар ҳама чизро бо замон бояд татбиқ кунем, худи замонро бо чӣ чизе татбиқ диҳем? Агар башар бояд дастбаста дар ҳама чиз тобеъи замон ва тағйироти замон бошад, пас нақши фаъол ва халлоқ ва созандаи иродаи башар куҷо рафт?

Инсон, ки бар маркаби замон савор аст ва дар ҳоли ҳаракат аст, набояд аз ҳидоят ва раҳбарии ин маркаб оне ғафлат кунад. Онон, ки ҳама аз тағйироти замон дам мезананд ва аз ҳидоят ва раҳбарии замон ғофиланд, нақши фаъоли инсонро фаромӯш кардаанд ва монанди аспсаворе ҳастанд, ки худро дар ихтиёри асп қарор додааст.

## Интибоқ ё насх?

Матлаби дуввуме, ки лозим аст дар инҷо ёдоварӣ кунам ин аст, ки баъзе аз афрод мушкили “ислом ва муқтазаёт замон”-ро бо формулаи бисёр содда ва осоне ҳал

кардаанд, мегӯянд, дини ислом як дини ҷовидонӣ аст ва бо ҳар асру замоне қобили интибоқ аст.

Ҳамин ки мепурсем, кайфияти ин интибоқ чӣ гуна аст ва формулаи он чист? Мегӯянд: агар дидем авзоъи замон иваз шуд, фавран он қонунҳоро насх мекунем ва қонуни дигар ба ҷойи онҳо вазъ мекунем!

Нависандаи "40 пешниҳод" ин мушкилро ба ҳамин сурат ҳал кардааст; мегӯяд:

"*Қонунҳои дунявии адён бояд ҳолати нармиш ва инъитоф дошта ва бо пешрафти илму дониш ва тавсиаи тамаддун, ҳамоҳанг ва созгор бошад ва ин қабил нармишҳо ва инъитоф ва қобили татбиқ ба иқтизои замон будан на танҳо бар хилофи таъолими олии ислом нест, балки мутобиқи руҳи он мебошад." (Маҷаллаи "Зани рӯз", шумораи 90, сафҳаи 75*)

Нависандаи мазбур, дар қабл ва баъди ин ҷумлаҳо мегӯяд: чун муқтазаёти замон дар тағйир аст ва ҳар замоне қонуни навине эҷоб мекунад ва қонунҳои маданӣ ва иҷтимоии ислом мутаносиб аст бо зиндагии соддаи араби ҷоҳилият ва ғолибан айни русуму одоти араби ҷоҳилӣ аст ва бо замони ҳозир татбиқ намекунад, пас бояд қонунҳои дигаре имрӯз ба ҷойи онҳо вазъ шавад.

Аз ин гуна ашхос бояд бипурсед: агар маънии қобилияти интибоқ бо замон, қобилияти он барои мансух шудан аст, кадом қонун аст, ки ин нармиш ва инъитофро надорад? Кадом қонун аст, ки ба ин маънӣ қобили интибоқ бо замон нест?!

Ин тавҷеҳ барои нармиш ва қобилияти интибоқи ислом бо замон, дуруст мисли ин аст, ки касе бигӯяд: китоб ва китобхона беҳтарин василаи лаззат бурдан аз умр аст. Аммо ҳамин ки аз ӯ тавзеҳ бихоҳед, бигӯяд: барои ин ки инсон ҳар вақт ҳаваси кайфу лаззат бикунад, фавран китобҳоро ҳароҷ мекунад ва пули онҳоро сарфи бисоти айшу нӯш мекунад.

Нависандаи мазбур мегӯяд:

"*Таълимоти ислом бар се қисм аст: қисми аввал, усули ақоид аст аз қабили тавҳид ва нубувват ва маъод ва ғайра. Қисми дуввум, ибодот аст аз қабили муқаддимот ва муқориноти намоз ва рӯза ва вузӯ ва таҳорат ва ҳаҷ ва ғайра. Қисми севвум, қонунҳое аст, ки ба зиндагии мардум марбут аст.*

*Қисми аввал ва дуввум ҷузъи дин аст ва он чизе, ки мардум бояд барои ҳамеша барои худ ҳифз кунанд, ҳамонҳо ҳастанд. Аммо қисми севвум ҷузъи дин нест, зеро дин бо зиндагии мардум сару кор надорад ва пайғамбар ҳам*

*ин қонунҳоро ба унвони ин ки ҷузъи дин аст ва марбут ба вазифаи рисолат аст наёварда, балки чун иттифоқан он ҳазрат зимомдор буд, ба ин масоил ҳам пардохт, вагарна шаъни дин фақат ин аст, ки мардумро ба ибодат ва намоз ва рӯза водор кунад. Динро бо зиндагии дунёи мардум чӣ кор?*"

Ман наметавонам бовар кунам, як нафар дар як кишвари исломӣ зиндагӣ кунад ва ин андоза аз мантиқи ислом бехабар бошад.

Магар Қуръон ҳадафи анбиё ва мурсалинро баён накардааст?! Магар Қуръон дар камоли сароҳат намегӯяд:

لَقَدْ أَرْسَلْنا رُسُلَنا بِالْبَيِّناتِ وَأَنْزَلْنا مَعَهُمُ الْكِتابَ وَالْمِيزانَ لِيَقُومَ النّاسُ بِالْقِسْطِ

(*Ҳадид/25*) Мо ҳамаи паёмбаронро бо далоили равшан фиристодем ва бо онҳо китоб ва миқёс фуруд овардем, то мардум ба адолат қиём кунанд. Қуръон адолати иҷтимоиро ба унвони як ҳадафи аслӣ барои ҳамаи анбиё зикр мекунад.

Агар мехоҳед ба Қуръон амал накунед, чаро гуноҳи бузургтаре муртакиб мешавед ва ба ислом ва Қуръон тӯҳмат мезанед? Аксари бадбахтииҳое, ки имрӯз гиребонгири башар шуда, аз ҳамин ҷост, ки ахлоқ ва қонун ягона пуштвонаи худро, ки дин аст аз даст додаанд.

Мо бо ин нағма, ки ислом хуб аст, аммо ба шарти ин ки маҳдуд ба масоҷид ва маъобид бошад ва ба иҷтимоъ коре надошта бошад, дар ҳудуди ним қарн аст, ки ошноем. Ин нағма аз моварои марзҳои кишварҳои исломӣ баланд шуда ва дар ҳамаи кишварҳои исломӣ таблиғ шудааст. Бигузоред ман ин ҷумларо ба забони соддатар ва форситар тафсир кунам, то мақсуди гӯяндагони аслии онро беҳтар тавзеҳ диҳам.

Хулосаи маънии он ин аст: "*Ислом то он ҷо, ки дар баробари коммунизм биистад ва ҷилави онро бигирад, бояд бимонад, аммо он ҷо, ки бо манофеъи ғарб тамос дорад, бояд биравад.*"

Муқаррарот ибодии ислом аз назари мардуми Мағрибзамин бояд боқӣ бошад, то дар мавоқеъи лузум битавон мардумро алайҳи коммунизм ба унвони як системаи илҳодӣ ва зидди Худо ба ҳаракат овард. Аммо муқаррароти иҷтимоии исломӣ, ки фалсафаи зиндагии мардуми мусалмон ба шумор меравад ва мусалмонон бо доштани онҳо дар муқобили мардуми Мағрибзамин эҳсоси истиқлол ва шахсият мекунанд ва монеъи ҳазм шудани онҳо дар ҳозимаи ҳариси Мағрибзамин аст, бояд аз миён биравад.

Мутаассифона ибдоъкунандагони ин тез кӯр хондаанд!

Аввалан, 14 қарн аст, ки Қуръон асли:

نُؤْمِنُ بِبَعْضٍ وَنَكْفُرُ بِبَعْضٍ

— ро аз эътибор андохтааст ва эълом доштааст, ки муқаррароти ислом тафкикнопазир аст.

Сонияи, гумон мекунам, вақти он расидааст, ки мардуми мусалмон, дигар фиреби ин найрангҳоро нахӯранд. Қувваи наққодии мардум каму беш бедор шудааст ва тадриҷан миёни мазоҳири пешрафт ва тараққӣ, ки маҳсули шукуфтани нерӯи илмӣ ва фикрии башар аст ва миёни мазоҳири фасод ва инҳироф ҳарчанд аз Мағриб сарчашма гирифта бошад, фарқ мегузоранд.

Мардуми сарзаминҳои исломӣ беш аз пеш ба арзиши таълимоти исломӣ пай бурдаанд ва ташхис додаанд ягона фалсафаи мустақилли зиндагии онҳо ислом ва муқаррароти исломӣ аст ва бо ҳеч қимате онро аз даст нахоҳанд дод. Мардуми мусалмон пай бурдаанд, ки таблиғ алайҳи қонунҳои исломӣ ҷуз як найранги истеъморӣ нест.

Солисан, ибдоъкунандагони ин тез бояд бидонанд, ислом ҳангоме қодир аст дар муқобили як системаи илҳодӣ ё ғайриилҳодӣ муқовамат кунад, ки ба сурати як фалсафаи зиндагӣ бар иҷтимоъ ҳукумат кунад ва ба гӯшаи масоҷид ва маъобид маҳдуд набошад. Исломе, ки ӯро ба гӯшаи маъобид ва масоҷид маҳсур карда бошанд, ҳамон тавре, ки майдонро барои афкори ғарбӣ холӣ мекунад, барои афкори зидди ғарбӣ низ холӣ хоҳад кард. Ғаромате, ки имрӯз ғарб дар бархе кишварҳои исломӣ мепардозад, самараи ҳамин иштибоҳ аст.

## Ислом ва таҷаддуди зиндагӣ (2)

Инсон танҳо ҷондоре нест, ки иҷтимоӣ зиндагӣ мекунад; бисёре аз ҳайвонот бахусус ҳашарот зиндагии иҷтимоӣ доранд ва аз як силсила муқаррарот ва низомоти ҳакимона пайравӣ мекунанд; усули таовун, тақсими кор, тавлид ва тавзеъ, фармондеҳӣ ва фармонбарӣ, амр ва итоъат бар иҷтимоъи онҳо ҳукмфармост.

Занбӯри асал ва баъзе аз мӯрчаҳо ва мӯриёнаҳо аз тамаддун ва низомот ва ташкилоте бархӯрдоранд, ки солҳо балки қарнҳо бояд бигузарад, то инсон — ки худро ашрафи махлуқот мешуморад — ба пояи онҳо бирасад.

Тамаддуни онҳо, бар хилофи тамаддуни башар, адворе аз қабили аҳди ҷангал, аҳди ҳаҷар, аҳди оҳан, аҳди атом тай накардааст. Онҳо аз аввале, ки по ба ин дунё гузоштаанд, дорои ҳамин тамаддун ва ташкилот будаанд, ки имрӯз ҳастанд ва тағйире дар авзоъи онҳо рух надодааст. Ин инсон аст, ки ба мисдоқи:

وَخُلِقَ الْإِنْسَانُ ضَعِيفاً

(*Нисо/28*) зиндагиаш аз сифр шурӯъ шуда ва ба сӯйи бениҳоят пеш меравад.

Барои ҳайвонот муқтазаёти замон ҳамеша як ҷур аст; иқтизоҳои замон зиндагии онҳоро дигаргун намекунад. Барои онҳо таҷаддудхоҳӣ ва навпарастӣ маънӣ надорад, ҷаҳони наву кӯҳна вуҷуд надорад. Илм барои онҳо ҳар рӯз кашфи тозае намекунад ва авзоъи онҳоро дигаргун намесозад, санойеъи сабуку сангин ҳар рӯз ба шакли ҷадидтар ва комилтаре ба бозори онҳо намеояд. Чаро? Чун бо ғариза зиндагӣ мекунанд, на бо ақл.

Аммо инсон. Зиндагии иҷтимоии инсон доиман дастхуши тағйиру таҳаввул аст. Ҳар қарне барои инсон дунё иваз мешавад. Рози ашрафи махлуқот будани инсон ҳам дар ҳамин ҷост.

Инсон фарзанди болиғу рашиди табиат аст; ба марҳилае расидааст, ки дигар ниёзе ба қаймумат ва сарпарастии мустақими табиат — ба ин ки нерӯи essmармузе ба номи “ғариза” ӯро ҳидоят кунад — надорад. Ӯ бо ақл зиндагӣ мекунад, на бо ғариза.

Табиат, инсонро болиғ шинохта ва озод гузошта ва сарпарастии худро аз ӯ бардоштааст. Он ҷиро ҳайвон бо ғариза ва бо қонуни табиии ғайриқобили сарпечӣ анҷом медиҳад, инсон бо нерӯи ақл ва илм ва бо қонунҳои вазъӣ ва ташреъӣ, ки қобили сарпечӣ аст бояд анҷом диҳад.

Рози фасодҳо ва инҳирофҳое, ки инсонҳо аз масири пешрафт ва такомул пайдо мекунанд, рози таваққуфҳо ва инҳитотҳо, рози сукутҳо ва ҳалокатҳо низ дар ҳамин ҷост. Барои инсон ҳамон тавр, ки роҳи пешрафт ва тараққӣ боз аст, роҳи фасод ва инҳироф ва сукут ҳам баста нест.

Инсон расида ба он марҳила, ки ба таъбири Қуръони Карим, бори амонате, ки осмонҳо ва замин ва кӯҳҳо натавонистанд кашид, ба дӯш бигирад, яъне зиндагии озодро бипазирад ва масъулияти таклиф ва вазифа ва қонунро қабул кунад ва ба ҳамин далел аз зулму ҷаҳл, аз худпарастӣ ва иштибоҳкорӣ низ масун нест.

Қуръони Карим он ҷо, ки ин истеъдоди аҷиби инсонро дар таҳаммули амонати таклиф ва вазифа баён мекунад, билофосила ӯро бо сифатҳои “залум” ва “ҷаҳул” низ тавсиф менамояд.

Ин ду истеъдод дар инсон, истеъдоди такомул ва истеъдоди инҳироф, аз якдигар тафкикнопазиранд. Инсон монанди ҳайвон нест, ки дар зиндагии иҷтимоӣ на ба ҷилав биравад ва на ба ақиб, на ба чап биравад ва на ба рост. Дар зиндагии инсонҳо гоҳе пешравӣ аст ва гоҳе ақибгард. Дар зиндагии инсонҳо агар ҳаракат ва суръат ҳаст, таваққуф ва инҳитот ҳам ҳаст, агар пешрафт ва такомул ҳаст, фасод ва инҳироф ҳам ҳаст,

агар адолат ва некӣ ҳаст, зулм ва таҷовуз ҳам ҳаст, агар мазоҳири илм ва ақл ҳаст, мазоҳири ҷаҳл ва ҳавопарастӣ ҳам ҳаст.

Тағйирот ва падидаҳои наве, ки дар замон пайдо мешавад, мумкин аст аз қисми дуввум бошад.

## Ҷомидҳо ва ҷоҳилҳо

Аз ҷумлаи хоссиятҳои башар, ифроту тафрит аст. Инсон агар дар ҳадди эътидол биистад, кӯшиш мекунад миёни тағйироти навъи аввал ва навъи дуввум тафкик кунад; кӯшиш мекунад замонро бо нерӯи илму ибтикор ва саъю амал ҷилав бибарад; кӯшиш мекунад худро бо мазоҳири тараққӣ ва пешрафти замон татбиқ диҳад ва ҳам кӯшиш мекунад ҷилави инҳирофоти замонро бигирад ва аз ҳамранг шудан бо онҳо худро барканор дорад. Аммо мутаассифона ҳамеша ин тавр нест. Ду бемории хатарнок ҳамвора одамиро дар ин замина таҳдид мекунад: бемории ҷумуд ва бемории ҷаҳолат. Натиҷаи бемории аввал, таваққуф ва сукун ва бозмондан аз пешравӣ ва тавсиа аст. Ва натиҷаи бемории дуввум, сукут ва инҳироф аст.

Ҷомид аз ҳар чи нав аст мутанаффир аст ва ҷуз бо кӯҳна хӯ намегирад. Ва ҷоҳил ҳар падидаи навзуҳуреро ба номи муқтазаёти замон, ба номи таҷаддуд ва тараққӣ муваҷҷаҳ мешуморад.

Ҷомид ҳар тозаеро фасод ва инҳироф мехонад ва ҷоҳил ҳамаро якҷо ба ҳисоби тамаддун ва тавсиаи илму дониш мегузорад.

Ҷомид миёни ҳаста ва пӯста, васила ва ҳадаф фарқ намегузорад. Аз назари ӯ, дин маъмури ҳифзи осори бостонӣ аст. Аз назари ӯ, Қуръон нозил шудааст барои ин ки ҷараёни замонро мутаваққиф кунад ва авзоъи ҷаҳонро ба ҳамон ҳоле, ки ҳаст мехкӯб намояд. Аз назари ӯ, бо қалами най навиштан, аз қаламдони муқоваӣ истифода кардан, дар хазонаи ҳаммом шустушӯ кардан, бо даст ғизо хӯрдан, чароғи нафтӣ сӯхтан, ҷоҳил ва бесавод зистанро ба унвони шаъоири динӣ бояд ҳифз кард. Ҷоҳил баръакс, чашмдӯхта бибинад дар дунёи Мағриб чӣ мӯди тоза ва чӣ одати наве пайдо шудааст, ки фавран тақлид кунад ва номи таҷаддуд ва ҷабри замон рӯйи он бигузорад.

Ҷомид ва ҷоҳил муттафиқан фарз мекунанд, ки ҳар вазъе, ки дар қадим будааст, ҷузъи масоил ва шаъоири динӣ аст, бо ин тафовут, ки ҷомид натиҷа мегирад ин шаъоирро бояд нигаҳдорӣ кард ва ҷоҳил натиҷа мегирад, асосан дини мулозим аст бо кӯҳнапарастӣ ва алоқа ба сукун ва субот.

Дар қуруни ахир масъалаи таноқузи илм ва дин дар миёни мардуми Мағрибзамин зиёд мавриди баҳсу гуфтугӯ воқеъ шудааст. Фикри таноқузи дин ва илм ду реша дорад: яке ин ки калисо порае аз масоили илмӣ ва фалсафии қадимро ба унвони масоили динӣ, ки аз ҷанбаи динӣ низ бояд ба онҳо мӯътақид буд пазируфта буд ва тараққиёти улум, хилофи онҳоро собит кард. Дигар аз ин роҳ, ки улум вазъи зиндагиро дигаргун кард ва шакли зиндагиро тағйир дод.

Ҷомидҳои мутадайиннамо ҳамон тавре, ки ба порае масоили фалсафӣ бечиҳат ранги мазҳабӣ доданд, шакли зоҳири моддии зиндагиро ҳам мехостанд ҷузъи қаламрави дин ба шумор оваранд. Афроди ҷоҳил ва бехабар низ тасаввур карданд, ки воқеан ҳамин тавр аст ва дин барои зиндагии моддии мардум шаклу сурати хоссе дар назар гирифтааст ва чун ба фатвои илм бояд шакли моддии зиндагиро иваз кард, пас илм фатвои мансухияти динро содир кардааст.

Ҷумуди дастаи аввал ва бехабарии дастаи дуввум, фикри мавҳуми таноқуз илм ва динро ба вуҷуд овард.

## Тамсили Қуръон

Ислом, дине аст пешрав ва пешбаранда. Қуръони Карим барои ин ки мусалмононро мутаваҷҷеҳ кунад, ки ҳамвора бояд дар партави ислом дар ҳоли рушду нумӯ ва такомул бошанд, масали меоварад.

Мегӯяд: масали пайравони Муҳаммад, масали донае аст, ки дар замин кошта шавад. Он дона ибтидо ба сурати барги нозуке аз замин медамад, сипас худро нерӯманд месозад, сипас рӯйи соқаи хеш меистад. Ончунон бо суръат ва қувват ин мароҳилро тай мекунад, ки кишоварзонро ба шигифт меоварад.

Ин масале аст аз ҷомеае, ки манзури Қуръон аст; намудоре аст аз он чи орзуи Қуръон аст. Қуръон иҷтимоеро пай рези мекунад, ки доиман дар ҳоли рушду тавсиа ва инбисоту густариш бошад.

Уилям Дюрант мегӯяд: ҳеч дине монанди ислом пайравони хешро ба нерӯмандӣ даъват накардааст. Таърихи садри ислом нишон дод, ки ислом чӣ қадр барои ин ки иҷтимоеро аз нав бисозад ва пеш бибарад, тавоност.

Ислом, ҳам бо ҷумуд мухолиф аст ва ҳам бо ҷаҳолат. Хатаре, ки мутаваҷҷеҳи ислом аст, ҳам аз ноҳияи ин даста аст ва ҳам аз ноҳияи он даста. Ҷумудҳо ва хушкмағзиҳо ва алоқа нишон додан ба ҳар шиори қадимӣ — ва ҳол он ки рабте ба дини муқаддаси ислом надорад — баҳона ба дасти мардуми ҷоҳил медиҳад, ки исломро мухолифи таҷаддуд ба

маънии воқеӣ бишуморанд. Ва аз тарафи дигар, тақлидҳо ва мӯдпарастиҳо ва ғарбзадагиҳо ва эътиқод ба ин ки саодати мардуми Машриқзамин дар ин аст, ки ҷисман ва руҳан ва зоҳиран ва ботинан фарангӣ бишаванд, тамоми одот ва одобу сунани онҳоро бипазиранд, қонунҳои маданӣ ва иҷтимоии худро кӯр-кӯрона бо қонунҳои онҳо татбиқ диҳанд, баҳонае ба дасти ҷомидҳо дода, ки ба ҳар вазъи ҷадиде бо чашми бадбинӣ бингаранд ва онро хатаре барои дин ва истиқлол ва шахсияти иҷтимоии миллаташон ба шумор оваранд.

Дар ин миён он ки бояд ғаромати иштибоҳи ҳар ду дастаро бипардозад, ислом аст. Ҷумуди ҷомидҳо ба ҷоҳилҳо майдони тохту тоз медиҳад ва ҷаҳолати ҷоҳилҳо ҷомидҳоро дар ақоиди хушкашон муттасилбтар мекунад.

Аҷабо! Ин ҷоҳилони мутамаддиннамо гумон мекунанд, замон "маъсум" аст. Магар тағйироти замон ҷуз ба дасти башар, ба дасти каси дигар сохта мешавад? Аз кай ва аз чӣ таърихе башар исмат аз хато пайдо кардааст, то тағйироти замон аз хато ва иштибоҳ маъсум бимонад?

Башар, ҳамон тавре, ки таҳти таъсири тамоюлоти илмӣ, ахлоқӣ, завқӣ, мазҳабӣ қарор дорад ва ҳар замон ибтикори тозае дар тариқи салоҳи башарият мекунад, таҳти таъсири тамоюлоти худпарастӣ, ҷоҳталабӣ, ҳавасронӣ, пулдӯстӣ, истисморгарӣ ҳам ҳаст. Башар ҳамон тавре, ки муваффақ ба кашфҳои тоза ва пайдо кардани роҳҳои беҳтар ва васоили беҳтар мешавад, аҳёнан дучори хато ва иштибоҳ ҳам мешавад. Аммо ҷоҳили худбохта ин ҳарфҳоро намефаҳмад; такяи каломаш ин аст, ки дунё имрӯз чунин аст, дунё имрӯз чунон аст.

Аҷибтар ин ки инҳо усули зиндагиро аз рӯйи кафш, кулоҳ ва либосашон қиёс мегиранд: чун кафшу кулоҳ наву кӯҳна дорад ва дар замоне, ки нав аст ва тоза аз қолаб даромада қимат дорад ва бояд харид ва пӯшид ва ҳамин ки кӯҳна шуд бояд онро дур андохт, пас ҳамаи ҳақоиқи олам аз ин қабил аст. Аз назари ин ҷоҳилон, хубу бад мафҳуме ҷуз наву кӯҳна надорад. Аз назари инҳо, феодализм (яъне ин ки як зӯрманд ба ноҳақ номи молик рӯйи худ бигузорад ва сари ҷойи худ бинишинад ва садҳо дасту бозу кор кунанд, ки даҳони он яке биҷунбад) ба ин далел бад аст, ки дигар кӯҳна шудааст, дунёи имрӯз námеписандад, давраaш гузашта ва аз "мӯд" афтодааст; аммо рӯзи аввале, ки пайдо шуд ва тоза аз қолаб даромада ва ба бозори ҷаҳон арза шуда буд, хуб буд.

Аз назари инҳо, истисмори зан бад аст, чун дунёи имрӯз дигар намеписандад ва зери бори он намеравад. Аммо дирӯз, ки ба зан ирс намедоданд, ҳаққи моликият барояш қоил набуданд, ирода ва ақидаашро мӯҳтарам намешумурданд, хуб буд, чун нав буд ва тоза ба бозор омада буд.

Аз назари ингуна афрод, чун аср асри фазост ва дигар наметавон ҳавопайморо гузошт ва улоғсаворӣ кард, баркро гузошт ва чароғи нафтӣ равшан кард, корхонаҳои азими ресандагиро гузошт ва бо чархи дастӣ нахресӣ кард, мошинҳои ғулпайкари чопро гузошт ва дастнависӣ кард, ҳамин тавр намешавад дар маҷолиси рақс ширкат накард, шорт напӯшид, арбадаи мастона накашид, зеро ҳамаи инҳо падидаи қарн мебошанд ва агар накунанд, ба асри улоғсаворӣ баргаштаанд.

Калимаи "падидаи қарн" чӣ афроди бисёреро бадбахт ва чӣ хонаводаҳои бешумореро муталошӣ намудааст.

Мегӯянд, асри илм аст, қарни атом аст, замони қамари масноъӣ аст, давраи фазопаймост. Бисёр хуб, мо ҳам Худоро шукр мекунем, ки дар ин асру замон ва дар ин қарну аҳд зиндагӣ мекунем ва орзу мекунем, ки ҳар чи бештар ва беҳтар аз имтиёзҳои улум ва санойеъ истифода кунем. Аммо оё дар ин аср ҳамаи сарчашмаҳо, ҷуз сарчашмаи илм, хушк шудааст? Тамоми падидаҳои ин қарн маҳсули пешрафтҳои илмӣ аст? Оё илм чунин иддаое дорад, ки табиати шахси олимро сад дар сад ром ва мутеъ ва инсонӣ бикунад?

Илм дар бораи шахси олим чунин иддаое надорад, то чӣ расад ба он ҷо, ки гурӯҳе олим ва донишманд бо камоли сафо ва хулуси ният ба кашфу ҷустуҷӯ мепардозанд ва гурӯҳҳои ҷоҳталаб, ҳавасрон, пулпараст, ҳосили заҳамоти илмии онҳоро дар роҳи мақосиди палиди худашон истихдом мекунанд. Нолаи илм ҳамвора аз ин ки мавриди суистифодаи табиати саркаши башар қарор мегирад, баланд аст. Гирифторӣ ва бадбахтии қарни мо ҳамин аст.

Илм дар ноҳияи физика пеш меравад ва қонунҳои нурро кашф мекунад. Гурӯҳе судҷӯ ҳаминро василаи таҳияи филмҳои хонумонбарандоз қарор медиҳанд. Илми химия ҷилав меравад ва хавосси таркиботи ашёро ба даст меоварад. Он гоҳ афроде ба фикри истифода меафтанд ва балое барои ҷони башар ба номи "героин" месозанд. Илм то даруни атом роҳ меёбад ва нерӯи шигифтангези атомро маҳор мекунад аммо пеш аз он ки кучактарин истифодае дар роҳи масолеҳи башар бишавад, ҷоҳталабони дунё аз он бомби атомӣ месозанд ва бар сари мардуми бегуноҳ мерезанд.

Вақте ба ифтихори Эйнштейн, донишманди бузурги қарни 20-ум, ҷашне бапо карданд, худи вай пушти минбар рафт ва гуфт: шумо барои касе ҷашн мегиред, ки дониши ӯ сабаби сохтани бомби атом шудааст?!

Эйнштейн нерӯи дониши худро ба хотири бомб ба кор наандохт; ҷоҳталабии гурӯҳе дигар аз дониши ӯ инчунин истифода кард.

Героин ва бомби атомӣ ва филмҳои чунину чунонро фақат ба далели ин ки “падидаи қарн” мебошанд, наметавон муваҷҷаҳ донист. Агар комилтарин бомбҳоро бо охирин навъ бомбафканҳо ба василаи зубдатарин таҳсилкардаҳо бар сари мардуми бегуноҳ бирезанд, аз ваҳшиёна будани ин кор заррае намекоҳад.

## Ислом ва таҷаддуди зиндагӣ (3)

Далели умдаи касоне, ки мегӯянд, дар ҳуқуқи хонаводагӣ бояд аз системҳои ғарбӣ пайравӣ кунем ин аст, ки вазъи замон тағйир карда ва муқтазаёти қарни 20-ум инчунин иқтизо мекунад.

Аз ин рӯ агар мо назари худро дар бораи ин масъала равшан накунем, баҳсҳои дигари мо ноқис хоҳад буд.

Агар бино бишавад таҳқиқи кофӣ ва мушбаъе (сере) дар ин масъала сурат гирад, ин силсиламақолот гунҷоиши онро надорад, зеро масоили зиёде бояд тарҳ ва баҳс шавад, ки баъзе фалсафӣ ва баъзе фиқҳӣ ва баъзе дигар ахлоқӣ ва иҷтимоӣ аст. Умедворам дар рисолае, ки дар назар дорам дар мавзӯъи “*Ислом ва муқтазаёти замон*” бингорам ва ёддоштҳояш омодааст, ҳамаи онҳоро баррасӣ ва дар ихтиёри алоқамандон бигузорам. Феълан кофӣ аст, ки ду матлаб равшан шавад:

Яке ин ки ҳамоҳангӣ бо тағйироти замон ба ин соддагӣ нест, ки муддаиёни бехабар пиндошта ва вирди забон сохтаанд. Дар замон, ҳам пешравӣ вуҷуд дорад ва ҳам инҳироф; бояд бо пешрафти замон пеш рафт ва бо инҳирофи замон мубориза кард. Барои ташхиси ин ду аз якдигар бояд дид, падидаҳо ва ҷараёнҳои наве, ки дар замон рух медиҳад аз чӣ манобеъе сарчашма мегирад ва ба сӯйи чӣ ҷиҳате ҷараён дорад; бояд дид, аз кадом тамоюл аз тамоюлоти вуҷуди одамиён ва аз кадом қишр аз қишрҳои иҷтимоъ сарчашма гирифтааст? Аз тамоюлоти олӣ ва инсонии инсонҳо ё аз тамоюлоти паст ва ҳайвонии онҳо? Оё уламо ва донишмандон ва таҳқиқоти беғаразонаи онҳо маншаъи ба вуҷуд омадани ин ҷараён аст ё ҳавасронӣ ва ҷоҳталабӣ ва пулпарастии қишрҳои фосиди иҷтимоъ? Ин матлаб дар ду мақолаи пеш равшан шуд.

## Розу рамзи таҳаррук ва инъитоф дар қонунҳои исломӣ

Матлаби дигаре, ки бояд равшан шавад ин аст, ки муфаккирони исломӣ ақида доранд, ки дар дини ислом розу рамзе вуҷуд дорад, ки ба ин дин хоссияти интибоқ бо тараққиёти замон бахшидааст; ақида доранд, ки ин дин бо пешрафтҳои замон ва тавсиаи фарҳанг ва тағйироти ҳосила аз тавсиа ҳамоҳанг аст. Акнун бояд бибинем, он розу рамз чист ва ба

иборати дигар, он “печу лӯлое”, ки дар сохтмони ин дин ба кор рафта ва ба он хоссияти таҳаррук бахшида, ки бидуни он ки ниёзе ба канор гузоштани яке аз дастурҳо бошад, метавонад бо авзоъи мутағайири ношӣ аз тавсиаи илм ва фарҳанг ҳамоҳангӣ кунад ва ҳеч гуна тасодуме миёни онҳо рух надиҳад, чист? Ин матлабе аст, ки дар ин мақола бояд равшан шавад.

Баъзе аз хонандагон таваҷҷӯҳ доранд ва худам беш аз ҳама мутаваҷҷеҳ ҳастам, ки ин матлаб ҷанбаи фаннӣ ва тахассусӣ дорад ва танҳо дар муҳити аҳли тахассус бояд тарҳ шавад. Аммо назар ба ин ки дар миёни пурсишкунандагон ва алоқамандони фаровони ин масъала — ки ҳамвора бо онҳо мувоҷеҳ ҳастем — афроди бадбин зиёданд ва бовар намекунанд, ки чунин хоссияте дар ислом вуҷуд дошта бошад, мо то ҳудуде, ки бадбинонро аз бадбинӣ хориҷ кунем ва барои дигарон намунае ба даст диҳем, вориди матлаб мешавем.

Хонандагони мӯҳтарам барои ин ки бидонанд ингуна баҳсҳо аз назари дурандеши уламои ислом дур намонда, метавонанд ба китоби бисёр нафиси “*Танбеҳул-умма*”, таълифи марҳум Оятуллоҳ Ноинӣ (Аълаллоҳу мақомаҳу!) ва ба мақолаи гаронбаҳои “*Вилоят ва заъомат*” ба қалами устод ва алломаи бузурги муосир оқои Таботабоӣ (Мудда зиллуҳу!), ки дар китоби “*Марҷаият ва руҳоният*” чоп шудааст ва ҳар ду китоб ба забони форсӣ аст муроҷеа намоянд.

Рози ин ки дини муқаддаси ислом бо қонунҳои собит ва лоятағайяре, ки дорад, бо тавсиаи тамаддун ва фарҳанг созгор аст ва бо суратҳои мутағайири зиндагӣ қобили интибоқ аст, чанд чиз аст ва мо қисмате аз онҳоро шарҳ медиҳем.

## Таваҷҷӯҳ ба руҳ ва маънӣ ва бетафовутӣ нисбат ба қолаб ва шакл

1. Ислом, ба шакли зоҳир ва сурати зиндагӣ, ки вобастагии томму тамоме ба мизони дониши башар дорад напардохтааст. Дастурҳои исломӣ марбут аст ба руҳ ва маънӣ ва ҳадафи зиндагӣ ва беҳтарин роҳе, ки башар бояд барои вусул ба он ҳадафҳо пеш бигирад. Илм на ҳадаф ва руҳи зиндагиро иваз мекунад ва на роҳи беҳтар ва наздиктар ва бехатартаре ба сӯйи ҳадафҳои зиндагӣ нишон додааст. Илм ҳамвора васоили беҳтар ва комилтаре барои таҳсили ҳадафҳои зиндагӣ ва паймудани роҳи вусул ба он ҳадафҳо дар ихтиёр қарор медиҳад.

Ислом бо қарор додани ҳадафҳо дар қаламрави худ ва вогузоштани шаклҳо ва суратҳо ва абзорҳо дар қаламрави илму фанн, аз ҳар гуна тасодуме бо тавсиаи фарҳанг ва

тамаддун парҳез кардааст; балки бо ташвиқ ба омилҳои тавсиаи тамаддун яъне илм ва кор ва тақво ва ирода ва ҳиммат ва истиқомат, худ нақши омили аслии пешрафти тамаддунро ба ӯҳда гирифтааст.

Ислом шохисҳое дар хатти сайри башар насб кардааст. Он шохисҳо аз тарафе масир ва мақсадро нишон медиҳад ва аз тарафи дигар бо аломати хатар инҳирофҳо ва сукутҳо ва табоҳиҳоро ироа медиҳад. Тамоми муқаррароти исломӣ ё аз навъи шохисҳои қисми аввал аст ва ё аз навъи шохисҳои қисми дуввум.

Васоил ва абзорҳои зиндагӣ дар ҳар асре бастагӣ дорад ба мизони маълумот ва иттилооти илмии башар. Ҳар андоза маълумот ва иттилоот тавсиа ёбад, абзорҳо комилтар мегарданд ва ҷойи ноқистарҳоро ба ҳукми ҷабри замон мегиранд.

Дар ислом як васила ва ё як шакли зоҳирӣ ва моддӣ наметавон ёфт, ки ҷанбаи "тақаддус" дошта бошад, то як нафар мусалмон худро муваззаф бидонад он васила ва шаклро барои ҳамеша ҳифз кунад.

Ислом нагуфта, ки хайётӣ, бофандагӣ, кишоварзӣ, ҳамлу нақл, ҷанг ва ё ҳар коре дигар аз ин қабил бояд бо фалон абзори махсус бошад, то бо пешрафти илм, ки он абзор мансух мегардад миёни илм ва дастури ислом тазодд ва таноқузе пайдо шавад. Ислом на барои кафш ва либос мӯди хоссе оварда ва на барои сохтмонҳо сабки муайяне дар назар гирифта ва на барои тавлид ва тавзеъ, абзорҳои махсусе муайян кардааст.

Ин яке аз ҷиҳоте аст, ки кори интибоқи ин динро бо тараққиёти замон осон кардааст.

## Қонуни собит барои эҳтиёҷи собит ва қонуни мутағайир барои эҳтиёҷи мутағайир

2. Яке дигар аз хусусиёти дини ислом, ки аҳаммияти фаровоне дорад ин аст, ки барои эҳтиёҷоти собити башар қонунҳои собит ва барои эҳтиёҷоти мутағайири вай вазъи мутағайире дар назар гирифтааст. Порае аз эҳтиёҷот, чӣ дар заминаи фардӣ ва шахсӣ ва чӣ дар заминаҳои умумӣ ва иҷтимоӣ, вазъи собите дорад, дар ҳамаи замонҳо яксон аст. Он низоме, ки башар бояд ба ғароизи худ бидиҳад ва он низоме, ки бояд ба иҷтимоъи худ бидиҳад, аз назари усул (ва) куллиёт дар ҳамаи замонҳо яксон аст.

Ман ба масъалаи "нисбияти ахлоқ" ва масъалаи "нисбияти адолат", ки тарафдороне доранд воқифам ва бо таваҷҷӯҳ ба назариёти тарафдорони онҳо ақидаи худро изҳор мекунам.

Қисмате дигар аз эҳтиёҷоти башар эҳтиёҷоти мутағайир аст ва қонунҳои мутағайир ва нособитеро эҷоб мекунад. Ислом дар бораи ин эҳтиёҷоти мутағайир вазъи мутағайире

дар назар гирифтааст, аз ин роҳ, ки авзоъи мутағайирро бо усули собите марбут кардааст ва он усули собит дар ҳар вазъи мутағайире қонуни фаръии хоссеро ба вуҷуд меоварад. Ман ин матлабро беш аз ин дар ин мақола наметавонам тавзеҳ бидиҳам, аммо зеҳни хонандагони мӯҳтарамро бо зикри чанд мисол метавонам равшан кунам:
Дар ислом як асли иҷтимоӣ ҳаст ба ин сурат:

وَأَعِدُّوا لَهُمْ مَا اسْتَطَعْتُمْ مِنْ قُوَّةٍ

(*Анфол/60*) Яъне эй мусалмонон! То охирин ҳадди имкон дар баробари душман нерӯ таҳия кунед. Аз тарафи дигар, дар суннати пайғамбар як силсила дастурҳо расидааст, ки дар фиқҳ ба номи “сабқ ва римоя” маъруф аст. Дастур расидааст, ки худ ва фарзандонатон то ҳадди маҳорати комил, фунуни аспсаворӣ ва тирандозиро ёд бигиред. Аспдавонӣ ва тирандозӣ ҷузъи фунуни низомии он аср будааст. Бисёр возеҳ аст, ки реша ва асли қонуни “сабқ ва римоя” асли:

وَأَعِدُّوا لَهُمْ مَا اسْتَطَعْتُمْ مِنْ قُوَّةٍ

— аст, яъне тиру шамшеру найза ва камону қотиру асп аз назари ислом асолат надорад; он чи асолат дорад, нерӯманд будан аст, он чи асолат дорад ин аст, ки мусалмонон дар ҳар асру замоне бояд, то охирин ҳадди имкон аз лиҳози қувваҳои низомӣ ва дифоъӣ дар баробари душман нерӯманд бошанд. Лузуми маҳорат дар тирандозӣ ва аспдавонӣ ҷомае аст, ки ба тан лузуми нерӯмандӣ пӯшонида шудааст ва ба иборати дигар, шакли иҷрои он аст. Лузуми нерӯмандӣ дар муқобили душман, қонуни собите аст, ки аз эҳтиёҷи собит ва доимӣ сарчашма гирифтааст.
Аммо лузуми маҳорат дар тирандозӣ ва аспдавонӣ мазҳари як эҳтиёҷи муваққат ва мутағайир аст ва ба таносуби асру замон тағйир мекунад ва бо тағйири шароити тамаддун чизҳои дигар аз қабили таҳияи силоҳҳои гарми имрӯзӣ ва маҳорат ва тахассус дар ба кор бурдани онҳо ҷойи онҳоро мегирад.
Мисоли дигар: асли иҷтимоии дигаре дар Қуръон баён шуда, ки ба мубодилаи сарват марбут аст. Ислом асли моликияти фардиро пазируфтааст ва албатта миёни он чи ислом ба номи моликият мепазирад, бо он чи дар дунёи сармоядорӣ мегузарад, тафовутҳое вуҷуд дорад, ки акнун ҷойи гуфтугӯ дар онҳо нест. Лозимаи моликияти фардӣ “мубодила” аст.
Ислом барои “мубодила” усуле муқаррар кардааст, ки аз он ҷумла ин асл аст:

وَلا تَأْكُلُوا أَمْوالَكُمْ بَيْنَكُمْ بِالْباطِلِ

(*Бақара/188*) Яъне сарватро беҳуда дар миёни худ ба ҷараён наяндозед, яъне молу сарват, ки даст ба даст мегардад ва аз дасти тавлидкунанда ва соҳибихтиёри аввал хориҷ шуда ба дасти дигаре меафтад ва аз дасти он дигаре ба дасти севвуме меафтад, бояд дар муқобили фоидаи машрӯъе бошад, ки ба соҳиби сарват оид мешавад. Даст ба даст шудани сарват бидуни он ки як фоидае, ки арзиши инсонӣ дошта бошад оиди соҳиб сарват бишавад, мамнӯъ аст. Ислом моликиятро мусовӣ бо ихтиёри мутлақ намедонад.
Аз тарафи дигар, дар муқаррарот исломӣ тасреҳ шуда, ки хариду фурӯши баъзе чизҳо аз он ҷумла хун ва мадфуъи инсон мамнӯъ аст, чаро? Чун хуни инсон ё гӯсфанд масрафи муфиде, ки онҳоро боарзиш кунад ва ҷузъи сарвати инсон қарор диҳад надоштааст. Решаи мамнӯъияти хариду фурӯши хун ва мадфуъ, асли:

وَلا تَأْكُلُوا أَمْوالَكُمْ بَيْنَكُمْ بِالْباطِلِ

— аст.
Мамнӯъияти хун ва мадфуъ аз назари ислом асолат надорад; он чи асолат дорад ин аст, ки мубодила бояд миёни ду шайъи муфид ба ҳоли башар сурат бигирад. Мамнӯъияти амсоли хун ва мадфуъи инсон ҷомае аст, ки ба тани мамнӯъияти гардиши беҳудаи сарват пӯшонида шудааст, ба иборати дигар, шакли иҷрои асли:

وَلا تَأْكُلُوا أَمْوالَكُمْ بَيْنَكُمْ بِالْباطِلِ

— аст; балки агар пойи мубодила ҳам дар миён набошад, ҳеч сарватеро наметавон беҳуда аз дигаре тамаллук кард ва ба масраф расонид.
Ин асл як асли собит ва ҳамазамонӣ аст ва аз эҳтиёҷи иҷтимоии собите сарчашма гирифтааст, аммо ин ки хун ва мадфуъ сарват шумурда нашавад ва қобили мубодила набошад, марбут аст ба асру замон ва дараҷаи тамаддун ва бо тағйири шароит ва пешрафти улум ва санойеъ ва имкони истифодаҳои саҳеҳ ва муфиде аз онҳо, тағйир ҳукм медиҳанд.
Мисоли дигар: амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом дар охирҳои умр бо ин ки мӯяш сафед шуда буд, ранг намебаст, маҳосинаш ҳамчунон сафед буд. Шахсе ба он ҳазрати гуфт: магар Пайғамбари Акрам дастур надод, ки: “мӯйи сафедро бо ранг бипӯшонед” ? Фармуд: бале. Гуфт: пас чаро ту ранг намебандӣ? Фармуд: дар он вақт, ки Пайғамбари Акрам ин дастурро дод, мусалмонон аз лиҳози адад андак буданд. Дар миёни онҳо иддае пирамард вуҷуд дошт, ки дар ҷангҳо ширкат мекарданд. Душман, ки ба саффи сарбозони мусалмон назар меафканд ва он пирамардони сафедмӯро медид, итминони руҳӣ пайдо

мекард, ки бо иддае пирамард тараф аст ва руҳияаш қавӣ мешуд. Пайғамбари Акрам дастур дод, ки ранг бибанданд, то душман ба пирии онҳо пай набарад. Он гоҳ Алӣ фармуд: ин дастурро Пайғамбари Акрам дар вақте содир кард, ки адади мусалмонон кам буд ва лозим буд аз ин гуна васоил низ истифода шавад, аммо имрӯз, ки ислом саросари ҷаҳонро фаро гирифтааст, ниёзе ба ин кор нест. Ҳар касе озод аст, ки ранг бибандад ё ранг набандад.

Аз назари Алӣ алайҳис салом дастури Пайғамбари Акрам ба ин ки "ранг бибандед", асолат надоштааст, шакли иҷрои дастури дигаре будааст, ҷомае будааст, ки ба тани як қонуни аслӣ яъне кӯмак накардан ба тақвияти руҳияи душман пӯшонида шуда будааст.

Ислом, ҳам ба шаклу зоҳир ва пӯста аҳаммият медиҳад ва ҳам ба руҳ ва ботин ва мағз, аммо ҳамвора шаклу зоҳирро барои руҳ ва ботин, пӯстаро барои ҳаста, қишрро барои мағз ва ҷомаро барои тан мехоҳад.

## Масъалаи тағйири хатт

Имрӯз дар кишвари мо масъалае матраҳ аст ба номи "тағйири хатт". Ин масъала ҳамчунон, ки аз назари забон ва адаби форсӣ қобили баррасӣ аст, аз назари усули исломӣ низ қобили баррасӣ аст. Ин масъаларо аз назари исломӣ ба ду шакл метавон тарҳ кард: яке ба ин шакл, ки оё ислом алифбои махсусе дорад ва миёни алифбоҳо фарқ мегузорад? Оё ислом алифбои имрӯзи моро, ки ба номи алифбои арабӣ маъруф аст, аз они худ медонад ва алифбоҳои дигарро монанди алифбои лотин бегона мешуморад? Албатта на. Аз назари ислом, ки як дини ҷаҳонӣ аст, ҳамаи алифбоҳо алассавийя (баробар) аст.

Шакли дигари ин масъала ин аст, ки тағйири хатт ва алифбо чӣ таъсире дар ҷазб шудан ва ҳазм шудани миллати мусалмон дар бегонагон дорад? Чӣ таъсире дар қатъи равобити ин миллат бо фарҳанги худаш дорад, ки ба ҳар ҳол маорифи исломӣ ва илмии худро дар тӯли 14 қарн бо ин алифбо навиштааст? Ва оё нақшаи тағйири хатт ба дасти чӣ касоне тарҳ шуда ва чӣ касоне муҷрии он мебошанд? Инҳост, ки бояд баррасӣ шавад.

## Туфайлигарӣ ҳаром аст, на кулоҳ лаганӣ

Амсоли ман гоҳе бо суолоте мувоҷеҳ мешавем, ки бо лаҳни таҳқир ва масхараомезӣ мепурсанд: оқо! Савора (истода) ғизо хӯрдан шаръан чӣ сурате дорад?! Бо қошуқу чангол хӯрдан чӣ тавр?! Оё кулоҳи лаганӣ (шляпа) ба сар гузоштан ҳаром аст?! Оё истеъмоли луғати бегона ҳаром аст?!..

Дар ҷавоби инҳо мегӯем: ислом дастури хоссе дар ин маворид наёвардааст. Ислом на гуфта бо даст ғизо бихӯр ва на гуфта бо қошуқ бихӯр; гуфта ба ҳар ҳол назофатро риоят кун. Аз назари кафшу кулоҳ ва либос низ ислом мӯди махсусе наёвардааст. Аз назари ислом забони англисӣ ва японӣ ва форсӣ яке аст. Аммо…

Аммо ислом як чизи дигар гуфтааст; гуфта шахсият бохтан ҳаром аст, маръуби дигарон шудан ҳаром аст, тақлиди кӯр-кӯрона кардан ҳаром аст, ҳазм шудан ва маҳв шудан дар дигарон ҳаром аст, туфайлигарӣ ҳаром аст, афсун шудан дар муқобили бегона (монанди харгӯше, ки дар муқобили мор афсун мешавад) ҳаром аст, улоғи мурдаи бегонаро қотир пиндоштан ҳаром аст, инҳирофот ва бадбахтиҳои онҳоро ба номи "падидаи қарн" ҷазб кардан ҳаром аст, эътиқод ба ин ки эронӣ бояд ҷисман ва руҳан ва зоҳиран ва ботинан фарангӣ бишавад ҳаром аст, чаҳор сабоҳ ба Париж рафтан ва махраҷи "ро"-ро ба махраҷи "ғин" табдил кардан ва ба ҷойи "рафтам" "ғафтам" гуфтан ҳаром аст.

## Масъалаи аҳамму муҳим

3. Яке дигар аз ҷиҳоте, ки ба ислом имкони интибоқ бо муқтазаёти замон медиҳад, ҷанбаи ақлонии дастурҳои ин дин аст. Ислом ба пайравони худ эълом кардааст, ки ҳамаи дастурҳои ӯ ношӣ аз як силсила масолеҳи олия аст ва аз тарафи дигар дар худи ислом дараҷаи аҳаммияти маслиҳатҳо баён шудааст. Ин ҷиҳат, кори коршиносони воқеии исломро дар заминаҳое, ки масолеҳи гуногуне дар хилофи ҷиҳати якдигар падид меоянд осон мекунад.

Ислом иҷоза додааст, ки дар ин гуна маворид коршиносони исломӣ дараҷаи аҳаммияти маслиҳатҳоро бисанҷанд ва бо таваҷҷӯҳ ба роҳнамоиҳое, ки худи ислом кардааст маслиҳатҳои муҳимтарро интихоб кунанд. Фуқаҳо ин қоъидаро ба номи "аҳамму муҳим" меноманд. Дар инҷо низ мисолҳои зиёде дорам, аммо аз зикри онҳо сарфи назар мекунам.

## Қонунҳое, ки ҳаққи "вето" доранд

4. Яке дигар аз ҷиҳоте, ки ба ин дин хоссияти таҳаррук ва интибоқ бахшида ва онро зинда ва ҷовид нигаҳ медорад ин аст, ки як силсила қоъидаҳо ва қонунҳо дар худи ин дин вазъ шуда, ки кори онҳо контрол ва таъдили қонунҳои дигар аст. Фуқаҳо ин қоъидаҳоро қоъидаҳои "ҳокима" меноманд, монанди қоъидаи "ло ҳараҷ" ва қоъидаи "ло зарар", ки бар саросари фиқҳ ҳукумат мекунанд. Кори ин силсила қоъидаҳо контрол ва

таъдили қонунҳои дигар аст. Дар ҳақиқат, ислом барои ин қоъидаҳо нисбат ба соири қонунҳо ва муқаррарот ҳаққи “вето” қоил шудааст.
Инҳо низ достони дарозе дорад, ки наметавонам вориди он бишавам.

## Ихтиёроти ҳоким

Илова бар он чи гуфта шуд, як силсила “печу лӯло”-ҳои дигар низ дар сохтмони дини муқаддаси ислом ба кор рафтааст, ки ба ин дин хоссияти абадият ва хотамият бахшидааст.
Марҳум Оятуллоҳ Ноинӣ ва ҳазрати Аллома Таботабоӣ дар ин ҷиҳат бештар бар рӯйи ихтиёроте, ки ислом ба ҳукумати солеҳаи исломӣ тафвиз кардааст такя кардаанд.

## Асли иҷтиҳод

Иқболи Покистонӣ мегӯяд: “Иҷтиҳод қувваи муҳаррикаи ислом аст”. Ин сухан сухани дурусте аст, аммо умда хоссияти “иҷтиҳодпазирӣ”-и ислом аст. Агар чизи дигаре ба ҷойи ислом бигузорем, мебинем кори иҷтиҳод чӣ қадр душвор аст, балки роҳи он бастааст. Умда ин аст, ки дар сохтмони ин дини аҷиби осмонӣ чӣ рамзҳое ба кор рафтааст, ки ингуна ба он хоссияти ҳамоҳангӣ бо пешрафти тамаддун додааст.
Бӯалӣ дар “Шифо” низ зарурати “иҷтиҳод”-ро рӯйи ҳамин асл баён мекунад ва мегӯяд:
“*Чун авзоъи замон мутағайир аст ва пайваста масоили ҷадиде пеш меояд, аз тарафи дигар усули куллии исломӣ собит ва лоятағайяр аст, зарурат дорад дар ҳамаи асрҳо ва замонҳо афроде бошанд, ки бо маърифат ва хибравияти комил дар масоили исломӣ ва бо таваҷҷӯҳ ба масоили наве, ки дар ҳар аср падид меоянд, посухгӯи эҳтиёҷоти мусалмонон буда бошанд.*”
Дар мутаммими Қонуни асосии Эрон низ чунин пешбинӣ шудааст, ки дар ҳар асре ҳайате аз муҷтаҳидин, ки камтар аз панҷ нафар набошанд ва “мутталеъ аз муқтазаёти замон” ҳам бошанд, бар қонунҳои мусавваба назорат намоянд. Манзури нависандагони ин модда ин будааст, ки ҳамвора афроде, ки на “ҷомид” бошанд ва на “ҷоҳил”, на мухолиф бо пешрафтҳои замон бошанд ва на тобеъ ва муқаллиди дигарон, бар қонунҳои мамалакатӣ назорат намоянд.
Нуктае, ки лозим аст тазаккур диҳам ин аст, ки “иҷтиҳод” ба мафҳуми воқеии калима, яъне тахассус ва коршиносии фаннӣ дар масоили исломӣ, чизе нест, ки ҳар “аз

мактабгурехтае” ба баҳонаи ин ки чанд сабоҳе дар яке аз ҳавзаҳои илмия ба сар бурдааст, битавонад иддао кунад.

Қатъан барои тахассус дар масоили исломӣ ва салоҳияти изҳори назар, як умр агар кам набошад зиёд нест, он ҳам ба шарти ин ки шахс аз завқ ва истеъдоди нерӯманде бархӯрдор ва тавфиқоти илоҳӣ шомили ҳолаш буда бошад.

Гузашта аз тахассус ва иҷтиҳод, афроде метавонанд марҷаъи раъю назар шинохта шаванд, ки аз ҳаддиаксари тақво ва Худошиносӣ ва Худотарсӣ баҳраманд буда бошанд.

Таърихи ислом афродеро нишон медиҳад, ки бо ҳамаи салоҳияти илмӣ ва ахлоқӣ ҳангоме, ки мехостаанд изҳори назаре бикунанд, монанд бед бар худ меларзидаанд.

Бори дигар аз хонандагони мӯҳтарам маъзарат мехоҳам, ки доманаи сухан дар ин баҳс ба ин матолиб кашид.

# Бахши чаҳорум: Мақоми инсонии зан аз назари Қуръон

** Ислом асли мусовоти инсонҳоро дар бораи зану мард низ риоят кардааст*

** Ислом бо тасовии ҳуқуқи зану мард мухолиф нест, бо ташобуҳи ҳуқуқи онҳо мухолиф аст*

** Ислом назариёти таҳқиромезе, ки нисбат ба зан вуҷуд дошта мансух кардааст*

** Қуръон дар достонҳои худ тавозунро ҳифз карда, қаҳрамонони достонҳоро мунҳасир ба мардон накардааст*

** Зан агар бихоҳад аз ҳуқуқи мусовӣ бо мард баҳраманд шавад, бояд мушобеҳати ҳуқуқӣ бо мардро аз миён бардорад*

** Уламои ислом бо табйини асли "адл", пояи фалсафаи ҳуқуқро бино ниҳоданд*

** Шарқӣ инсониятро дар гузашту некӣ мебинад ва ғарбӣ дар ба даст овардани ҳуқуқ*

** Эъломияи ҳуқуқи башар фалсафа аст, на қонун, бояд ба тасдиқи файласуфон бирасад, на ба тасвиби намояндагон*

** Эҳтиром ба инсон, ки асоси Эъломияи ҳуқуқи башар аст, аз дерзамон мавриди таъйиди шарқ ва ислом аст*

** Дунёи ғарб аз тарафе то охирин ҳадди мумкин мақоми инсониро пойин меоварад ва аз тарафи дигар ба номи ҳуқуқи башар эъломияи боло баланд содир мекунад*

** Бечорагиҳои башари имрӯз аз он аст, ки "худ"-ро аз ёд бурдааст*

** Эҳтироми инсон бо фалсафаи шарқ созгор аст, на бо фалсафаи ғарб*

# Мақоми инсонии зан аз назари Қуръон

Ислом занро чӣ гуна мавҷуде медонад? Оё аз назари шарофат ва ҳайсияти инсонӣ, ӯро баробар бо мард медонад ва ё ӯро ҷинси пасттар мешуморад? Ин пурсише аст, ки акнун мехоҳем ба посухи он бипардозем.

# Фалсафаи хосси ислом дар бораи ҳуқуқи хонаводагӣ

Ислом дар мавриди ҳуқуқи хонаводагии зану мард фалсафаи хоссе дорад, ки бо он чи дар 14 қарн пеш мегузашта ва бо он чи дар ҷаҳони имрӯз мегузарад, муғойирт дорад. Ислом барои зану мард дар ҳамаи маворид як навъ ҳуқуқ ва як навъ вазифа ва як навъ муҷозот қоил нашудааст; порае аз ҳуқуқ ва таколиф ва муҷозотҳоро барои мард муносибтар дониста ва порае аз онҳоро барои зан ва дар натиҷа дар мавориде барои зану мард вазъи мушобеҳ ва дар мавориди дигар вазъи номушобеҳе дар назар гирифтааст.
Чаро? Рӯйи чӣ ҳисобе? Оё бад-он ҷиҳат аст, ки ислом низ монанди бисёре аз мактабҳои дигар назариёти таҳқиромезе нисбат ба зан дошта ва занро ҷинси пасттар мешумурдааст ва ё иллат ва фалсафаи дигаре дорад?
Мукаррар дар нутқҳо ва суханрониҳо ва навиштаҳои пайравони системҳои ғарбӣ шунида ва хондаед, ки муқаррароти исломиро дар мавриди маҳр ва нафақа ва талоқ ва таъаддуди завাҷот ва амсоли инҳо, ба унвони таҳқир ва тавҳине нисбат ба ҷинси зан ёд кардаанд; чунин вонамуд мекунанд, ки ин умур ҳеч далеле надорад ҷуз ин ки фақат ҷониби мард риоят шудааст.
Мегӯянд, тамоми муқаррарот ва қонунҳои ҷаҳон қабл аз қарни 20-ум бар ин поя аст, ки мард ҷинсан шарифтар аз зан аст ва зан барои истифода ва истимтоъи мард офарида шудааст, ҳуқуқи исломӣ низ бар меҳвари масолеҳ ва манофеъи мард давр мезанад.
Мегӯянд, ислом дини мардон аст ва занро инсони тамомаёр нашинохта ва барои ӯ ҳуқуқе, ки барои як инсон лозим аст вазъ накардааст. Агар ислом занро инсони тамомаёр медонист, таъаддуди заваҷотро таҷвиз намекард, ҳаққи талоқро ба мард намедод, шаҳодати ду занро бо як мард баробар намекард, риёсати хонаводаро ба шавҳар намедод, ирси занро мусовӣ бо нисфи ирси мард намекард, барои зан қимат ба номи маҳр қоил намешуд, ба зан истиқлоли иқтисодӣ ва иҷтимоӣ медод ва ӯро ҷирахор ва воҷибуннафақаи мард қарор намедод. Инҳо мерасонад, ки ислом нисбат ба зан назариёти таҳқиромезе доштааст ва ӯро васила ва муқаддима барои мард медонистааст. Мегӯянд, ислом бо ин ки дини мусовот аст ва асли мусовотро дар ҷоҳои дигар риоят кардааст, дар мавриди зану мард риоят накардааст.

Мегӯянд, ислом барои мардон имтиёзи ҳуқуқӣ ва тарҷеҳи ҳуқуқӣ қоил шудааст ва агар имтиёз ва тарҷеҳи ҳуқуқӣ барои мардон қоил набуд, муқаррароти болоро вазъ намекард. Агар бихоҳем ба истидлоли ин оқоён шакли мантиқии арастуӣ бидиҳем, ба ин сурат дармеояд: агар ислом занро инсони тамомаёр медонист, ҳуқуқи мушобеҳ ва мусовӣ бо мард барои ӯ вазъ мекард, лекин ҳуқуқи мушобеҳ ва мусовӣ барои ӯ қоил нест, пас занро як инсони воқеӣ намешуморад.

## Тасовӣ ё ташобуҳ?

Асле, ки дар ин истидлол ба кор рафта ин аст, ки лозимаи иштироки зану мард дар ҳайсият ва шарофати инсонӣ, яксонӣ ва ташобуҳи онҳо дар ҳуқуқ аст. Матлабе ҳам, ки аз назари фалсафӣ бояд ангушт рӯйи он гузошт ин аст, ки лозимаи иштироки зану мард дар ҳайсияти инсонӣ чист? Оё лозимааш ин аст, ки ҳуқуқи мусовии якдигар дошта бошанд ба тавре, ки тарҷеҳ ва имтиёзи ҳуқуқӣ дар кор набошад? Ё лозимааш ин аст, ки ҳуқуқи зану мард илова бар тасовӣ ва баробарӣ, муташобеҳ ва якнавохт ҳам буда бошанд ва ҳеч гуна тақсими кор ва тақсими вазифае дар кор набошад? Шак нест, ки лозимаи иштироки зану мард дар ҳайсияти инсонӣ ва баробарии онҳо аз лиҳози инсоният, баробарии онҳо дар ҳуқуқи инсонӣ аст, аммо ташобуҳи онҳо дар ҳуқуқ чӣ тавр?

Агар бино бишавад тақлид ва табаъияти кӯр-кӯрона аз фалсафаи ғарбро канор бигузорем ва дар афкор ва орои фалсафие, ки аз ноҳияи онҳо мерасад ба худ иҷозаи фикру андеша бидиҳем, аввал бояд бибинем, оё лозимаи тасовии ҳуқуқ, ташобуҳи ҳуқуқ ҳам ҳаст ё на? Тасовӣ ғайр аз ташобуҳ аст. Тасовӣ баробарӣ аст ва ташобуҳ якнавохтӣ. Мумкин аст падаре сарвати худро ба таври мутасовӣ миёни фарзандони худ тақсим кунад, аммо ба таври муташобеҳ тақсим накунад. Масалан, мумкин аст ин падар чанд қалам сарват дошта бошад: ҳам тиҷоратхона дошта бошад ва ҳам милки мазруъӣ ва ҳам мустағаллоти иҷорӣ, вале назар ба ин ки қаблан фарзандони худро истеъдодёбӣ кардааст, дар яке завқу салиқаи тиҷорат дидааст ва дар дигаре алоқа ба кишоварзӣ ва дар севвумӣ мустағаллдорӣ. Ҳангоме, ки мехоҳад сарвати худро дар ҳаёти худ миёни фарзандон тақсим кунад, бо дар назар гирифтани ин ки он чи ба ҳамаи фарзандон медиҳад, аз лиҳози арзиш мусовӣ бо якдигар бошад ва тарҷеҳ ва имтиёзе аз ин ҷиҳат дар кор набошад, ба ҳар кадом аз фарзандони худи ҳамон сармояро медиҳад, ки қаблан дар озмоиши истеъдодёбӣ онро муносиб ёфтааст.

Каммият ғайр аз кайфият аст, баробарӣ ғайр аз якнавохтӣ аст. Он чи мусаллам аст ин аст, ки ислом ҳуқуқи якҷуру якнавохте барои зану мард қоил нашудааст, вале ислом

ҳаргиз имтиёз ва тарҷеҳи ҳуқуқӣ барои мардон нисбат ба занон қоил нест. Ислом асли мусовоти инсонҳоро дар бораи зану мард низ риоят кардааст. Ислом бо тасовии ҳуқуқи зану мард мухолиф нест, бо ташобуҳи ҳуқуқи онҳо мухолиф аст.

Калимаи “тасовӣ” ва “мусовот” чун мафҳуми баробарӣ ва адами имтиёз дар онҳо гунҷонида шудааст, ҷанбаи “тақаддус” пайдо кардаанд, ҷозиба доранд, эҳтироми шунавандаро ҷалб мекунанд, хусусан агар бо калимаи “ҳуқуқ” тавъам гарданд.

Тасовии ҳуқуқ! Чӣ таркиби қашанг ва муқаддасе! Чӣ касе аст, ки виҷдоне ва фитрати поке дошта бошад ва дар муқобили ин ду калима хозеъ нашавад?!

Аммо намедонам, чаро кори мо — ки рӯзе парчамдори илму фалсафа ва мантиқ дар ҷаҳон будаем — бояд ба онҷо бикашад, ки дигарон бихоҳанд назариёти худро дар боби “ташобуҳи ҳуқуқи зану мард” бо номи муқаддаси “тасовии ҳуқуқ” ба мо таҳмил кунанд?! Ин дуруст мисли ин аст, ки як нафар лабуфурӯш бихоҳад лабу бифурӯшад, аммо ба номи гулобӣ таблиғ кунад.

Он чи мусаллам аст ин аст, ки ислом дар ҳама ҷо барои зану мард ҳуқуқи мушобеҳе вазъ накардааст, ҳамчунон ки дар ҳамаи маворид барои онҳо таколиф ва муҷозотҳои мушобеҳе низ вазъ накардааст. Аммо оё маҷмӯъи ҳуқуқе, ки барои зан қарор дода, арзиши камтаре дорад аз он чи барои мардон қарор дода? Албатта хайр, чунонки собит хоҳем кард.

Дар инҷо суоли дуввуме пайдо мешавад ва он ин ки иллати ин ки ислом ҳуқуқи зану мардро дар баъзе маворид, номушобеҳ қарор дода чист? Чаро онҳоро мушобеҳи якдигар қарор надодааст? Оё агар ҳуқуқи зану мард, ҳам мусовӣ бошад ва ҳам мушобеҳ беҳтар аст ё ин ки фақат мусовӣ бошад ва мушобеҳ набошад. Барои баррасии комили ин матлаб лозим аст, ки дар се қисмат баҳс кунем:

1. Назари ислом дар бораи мақоми инсонии зан аз назари хилқат ва офариниш;
2. Тафовутҳое, ки дар хилқати зану мард ҳаст, барои чӣ ҳадафҳое аст? Оё ин тафовутҳо сабаб мешавад, ки зану мард аз лиҳози ҳуқуқи табиӣ ва фитрӣ вазъи номушобеҳе дошта бошанд ё на?
3. Тафовутҳое, ки дар муқаррароти исломӣ миёни зану мард ҳаст, ки онҳоро дар баъзе қисматҳо дар вазъи номушобеҳе қарор медиҳад, бар асоси чӣ фалсафае аст? Оё он фалсафаҳо ҳанӯз ҳам ба истеҳкоми худ боқӣ аст ё на?

# Мақоми зан дар ҷаҳонбинии исломӣ

Аммо қисмати аввал. Қуръон танҳо маҷмӯаи қонунҳо нест. Муҳтаваёти Қуръон сирфан як силсила муқаррарот ва қонунҳои хушк бидуни тафсир нест. Дар Қуръон, ҳам қонун аст ва ҳам таърих ва ҳам мавъиза ва ҳам тафсири хилқат ва ҳам ҳазорон матлаби дигар. Қуръон ҳамон тавре, ки дар мавориде ба шакли баёни қонун дастуруламал муайян мекунад, дар ҷойи дигар вуҷуд ва ҳастиро тафсир мекунад, рози хилқати замину осмон ва гиёҳу ҳайвону инсон ва рози мавтҳо ва ҳаётҳо, иззатҳо ва зиллатҳо, тараққиҳо ва инҳитотҳо, сарватҳо ва фақрҳоро баён мекунад.

Қуръон, китоби фалсафа нест, аммо назари худро дар бораи ҷаҳон ва инсон ва иҷтимоъ — ки се мавзӯъи асосии фалсафа аст — ба таври қотеъ баён кардааст. Қуръон ба пайравони худ танҳо қонун таълим намедиҳад ва сирфан ба мавъиза ва панду андарз намепардозад, балки бо тафсири хилқат, ба пайравони худ тарзи тафаккур ва ҷаҳонбинии махсус медиҳад. Зербинои муқаррароти исломӣ дар бораи умури иҷтимоӣ аз қабили моликият, ҳукумат, ҳуқуқи хонаводагӣ ва ғайра ҳамоно тафсире аст, ки аз хилқат ва ашё мекунад.

Аз ҷумлаи масоиле, ки дар Қуръони Карим тафсир шуда мавзӯъи хилқати зану мард аст. Қуръон дар ин замина сукут накарда ва ба ёвагӯён маҷол надодааст, ки аз пеши худ барои муқаррароти марбут ба зану мард фалсафа битарошанд ва мабнои ин муқарраротро назари таҳқиромези ислом нисбат ба зан муаррифӣ кунанд. Ислом, пешопеш назари худро дар бораи зан баён кардааст.

Агар бихоҳем бибинем назари Қуръон дар бораи хилқати зану мард чист, лозим аст ба масъалаи сиришти зану мард — ки дар соири китобҳои мазҳабӣ низ матраҳ аст — таваҷҷӯҳ кунем. Қуръон низ дар ин мавзӯъ сукут накардааст. Бояд бибинем Қуръон зану мардро яксириштӣ медонад ё дусириштӣ, яъне оё зану мард дорои як тинат ва сиришт мебошанд ва ё дорои ду тинат ва сиришт? Қуръон бо камоли сароҳат дар оятҳои мутаъаддиде мефармояд, ки занонро аз ҷинси мардон ва аз сириште назири сиришти мардон офаридаем. Қуръон дар бораи одам аввал мегӯяд: *“Ҳамаи шуморо аз як падар офаридем ва ҷуфти он падарро аз ҷинси худи ӯ қарор додем.” (Сураи Нисо, ояти 1) Дар бораи ҳамаи одамиён мегӯяд: “Худованд аз ҷинси худи шумо барои шумо ҳамсар офарид.” (Сураи Нисо ва сураи Наҳл ва сураи Рум)*

Дар Қуръон аз он чи дар баъзе аз китобҳои мазҳабӣ ҳаст, ки зан аз мояе пасттар аз мояи мард офарида шуда ва ё ин ки ба зан ҷанбаи туфайлӣ додаанд ва гуфтаанд, ки ҳамсари одами аввал аз узве аз аъзои тарафи чапи ӯ офарида шуда, асар ва хабаре нест. Бинобар ин дар ислом назарияи таҳқиромезе нисбат ба зан аз лиҳози сиришт ва тинат вуҷуд надорад.

Яке дигар аз назариёти таҳқиромезе, ки дар гузашта вуҷуд доштааст ва дар адабиёти ҷаҳон осори номатлуби баҷо гузоштааст ин аст, ки зан, унсури гуноҳ аст, аз вуҷуди зан шарр ва васваса бармехезад, зан шайтони кучак аст. Мегӯянд, дар ҳар гуноҳ ва ҷинояте, ки мардон муртакиб шудаанд, зане дар он дахолат доштааст. Мегӯянд, мард дар зоти худ аз гуноҳ мубаррост ва ин зан аст, ки мардро ба гуноҳ мекашонад. Мегӯянд, шайтон мустақиман дар вуҷуди мард роҳ намеёбад ва фақат аз тариқи зан аст, ки мардонро мефиребад; шайтон занро васваса мекунад ва зан мардро. Мегӯянд, одами аввал, ки фиреби шайтонро хӯрд ва аз биҳишти саодат берун ронда шуд, аз тариқи зан буд; шайтон Ҳавворо фирефт ва Ҳавво Одамро.

Қуръон, достони биҳишти Одамро матраҳ карда, вале ҳаргиз нагуфта, ки шайтон ё мор Ҳавворо фирефт ва Ҳавво Одамро. Қуръон на Ҳавворо ба унвони масъули аслӣ муаррифӣ мекунад ва на ӯро аз ҳисоб хориҷ мекунад. Қуръон мегӯяд: ба Одам гуфтем, худат ва ҳамсарат дар биҳишт сукно гузинед ва аз меваҳои он бихӯред. Қуръон он ҷо, ки пойи васвасаи шайтонро ба миён мекашад, замирҳоро ба шакли “тасния” меоварад, мегӯяд:

فَوَسْوَسَ لَهُمَا الشَّيْطَانُ

(*Аъроф/20*) Шайтон он дуро васваса кард.

فَدَلاّهُما بِغُرُورٍ

(*Аъроф/22*) Шайтон он дуро ба фиреб роҳнамоӣ кард.

وَقاسَمَهُما إِنّي لَكُما لَمِنَ النّاصِحِينَ

(*Аъроф/21*) Яъне шайтон дар баробари ҳар ду савганд ёд кард, ки ҷуз хайри онҳоро намехоҳад.

Ба ин тартиб, Қуръон бо як фикри роиҷи он асру замон, ки ҳанӯз ҳам дар гӯшаву канори ҷаҳон боқимондаҳое дорад, сахт ба мубориза пардохт ва ҷинси занро аз ин иттиҳом, ки унсури васваса ва гуноҳ ва шайтони кучак аст мубарро кард.

Яке дигар аз назариёти таҳқиромезе, ки нисбат ба зан вуҷуд доштааст, дар ноҳияи истеъдодҳои руҳонӣ ва маънавии зан аст; мегуфтанд, зан ба биҳишт намеравад, зан мақомоти маънавӣ ва илоҳиро наметавонад тай кунад, зан наметавонад ба мақоми қурби илоҳӣ он тавр, ки мардон мерасанд бирасад. Қуръон дар оятҳои фаровоне тасреҳ кардааст, ки подоши ухравӣ ва қурби илоҳӣ ба ҷинсият марбут нест, ба имон ва амал марбут аст, хоҳ аз тарафи зан бошад ва ё аз тарафи мард. Қуръон дар канори ҳар марди бузург ва қиддисе, аз як зани бузург ва қиддиса ёд мекунад. Аз ҳамсарони Одам ва Иброҳим ва аз модарони Мӯсо ва Исо дар ниҳояти таҷлил ёд кардааст. Агар ҳамсарони Нуҳ ва Лутро ба унвони заноне ношоиста барои шавҳаронашон зикр мекунад, аз зани Фиръавн низ ба унвони зани бузурге, ки гирифтори марди палиде будааст ғафлат накардааст. Гӯӣ Қуръон хостааст, дар достонҳои худ тавозунро ҳифз кунад ва қаҳрамонони достонҳоро мунҳасир ба мардон нанамояд.

Қуръон, дар бораи модари Мӯсо мегӯяд: мо ба модари Мӯсо ваҳй фиристодем, ки кӯдакро шир бидеҳ ва ҳангоме, ки бар ҷони ӯ бимнок шудӣ, ӯро ба дарё биафкан ва нигарон набош, ки мо ӯро ба сӯйи ту боз пасхоҳем гардонид.

Қуръон дар бораи Марям, модари Исо, мегӯяд: кори ӯ ба он ҷо кашида шуда буд, ки дар меҳроби ибодат ҳамвора малоика бо ӯ сухан мегуфтанд ва гуфту шунид мекарданд, аз ғайб барои ӯ рӯзӣ мерасид, кораш аз лиҳози мақомоти маънавӣ он қадр боло гирифта буд, ки пайғамбари замонашро дар ҳайрат фурӯ бурда, ӯро пушти сар гузошта буд, Закариё дар муқобили Марям моту мабҳут монда буд.

Дар таърихи худи ислом занони қиддиса ва олиқадр фаровонанд. Камтар марде аст ба пояи Хадиҷа бирасад ва ҳеч марде ҷуз пайғамбар ва Алӣ ба пояи ҳазрати Заҳро намерасад. Ҳазрати Заҳро бар фарзандони худ, ки имоманд ва бар пайғамбарон ғайр аз хотами анбиё бартарӣ дорад. Ислом дар “сайри минал халқ илал Ҳақ” яъне дар ҳаракат ва мусофират ба сӯйи Худо, ҳеч тафовуте миёни зану мард қоил нест. Тафовуте, ки ислом қоил аст дар “сайр минал Ҳақ илал халқ” аст, дар бозгашт аз Ҳақ ба сӯйи мардум ва таҳаммули масъулияти пайғомбарӣ аст, ки мардро барои ин кор муносибтар донистааст.

Яке дигар аз назариёти таҳқиромезе, ки нисбат ба зан вуҷуд доштааст, марбут аст ба риёзати ҷинсӣ ва тақаддуси таҷарруд ва узубат. Чунонки медонем, дар бархе ойинҳо робитаи ҷинсӣ зотан палид аст. Ба ақидаи пайравони он ойинҳо, танҳо касоне ба мақомоти маънавӣ ноил мегарданд, ки ҳамаи умр муҷаррад зист карда бошанд. Яке аз пешвоёни маъруфи мазҳабии ҷаҳон мегӯяд: “*Бо тешаи бакорат дарахти*

*издивоҷро аз бун баракнед!*” Ҳамон пешвоён издивоҷро фақат аз ҷанбаи дафъи афсад ба фосид иҷоза медиҳанд, яъне муддаӣ ҳастанд, ки чун ғолиби афрод қодир нестанд бо таҷарруд сабр кунанд ва ихтиёр аз кафашон рубуда мешавад ва гирифтори фаҳшо мешаванд ва бо занони мутаъаддиде тамос пайдо мекунанд, пас беҳтар аст издивоҷ кунанд, то бо беш аз як зан дар тамос набошанд. Решаи афкори риёзатталабӣ ва тарафдорӣ аз таҷарруд ва узубат, бадбинӣ ба ҷинси зан аст; муҳаббати занро ҷузъи мафосиди бузурги ахлоқӣ ба ҳисоб меоваранд.

Ислом бо ин хурофа сахт набард кард; издивоҷро муқаддас ва таҷаррудро палид шумурд. Ислом дӯст доштани занро ҷузъи ахлоқи анбиё муаррифӣ кард ва гуфт:

مِنْ أَخْلاقِ الْأَنْبِياءِ حُبُّ النِّساءِ

Пайғамбари Акрам мефармуд: ман ба се чиз алоқа дорам: бӯйи хуш, зан, намоз.

Бертран Рассел мегӯяд: дар ҳамаи ойинҳо навъе бадбинӣ ба алоқаи ҷинсӣ ёфт мешавад, магар дар ислом; ислом аз назари масолеҳи иҷтимоӣ ҳудуд ва муқаррароте барои ин алоқа вазъ карда, аммо ҳаргиз онро палид нашмурдааст.

Яке дигар аз назариёти таҳқиромезе, ки дар бораи зан вуҷуд дошта ин аст, ки мегуфтаанд, зан муқаддимаи вуҷуди мард аст ва барои мард офарида шудааст.

Ислом ҳаргиз чунин сухане надорад. Ислом асли иллати ғоиро дар камоли сароҳат баён мекунад. Ислом бо сароҳати комил мегӯяд, замину осмон, абру бод, гиёҳу ҳайвон, ҳама барои инсон офарида шудаанд, аммо ҳаргиз намегӯяд, зан барои мард офарида шудааст. Ислом мегӯяд, ҳар як аз зану мард барои якдигар офарида шудаанд:

هُنَّ لِباسٌ لَكُمْ وَأَنْتُمْ لِباسٌ لَهُنَّ

(*Бақара/187*) Занон, зинат ва пӯшиши шумо ҳастанд ва шумо, зинат ва пӯшиши онҳо. Агар Қуръон занро муқаддимаи мард ва офарида барои мард медонист, қаҳран дар қонунҳои худ ин ҷиҳатро дар назар мегирифт, вале чун ислом аз назари тафсири хилқат чунин назаре надорад ва занро туфайлии вуҷуди мард намедонад, дар муқарраротн хосси худ, дар бораи зану мард ба ин матлаб назар надоштааст.

Яке дигар аз назариёти таҳқиромезе, ки дар гузашта дар бораи зан вуҷуд дошта ин аст, ки занро аз назари мард як шарр ва балои иҷтинобнопазир медонистаанд. Бисёре аз мардон бо ҳамаи баҳраҳое, ки аз вуҷуди зан мебурдаанд, ӯро таҳқир ва мояи бадбахтӣ ва гирифтории худ медонистаанд. Қуръони Карим махсусан ин матлабро тазаккур медиҳад, ки вуҷуди зан барои мард хайр аст, мояи сукунат ва оромиши дили ӯст.

Яке дигар аз он назариёти таҳқиромез ин аст, ки саҳми занро дар тавлиди фарзанд бисёр ночиз медонистаанд. Аъроби ҷоҳилият ва баъзе аз милали дигар модарро фақат ба манзилаи зарфе медонистаанд, ки нутфаи мардро — ки базри аслии фарзанд аст — дар дохили худ нигаҳ медорад ва рушд медиҳад. Дар Қуръон зимни оятҳое, ки мегӯяд, шуморо аз марду зане офаридем ва бархе оятҳои дигар, ки дар тафосир тавзеҳ дода шудааст, ба ин тарзи тафаккур хотима дода шудааст.

Аз он чи гуфта шуд, маълум шуд, ислом аз назари фикри фалсафӣ ва аз назари тафсири хилқат, назари таҳқиромезе нисбат ба зан надоштааст, балки он назариётро мардуд шинохтааст. Акнун навбати ин аст, ки бидонем, фалсафаи адами ташобуҳи ҳуқуқи зану мард чист.

## Ташобуҳ на, тасовӣ оре

Гуфтем, ислом дар равобит ва ҳуқуқи хонаводагии зану мард фалсафаи хоссе дорад, ки бо он чи дар 14 қарни пеш мегузашта муғойират дорад ва бо он чи дар ҷаҳони имрӯз мегузарад низ мутобиқат надорад.

Гуфтем, аз назари ислом ин масъала ҳаргиз матраҳ нест, ки оё зану мард ду инсони мутасовӣ дар инсоният ҳастанд ё на? Ва оё ҳуқуқи хонаводагии онҳо бояд арзиши мусовӣ бо якдигар дошта бошанд ё на? Аз назари ислом, зану мард ҳар ду инсонанд ва аз ҳуқуқи инсонии мутасовӣ баҳрамонданд.

Он чи аз назари ислом матраҳ аст ин аст, ки зану мард ба далели ин ки яке зан аст ва дигаре мард, дар ҷиҳоти зиёде мушобеҳи якдигар нестанд, ҷаҳон барои онҳо якҷур нест, хилқат ва табиат онҳоро якнавохт нахостааст ва ҳамин ҷиҳат эҷоб мекунад, ки аз лиҳози бисёре аз ҳуқуқ ва таколиф ва муҷозотҳо вазъи мушобеҳе надошта бошанд. Дар дунёи ғарб, акнун саъй мешавад миёни зану мард аз лиҳози қонунҳо ва муқаррарот ва ҳуқуқ ва вазоиф, вазъи воҳид ва мушобеҳе ба вуҷуд оваранд ва тафовутҳои ғаризӣ ва табиии зану мардро нодида бигиранд. Тафовуте, ки миёни назари ислом ва системҳои ғарбӣ вуҷуд дорад, дар инҷост. Бинобар ин, он чи акнун дар кишвари мо миёни тарафдорони ҳуқуқи исломӣ аз як тараф ва тарафдорони пайравӣ аз системҳои ғарбӣ аз тарафи дигар матраҳ аст, масъалаи ваҳдат ва ташобуҳи ҳуқуқи зану мард аст, на тасовии ҳуқуқи онҳо. Калимаи “тасовии ҳуқуқ” як морки тақаллубӣ аст, ки муқаллидони ғарб бар рӯйи ин раҳоварди ғарбӣ часпонидаанд.

Ин банда ҳамеша дар навиштаҳо ва конфронсҳо ва суханрониҳои худ аз ин ки ин морки тақаллубиро истеъмол кунам ва ин фарзияро — ки ҷуз иддаъои ташобуҳ ва тамосули ҳуқуқи зану мард нест — ба номи тасовии ҳуқуқ ёд кунам, иҷтиноб доштаам.

Ман намегӯям, дар ҳеч ҷойи дунё иддаъои тасовии ҳуқуқи зану мард маънӣ надошта ва надорад ва ҳамаи қонунҳои гузашта ва ҳозири ҷаҳон ҳуқуқи зану мардро бар мабнои арзиши мусовӣ вазъ кардаанд ва фақат мушобеҳатро аз миён бурдаанд.

Хайр! Чунин иддаъое надорам. Урупои қабл аз қарни 20-ум беҳтарин шоҳид аст. Дар Урупои қабл аз қарни 20-ум зан қонунан ва амалан фоқиди ҳуқуқи инсонӣ буд; на ҳуқуқи мусовӣ бо мард дошт ва на мушобеҳ бо ӯ. Дар наҳзати аҷулонае, ки дар камтар аз як қарни ахир ба номи зан ва барои зан дар Урупо сурат гирифт, зан каму беш ҳуқуқи мушобеҳ бо мард пайдо кард, аммо бо таваҷҷӯҳ ба вазъи табиӣ ва эҳтиёҷоти ҷисмӣ ва руҳии зан, ҳаргиз хуқуқи мусовӣ бо мард пайдо накард. Зеро зан агар бихоҳад ҳуқуқе мусовии ҳуқуқи мард ва саодате мусовии саодати мард пайдо кунад, роҳи мунҳасираш ин аст, ки мушобеҳати ҳуқуқиро аз миён бардорад, барои мард ҳуқуқе мутаносиб бо мард ва барои худаш ҳуқуқе мутаносиб бо худаш қоил шавад. Танҳо аз ин роҳ аст, ки ваҳдат ва самимияти воқеӣ миёни марду зан барқарор мешавад ва зан аз саодати мусовӣ бо мард, балки болотар аз он бархӯрдор хоҳад шуд ва мардон аз рӯйи хулус ва бидуни шоибаи иғфол ва фиребкорӣ барои занон ҳуқуқи мусовӣ ва аҳёнан бештар аз худ қоил хоҳанд шуд.

Ва ҳамчунин ман ҳаргиз иддаъо намекунам, ҳуқуқе, ки амалан дар иҷтимоъи ба зоҳир исломии мо насиби зан мешуд, арзиши мусовӣ бо ҳуқуқи мардон доштааст. Борҳо гуфтаам, ки лозим ва зарурӣ аст ба вазъи зани имрӯз расидагии комил бишавад ва ҳуқуқи фаровоне, ки ислом ба зан эъто карда ва дар тӯли таърих амалан матрук шуда, ба ӯ бозпас дода шавад, на ин ки бо тақлид ва табаъияти кӯр-кӯрона аз равиши мардуми ғарб — ки ҳазорон бадбахтӣ барои худи онҳо ба вуҷуд оварда — номи қашанге рӯйи як фарзияи ғалат бигузорем ва бадбахтииҳои навъи ғарбиро бар бадбахтииҳои навъи шарқии зан биафзоем. Иддаъои мо ин аст, ки адами ташобуҳи ҳуқуқи зану мард дар ҳудуде, ки табиат зану мардро дар вазъи номушобеҳе қарор додааст, ҳам бо адолат ва ҳуқуқи фитрӣ беҳтар татбиқ мекунад ва ҳам саодати хонаводагиро беҳтар таъмин менамояд ва ҳам иҷтимоъро беҳтар ба ҷилав мебарад.

Комилан таваҷҷӯҳ дошта бошед, мо муддаӣ ҳастем, ки лозимаи адолат ва ҳуқуқи фитрӣ ва инсонии зану мард, адами ташобуҳи онҳо дар порае аз ҳуқуқ аст. Пас баҳси мо сад дар сад ҷанбаи фалсафӣ дорад, ба фалсафаи ҳуқуқ марбут аст, ба асле марбут аст ба номи асли “адл”, ки яке аз аркони калом ва фиқҳи исломӣ аст.

Асли адл, ҳамон асле аст, ки қонуни татобуқи ақл ва шаръро дар ислом ба вуҷуд овардааст. Яъне аз назари фиқҳи исломӣ — ва лоақалл фиқҳи шиъа — агар собит шавад, ки адл эҷоб мекунад фалон қонун бояд чунин бошад на чунон ва агар чунон бошад зулм аст ва хилофи адолат аст, ночор бояд бигӯем, ҳукми шаръ ҳам ҳамин аст. Зеро шаръи ислом тибқи асле, ки худ таълим дода ҳаргиз аз меҳвари адолат ва ҳуқуқи фитрӣ ва табиӣ хориҷ намешавад.

Уламои ислом бо табйин ва тавзеҳи асли "адл" пояи фалсафаи ҳуқуқро бино ниҳоданд, гӯ ин ки дар асари пешомадҳои ногувори таърихӣ натавонистанд роҳеро, ки боз карда буданд идома диҳанд. Таваҷҷӯҳ ба ҳуқуқи башар ва ба асли адолат ба унвони умуре зотӣ ва таквинӣ ва хориҷ аз қонунҳои қарордодӣ, аввалин бор ба василаи мусалмонон унвон шуд; пояи ҳуқуқи табиӣ ва ақлиро онҳо бино ниҳоданд.

Аммо муқаддар чунин буд, ки онҳо кори худро идома надиҳанд ва пас аз тақрибан ҳашт қарн донишмандон ва файласуфони урупоӣ онро дунбол кунанд ва ин ифтихорро ба худ ихтисос диҳанд; аз як сӯ фалсафаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ ва иқтисодӣ ба вуҷуд оваранд ва аз сӯйи дигар афрод ва иҷтимоъот ва миллатҳоро ба арзиши ҳаёт ва зиндагӣ ва ҳуқуқи инсонии онҳо ошно созанд, наҳзатҳо ва ҳаракатҳо ва инқилобҳо ба вуҷуд оваранд ва чеҳраи ҷаҳонро иваз кунанд.

Ба назари ман, гузашта аз иллатҳои таърихӣ, як иллати равонӣ ва минтақаӣ низ дахолат дошт дар ин ки машриқи исломӣ масъалаи ҳуқуқи ақлиро, ки худ поя ниҳода буд, дунбол накунад. Яке аз тафовутҳои руҳияи шарқӣ ва ғарбӣ дар ин аст, ки шарқ тамоюл ба ахлоқ дорад ва ғарб ба ҳуқуқ, шарқ шефтаи ахлоқ аст ва ғарб шефтаи ҳуқуқ. Шарқӣ ба ҳукми табиати шарқии худаш инсонияти худро дар ин мешиносад, ки отифа биварзад, гузашт кунад, ҳамнавъони худро дӯст бидорад, ҷавонмардӣ ба харҷ диҳад. Аммо ғарбӣ инсонияти худро дар ин мебинад, ки ҳуқуқи худро бишносад ва аз он дифоъ кунад ва нагузорад дигарӣ ба ҳарими ҳуқуқи ӯ по бигузорад.

Башарият, ҳам ба ахлоқ ниёз дорад ва ҳам ба ҳуқуқ. Инсоният, ҳам ба ҳуқуқ вобаста аст ва ҳам ба ахлоқ; ҳеч кадом аз ҳуқуқ ва ахлоқ ба танҳоӣ меъёри инсоният нест.

Дини муқаддаси ислом ин имтиёзи бузургро доро буда ва ҳаст, ки ҳуқуқ ва ахлоқро тавъаман мавриди иноят қарор додааст. Дар ислом ҳамчунон ки гузашт ва самимият ва некӣ ба унвони умуре ахлоқӣ "муқаддас" шумурда мешаванд, ошноӣ бо ҳуқуқ ва дифоъ аз ҳуқуқ низ "муқаддас" ва инсонӣ маҳсуб мешавад ва ин, достони муфассале дорад, ки акнун вақти тавзеҳи он нест.

Аммо руҳияи хосси шарқӣ кори худро кард. Бо он ки дар оғози кор ҳуқуқ ва ахлокро бо ҳам аз ислом гирифт, тадриҷан ҳуқуқро раҳо ва таваҷҷӯҳашро ба ахлоқ маҳсур кард.

Ғараз ин аст: масъалае, ки акнун бо он рӯ ба рӯ ҳастем, як масъалаи ҳуқуқӣ аст, як масъалаи фалсафӣ ва ақлӣ аст, як масъалаи истидлолӣ ва бурҳонӣ аст, марбут аст ба ҳақиқати адолат ва табиати ҳуқуқ. Адолат ва ҳуқуқ қабл аз он ки қонунӣ дар дунё вазъ шавад, вуҷуд доштааст. Бо вазъи қонун наметавон моҳияти адолат ва ҳуқуқи инсонии башарро иваз кард.

Монтескё мегӯяд: “*Пеш аз он ки инсон қонунҳое вазъ кунад, равобити одилонае бар асоси қонунҳо байни мавҷудот имконпазир буда, вуҷуди ин равобит мӯҷиби вазъи қонунҳо шудааст. Ҳол агар бигӯем, ҷуз қонунҳои воқеӣ ва аввалия, ки амру наҳй мекунанд, ҳеч амри одилона ё золимонаи дигар вуҷуд надорад, мисли ин аст, ки бигӯем, қабл аз тарсими доира тамоми шуоъҳои он доира мусовӣ нестанд*.“

Герберт Спенсер мегӯяд:

“*Адолат ғайр аз эҳсосот бо чизе дигар омехтааст, ки иборат аз ҳуқуқи табиии афроди башар аст ва барои он ки адолат вуҷуди хориҷӣ дошта бошад, бояд ҳуқуқ ва имтиёзоти табииро риоят ва эҳтиром кунанд*.“

Ҳукамои урупоӣ, ки ин ақидаро доштанд ва доранд, фаровонанд. Ҳуқуқи башар, ки эълонҳо ва эъломияҳо барои он танзим шуд ва маводде ба унвони ҳуқуқи башар таъйин шуд — аз ҳамин фарзияи ҳуқуқи табиӣ сарчашма гирифт, яъне фарзияи ҳуқуқи табиӣ ва фитрӣ буд, ки ба сурати эъломияҳои ҳуқуқи башар зоҳир шуд.

Ва боз чунонки медонем, он чи Монтескё, Спенсер ва ғайри онҳо дар бораи адолат гуфтаанд, айни он чизе аст, ки мутакаллимони ислом дар бораи ҳусну қубҳи ақлӣ ва асли адл гуфтаанд.

Дар миёни уламои исломӣ афроде буданд, ки мункири ҳуқуқи зотӣ буда ва адолатро карордодӣ медонистаанд, ҳамчунон ки дар миёни урупоиён низ ин ақида вуҷуд доштааст. Ҳобси англисӣ мункири адолат ба сурати як амри воқеӣ аст.

## Эъломияи ҳуқуқи башар фалсафа аст, на қонун

Музҳик ин аст, ки мегӯянд, матни Эъломияи ҳуқуқи башарро маҷлисайн (палатаи боло ва пойини порлумон) тасвиб кардаанд ва чун тасовии ҳуқуқи зану мард ҷузъи моводди Эъломияи ҳуқуқи башар аст, пас ба ҳукми қонуни мусаввваби маҷлисайн, заму мард бояд дорои ҳуқуқи мусовии якдигар бошанд.

Магар матни Эъломияи ҳуқуқи башар чизе аст, ки дар салоҳияти маҷлисайн бошад, ки онро тасвиб ё рад кунанд?

Муҳтаваёти Эъломияи ҳуқуқи башар аз навъи умури қарордодӣ нест, ки қувваҳои муқаннинаи кишварҳо битавонанд онро тасвиб бикунанд ё накунанд.

Эъломияи ҳуқуқи башар ҳуқуқи зотӣ ва ғайриқобили салб ва ғайри қобили исқоти инсонҳоро мавриди баҳс қарор додааст; ҳуқуқеро матраҳ кардааст, ки ба гуфтаи ин эъломия, лозимаи ҳайсияти инсонии инсонҳост ва дасти тавонои хилқат ва офариниш онҳоро барои инсонҳо қарор додааст, яъне мабдаъ ва қудрате, ки ба инсонҳо ақлу ирода ва шарофати инсонӣ додааст, ин ҳуқукро ҳам тибқи гуфтаи Эъломияи ҳуқуқи башар, ба инсонҳо додааст.

Инсонҳо на метавонанд муҳтаваёти Эъломияи ҳуқуқи башарро барои худ вазъ кунанд ва на метавонанд аз худ салб ва исқот намоянд. Аз тасвиби маҷлисайн ва қувваҳои муқаннина гузашта яъне чӣ?!

Эъломияи ҳуқуқи башар фалсафа аст, на қонун; бояд ба тасдиқи файласуфон бирасад, на ба тасвиби намояндагон. Маҷлисайн наметавонанд бо ахзи раъй ва қиёму қуъуд, фалсафа ва мантиқ барои мардум вазъ кунанд. Агар инчунин аст, пас фалсафаи нисбияти Эйнштейнро ҳам бибаранд ба маҷлис ва аз тасвиби намояндагон бигузаронанд, фарзияи вуҷуди ҳаёт дар кураҳои осмониро низ ба тасвиб бирасонанд. Қонуни табиатро, ки намешавад аз тариқи тасвиби қонунҳои қарордодӣ таъйид ё рад кард.

Мисли ин аст, ки бигӯем, маҷлисайн тасвиб кардаанд, ки агар гулобиро бо себ пайванд бизананд, пайвандаш мегирад ва агар бо тут пайванд бизананд, намегирад.

Вақте, ки чунин эъломияе аз тарафи гурӯҳе, ки худ аз мутафаккирин ва фалосифа будаанд содир мешавад, миллатҳо бояд онро дар ихтиёри фалосифа ва муҷтаҳидини ҳуқуқи хеш қарор диҳанд. Агар аз назари фалосифа ва мутафаккирини он миллат мавриди таъйид қарор гирифт, ҳамаи афроди миллат мувазафанд онҳоро ба унвони ҳақоиқи фавқи қонун риоят кунанд. Қувваи муқаннина низ мувазаф аст қонуне бар хилофи онҳо тасвиб накунад.

Миллатҳои дигар то вақте, ки аз назари худашон собит ва муҳаққақ нашуда, ки чунин ҳуқуқе дар табиат ба ҳамин кайфият вуҷуд дорад, мулзам нестанд онҳоро риоят кунанд ва аз тарафи дигар ин масоил ҷузъи масоили таҷрибӣ ва озмоишӣ нест, ки эҳтиёҷ ба васоил ва лабаратория ва ғайра дорад ва ин васоил барои урупоиён фароҳам аст ва барои дигарон нест; шикофтани атом нест, ки румуз ва васоилаш дар ихтиёри афроди маҳдуде бошад, фалсафа ва мантиқ аст, абзораш мағз ва ақл ва қувваи истидлол аст.

Агар фарзан миллатҳои дигар маҷбур бошанд дар фалсафа ва мантиқ муқаллиди дигарон бошанд ва дар худ шоистагии тафаккури фалсафӣ эҳсос накунанд, мо эрониён набояд инчунин фикр кунем. Мо дар гузашта шоистагии худро ба ҳадди аъло дар баррасиҳои мантиқӣ ва фалсафӣ нишон додаем. Мо чаро дар масоили фалсафӣ муқаллиди дигарон бошем?

Аҷабо! Донишмандони исломӣ он ҷо, ки пойи асли адолат ва ҳуқуқи зотии башар ба миён меояд, он қадр барояш аҳаммият қоил мешаванд, ки бидуни чуну чаро ба мӯҷиби қоъидаи татобуқи ақл ва шаръ мегӯянд, ҳукми шаръ ҳам ҳамин аст, яъне эҳтиёҷе ба таъйиди шаръӣ намебинанд, аммо имрӯз кори мо ба он ҷо кашида, ки мехоҳем бо тасвиби намояндагон сиҳҳати ин масоилро таъйид намоем.

## Фалсафаро бо купон наметавон исбот кард

Аз ин музҳиктар ин аст, ки он ҷо, ки мехоҳем ҳуқуқи инсонии занро баррасӣ кунем, ба орои писарону духтарони ҷавон мурочеа кунем, купон чоп кунем ва бихоҳем бо пур кардани купон кашф кунем, ки ҳуқуқи инсонӣ чист ва оё ҳуқуқи инсонии зану мард як ҷур аст ва ё ду ҷур?

Ба ҳар ҳол, мо масъалаи ҳуқуқи инсонии занро ба шакли илмӣ ва фалсафӣ ва бар асоси ҳуқуқи зотии башарӣ баррасӣ мекунем. Мехоҳем бибинем, ҳамон усуле, ки иқтизо мекунад инсонҳо ба таври куллӣ дорои як силсила ҳуқуқи табиӣ ва Худододӣ бошанд, оё эҷоб мекунад, ки зану мард аз лиҳози ҳуқуқ дорои вазъи мушобеҳе буда бошанд ё на? Аз ин рӯ аз донишмандон ва мутафаккирон ва ҳуқуқдонони воқеии кишвар, ки ягона марҷаъи салоҳиятдори изҳори назар дар ин гуна масоил мебошанд, дархост мекунем ба далоили мо бо дидаи таҳқиқ ва интиқод бинграанд. Мӯҷиби камоли имтинони инҷониб хоҳад буд агар мустадиллан назари худро дар таъйид ё радди ин гуфтаҳо иброз намоянд. Барои баррасии ин матлаб лозим аст аввалан баҳсе дар бораи асос ва решаи ҳуқуқи инсонӣ анҷом диҳем ва сипас хусуси ҳуқуқи зану мардро мавриди мутолеа қарор диҳем. Бад нест қаблан ишораи мухтасаре ба наҳзатҳои ҳуқуқии қуруни ҷадид, ки ба назарияи тасовии ҳуқуқи зану мард мунтаҳӣ шуд бинамоем.

## Нигоҳе ба таърихи ҳуқуқи зан дар Урупо

“*Дар Урупо аз қарни 17 ба баъд, ба номи ҳуқуқи башар, замзамаҳое огоз шуд. Нависандагон ва мутафаккирони қарни 17 ва 18, афкори худро дар*

*бораи ҳуқуқи табиӣ ва фитрӣ ва ғайриқобили салби башар бо пушткори аҷибе дар миёни мардум пахш карданд. Жан-Жак Руссо ва Волтер ва Монтескё аз ин даста аз мутафаккирон ва нависандагонанд. Аввалин натиҷаи амалӣ, ки аз нашри афкори тарафдорони ҳуқуқи табиии башар ҳосил шуд ин буд, ки дар Англистон як кашмакаши тӯлонӣ миёни ҳайати ҳокима ва миллат ба вуҷуд омад. Миллат муваффақ шуд дар соли 1688 мелодӣ порае аз ҳуқуқи иҷтимоӣ ва сиёсии худро тибқи як эъломномаи ҳуқуқ пешниҳод кунанд ва мустарад доранд." (Таърих, Алберт Малет, тарҷимаи форсӣ, ҷ.4, с.366*)

Натиҷаи амалии боризи дигари шуюъи ин афкор дар ҷангҳои истиқлоли Омрико алайҳи Ангилистон зоҳир шуд. 13 мустаъмараи Ангилистон дар Омрикои шимолӣ дар асари фишор ва таҳмилоти зиёде, ки бар онҳо ворид мешуд, сар ба туғён ва исён баланд карданд ва билохира истиқлоли хешро ба даст оварданд. Дар соли 1776 мелодӣ кунграе дар Филаделфия ташкил шуд, ки истиқлоли умумиро эълон ва эъломияе дар ин замина мунташир кард ва дар муқаддимаи он чунин навишт:

"*Ҷамиъи афроди башар дар хилқат яксонанд ва холиқ ба ҳар фарде ҳуқуқи собит ва лоятағайяре тафвиз фармудааст мисли ҳаққи ҳаёт ва ҳаққи озодӣ. Ва иллати ғоии ташкили ҳукуматҳо, ҳифзи ҳуқуқи мазбур аст ва қувваи ҳукумат ва нуфузи калимаи ӯ манут ба ризояти миллат хоҳад буд..." (Ҳамон, ҷ.5, с.234*)

Аммо он ки ба номи "Эъломияи ҳуқуқи башар" дар ҷаҳон маъруф шуд, он чизе аст, ки пас аз инқилоби кабири Фаронса ба номи эълони ҳуқуқ мунташир шуд. Ин эъломия иборат аст аз як силсила усули куллӣ, ки дар оғози Қонуни асосии Фаронса қайд шуда ва ҷузъи лоянфакки Қонуни асосии Фаронса маҳсуб мешавад. Ин эъломия муштамил аст бар як муқаддима ва 17 модда.

Моддаи аввали он ин аст: "*Афроди башар озод мутаваллид шуда ва модомулумр озод монда ва дар ҳуқуқ бо якдигар мусовианд...*"

Дар қарни 19 таҳаввулот ва афкори тозае дар заминаи ҳуқуқи башарӣ дар масоили иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва сиёсӣ рух дод, ки мунтаҳӣ ба зуҳури сотсиалисм ва лузуми тахсиси манофеъ ба табақоти заҳматкаш ва интиқоли ҳукумат аз дасти сармоядор ба дасти коргар гардид.

То аввалҳои қарни 20-ум ҳар чи дар атрофи ҳуқуқи башар баҳс шудааст, марбут аст ба ҳуқуқи миллатҳо дар баробари давлатҳо ва ё ҳуқуқи табақоти ранҷбар ва заҳматкаш дар баробари корфармоён ва арбобон.

Дар қарни 20-ум барои аввалин бор масъалаи "ҳуқуқи зан" дар баробари ҳуқуқи мард унвон шуд. Ангилистон — ки қадимтарин кишвари демократӣ ба шумор меравад — фақат дар аввалҳои қарни 20-ум барои зану мард ҳуқуқи мусовӣ қоил шуд. Давлатҳои муттаҳидаи Омрико бо он ки дар қарни 18 зимни эълони истиқлол ба ҳуқуқи умумии башар эътироф карда буданд, дар соли 1920 мелодӣ қонуни тасовии зану мардро дар ҳуқуқи сиёсӣ тасвиб карданд ва ҳамчунин Фаронса дар қарни 20-ум таслими ин амр шуд. Ба ҳар ҳол, дар қарни 20-ум гурӯҳҳои зиёде дар ҳамаи ҷаҳон тарафдори таҳаввул амиқе дар равобити марду зан аз назари ҳуқуқ ва вазоиф гардиданд. Ба ақидаи инҳо, таҳаввул ва дигаргунӣ дар равобити миллатҳо бо давлатҳо ва равобити заҳматкашон ва ранҷбарон бо корфармоён ва сармоядорон, модоме, ки дар равобити ҳуқуқи марду зан ислоҳоте сурат нагирад, вофӣ ба таъмини адолати иҷтимоӣ нест.

Аз ин рӯ барои аввалин бор дар Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар — ки пас аз ҷанги ҷаҳонии дуввум дар соли 1948 мелодӣ (1327 ҳиҷри шамсӣ) аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид мунташир шуд — дар муқаддимаи он чунин қайд шуд:

"*Аз он ҷо, ки мардуми милали муттаҳид имони худро ба ҳуқуқи башар ва мақом ва арзиши фарди инсонӣ ва тасовии ҳуқуқи марду зан муҷаддадан дар маншур эълом кардаанд…*"

Таҳаввул ва бӯҳрони мошинии қарни 19-ум ва 20-ум ва ба фалокат афтодани коргарон ва бахусус занон беш аз пеш сабаб шуд, ки ба мавзӯъи ҳуқуқи зан расидагӣ шавад. Дар таърихи Алберт Малет, ҷилди 6, сафҳаи 328 менависад:

"*То замоне, ки давлатҳо ба аҳволи коргарон ва тарзи рафтори корфармоён бо он табақа таваҷҷӯҳ надоштанд, сармоядорон ҳар чи мехостанд мекарданд… Соҳибони корхонаҳо занон ва кӯдакони хурдсолро бо музди бисёр кам ба кор мегумоштанд ва чун соатҳо кори эшон зиёд буд, ғолибан гирифтори амрози гуногун мешуданд ва дар ҷавонӣ мемурданд.*"

Ин буд таърихчаи мухтасаре аз наҳзати ҳуқуқи башар дар Урупо. Чунонки медонем, ҳамаи моводди эъломияҳои ҳуқуқи башар, ки барои урупоиён тозагӣ дорад, дар 14 қарн пеш дар ислом пешбинӣ шуда ва баъзе аз донишмандони араб ва эронӣ онҳоро бо муқоиса ба ин эъломияҳо дар китобҳои худ овардаанд. Албатта ихтилофоте дар баъзе

қисматҳо миёни он чи дар ин эъломияҳо омада бо он чи ислом оварда вуҷуд дорад ва ин худ баҳси дилкаш ва ширине аст; аз он ҷумла аст масъалаи ҳуқуқи зану мард, ки ислом тасовиро мепазирад, аммо ташобуҳ ва ваҳдат ва якнавохтиро дар заминаи ҳуқуқи зану мард намепазирад.

## Ҳайсият ва ҳуқуқи инсонӣ

*“Аз он ҷо, ки шиносоии ҳайсияти зотии куллияи аъзои хонаводаи башарӣ ва ҳуқуқи яксон ва интиқолнопазири онон, асоси озодӣ ва адолат ва сулҳро ташкил медиҳад.*

*Аз он ҷо, ки адами шиносоӣ ва таҳқири ҳуқуқи башар мунтаҳӣ ба аъмоли ваҳшиёнае гардидааст, ки руҳи башариятро ба исён водошта ва зуҳури дунёе, ки дар он афроди башар дар баёни ақида, озод ва аз тарс ва факр фориғ бошанд, ба унвони болотарин омоли башар эълом шудааст.*

*Аз он ҷо, ки асосан ҳуқуқи инсониро бояд бо иҷрои қонун ҳимоят кард, то башар ба унвони охирин илоҷ ба қиём бар зидди зулм ва фишор маҷбур нагардад.*

*Аз он ҷо, ки асосан лозим аст тавсиаи равобити дӯстона байни миларо мавриди ташвиқ қарор дод.*

*Аз он ҷо, ки мардуми милали муттаҳид, имони худро ба ҳуқуқи асосии башар ва мақом ва арзиши фарди инсонӣ ва тасовии ҳуқуқи марду зан муҷаддадан дар маншур эълом кардаанд ва тасмими росих гирифтаанд, ки ба пешрафти иҷтимоӣ кӯмак кунанд ва дар муҳите озодтар вазъи зиндагии беҳтаре ба вуҷуд оваранд.*

*Аз он ҷо, ки…*

*Маҷмаъи умумӣ, ин Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башарро ормони муштараке барои тамоми мардум ва куллияи милал эълом мекунад, то ҷамиъи афрод ва ҳамаи аркони иҷтимоъ ин эъломияро доиман дар мадди назар дошта бошанд ва муҷоҳидат кунанд, ки ба василаи таълиму тарбият эҳтироми ин ҳуқуқ ва озодиҳо тавсиа ёбад ва бо тадобири тадриҷии миллӣ ва*

*байналмилалӣ, шиносоӣ ва иҷрои воқеӣ ва ҳаётии онҳо, чӣ дар миёни худи милал узв ва чӣ дар байни мардум кишварҳое, ки дар қаламрави онҳо мебошад таъмин гардад...“*

*Ҷумлаҳои тиллоии боло муқаддимаи Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар аст; муқаддимаи ҳамон эъломияе аст, ки дар борааш мегӯянд: “Бузургтарин тавфиқе аст, ки то ин таърих дар тариқи таъйиди ҳуқуқи инсонӣ насиби олами башарият шудааст.*”

Рӯйи ҳар калима ва ҳар ҷумлаи он ҳисоб шудааст ва чунонки дар мақолаи пеш гуфтем, мазҳари афкори чандин қарн фалосифаи озодихоҳ ва ҳуқуқшиноси ҷаҳон аст.

## Нукоти муҳимми муқаддимаи Эъломияи ҳуқуқи башар

Ин эъломия дар 30 модда танзим шудааст. Бигузарем аз ин ки баъзе масоил дар бархе маводд мукаррар шуда ва ё лоақал зикри як матлаб дар як модда, аз зикри мундариҷоти баъзе маводди дигар бениёзкунанда аст ва ё баъзе маводди эъломия ба маводди мухталифе қобили таҷзия аст.

Нукоти муҳимми муқаддимаи ин эъломия, ки шоиста аст мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирад, чандтост:

1. Башар аз як навъ ҳайсият ва эҳтиром ва ҳуқуқи зотии ғайри қобили интиқол бархӯрдор аст;

2. Ҳайсият ва эҳтиром ва ҳуқуқи зотии башар куллӣ ва умумӣ аст, тамоми афроди инсониро дарбар мегирад, табъизбардор нест, сафеду сиёҳ, баланду кӯтоҳ, зану мард яксон аз он бархӯрдоранд. Ҳамон тавре, ки дар миёни аъзои як хонавода аҳаде наметавонад гавҳари худро аз соири аъзо шарифтар ва асилтар бидонад, ҳамаи афроди башар низ, ки узви як хонаводаи бузургтар ва аъзои як пайкар мебошанд, аз лиҳози шарофат мутасовиянд, ҳеч кас наметавонад худро аз фарди дигар шарифтар бидонад;

3. Асоси озодӣ ва сулҳ ва адолат ин аст, ки ҳамаи афрод дар умқи виҷдони худ ба ин ҳақиқат (ҳайсият ва эҳтироми зотии ҳамаи инсонҳо) имон ва эътироф дошта бошанд.

Ин эъломия мехоҳад бигӯяд, маншаъи куллияи нороҳатиҳое, ки афроди башар барои якдигар ба вуҷуд меоваранд, кашф кардааст. Маншаъи бурузи ҷангҳо ва зулмҳо ва таҷовузҳо ва аъмоли ваҳшиёнаи афрод ва ақвом нисбат ба якдигар, адами шиносоии ҳайсият ва эҳтироми зотии инсон аст. Ин адами шиносоӣ аз тарафи иддае, тарафи

муқобилро водор ба исён ва туғён мекунад ва аз ҳамин роҳ сулҳ ва амният ба хатар меафтад;
4. Болотарин орзуе, ки ҳама дар роҳи таҳаққуқ бахшидан ба он бояд бикӯшанд, зуҳури дунёе аст, ки дар он озодии ақида ва амният ва рифоҳи моддӣ ба таври комил вуҷуд дошта бошад; ихтиноқ, тарс, факр решакан шуда бошад. Моводди 30-гонаи эъломия барои таҳаққуқ бахшидан ба ин орзу танзим шудааст;
5. Имон ба ҳайсияти зотии инсонҳо ва эҳтиром ба ҳуқуқи ғайри қобили салб ва интиқоли онҳо, тадриҷан ба василаи таълиму тарбият бояд дар ҳамаи афрод ба вуҷуд ояд.

## Мақом ва эҳтироми инсон

Эъломияи ҳуқуқи башар чун бар асоси эҳтиром ба инсоният ва озодӣ ва мусовот танзим шуда ва барои эҳёи ҳуқуқи башар ба вуҷуд омада, мавриди эҳтиром ва такрими ҳар инсони бовиҷдоне аст. Мо мардуми Машриқзамин аз дерзамон аз арзиш ва мақом ва эҳтироми инсон дам задаем. Дар дини муқаддаси ислом — чунонки дар мақолаи пеш гуфтем — инсон, ҳуқуқи инсон, озодӣ ва мусовоти онҳо ниҳояти арзиш ва эҳтиромро дорад. Нависандагон ва танзимкунандагони ин эъломия ва ҳамчунин файласуфоне, ки дар ҳақиқат илҳомдиҳандаи нависандагони ин эъломия ҳастанд, мавриди ситоиш ва таъзими мо мебошанд. Вале чун ин эъломия як матни фалсафӣ аст, ба дасти башар навишта шуда, на ба дасти фариштагон, истинботи гурӯҳе аз афроди башар аст, ҳар файласуфе ҳақ дорад онро таҷзияву таҳлил кунад ва аҳёнан нуқоти заъфе, ки дар он мебинад тазаккур диҳад.
Ин эъломия холӣ аз нуқоти заъф нест, вале мо дар ин мақола рӯйи нуқоти заъфи он ангушт намегузорем, рӯйи нуқтаи қуввати он ангушт мегузорем.
Такягоҳи ин эъломия “мақоми зотии инсон” аст, шарофат ва ҳайсияти зотии инсон аст.
Аз назари ин эъломия, инсон ба воситаи як навъ каромат ва шарофати махсус ба худ дорои як силсила ҳуқуқ ва озодиҳо шудааст, ки соири ҷондорон ба воситаи фоқид будани он ҳайсият ва шарофат ва каромати зотӣ, аз он ҳуқуқ ва озодиҳо бебаҳраанд. Нуқтаи қуввати ин эъломия ҳамин аст.

## Таназзул ва суқути инсон дар фалсафаҳои ғарбӣ

Ин ҷост, ки бори дигар бо як масъалаи фалсафии куҳан мувоҷеҳ мешавем: арзёбии инсон, мақом ва шарофати инсон нисбат ба соири махлуқот, шахсияти қобили эҳтироми инсон. Бояд бипурсем он ҳайсияти зотии инсонӣ, ки маншаъи ҳуқуқе барои инсон гашта

ва ӯро аз аспу гову гӯсфанду кабӯтар мутамойиз сохта чист? Ва ҳамин ҷост, ки як таноқузи возеҳ миёни асоси Эъломияи ҳуқуқи башар аз як тараф ва арзёбии инсон дар фалсафаи ғарб аз тарафи дигар намоён мегардад.

Дар фалсафаи ғарб солҳост, ки инсон аз арзиш ва эътибор афтодааст. Суханоне, ки дар гузашта дар бораи инсон ва мақоми мумтози вай гуфта мешуд ва решаи ҳамаи онҳо дар Машриқзамин буд, имрӯз дар ағлаби системҳои фалсафаи ғарбӣ мавриди тамасхур ва таҳқир қарор мегирад.

Инсон аз назари ғарбӣ то ҳудуди як мошин таназзул кардааст, руҳ ва асолати он мавриди инкор воқеъ шудааст. Эътиқод ба иллати ғоӣ ва ҳадаф доштан, табиати як ақидаи иртиҷоъӣ талаққӣ мегардад.

Дар ғарб аз ашрафи махлуқот будани инсон наметавон дам зад, зеро ба ақидаи ғарб, ақида ба ашрафи махлуқот будани инсон ва ин ки соири махлуқот туфайлии инсон ва мусаххари инсон мебошанд, ношӣ аз як ақидаи батламюсии куҳан дар бораи ҳайати замину осмон ва марказияти замин ва гардиши кураҳои осмонӣ ба даври замин буд; бо рафтани ин ақида ҷойе барои ашрафи махлуқот будани инсон боқӣ намемонад. Аз назари ғарб, инҳо ҳама худхоҳиҳое будааст, ки дар гузашта доманагири башар шудааст. Башар имрӯз мутавозеъ ва фурӯтан аст, худро монанди мавҷудоти дигар беш аз муште хок намедонад, аз хок падид омада ва ба хок бозмегардад ва ба ҳамин ҷо хотима меёбад.

Ғарбӣ мутавозеъона руҳро ба унвони ҷанбае мустақил аз вуҷуди инсон ва ба унвони ҳақиқати қобили бақо намешиносад ва миёни худ ва гиёҳ ва ҳайвон аз ин ҷиҳат фарқе қоил намешавад. Ғарбӣ миёни фикр ва аъмоли руҳӣ ва миёни гармои зуғолсанг аз лиҳози моҳият ва ҷавҳар тафовуте қоил нест; ҳамаро мазоҳири модда ва энергия мешиносад. Аз назари ғарб, саҳнаи ҳаёт барои ҳамаи ҷондорон ва аз он ҷумла инсон, майдони хунине аст, ки набарди лоянқатеъи зиндагӣ онро ба вуҷуд овардааст. Асли асоси ҳоким бар вуҷуди ҷондорон ва аз он ҷумла инсон, асли танозӯи бақост. Инсон ҳамвора мекӯшад худро дар ин набард наҷот диҳад.

Адолат ва некӣ ва таъовун ва хайрхоҳӣ ва соири мафоҳими ахлоқӣ ва инсонӣ ҳама мавлуди асли асосии танозӯи бақо мебошад ва башар ин мафоҳимро ба хотири ҳифзи мавқеияти худ сохтаву пардохтааст.

Аз назари бархе фалсафаҳои нерӯманди ғарбӣ, инсон мошине аст, ки муҳаррики ӯ ҷуз манофеъи иқтисодӣ нест. Дин ва ахлоқ ва фалсафа ва илм ва адабиёт ва ҳунар ҳама рӯбиноҳое ҳастанд, ки зербинои онҳо тарзи тавлид ва пахш ва тақсими сарват аст; ҳамаи инҳо ҷилваҳо ва мазоҳири ҷанбаҳои иқтисодии зиндагии инсон аст. Хайр, ин ҳам барои инсон зиёд аст; муҳаррик ва ангезаи аслии ҳамаи ҳаракатҳо ва фаъолиятҳои инсон

омилҳои ҷинсӣ аст. Ахлоқ ва фалсафа ва илм ва дин ва ҳунар ҳама таҷаллиёт ва тазоҳуроти рақиқшуда ва тағйири шакл додаи омили ҷинсии вуҷуди инсон аст.

Ман намедонам, агар биност мункири ҳадаф доштани хилқат бошем ва бояд мӯътақид бошем, ки табиат ҷараёноти худро кӯр-кӯрона тай мекунад, агар ягона қонуни зомини ҳаёти анвоъи ҷондорҳо танозӯи бақо ва интихоби аслаҳ ва тағйироти комилан тасодуфӣ аст ва бақо ва мавҷудияти инсон мавлуди тағйироти тасодуфӣ ва беҳадаф ва як силсила ҷиноёти чандмиллион солӣ аст, ки аҷдоди вай нисбат ба анвоъи дигар раво дошта, то имрӯз ба ин шакл боқӣ мондааст, агар биност мӯътақид бошем, ки инсон худ намунае аст аз мошинҳое, ки акнун худ ба дасти худ месозад, агар биност эътиқод ба рух ва асолат ва бақои он худхоҳӣ ва иғроқ ва муболиға дар бораи худ бошад, агар биност ангеза ва муҳаррики аслии башар дар ҳамаи корҳо умури иқтисодӣ ё ҷинсӣ ё бартариталабӣ бошад, агар биност неку бад ба таври куллӣ мафоҳими нисбӣ бошанд ва илҳомоти фитрӣ ва виҷдонӣ сухани ёва шумурда шавад, агар инсон ҷинсан бандаи шаҳавот ва майлҳои нафсонии худ бошад ва ҷуз дар баробари зӯр сар таслим хам накунад ва агар…

Чӣ гуна метавонем аз ҳайсият ва шарофати инсонӣ ва ҳуқуқи ғайри қобили салб ва шахсияти қобили эҳтироми инсон дам бизанем ва онро асос ва пояи ҳамаи фаъолиятҳои худ қарор диҳем?!

## Ғарб дар бораи инсон дучори таноқуз шудааст

Дар фалсафаи ғарб то он ҷо, ки мумкин буда ба ҳайсияти зотии инсон латма ворид шуда ва мақоми инсон пойин омадааст. Дунёи ғарб аз тарафе инсонро аз лиҳози пайдоиш ва иллатҳое, ки ӯро ба вуҷуд овардааст, аз лиҳози ҳадафи дастгоҳи офариниш дар бораи ӯ, аз лиҳози сохтмон ва тору пуди вуҷуд ва ҳастиаш, аз лиҳози ангеза ва муҳаррики аъмолаш, аз лиҳози виҷдон ва замираш, то ин андоза ӯро пойин оварда, ки гуфтем.

Он гоҳ эъломияи болобаланд дар бораи арзиш ва мақоми инсон ва ҳайсият ва каромат ва шарофати зотӣ ва ҳуқуқи муқаддас ва ғайри қобили интиқолаш содир мекунад ва ҳамаи афроди башарро даъват мекунад, ки ба ин эъломияи болобаланд имон биёваранд. Барои ғарб лозим буд аввал дар тафсире, ки аз инсон мекунад таҷдиди назаре ба амал оварад, он гоҳ эъломияҳои болобаланд дар заминаи ҳуқуқи муқаддас ва фитрии башар содир кунад.

Ман қабул дорам, ки ҳамаи фалосифаи ғарб инсонро он чунон, ки шарҳ дода шуд тафсир накардаанд; иддаи зиёде аз онҳо инсонро каму беш он чунон тафсир кардаанд, ки шарқ

тафсир мекунад. Назари ман тарзи тафаккуре аст, ки дар аксарияти мардуми ғарб ба вуҷуд омада ва мардуми ҷаҳонро таҳти таъсир қарор додааст.

Эъломияи ҳуқуқи башарро бояд касе содир кунад, ки инсонро дар дараҷае олитар аз як таркиби моддии мошинӣ мебинад, ангезаҳо ва муҳаррикҳои инсонро мунҳасир ба умури ҳайвонӣ ва шахсӣ намедонад, барои инсон виҷдони инсонӣ қоил аст. Эъломияи ҳуқуқи башарро бояд шарқ содир кунад, ки ба асли:

إِنِّي جاعِلٌ فِي الْأَرْضِ خَلِيفَةً

(*Бақара/30*) имон дорад ва дар инсон намунае аз мазоҳири улуҳият суроғ дорад. Касе бояд дам аз ҳуқуқи башар бизанад, ки дар инсон оҳанги сайру сафаре то сарманзили:

يا أَيُّهَا الْإِنْسانُ إِنَّكَ كادِحٌ إِلى رَبِّكَ كَدْحاً فَمُلاقِيهِ

(*Иншиқоқ/6*) қоил аст.

Эъломияи ҳуқуқи башар шоистаи он системҳои фалсафӣ аст, ки ба ҳукми:

وَنَفْسٍ وَما سَوّاها، فَأَلْهَمَها فُجُورَها وَتَقْواها

(*Шамс/7 ва 8*) дар сиришти инсон тамоюл ба некӣ қоиланд.

Эъломияи ҳуқуқи башарро бояд касе содир кунад, ки ба сиришти башар хушбин аст ва ба ҳукми:

لَقَدْ خَلَقْنَا الْإِنْسانَ فِي أَحْسَنِ تَقْوِيمٍ

(*Тин/4*) онро мӯътадилтарин ва комилтарини сириштҳо медонад.

Он чи шоистаи тарзи тафаккури ғарбӣ дар тафсири инсон аст, Эъломияи ҳуқуқи башар нест, балки ҳамон тарзи рафторе аст, ки ғарб амалан дар бораи инсон раво медорад. Яъне куштани ҳамаи авотифи инсонӣ, ба бозӣ гирифтани мумайизоти башарӣ, тақаддуми сармоя бар инсон, авлавияти пул бар башар, маъбуд будани мошин, худоии сарват, истисмори инсонҳо, қудрати бениҳояти сармоядорӣ, ки агар аҳёнан як нафар миллионер сарвати худро барои баъд аз худаш ба саги маҳбубаш мунтақил кунад, он саг эҳтироме мофавқи эҳтироми инсонҳо пайдо мекунад; инсонҳо дар хидмати як саги сарватманд ба унвони пешкор, муншӣ, дафтардор истихдом мешаванд ва дар муқобили ӯ даст ба сина меистанд ва таъзим мекунанд.

# Ғарб, ҳам худро фаромӯш карда ва ҳам Худои худро

Масъалаи муҳимми иҷтимои башар дар имрӯз ин аст, ки башар ба таъбири Қуръон, “худ”-ро фаромӯш кардааст, ҳам худро фаромӯш карда ва ҳам Худои худро. Масъалаи муҳим ин аст, ки “худ”-ро таҳқир кардааст, аз дарунбинӣ ва таваҷҷӯҳ ба ботин ва замир ғофил шуда ва таваҷҷӯҳи хешро яксара ба дунёи ҳиссӣ ва моддӣ маҳдуд кардааст. Ҳадафе барои худ ҷуз чашидани моддиёт намебинад ва намедонад, хилқатро абас меангорад, худро инкор мекунад, руҳи худро аз даст додааст. Бештари бадбахтиҳои имрӯзи башар ношӣ аз ин тарзи тафаккур аст ва мутаассифона наздик аст ҷаҳонгир шавад ва якбора башариятро несту нобуд кунад. Ин тарзи тафаккур дар бораи инсон сабаб шуда, ки ҳар чи тамаддун тавсиа пайдо мекунад ва азимтар мегардад, мутамаддин ба сӯйи ҳақорат мегарояд. Ин тарзи тафаккур дар бораи инсон мӯҷиб гашта, ки инсонҳои воқеиро ҳамвора дар гузашта бояд ҷустуҷӯ кард ва дастгоҳи азими тамаддуни имрӯз ба сохтани ҳар чизи олӣ ва дастиаввал қодир аст ҷуз ба сохтани инсон. Гондӣ мегӯяд:

“*Ғарбӣ барои он мустаҳиққи дарёфти лақаби худои замин аст, ки ҳамаи имконот ва мавҳибатҳои заминиро молик аст. Ӯ ба корҳои заминӣ қодир аст, ки милали дигар онҳоро дар қудрати Худо медонанд. Лекин ғарбӣ аз як чиз оҷиз аст ва он таъаммул дар ботини хеш аст. Танҳо ин мавзӯъ барои исботи пучии дурахшандагии козиби тамаддуни ҷадид кофӣ аст.*

*Тамаддуни ғарбӣ агар ғарбиёнро мубтало ба хӯрдани машруб ва таваҷҷӯҳ ба аъмоли ҷинсӣ намудааст, ба хотири ин аст, ки ғарбӣ ба ҷойи “хештанҷӯӣ” дар пайи нисён ва ҳадар сохтани хештан аст…*

*Қувваи амалии ӯ бар иктишоф ва ихтироъ ва таҳияи васоили ҷангӣ, ношӣ аз фирори ғарбӣ аз “хештан” аст, на қудрат ва тасаллути истисноии вай бар худ… Тарс аз танҳоӣ ва сукут ва тавассул ба пул, ғарбиро аз шунидани нидои ботини худ оҷиз сохта ва ангезаи фаъолиятҳои мудовими ӯ ҳаминҳост. Муҳаррики ӯ дар фатҳи ҷаҳон, нотавонии ӯ дар “ҳукумат ба хештан” аст. Ба ҳамин иллат ғарбӣ падидоварандаи ошӯб ва фасод дар саросари дунёст… Вақте инсон руҳи худро аз даст бидиҳад, фатҳи дунё ба чӣ дарди ӯ мехӯрад… Касоне, ки Инҷил ба онон таълим додааст, ки дар ҷаҳон мубашшири ҳақиқат ва муҳаббат ва сулҳ бошанд, худашон дар*

*ҷустуҷӯи тилло ва барда ба ҳар тараф равонанд; ба ҷойи ин ки мутобиқи таъолими Инҷил дар мамалакати Худованд дар ҷустуҷӯи бахшиш ва адолат бошанд, барои табриаи сайиоти худ аз ҳарбаи мазҳаб истифода мекунанд ва ба ҷойи нашри каломи илоҳӣ, бар сар миллатҳо бомб мерезанд*."

Ва ба ҳамин иллат Эъломияи ҳуқуқи башар беш аз ҳама ва пеш аз ҳама аз тарафи худи ғарб нақз шудааст. Фалсафае, ки ғарб амалан дар зиндагӣ тай мекунад, роҳе ҷуз шикасти Эъломияи ҳуқуқи башар боқӣ намегузорад.

# Бахши панҷум: Мабонии табиии ҳуқуқи хонаводагӣ

** Ягона марҷаъи салоҳиятдор барои шиносоии ҳуқуқи воқеии инсонҳо китоби офариниш аст*

** Дар иҷтимоъи “маданӣ” ҷанбаҳои қарордодӣ ва дар иҷтимоъи “хонаводагӣ” ҷанбаҳои табиӣ ғалаба дорад*

** Фарзияи чаҳор давра дар ҳуқуқи хонаводагӣ, тақлиди ношиёнае аст аз фарзияи сотсиалистҳо дар бораи моликият*

** Оё зану мард дорои ду табиати ҳуқуқӣ мебошанд?*

## Мабонии табиии ҳуқуқи хонаводагӣ (1)

Гуфтем, ки руҳ ва асоси Эъломияи ҳуқуқи башар ин аст, ки инсон аз як навъ ҳайсият ва шахсияти зотии қобили эҳтиром бархӯрдор аст ва дар матни хилқат ва офариниш як силсила ҳуқуқ ва озодиҳо ба ӯ дода шудааст, ки ба ҳеч наҳв қобили салб ва интиқол намебошанд.

Ва гуфтем, ин руҳ ва асос, мавриди таъйиди ислом ва фалсафаҳои шарқӣ аст ва он чи бо руҳ ва асоси ин эъломия носозгор аст ва онро бепоя ҷилва медиҳад, ҳамоно тафсирҳое аст, ки дар бисёре аз системҳои фалсафии ғарб дар бораи инсон ва тору пуди ҳастиаш мешавад.

Бадеҳӣ аст, ки ягона марҷаъи салоҳиятдор барои шиносоии ҳуқуқи воқеии инсонҳо китоби пурарзиши офариниш аст. Бо руҷӯъ ба сафаҳот ва сутури ин китоби азим, ҳуқуқи воқеии муштараки инсонҳо ва вазъи ҳуқуқи зану мард дар муқобили якдигар мушаххас мегардад.

Аҷиб ин аст, ки баъзе аз соддадилон ба ҳеч ваҷҳ ҳозир нестанд ин марҷаъи азимро ба расмият бишносанд. Аз назари инҳо, ягона марҷаъи салоҳиятдор гурӯҳе аз афроди башар ҳастанд, ки даст дар кори танзими ин эъломия будаанд ва имрӯз бар ҳамаи ҷаҳон сиёдат ва ҳукмронӣ доранд, ҳарчанд худашон амалан чандон побанди маводди ин эъломия нестанд; дигаронро нарасад дар он чи онҳо мегӯянд чуну чаро кунанд. Вале мо ба номи ҳамон “ҳуқуқи башар” барои худ ҳаққи чуну чаро қоил ҳастем, дастгоҳи боазамати офаринишро, ки китоби гӯёи илоҳӣ аст, ягона марҷаъи салоҳиятдор медонем.

Ман бори дигар аз хонандагони мӯҳтарам маъзарат мехоҳам аз ин ки бархе масоилро дар ин силсиламақолот тарҳ мекунам, ки андаке ранги фалсафӣ дорад ва хушк ба назар

мерасад ва барои баъзе аз хонандагони мӯҳтарам хастагиовар аст. Худам то ҳадди имкон аз тарҳи ингуна масоил иҷтиноб дорам, вале гоҳе иртиботи масоили ҳуқуқи зан бо ин масоили хушки фалсафӣ ба қадре аст, ки баҳс дар бораи онҳо иҷтинобнопазир аст.

# Робитаи ҳуқуқи табиӣ ва ҳадафдории табиат

Аз назари мо, ҳуқуқи табиӣ ва фитрӣ аз он ҷо пайдо шуда, ки дастгоҳи хилқат бо равшанбинӣ ва таваҷҷӯҳ ба ҳадаф, мавҷудотро ба сӯйи камолоте, ки истеъдоди онҳоро дар вуҷуди онҳо нуҳуфтааст савқ медиҳад.

Ҳар **истеъдоди табиӣ мабнои як "ҳаққи табиӣ" аст** ва як "санади табиӣ" барои он ба шумор меояд. Масалан, фарзанди инсон ҳаққи дарс хондан ва мадраса рафтан дорад, аммо баччаи гӯсфанд чунин ҳаққе надорад, чаро?

Барои ин ки истеъдоди дарси хондан ва доно шудан, дар фарзанди инсон ҳаст, аммо дар гӯсфанд нест. Дастгоҳи хилқат ин санади талабкориро дар вуҷуди инсон қарор дода ва дар вуҷуди гӯсфанд қарор надодааст. Ҳамчунин аст ҳаққи фикр кардан ва раъй додан ва иродаи озод доштан.

Баъзе хаёл мекунанд, фарзияи "ҳуқуқи табиӣ" ва ин ки хилқат ва офариниш инсонро ба навъе аз ҳуқуқ мумтоз сохтааст, як иддаои пуч ва худхоҳона аст ва бояд онро дур афканд; ҳеч фарқе миёни инсон ва ғайри инсон аз лиҳози ҳуқуқ нест.

Хайр, ин тавр нест. Истеъдодҳои табиӣ мухталиф аст. Дастгоҳи хилқат ҳар навъе аз анвоъи мавҷудотро дар мадоре махсус ба худи ӯ қарор додааст ва саодати ӯро ҳам дар ин қарор дода, ки дар мадори табиии худаш ҳаракат кунад. Дастгоҳи офариниш дар ин кори худ ҳадаф дорад ва ин санадҳоро ба сурати тасодуф ва аз рӯйи бехабарӣ ва ноогоҳӣ ба дасти махлуқот надодааст. Дар ин силсиламақолот тавзеҳи бештар дар бораи ин матлаб муяссар нест.

Реша ва асоси ҳуқуқи хонаводагиро — ки масъалаи мавриди баҳси мост — монанди соири ҳуқуқи табиӣ, дар табиат бояд ҷустуҷӯ кард. Аз истеъдодҳои табиии зану мард ва анвоъ санадҳое, ки хилқат ба дасти онҳо супурдааст, метавонем бифаҳмем оё зану мард дорои ҳуқуқ ва таколифи мушобеҳе ҳастанд ё на? Фаромӯш накунед, ҳамчунон ки дар мақолаҳои пеш гуфтем, масъалаи мавриди баҳси мо ташобуҳи ҳуқуқи хонаводагии зану мард аст, на тасовии ҳуқуқи онҳо.

# Ҳуқуқи ичтимоӣ

Афроди башар аз лиҳози ҳуқуқи иҷтимоии ғайри хонаводагӣ яъне аз лиҳози ҳуқуқе, ки дар иҷтимоъи бузург, хориҷ аз муҳити хонавода нисбат ба якдигар пайдо мекунанд, ҳам вазъи мусовӣ доранд ва ҳам вазъи мушобеҳ. Яъне ҳуқуқи аввалии табиии онҳо баробари якдигар ва монанди якдигар аст; ҳама мисли ҳам ҳақ доранд аз мавҳибатҳои хилқат истифода кунанд, мисли ҳам ҳақ доранд кор кунанд, мисли ҳам ҳақ доранд дар мусобиқаи зиндагӣ ширкат кунанд, ҳама мисли ҳам ҳақ доранд худро номзади ҳар мақом аз мансабҳои иҷтимоӣ бикунанд ва барои таҳсил ва ба даст овардани он аз тариқи машрӯъ кӯшиш кунанд, ҳама мисли ҳам ҳақ доранд истеъдодҳои илмӣ ва амалии вуҷудии худро зоҳир кунанд.

Ва албатта ҳамин тасовӣ дар ҳуқуқи аввалияи табиӣ тадриҷан онҳоро аз лиҳози ҳуқуқи иктисобӣ дар вазъи номусовӣ қарор медиҳад, яъне ҳама ба таври мусовӣ ҳақ доранд кор кунанд ва дар мусобиқаи зиндагӣ ширкат намоянд, аммо чун пойи анҷоми вазифа ва ширкат дар мусобиқа ба миён меояд, ҳама дар ин мусобиқа як ҷур аз об дарнамеоянд: баъзе пуристеъдодтаранд ва баъзе камистеъдодтар, баъзе пуркортаранд ва баъзе камкортар, билохира баъзе олимтар, бокамолтар, боҳунартар, коромадтар, лоиқтар аз баъзе дигар аз кор дармеоянд. Қаҳран ҳуқуқи иктисобии онҳо сурати номутасовӣ ба худ мегирад ва агар бихоҳем ҳуқуқи иктисобии онҳоро низ монанди ҳуқуқи аввалӣ ва табиии онҳо мусовӣ қарор диҳем, амали мо ҷуз зулм ва таҷовуз номе нахоҳад дошт.

Чаро аз лиҳози ҳуқуқи табиии аввалии иҷтимоӣ, ҳамаи афрод вазъи мусовӣ ва мушобеҳе доранд?

Барои ин ки мутолеа дар аҳволи башар собит мекунад, ки афроди башар табиатан ҳеч кадом раис ё маръус офарида нашудаанд, ҳеч кас коргар ё санъатгар ё устод ё муаллим ё афсар ё сарбоз ё вазир ба дунё наомадааст. Инҳо имтиёзҳо ва хусусиёте аст, ки ҷузъи ҳуқуқи иктисобии башар аст, яъне афрод дар партави лиёқат ва истеъдод ва кор ва фаъолият бояд онҳоро аз иҷтимоъ бигиранд ва иҷтимоъ бо як қонуни қарордодӣ онҳоро ба афроди худ вогузор мекунад.

Тафовути зиндагии иҷтимоии инсон бо зиндагии иҷтимоии ҳайвоноти иҷтимоӣ аз қабили занбӯри асал, дар ҳамин ҷиҳат аст. Ташкилоти зиндагии он ҳайвонот сад дар сад табиӣ аст; корҳо ба дасти табиат дар миёни онҳо тақсим шуда, на ба дасти худашон; табиатан баъзе раис ва баъзе маръус, баъзе коргар ва баъзе муҳандис ва баъзе маъмури интизомӣ офарида шудаанд. Аммо зиндагии иҷтимоии инсон ин тавр нест.

Ба ҳамин ҷиҳат баъзе аз донишмандон якбора ин назарияи қадими фалсафиро, ки мегӯяд: “Инсон табиатан иҷтимоӣ аст” инкор карда ва иҷтимоъи инсониро сад дар сад “қарордодӣ” фарз кардаанд.

## Ҳуқуқи хонаводагӣ

Ин дар иҷтимоъи ғайр хонаводагӣ. Аммо дар иҷтимоъи хонаводагӣ чӣ тавр? Оё афроди башар дар иҷтимоъи хонаводагӣ низ аз лиҳози ҳуқуқи аввалияи табиӣ вазъи мушобеҳ ва ҳамонанде доранд ва тафовути онҳо дар ҳуқуқи иктисобӣ аст? Ё миёни иҷтимоъи хонаводагӣ яъне иҷтимоъе, ки аз зану шавҳар, падару модар ва фарзандон ва бародарон ва хоҳарон ташкил мешавад, бо иҷтимоъи ғайри хонаводагӣ, аз лиҳози ҳуқуқи аввалия низ тафовут аст ва қонуни табиӣ, ҳуқуқи хонаводагиро ба шакле махсус вазъ кардааст?
Дар инҷо ду фарз вуҷуд дорад: яке ин ки зану шавҳарӣ ва падару фарзандӣ ё модару фарзандӣ монанди соири равобити иҷтимоӣ ва ҳамкориҳои афрод бо якдигар дар муассисоти миллӣ ё дар муассисоти давлатӣ, сабаб намешавад, ки баъзе афрод табъан вазъи махсус ба худ дошта бошанд. Фақат имтиёзҳои иктисобӣ сабаб мешавад, ки яке масалан раис ва дигаре маръус, яке мутеъ ва дигаре мутоъ, яке дорои моҳонаи бештар ва яке камтар бошад. Зан будан ё шавҳар будан, падар ё модар будан ва фарзанд будан низ сабаб намешавад, ки ҳар кадом вазъи махсус ба худ дошта бошанд. Фақат имтиёзҳои иктисобӣ метавонад вазъи онҳоро нисбат ба якдигар муайян кунад.
Фарзияи “ташобуҳи ҳуқуқи зану мард дар ҳуқуқи хонаводагӣ”, ки ба ғалат номи “тасовии ҳуқуқ” ба он додаанд, мубтанӣ бар ҳамин фарз аст. Тибқи ин фарзия, зану мард бо истеъдодҳо ва эҳтиёҷоти мушобеҳ ва бо санадҳои ҳуқуқии мушобеҳе, ки аз табиат дар даст доранд, дар зиндагии хонаводагӣ ширкат мекунанд. Пас бояд ҳуқуқи хонаводагӣ бар асоси яксонӣ ва ҳамонандӣ ва ташобуҳ танзим шавад.
Фарзи дигар ин аст, ки хайр, ҳуқуқи табиии аввалияи онҳо низ мутафовит аст. Шавҳар будан аз он ҷиҳат, ки шавҳар будан аст, вазоиф ва ҳуқуқи хоссеро эҷоб мекунад ва зан будан аз он ҷиҳат, ки зан будан аст, вазоиф ва ҳуқуқи дигаре эҷоб мекунад. Ҳамчунин аст падар ё модар будан ва фарзанд будан ва ба ҳар ҳол иҷтимоъи хонаводагӣ бо соири ширкатҳо ва ҳамкориҳои иҷтимоӣ мутафовит аст. Фарзияи “адами ташобуҳи ҳуқуқи хонаводагии зану мард”, ки ислом онро пазируфта мубтанӣ бар ин асл аст.
Ҳоло кадом як аз ду фарзи боло дуруст аст ва аз чӣ роҳ метавонем дурустии яке аз ин ду фарзро бифаҳмем?

# Мабонии табиии ҳуқуқи хонаводагӣ (2)

Барои ин ки хонандагони мӯҳтарам битавонанд хуб натиҷагирӣ кунанд, бояд матолибе, ки дар фасли гузашта гуфта шуд, дар назар дошта бошанд. Гуфтем:

1. Ҳуқуқи табиӣ аз онҷо пайдо шуда, ки табиат ҳадаф дорад ва бо таваҷҷӯҳ ба ҳадаф, истеъдодҳое дар вуҷуди мавҷудот ниҳода ва истеҳқоқҳое ба онҳо додааст;

2. Инсон аз он ҷиҳат, ки инсон аст, аз як силсила ҳуқуқи хосс, ки "ҳуқуқи инсонӣ" номида мешавад бархӯрдор аст ва ҳайвонот аз ин навъ ҳуқуқ бархӯрдор намебошанд;

3. Роҳи ташхиси ҳуқуқи табиӣ ва кайфияти онҳо муроҷеа ба хилқат ва офариниш аст. Ҳар истеъдоди табиӣ як санади табиӣ аст барои як ҳаққи табиӣ;

4. Афроди инсон аз лиҳози иҷтимоъи маданӣ ҳама дорои ҳуқуқи табиии мусовӣ ва мушобеҳе мебошанд ва тафовути онҳо дар ҳуқуқи иктисобӣ аст, ки бастагӣ дорад ба кор ва анҷоми вазифа ва ширкат дар мусобиқаи анҷоми таколиф;

5. Иллати ин ки афроди башар дар иҷтимоъи маданӣ дорои ҳуқуқи табиии мусовӣ ва муташобеҳе ҳастанд ин аст, ки мутолеа дар аҳволи табиати инсонҳо равшан мекунад, ки афроди инсон — бар хилофи ҳайвоноти иҷтимоӣ аз қабили занбӯри асал — ҳеҷ кадом табиатан раис ё маръус, мутеъ ё мутоъ, фармондеҳ ё фармонбар, коргар ё корфармо, афсар ё сарбоз ба дунё наомадаанд.

Ташкилоти зиндагии инсонҳо табиӣ нест; корҳо ва мақомҳо ва вазифаҳо ба дасти табиат тақсим нашудааст.

6. Фарзияи ташобуҳи ҳуқуқи хонаводагии зану мард мубтанӣ бар ин аст, ки иҷтимоъи хонаводагӣ монанди иҷтимоъи маданӣ аст. Афроди хонавода дорои ҳуқуқи ҳамонанд ва муташобеҳе ҳастанд. Зану мард бо истеъдодҳо ва эҳтиёҷҳои мушобеҳ дар зиндагии хонаводагӣ ширкат мекунанд ва санадҳои мушобеҳе аз табиат дар даст доранд. Қонуни хилқат ба таври табиӣ барои онҳо ташкилоте дар назар нагирифта ва корҳо ва мақомҳоро миёни онҳо тақсим накардааст.

Ва аммо фарзияи адами ташобуҳи ҳуқуқи хонаводагӣ мубтанӣ бар ин аст, ки ҳисоби иҷтимоъи хонаводагӣ аз иҷтимоъи маданӣ ҷудост. Зану мард бо истеъдодҳо ва эҳтиёҷҳои мушобеҳе дар зиндагии хонаводагӣ ширкат намекунанд ва санадҳои мушобеҳе аз табиат дар даст надоранд.

Қонуни хилқат онҳоро дар вазъи номушобеҳе қарор дода ва барои ҳар як аз онҳо мадор ва вазъи муайяне дар назар гирифтааст.

Акнун бибинем, кадом як аз ду фарзияи боло дуруст аст ва аз чӣ роҳ бояд дурустии яке аз ин ду фарзро бифаҳмем.

Бо миқёсе, ки қаблан дар даст додем, таъйини ин ки кадом як аз ду фарзи боло саҳеҳ аст, кори чандон душворе нест. Ба истеъдодҳо ва эҳтиёҷҳои табиии зану мард, ба иборати дигар, ба санадҳои табиӣ, ки қонуни хилқат ба дасти ҳар як аз зану мард додааст муроҷеа мекунем, таклиф равшан мешавад.

## Оё зиндагии хонаводагӣ табиӣ аст ё қарордодӣ?

Дар мақолаи пеш гуфтем, ки дар бораи "зиндагии иҷтимоии инсон" ду назар аст: баъзе зиндагии иҷтимоии инсонро табиӣ медонанд, ба истилоҳ, инсонро "мадании биттабъ" медонанд. Баъзе дигар баръакс, зиндагии иҷтимоиро як амри қарордодӣ медонанд, ки инсон ба ихтиёри худ ва таҳти таъсири омилҳои иҷборкунандаи хориҷӣ — на омилҳои дарунӣ — онро интихоб кардааст.

Дар боби зиндагии хонаводагӣ чӣ тавр? Оё дар инҷо ҳам ду назар аст? Хайр! Дар инҷо як назар бештар вуҷуд надорад. Зиндагии хонаводагии башар сад дар сад табиӣ аст, яъне инсон табиатан "манзилӣ" офарида шудааст. Фарзан дар табиӣ будани зиндагии "маданӣ"-и инсон тардид кунем, дар табиӣ будани зиндагии "манзилӣ" яъне зиндагии хонаводагии ӯ наметавонем тардид кунем.

Ҳамчунон ки бисёре аз ҳайвонот бо он ки зиндагии иҷтимоии табиӣ надоранд, балки ба куллӣ аз зиндагии иҷтимоӣ бебаҳраанд, дорои навъе зиндагонии заношӯии табиӣ мебошанд, монанди кабӯтарон ва баъзе ҳашарот, ки ба таври "ҷуфт" зиндагӣ мекунанд.

Ҳисоби зиндагии хонаводагӣ аз зиндагии иҷтимоӣ ҷудост. Дар табиат тадобире ба кор бурда шуда, ки табиатан инсон ва баъзе ҳайвонот ба сӯйи зиндагонии хонаводагӣ ва ташкили конуни хонаводагӣ ва доштани фарзанд гароиш доранд.

Қароини таърихӣ давраеро нишон намедиҳад, ки дар он давра, инсон фоқиди зиндагии хонаводаги бошад, яъне зану мард мунфарид аз якдигар зист кунанд ва ё робитаи ҷинсӣ миёни афрод сурати иштирокӣ ва умумӣ дошта бошад. Зиндагии қабоили ваҳшии асри ҳозир — ки намунае аз зиндагонии башарии қадим ба шумор меравад — низ чунин нест. Зиндагии башари қадим, хоҳ ба сурати "модаршоҳӣ" ва хоҳ ба сурати "падаршоҳӣ", шакли хонаводагӣ доштааст.

## Фарзияи чаҳор давра

Дар масъалаи моликият, ин ҳақиқат мавриди қабули ҳамагон воқеъ шуда, ки дар ибтидо сурати иштирокӣ доштааст ва ихтисос баъдан пайдо шудааст, вале дар масъалаи ҷинсият ҳаргиз чунин матлабе нест. Иллати ин ки моликият дар оғози зиндагии башарӣ ҷанбаи

иштирокӣ дошта ин аст, ки дар он вақт иҷтимои башар қабилаӣ буда ва сурати хонаводагӣ доштааст, яъне афроди қабила, ки бо ҳам мезистаанд, аз авотифи хонаводагӣ баҳраманд будаанд ва ба ҳамин ҷиҳат аз лиҳози моликият вазъи иштирокӣ доштаанд. Дар адвори аввалия фаразан қонуну русуму одоте набуда, ки зану мардро дар муқобили якдигар масъул қарор диҳад, худи табиат ва эҳсосоти табиии онҳо, онҳоро ба вазоиф ва ҳуқуқе муқайяд мекардааст ва ҳаргиз зиндагӣ ва омезиши ҷинсии бидуни қайду шарт надоштаанд; ҳамчунон ки ҳайвоноте, ки ба сурати "ҷуфт" зиндагӣ мекунанд, қонуни иҷтимоӣ ва қарордодӣ надоранд, вале ба ҳукми қонуни табиӣ, ҳуқуқ ва вазоиферо риоят мекунанд ва зиндагӣ ва омезиши онҳо бидуни қайду шарт нест.

Хонум Меҳрангез Манучеҳриён дар муқаддимаи китоби "*Интиқод бар қонунҳои асосӣ ва мадании Эрон"* мегӯянд:

"*Аз назари ҷомеашиносӣ, зиндагии зану мард дар нуқоти мухталифи замин яке аз ин чаҳор марҳиларо мепаймояд:*

*1. Марҳилаи табиӣ;*

*2. Марҳилаи тасаллути мард;*

*3. Марҳилаи эътирози зан;*

*4. Марҳилаи тасовии ҳуқуқи зану мард.*

*Дар марҳилаи аввал, зану мард бидуни ҳеч гуна қайду шарте бо ҳам омезиш доранд…*"

Ҷомеашиносӣ ин гуфтаро намепазирад. Он чи ҷомеашиносӣ мепазирад, ҳаддиаксар ин аст, ки аҳёнан дар миёни баъзе қабоили ваҳшӣ чанд бародар муштаракан бо чанд хоҳар издивоҷ мекардаанд; ҳамаи он бародарҳо бо ҳамаи ин хоҳарҳо омезиш доштаанд ва фарзандон ҳам ба ҳама таъаллуқ доштааст; ва ё ин аст, ки писарон ва духтарон қабл аз издивоҷ ҳеч маҳдудияте надоштаанд ва танҳо издивоҷ онҳоро маҳдуд мекардааст; ва агар аҳёнан дар миёни баъзе қабоили ваҳшӣ вазъи ҷинсӣ аз ин ҳам умумитар буда ва ба истилоҳ, зан "миллӣ" будааст, ҷанбаи истисноӣ дошта ва инҳироф аз вазъи табиӣ ва умумӣ ба шумор меравад.

Уилям Дюрант дар ҷилди аввали "*Таърихи тамаддун*", сафҳаи 47 мегӯяд:

"*Издивоҷ, аз ихтироъоти ниёгони ҳайвонии мо будааст. Дар баъзе аз парандагон чунин ба назар мерасад, ки ҳақиқатан ҳар паранда фақат ба ҳамсари худ иктифо мекунад. Дар горилҳо ва орангутанҳо робита миёни*

*нару мода то поёни давраи парвариши навзод идома дорад ва ин иртибот аз бисёре аз назарҳо шабеҳ ба равобити зану мард аст ва ҳар гоҳ мода бихоҳад бо нари дигаре наздикӣ кунад, ба сахтӣ мавриди танбеҳи нари худ қарор мегирад. Де Креспини дар хусуси орангутанҳои Борнео мегӯяд, ки "онҳо дар хонаводаҳое ба сар мебаранд, ки аз нару мода ва кӯдакони онҳо ташкил мешавад" ва доктор Севиы дар мавриди горилҳо менависад, ки "одати онҳо чунин аст, ки падару модар зери дарахте менишинанд ва ба хӯрдани мева мепардозанд ва кӯдакон давру бари падару модар бар дарахтҳо ҷастан мекунанд. Заношӯӣ дар сафаҳоти таърих пеш аз зуҳури инсон оғоз шудааст. Иҷтимоъоте, ки дар онҳо заношӯӣ мавҷуд набошад бисёр кам аст, вале касе, ки дар ҷустуҷӯ бошад, метавонад иддае аз чунин ҷомеаҳоро пайдо кунад.*"

Ғараз ин аст, ки эҳсосоти хонаводагӣ барои башар як амри табиӣ ва ғаризӣ аст, мавлуди одат ва натиҷаи тамаддун нест, ҳамчунон ки бисёре аз ҳайвонот ба таври табиӣ ва ғаризӣ дорои эҳсосоти хонаводагӣ мебошанд.

Бинобар ин, ҳеч даврае бар башар нагузашта, ки ҷинси нар ва ҷинси мода ба таври куллӣ бидуни ҳеч гуна қайду шарт ва таъаҳҳуд — ҳарчанд таъаҳҳуди табиӣ — бо ҳам зист карда бошанд. Чунон даврае фарзе мусовӣ аст бо иштирокияти ҷинсӣ, ки ҳатто тарафдорони иштирокияти молӣ дар адвори аввалия, чунон давраеро иддао намекунанд. Фарзияи чаҳор давра дар равобити зану мард як тақлиди ношиёнае аст аз фарзияи чаҳор даврае, ки сотсиалистҳо дар бораи моликият қоиланд. Онҳо мегӯянд, башар аз лиҳози моликият чаҳор давраро тай кардааст: марҳилаи иштироки аввалия, марҳилаи феодализм, марҳилаи капитализм ва марҳилаи сотсиализм ва коммунизм, ки бозгашт ба иштироки аввалия, вале дар сатҳи олитар аст.

Ҷойи хушвақтӣ аст, ки хонум Манучеҳриён номи давраи чаҳоруми равобити зану мардро тасовии ҳуқуқи зану мард гузоштаанд ва дар ин ҷиҳат аз сотсиалистҳо тақлид накарда ва охирин марҳиларо бозгашт ба ҳолати иштироки аввалия ном наниҳодаанд, агарчӣ мушорун илайҳо миёни давраи чаҳорум он тавр, ки худашон тасаввур кардаанд ва давраи аввал шабоҳати зиёде қоиланд, зеро тасреҳ мекунанд, ки: "*дар марҳилаи чаҳорум, ки шабоҳати зиёде ба марҳилаи аввал дорад, зану мард бидуни ҳеч гуна султа ва тафаввуқе нисбат ба якдигар бо ҳам зиндагонӣ мекунанд.*"

Ман ҳанӯз натавонистаам мақсуди эшонро аз ин “шабоҳати зиёд” бифаҳмам. Агар мақсуд танҳо адами султа ва тафаввуқи мард ва тасовии таъаҳҳудот ва шароити онҳо нисбат ба якдигар бошад, далел намешавад миёни ин давра ва даврае, ки ба ақидаи мушорун илайҳо ҳеч гуна таъаҳҳуд ва шарту қайде вуҷуд надошта ва зиндагии зану мард шакли хонаводагӣ надоштааст шабоҳат вуҷуд дошта бошад. Ва агар мақсуд ин аст, ки дар давраи чаҳорум тадриҷан ҳамаи қайдҳо ва таъаҳҳудот аз миён меравад ва зиндагии хонаводагӣ мансух мегардад ва навъе иштироки ҷинсӣ миёни афроди башар ҳукмфармо мегардад, маълум мешавад, мафҳуми эшон аз “тасовии ҳуқуқ” — ки тарафдори ҷиддии он ҳастанд — чизе аст ғайри он чизе, ки соири тарафдорони тасовии ҳуқуқ толиби он ҳастанд ва аҳёнан барои онҳо ваҳшатнок аст.

Акнун мо бояд таваҷҷӯҳи худро ба сӯйи табиати ҳуқуқи хонаводагии зану мард маътуф кунем ва дар ин замина ду чизро бояд дар назар бигирем: яке ин ки оё зану мард аз лиҳози табиат ихтилофоте доранд ё на? Ба иборати дигар, оё ихтилофоти зану мард фақат аз лиҳози ҷиҳози таносулӣ аст ё ихтилофоти онҳо амиқтар аз инҳост? Дигар ин ки агар ихтилофот ва тафовутҳои дигаре дар кор аст, оё он ихтилофот аз навъи ихтилофот ва тафовутҳое аст, ки дар таъйини ҳуқуқ ва таколифи онҳо муассир аст ё аз навъи ихтилофи ранг ва нажод аст, ки бо табиати ҳуқуқии башар бастагӣ надорад?

# Зан дар табиат

Дар қисмати аввал гумон намекунам ҷойи баҳс бошад. Ҳар кас филҷумла мутолеае дар ин замина дошта бошад, медонад, ки ихтилофот ва тафовутҳои зану мард мунҳасир ба ҷиҳози таносулӣ нест. Агар сухане ҳаст, дар ин ҷиҳат аст, ки оё он тафовутҳо дар таъйини ҳуқуқ ва таколифи зану мард таъсир дорад ё надорад?

Донишмандон ва муҳаққиқони Урупо қисмати аввалро ба таври шоистае баён кардаанд. Диққат дар мутолеоти зистӣ ва равонӣ ва иҷтимоии ин донишмандон кучактарин тардиде дар ин қисмат боқӣ намегузорад. Он чи камтар мавриди таваҷҷӯҳи ин донишмандон воқеъ шуда ин аст, ки ин тафовутҳо дар таъйини ҳуқуқ ва таколифи хонаводагӣ муассир аст ва зану мардро аз ин ҷиҳат дар вазъи номушобеҳе қарор медиҳад.

Алексис Каррел, физиолог ва ҷарроҳ ва зистшиноси маъруфи фаронсавӣ, ки шӯҳрати ҷаҳонӣ дорад, дар китоби бисёр нафиси худ – “*Инсон, мавҷуди ношинохта*” ба ҳар ду қисмат эътироф мекунад, яъне ҳам мегӯяд, зану мард ба ҳукми қонуни хилқат

мутафовит офарида шудаанд ва ҳам мегӯяд, ин ихтилофот ва тафовутҳо вазоиф ва ҳуқуқи онҳоро мутафовит мекунад.

Вай дар фасле, ки таҳти унвони “Аъмоли ҷинсӣ ва тавлиди мисл” дар китоби худ боз кардааст, мегӯяд:

“*Байзаҳо ва тухмдонҳо аъмоли пурдоманае доранд: нахуст ин ки селлулҳои нар ё мода месозанд, ки пайвастагии ин ду мавҷуд тоза инсонеро падид меоварад. Дар айни ҳол маводде тарашшуҳ мекунанд ва дар хун мерезанд, ки дар нусуҷ ва андомҳо ва шуъури мо хасоиси ҷинси мард ё занро ошкор месозад. Ҳамчунин ба тамоми аъмоли бадании мо шиддат медиҳанд. Тарашшуҳи байзаҳо мӯҷиди таҳаввур ва ҷӯшу хурӯш ва хушунат мегардад ва ин ҳамон хасоисе аст, ки гови нари ҷангиро аз гове, ки дар мазореъ барои шахм ба кор меравад мутамойиз месозад. Тухмдон низ ба ҳамин тариқ бар рӯйи вуҷуди зан асар мекунад… Ихтилофе, ки миёни зану мард мавҷуд аст, танҳо марбут ба шакли андомҳои ҷинсии онҳо ва вуҷуди зиҳдон ва анҷоми зоймон назди зан ва тарзи таълими хосси онҳо нест, балки натиҷаи иллате амиқтар аст, ки аз таъсири маводди шимияии мутарашшеҳаи ғудади таносулӣ дар хун ношӣ мешавад. Ба иллати адами таваҷҷӯҳ ба ин нуктаи аслӣ ва муҳим аст, ки тарафдорони наҳзати зан фикр мекунанд, ки ҳар ду ҷинс метавонанд як қисм таълиму тарбият ёбанд ва машоғил ва ихтиёрот ва масъулиятҳои яксоне ба ӯҳда гиранд. Зан дар ҳақиқат аз ҷиҳоти зиёде бо мард мутафовит аст. Яко яки селлулҳои баданӣ, ҳамчунин дастгоҳҳои узвӣ, махсусан силсилаи асабӣ нишонаи ҷинси ӯро бар рӯйи худ дорад. Қонунҳо физиология низ ҳамонанди қонунҳои ҷаҳони ситорагон, сахт ва ғайри қобили тағйир аст; мумкин нест тамоюлоти инсонӣ дар онҳо роҳ ёбад. Мо маҷбурем онҳоро он тавре, ки ҳастанд бипазирем. Занон бояд ба басти мавҳибатҳои табиии худ дар ҷиҳат ва масири сиришти хосси хеш бидуни тақлиди кӯр-кӯрона аз мардон бикӯшанд. Вазифаи эшон дар роҳи такомули башарият хеле бузургтар аз мардҳост ва набоистӣ онро сарсарӣ гиранд ва раҳо кунанд.” (Инсон, мавҷуди ношинохта, чопи севвум, с.100)*

Каррел пас аз тавзеҳоте дар бораи кайфияти пайдоиши селлули нутфаи мард ва тухмаки зан ва пайвастани онҳо ба якдигар ва ишора ба ин ки вуҷуди мода барои тавлиди насл зарурӣ аст — бар хилофи вуҷуди нар — ва ин ки бордорӣ ҷисму руҳи занро такмил мекунад, дар охири фасл мегӯяд:

"*Набоистӣ барои духтарони ҷавон низ ҳамон тарзи фикр ва ҳамон навъи зиндагӣ ва ташкилоти фикрӣ ва ҳамон ҳадаф ва андешаро, ки барои писарони ҷавон дар назар мегирем маъмул дорем. Мутахассисини таълиму тарбият бояд ихтилофоти узвӣ ва равонии ҷинси марду зан ва вазоифи табиии эшонро дар назар дошта бошанд ва таваҷҷӯҳ ба ин нуктаи асосӣ дар бинои оянддаи тамаддуни мо ҳоизи камол аҳаммият аст.*"

Чунонки мулоҳиза мефармоед, ин донишманди бузург, ҳам тафовутҳои табиии зиёди зану мардро баён мекунад ва ҳам мӯътақид аст, ин тафовутҳо зану мардро аз лиҳози вазифа ва ҳуқуқ дар вазъи номушобеҳе қарор медиҳад.

Дар фасли оянда низ назариёти донишмандонро дар бораи тафовутҳои зану мард нақл хоҳем кард ва сипас натиҷагирӣ хоҳем кард, ки зану мард дар чӣ қисматҳое дорои истеъдодҳо ва эҳтиёҷҳои мушобеҳе ҳастанд ва бояд ҳуқуқи мушобеҳе дошта бошанд ва дар чӣ қисматҳо вазъи мушобеҳе надоранд ва бояд ҳуқуқ ва таколифи номушобеҳе дошта бошанд.

Барои баррасӣ ва таъйини ҳуқуқ ва таколифи хонаводагии зану мард, ин қисмат ҳассостарини қисматҳост.

# Бахши шашум: Тафовутҳои зану мард

** Оё фикри тафовути зану мард як фикри қуруни вустоӣ аст?*

** Ҳуқуқи зан, Афлотун ва Арастуро рӯ дар рӯйи якдигар қарор додааст*

** Қонуни хилқат бо эҷоди тафовут дар офариниши зану мард, пайванди онҳоро муҳкамтар кардааст*

** Мард, ҷаҳонгир ва зан, мардгир офарида шудааст*

** Чизҳое, ки тоза муқаллидони Ғарбро дар заминаи равобити зану мард ба нашъа фурӯ бурдааст, худи ғарбиён давраи хумори онҳоро тай мекунанд*

## Тафовутҳои зану мард (1)

Тафовутҳои зану мард. Аҷаб ҳарфи музахрафе! Маълум мешавад, ҳанӯз ҳам бо ин ки нимаи дуввуми қарни 20-умро тай мекунем, дар гӯшаву канор афроде пайдо мешаванд, ки тарзи тафаккури қуруни вустоӣ доранд ва фикри кӯҳна ва пӯсидаи тафовути зану мардро дунбол мекунанд ва хаёл мекунанд, зану мард бо якдигар тафовут доранд ва лобуд мехоҳанд монанди мардуми қуруни вусто натиҷа бигиранд, ки зан, ҷинси пасттар аст, зан, инсони комил нест, зан, барзах миёни ҳайвон ва инсон аст, зан, лиёқат ва шоистагии ин ки дар зиндагӣ мустақил ва озод бошад надорад ва бояд таҳти қаймумат ва сарпарастии мард зиндагӣ кунад, дар сурате, ки имрӯз дигар ин ҳарфҳо кӯҳна ва пӯсида шудааст. Имрӯз маълум шуда ҳамаи ин ҳарфҳо ҷаълиёте буда, ки мардон ба ҳукми зӯргӯӣ дар давраи тасаллут бар зан сохта буданд; маълум шуда баръакс аст, зан, ҷинси бартар ва мард, ҷинси пасттар ва ноқистар аст.

Хайр, оқо! Дар қарни 20-ум ва дар партави пешрафтҳои ҳайратангези улум, тафовутҳои зану мард бештар равшан ва мушаххас шудааст. Ҷаъл ва ифтиро нест, ҳақоиқи илмӣ ва таҷрибӣ аст. Аммо ин тафовутҳо ба ҳеҷ ваҷҳ ба ин ки мард ё зан ҷинси бартар аст ва дигаре ҷинси пойинтар ва пасттар ва ноқистар марбут нест. Қонуни хилқат аз ин тафовутҳо манзури дигаре доштааст. Қонуни хилқат ин тафовутҳоро барои ин ба вуҷуд овардааст, ки пайванди хонаводагии зану мардро муҳкамтар кунад ва шолудаи ваҳдати онҳоро беҳтар бирезад. Қонуни хилқат ин тафовутҳоро ба ин манзур эҷод кардааст, ки ба дасти худ, ҳуқуқ ва вазоифи хонаводагиро миёни зану мард тақсим кунад. Қонуни хилқат тафовутҳои зану мардро ба манзуре шабеҳи манзури ихтилофот миёни аъзои як

бадан эҷод кардааст. Агар қонуни хилқат ҳар як аз чашму гӯшу пову дасту сутуни фақаротро дар вазъи махсусе қарор додааст, на аз он ҷиҳат аст, ки бо ду чашм ба онҳо нигоҳ мекарда ва назари табъиз дошта ва ба яке нисбат ба дигаре ҷафо раво доштааст.

## Таносуб аст ё нақсу камол?

Яке аз мавзӯоте, ки барои ман мӯҷиби таъаҷҷуб аст ин аст, ки баъзе исрор доранд, ки тафовути зану мардро дар истеъдодҳои ҷисмӣ ва равонӣ, ба ҳисоби ноқис будани зан ва комилтар будани мард бигузоранд; чунин вонамуд мекунанд, ки қонуни хилқат бино ба маслиҳате занро ноқис офаридааст.

Ноқисулхилқа будани зан пеш аз он ки дар миёни мо, мардуми Машриқзамин матраҳ бошад, дар миёни мардуми Ғарб матраҳ будааст. Ғарбиён дар таън ба зан ва ноқис хондани вай бедод кардаанд. Гоҳе аз забони мазҳаб ва калисо гуфтаанд: “*Зан бояд аз ин ки зан аст шармсор бошад.*” Гоҳе гуфтаанд: “*Зан ҳамон мавҷуде аст, ки гесувони баланд дорад ва ақли кӯтоҳ”, “зан охирин мавҷуди ваҳшӣ аст, ки мард ӯро аҳлӣ кардааст”, “зан барзах миёни ҳайвон ва инсон аст*” ва амсоли инҳо.

Аз ин аҷибтар ин ки бархе аз ғарбиён ахиран бо як гардиши 180 дараҷаӣ акнун мехоҳанд бо ҳазору як далел собит кунанд, ки мард мавҷуди ноқисулхилқа ва паст ва забун ва зан мавҷуди комил ва бартар аст.

Агар китоби “*Зан, ҷинси бартар*”-и Эшли Монтегюро — ки дар маҷаллаи “*Зани рӯз*” мунташир мешуд — хонда бошед, медонед, ки ин мард бо чӣ зӯр заданҳо ва мӯҳмалбофиҳо мехоҳад собит кунад, ки зан аз мард комилтар аст. Ин китоб то он ҷо, ки мустақиман мутолеоти пизишкӣ ё равонӣ ё омори иҷтимоиро арза медорад, бисёр гаронбаҳост, вале он ҷо, ки худи нависанда шахсан ба “истинтоҷ” мепардозад ва мехоҳад барои ҳадафи худ — ки ҳамон унвони китоб аст — натиҷагирӣ кунад, мӯҳмалбофиро ба ниҳоят мерасонад. Чаро бояд як рӯз занро ин қадр паст ва забун ва ҳақир бихонанд, ки рӯзи дигар маҷбур шаванд барои ҷуброни мофот, ҳамаи он навоқис ва нақоисро аз рӯйи зан бардоранд ва рӯйи мард бигузоранд? Чӣ лузуме дорад, ки тафовутҳои заму мардро ба ҳисоби ноқис будани яке ва комилтар будани дигаре бигузорем, ки маҷбур шавем гоҳе тарафи мардро бигирем ва гоҳе тарафи занро?

Эшли Монтегю аз тарафе исрор дорад, занро ҷинсан бартар аз мард муаррифӣ кунад ва аз тарафи дигар имтиёзоти мардро мавлуди омилҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ бишуморад, на мавлуди омилҳои табиӣ.

Ба ҳар ҳол, тафовутҳои зану мард "таносуб" аст, на нақсу камол. Қонуни хилқат хостааст бо ин тафовутҳо таносуби бештаре миёни зану мард — ки қатъан барои зиндагии муштарак сохта шудаанд ва муҷаррад зистан инҳироф аз қонуни хилқат аст — ба вуҷуд оварад.

Ин матлаб аз баёноти баъдӣ зимни тавзеҳи тафовутҳо равшантар мешавад.

## Назарияи Афлотун

Ин масъала як масъалаи тоза, ки дар қарни мо матраҳ шуда бошад нест; ҳадди ақал 2400 сол собиқа дорад, зеро ин масъала ба ҳамин сурат дар китоби "*Ҷумҳурият*"-и Афлотун матраҳ аст.

Афлотун бо камоли сароҳат муддаӣ аст, ки занону мардон дорои истеъдодҳои мушобеҳе ҳастанд ва занон метавонанд ҳамон вазоиферо ӯҳдадор шаванд, ки мардон ӯҳдадор мешаванд ва аз ҳамон ҳуқуқе баҳраманд гарданд, ки мардон баҳраманд мегарданд.

Ҳастаи тамоми афкори ҷадиде, ки дар қарни 20-ум дар мавриди зан пайдо шуда ва ҳатто он қисмат аз афкор, ки аз назари мардуми қарни 20-ум низ ифротӣ ва ғайри қобили қабул ба назар мерасад, дар афкори Афлотун пайдо мешавад ва ба ҳамин ҷиҳат мӯҷиби эъҷоби нозирон нисбат ба ин мард — ки падари фалсафа номида мешавад — гардидааст. Афлотун дар рисолаи "*Ҷумҳурият*", китоби панҷум ҳатто дар бораи иштирокияти зану фарзанд, дар бораи ислоҳи нажод ва беҳбуди насл ва маҳрум кардани баъзе аз занону мардон аз таносул ва ихтисос додани таносул ба афроде, ки аз хасоиси олитаре бархӯрдоранд, дар бораи тарбияти фарзандон дар хориҷ аз муҳити хонавода, дар бораи ихтисос додани таносул ба синини муайяне аз умри зану мард, ки синини қувват ва ҷӯшиши нерӯи ҳаётии онҳо ба шумор меравад, баҳс кардааст.

Афлотун мӯътақид аст, ҳамон тавре, ки ба мардон таълимоти ҷангӣ дода мешавад, ба занон низ бояд дода шавад, ҳамон тавре, ки мардон дар мусобиқоти варзишӣ ширкат мекунанд, занон низ бояд ширкат кунанд.

Аммо ду нукта дар гуфтаи Афлотун ҳаст: яке ин ки эътироф мекунад, ки занон аз мардон чӣ дар нерӯҳои ҷисмӣ, чӣ дар нерӯҳои руҳӣ ва димоғӣ нотавонтаранд, яъне тафовути зану мардро аз назари "каммӣ" эътироф дорад, ҳарчанд мухолифи тафовути "кайфӣ"-и онҳо аз лиҳози истеъдодҳост. Афлотун мӯътақид аст, истеъдодҳое, ки дар мардону занон

вуҷуд дорад, мисли якдигар аст; чизе, ки ҳаст, занон дар ҳар риштае аз риштаҳо аз мардон нотавонтаранд ва ин ҷиҳат сабаб намешавад, ки ҳар як аз зану мард ба коре ғайр аз кори дигаре ихтисос дошта бошанд.

Афлотун рӯйи ҳамин ҷиҳат, ки занро аз мард заъифтар медонад, Худоро шукр мекунад, ки мард офарида шуда, на зан. Мегӯяд: "*Худоро шукр мекунам, ки юнонӣ зоида шудам, на ғайри юнонӣ, озод ба дунё омадам, на бурда, мард офарида шудам на зан.*"

Дигар ин ки Афлотун он чи дар мавзӯъи беҳбуди насл, парвариши мутасовии истеъдодҳои зану мард, иштирокияти зану фарзанд ва ғайра гуфта, ҳама марбут аст ба табақаи ҳокима, яъне файласуфони ҳоким ва ҳокимони файласуф, ки вай онҳоро мунҳасиран шоистаи ҳукумат медонад.

Чунонки медонем, Афлотун дар равиши сиёсӣ мухолифи демукросӣ ва тарафдори аристократӣ аст. Он чи Афлотун дар заминаҳои боло гуфта марбут аст ба табақаи аристократ ва дар ғайри табақаи аристократ таври дигаре назар медиҳад.

## Афлотун ва Арасту, рӯ дар рӯйи якдигар

Баъд аз Афлотун, касе, ки оро ва ақоидаш дар дунёи қадим дар даст аст, шогирди вай Арастуст. Арасту дар китоби "*Сиёсат*" ақоиди хешро дар бораи тафовути зану мард изҳор дошта ва бо ақоиди устоди худ Афлотун сахт мухолифат кардааст. Арасту мӯътақид аст, ки тафовути зану мард танҳо аз ҷанбаи "каммӣ" нест, аз ҷанбаи "кайфӣ" низ мутафовитанд. Ӯ мегӯяд: "*Навъи истеъдодҳои зану мард мутафовит аст ва вазоифе, ки қонуни хилқат ба ӯҳдаи ҳар як аз онҳо гузошта ва ҳуқуқе, ки барои онҳо хоста, дар қисматҳои зиёде бо ҳам тафовут дорад*." Ба ақидаи Арасту, фазоили ахлоқии зану мард низ дар бисёре аз қисматҳо мутафовит аст: як хулқу хӯй метавонад барои мард фазилат шумурда шавад ва барои зан фазилат набошад. Баръакс, як хулқу хӯйи дигар мумкин аст барои зан фазилат бошад ва барои мард фазилат шумурда нашавад.

Назариёти Арасту назариёти Афлотунро дар дунёи қадим насх кард. Донишмандоне, ки баъдҳо омаданд, назариёти Арастуро бар назариёти Афлотун тарҷеҳ доданд.

# Назари дунёи имрӯз

Инҳо, ки гуфта шуд, марбут ба дунёи қадим буд. Акнун бояд бибинем, дунёи ҷадид чӣ мегӯяд. Дунёи ҷадид танҳо ба ҳадсу тахмин мутавассил намешавад; сару кораш бо мушоҳада ва озмоиш аст, бо омору арқом аст, бо мутолеоти айнӣ аст. Дар дунёи ҷадид дар партави мутолеоти амиқи пизишкӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ тафовутҳои бештар ва фаровонтаре миёни зану мард кашф шудааст, ки дар дунёи қадим ба ҳеч ваҷҳ ба онҳо пай набурда буданд.

Мардуми дунёи қадим зану мардро, ки арзёбӣ мекарданд, танҳо аз ин ҷиҳат буд, ки яке дуруштандомтар аст ва дигаре кучактар, яке хашинтар аст ва дигаре зарифтар, яке баландтар аст ва дигаре кӯтоҳтар, яке кулуфтовозтар аст ва дигаре нозуковозтар, яке пурпашму мӯтар аст ва дигаре софтар. Ҳадди аксар, ки аз ин ҳадд таҷовуз мекарданд ин буд, ки тафовути онҳоро аз лиҳози давраи булуғ дар назар мегирифтанд ва ё тафовути онҳоро аз лиҳози ақл ва эҳсосот ба ҳисоб меоварданд; мардро мазҳари ақл ва занро мазҳари меҳру отифа мехонданд.

Аммо имрӯз илова бар инҳо, қисматҳои зиёди дигаре кашф шудааст; маълум шудааст, дунёи зану мард дар бисёре аз қисматҳо бо ҳам мутафовит аст.

Мо маҷмӯъи тафовутҳои зану мардро то он ҷо, ки аз навиштаҳои аҳли таҳқиқ ба даст овардаем зикр мекунем ва сипас ба фалсафаи ин тафовутҳо ва ин ки чӣ қадр аз ин тафовутҳо аз табиат ношӣ мешавад ва чӣ қадр аз онҳо мавлуди омилҳои таърихӣ ва фарҳангӣ ва иҷтимоӣ аст мепардозем. Ва албатта қисмате аз ин тафовутҳоро ҳар кас метавонад бо мухтасар таҷриба ва мутолеа ба даст оварад ва қисмате ҳам ончунон возеҳ ва бадеҳӣ аст, ки қобили инкор нест.

# Дугунагиҳо

## Аз лиҳози ҷисмӣ

Мард, ба таври мутавассит, дуруштандомтар аст ва зан кучакандомтар, мард баландқадтар аст ва зан кӯтоҳқадтар, мард хашинтар аст ва зан зарифтар, садои мард кулуфттар ва хашинтар аст ва садои зан нозуктар ва латифтар, рушди бадании зан сареътар аст ва рушди бадании мард батиътар (сусттар). Ҳатто гуфта мешавад, ҷанини духтар аз ҷанини писар сареътар рушд мекунад. Рушди азулонии мард ва нерӯи бадании ӯ аз зан бештар аст. Муқовамати зан дар муқобили бисёре аз бемориҳо, аз муқовамати мард бештар аст. Зан зудтар аз мард ба марҳилаи булуғ мерасад ва зудтар аз мард ҳам аз

назари тавлиди мисл аз кор меафтад. Духтар зудтар аз писар ба сухан меояд. Мағзи мутавассити мард, аз мағзи мутавассити зан бузургтар аст, вале бо дар назар гирифтани нисбати мағз ба маҷмӯъи бадан, мағзи зан аз мағзи мард бузургтар аст. Рияи мард қодир ба танаффуси ҳавои бештаре аз рияи зан аст. Зарабони қалби зан аз зарабони қалби мард сареътар аст.

# Аз лиҳози равонӣ

Майли мард ба варзиш ва шикор ва корҳои пурҳаракат ва ҷунбиш, беш аз зан аст.

Эҳсосоти мард мубориզона ва ҷангӣ ва эҳсосоти зан сулҳҷӯёна ва базмӣ аст. Мард, мутаҷовизтар ва ғавғогартар аст ва зан оромтар ва сокиттар. Зан аз тавассул ба хушунат дар бораи дигарон ва дар бораи худ парҳез мекунад ва ба ҳамин далел худкушии занон камтар аз мардон аст. Мардон дар кайфияти худкушӣ низ аз занон хашинтаранд. Мардон ба туфанг, дор, партоб кардани худ аз рӯйи сохтмонҳои муртафеъ мутавассил мешаванд ва занон ба қурси хобовар ва тарёк ва амсоли инҳо.

Эҳсосоти зан аз мард ҷӯшонтар аст. Зан аз мард сареъулҳаяҷонтар аст, яъне зан дар мавриди умуре, ки мавриди алоқа ё тарсаш ҳаст зудтар ва сареътар таҳти таъсири эҳсосоти хеш қарор мегирад ва мард сардмизоҷтар аз зан аст. Зан, табъан ба зинату зевар ва ҷамолу ороиш ва мӯдҳои мухталиф алоқаи зиёд дорад, бар хилофи мард. Эҳсосоти зан бесуботтар аз мард аст. Зан аз мард мӯҳтоттар, мазҳабитар, пурҳарфтар ва тарсутар ва ташрифотитар аст.

Эҳсосоти зан модарона аст ва ин эҳсосот аз даврони кӯдакӣ дар ӯ намудор аст.

Алоқаи зан ба хонавода ва таваҷҷӯҳи ноогоҳонаи ӯ ба аҳаммият конуни хонаводагӣ, беш аз мард аст.

Зан дар улуми истидлолӣ ва масоили хушки ақлонӣ, ба пойи мард намерасад, вале дар адабиёт, наққошӣ ва соири масоил — ки бо завқ ва эҳсосот марбут аст – дасти каме аз мард надорад.

Мард аз зан бештар қудрати кетмони роз дорад ва асрори нороҳаткунандаро дар даруни худ ҳифз мекунад ва ба ҳамин далел ибтилои мардон ба бемории ношӣ аз кетмони роз, беш аз занон аст.

Зан аз мард рақиқулқалбтар аст ва фавран ба гиря ва аҳёнан ба ғаш мутавассил мешавад.

# Аз назари эҳсосот (нисбат) ба якдигар

Мард, бандаи шаҳвати хештан аст ва зан дар банди муҳаббати мард аст. Мард занеро дӯст медорад, ки ӯро писандида ва интихоб карда бошад ва зан мардеро дӯст медорад, ки арзиши ӯро дарк карда бошад ва дӯстии худро қаблан эълом карда бошад. Мард, мехоҳад шахси занро тасоҳуб кунад ва дар ихтиёр бигирад ва зан мехоҳад дили мардро мусаххар кунад ва аз роҳи дили ӯ бар ӯ мусаллат шавад. Мард мехоҳад аз болои сари зан бар ӯ мусаллат шавад ва зан мехоҳад аз даруни қалби мард, бар мард нуфуз кунад. Мард мехоҳад занро бигирад, зан мехоҳад ӯро бигиранд. Зан аз мард шуҷоат ва далерӣ мехоҳад ва мард аз зан зебоӣ ва дилбарӣ. Зан ҳимояти мардро гаронбаҳотарини чизҳо барои худ мешуморад. Зан беш аз мард қодир аст бар шаҳвати худ мусаллат шавад. Шаҳвати мард ибтидоӣ ва таҳоҷумӣ аст ва шаҳвати зан инфиъолӣ ва таҳрикӣ.

# Тафовутҳои зану мард (2)

Дар шумораи 90 маҷаллаи "*Зани рӯз*" назарияи як равоншиноси машҳури омрикоӣ ба номи профессор Рик — ки солиёни дароз ба тафаҳҳус ва ҷустуҷӯ дар аҳволи зану мард пардохта ва натоиҷе ба даст оварда ва дар китоби бузурге тафовутҳои бешумори зану мардро навиштааст — мунъакис шуд.

Ин профессор мегӯяд: дунёи мард бо дунёи зан ба куллӣ фарқ мекунад. Агар зан наметавонад монанди мард фикр кунад ё амал намояд, аз ин рӯст, ки дунёи онҳо бо ҳам фарқ мекунад.

Мегӯяд: "*Дар Таврот омадааст: "Зану мард аз як гӯшт ба вуҷуд омадаанд". Бале, бо вуҷуде, ки ҳар ду аз як гӯшт ба вуҷуд омадаанд, ҷисмҳои мутафовит доранд ва аз назари таркиб ба куллӣ бо ҳам фарқ мекунанд. Илова бар ин, эҳсоси ин ду мавҷуд ҳеч вақт мисли ҳам нахоҳанд буд ва ҳеч гоҳ як ҷур дар муқобили ҳаводис ва иттифоқот аксуламал нишон намедиҳанд. Зану мард бино ба муқтазаёти ҷинсии худ ба таври мутафовит амал мекунанд ва дуруст мисли ду ситора рӯйи ду мадори мухталиф ҳаракат мекунанд. Онҳо метавонанд ҳамдигарро бифаҳманд ва мукаммили якдигар бошанд, вале ҳеч гоҳ яке намешаванд ва ба ҳамин далел аст, ки зану мард метавонанд бо ҳам зиндагӣ кунанд, ошиқи якдигар бишаванд ва аз сифот ва ахлоқи якдигар хаста ва нороҳат нашаванд.*"

Профессор Рик муқоисаҳое миёни руҳияи зану мард ба амал оварда ва тафовутҳое ба даст овардааст. Аз он ҷумла мегӯяд:

“*Барои мард хастакунанда аст, ки доим назди зане, ки дӯсташ дорад ба сар барад, аммо ҳеч лаззате барои зан болотар аз ин нест, ки ҳамеша дар канори марди мавриди алоқааш ба сар барад.*

*Мард дилаш мехоҳад ҳар рӯз ба ҳамон ҳолати ҳамешагӣ боқӣ бимонад, аммо як зан ҳамеша мехоҳад мавҷуди тозае бошад ва ҳар субҳ бо қиёфаи тозатаре аз бистар бархезад.*

*Беҳтарин ҷумлае, ки як мард метавонад ба зане бигӯяд, истилоҳи “Азизам туро дӯст дорам” аст. Зеботарин ҷумлае, ки як зан ба марди мавриди алоқааш мегӯяд, ҷумлаи “Ман ба ту ифтихор мекунам” мебошад.*

*Агар марде дар даврони зиндагиаш бо чандин маъшуқа ба сар бурда бошад, ба назари занони дигар марди ҷолиби таваҷҷӯҳе меояд. Мардҳо аз зане, ки беш аз як мард дар зиндагиаш вуҷуд дошта бошад, бадашон меояд.*

*Мардҳо вақте, ки пир мешаванд, эҳсоси бадбахтӣ мекунанд, чун такягоҳи худ яъне корашонро аз даст медиҳанд. Занҳои мусин эҳсоси ризоят мекунанд, чун беҳтарин чизҳоро аз назари худашон доро ҳастанд: як хона ва чандин нава.*

*Хушбахтӣ аз назари мардҳо ба даст овардани мақом ва шахсияти қобили эҳтиром дар миёни иҷтимоъ аст. Хушбахтӣ барои як зан яъне ба даст овардани қалби як мард ва нигоҳдории ӯ барои тамоми умр.*

*Як мард ҳамеша мехоҳад, ки зани мавриди алоқаашро ба дин ва миллияти худ дароварад.*

*Барои як зан ҳамон қадр, ки тағйир додани номи хонаводагиаш баъд аз издивоҷ осон аст, иваз кардани дин ва миллият низ ба хотири марде, ки дӯсташ дорад осон аст.*”

# Шоҳкори хилқат

Сарфи назар аз ин ки тафовутҳои зану мард мӯҷиби тафовутҳое дар ҳуқуқ ва масъулиятҳои хонаводагии зану мард мешавад ё намешавад, асосан ин масъала яке аз аҷибтарин шоҳкорҳои хилқат аст; дарси тавҳид ва Худошиносӣ аст, оят ва нишонае аст аз низоми ҳакимона ва мудаббиронаи ҷаҳон, намунаи боризе аст аз ин ки ҷараёни хилқат тасодуфӣ нест, табиат ҷараёноти худро кӯр-кӯрона тай намекунад, далели равшане аст аз ин ки бидуни дахолат додани асли “иллати ғоӣ” наметавон падидаҳои ҷаҳонро тафсир кард.

Дастгоҳи азими хилқат барои ин ки ба ҳадафи худ бирасад ва навъро ҳифз кунад, ҷиҳози азими тавлиди наслро ба вуҷуд овардааст; доиман аз корхонаи худ, ҳам ҷинси нар ба вуҷуд меоварад ва ҳам ҷинси модда ва дар он ҷо, ки бақо ва давоми насл эҳтиёҷ дорад ба ҳамкорӣ ва таъовуни ду ҷинс (махсусан дар навъи инсон) барои ин ки ин дуро ба кӯмаки якдигар дар ин кор водорад, тарҳи ваҳдат ва иттиҳоди онҳоро рехтааст; коре кардааст, ки худхоҳӣ ва манфиатталабӣ — ки лозимаи ҳар боҳаёте аст — табдил ба хидмат ва таъовун ва гузашт ва эсор гардад, онҳоро толиби ҳамзистӣ бо якдигар қарор додааст; ва барои ин ки тарҳ комилан амалӣ шавад ва ҷисму ҷони онҳоро беҳтар ба ҳам бипайвандад, тафовутҳои аҷиби ҷисмӣ ва руҳӣ дар миёни онҳо қарор додааст ва ҳамин тафовутҳост, ки онҳоро бештар ба якдигар ҷазб мекунад, ошиқ ва хоҳони якдигар қарор медиҳад. Агар зан дорои ҷисму ҷон ва хулқу хӯйи мардона буд, маҳол буд, ки битавонад мардро ба хидмати худ водорад ва мардро шефтаи висоли худ намояд. Ва агар мард ҳамон сифоти ҷисмӣ ва равонии занро медошт, мумкин набуд зан ӯро қаҳрамони зиндагии худ ҳисоб кунад ва олитарин ҳунари худро сайду шикор ва тасхири қалби ӯ ба ҳисоб оварад. Мард, ҷаҳонгир ва зан мардгир офарида шудааст.

Қонуни хилқат, зану мардро толиб ва алоқаманд ба якдигар қарор додааст, аммо на аз навъи алоқае, ки ба ашё доранд. Алоқае, ки инсон ба ашё дорад, аз худхоҳии ӯ ношӣ мешавад, яъне инсон ашёро барои худ мехоҳад, ба чашми абзор ба онҳо нигоҳ мекунад, мехоҳад онҳоро фидои худ ва осоиши худ кунад. Аммо алоқаи завҷият ба ин шакл аст, ки ҳар як аз онҳо саодат ва осоиши дигариро мехоҳад, аз гузашт ва фидокорӣ дар бораи дигарӣ лаззат мебарад.

# Пайванде болотар аз шаҳват

Аҷиб аст, ки баъзе аз афрод наметавонанд миёни шаҳват ва раъфат фарқ бигузоранд; хаёл кардаанд, ки он чизе, ки завҷайнро ба якдигар пайванд медиҳад, мунҳасиран тамаъ

ва шаҳват аст, ҳисси истихдом ва баҳрабардорӣ аст; ҳамон чизе аст, ки инсонро бо маъкулот ва машрубот ва малбусот ва маркубот пайванд медиҳад. Инҳо намедонанд, ки дар хилқат ва табиат, илова бар худхоҳӣ ва манфиатталабӣ алоиқи дигаре ҳам ҳаст. Он алоиқ ношӣ аз худхоҳӣ нест, аз алоқаи мустақим ба ғайр ношӣ мешавад. Он алоиқ аст, ки маншаъи фидокориҳо ва гузаштҳо ва ранҷи худ ва роҳати ғайрхостанҳо воқеъ мешаванд. Он алоиқ аст, ки намоишдиҳандаи инсонияти инсон аст, балки қисмате аз онҳо яъне дар ҳудуде, ки ба ҷуфт ва фарзанд марбут аст, дар ҳайвонот низ дида мешавад. Ин афрод гумон кардаанд, ки мард ба зан ҳамеша ба он чашм нигоҳ мекарда ва мекунад, ки аҳёнан як ҷавони муҷаррад ба як зан ҳарҷоӣ нигоҳ мекунад, яъне фақат шаҳват аст, ки он дуро ба якдигар пайванд медиҳад, дар сурате, ки пайванде болотар аз шаҳват ҳаст, ки пояи ваҳдати завҷайнро ташкил медиҳад. Он ҳамон чизе аст, ки Қуръони Карим аз он ба номҳои “маваддат ва раҳмат” ёд кардааст. Мефармояд:

وَمِنْ آياتِهِ أَنْ خَلَقَ لَكُمْ مِنْ أَنْفُسِكُمْ أَزْواجاً لِتَسْكُنُوا إِلَيْها وَجَعَلَ بَيْنَكُمْ مَوَدَّةً وَرَحْمَةً

(*Рум/21*)

Чӣ қадр иштибоҳ аст, ки таърихи равобити зану мардро фақат аз назари ҳисси истихдом ва истисмор ва бар пояи асли танозӯъи бақо тафсир кунем ва чӣ қадр мӯҳмалот дар ин замина бофта шудааст! Ростӣ, ман вақте, ки бархе навиштаҳоро мехонам ва мебинам дар тафсири таърихи равобити зану мард, ягона аслеро, ки ба кор мебаранд, асли тазодд аст (зану мардро монанди ду табақаи дигари иҷтимоӣ, ки доиман дар ҷангу кашмакаш будааст фарз мекунанд), дучор таъаҷҷуб мешавам ва бар ҷаҳолат ва нодонии онҳо таъассуф мехӯрам. Агар таърихи равобити падарону фарзандонро битавон аз назари ҳисси истихдом ва истисмор тафсир кард, равобити таърихии занону шавҳаронро низ метавон аз ин назар тафсир кард. Дуруст аст, ки мард аз зан ҳамеша зӯрмандтар будааст, аммо қонуни хилқат мардро аз назари ғаризӣ ба шакле қарор додааст, ки наметавонистааст навъи ситамҳое, ки ба ғуломон ва бардагон ва зердастон ва ҳамсоягони худ раво медошта, дар бораи зан раво дорад, ҳамон тавре, ки наметавонистааст он навъ ситамҳоро бар фарзандони худ раво дорад.

Ман мункири ситамҳои мардон бар занон нестам, мункири тафсире ҳастам, ки аз ин ситамҳо мешавад. Мардон бар занон дар тӯли таърих ситамҳои фаровоне кардаанд, аммо решаи ин ситамҳо ҳамон чизҳое аст, ки сабаб шуда ба фарзандони худ низ бо камоли алоқае, ки ба онҳо ва сарнавишти онҳо ва саодати онҳо доштаанд, ситам кунанд; ҳамон чизҳое аст, ки сабаб шуда ба нафси худ низ ситам кунанд, яъне решаи ҷаҳолат ва таъассуб ва одат дорад, на решаи манфиатталабӣ. Шояд фурсате пеш омад ва дар

мавқеъи муносибе баҳси муфассале дар бораи тафсири таърихи равобити зану мард бинамоем.

## Дугунагӣ эҳсосот марду зан нисбат ба ҳам

На танҳо алоқаи хонаводагии зану мард ба якдигар, бо алоқа ба ашё фарқ мекунад, алоқаи худи онҳо ба якдигар низ муташобеҳ нест, яъне навъи алоқаи мард ба зан, бо навъи алоқаи зан ба мард мутафовит аст. Бо ин ки таҷозуб тарафайнӣ аст, аммо ба акси аҷсоми беҷон, ҷисми кучактар ҷисми бузургтарро ба сӯйи худ мекашонад. Офариниш, мардро мазҳари талаб ва ишқ ва тақозо ва занро мазҳари маҳбубият ва маъшуқият қарор додааст. Эҳсосоти мард ниёзомез ва эҳсосоти зан нозхез аст. Эҳсосоти мард толибона ва эҳсосоти зан матлубона аст.

Чанде пеш яке аз рӯзномаҳои хабарӣ акси як духтари ҷавони русиро, ки худкушӣ карда буд чоп карда буд. Ин духтар дар навиштае, ки аз ӯ боқӣ монда навиштааст: ҳанӯз марде маро набӯсидааст, бинобар ин зиндагӣ барои ман қобили таҳаммул нест.

Барои як духтар ин ҷиҳат шикасти бузурге аст, ки маҳбуби марде воқеъ нашудааст, марде ӯро набӯсидааст. Аммо писари ҷавон кай аз зиндагӣ навмед мешавад? Вақте, ки духтаре ӯро набӯсидааст? Хайр! Вақте, ки духтареро набӯсида бошад.

Уилям Дюрант дар баҳсҳои муфассал ва ҷомеъи худ пас аз он ки мегӯяд, агар мазияти духтаре фақат дар дониш ва андеша бошад, на дар дилангезии табиӣ ва зарангии нимаогоҳаш, дар пайдо кардани шавҳар чандон комёб нахоҳад шуд, шаст дарсад занони донишгоҳ бешавҳар мемонанд, мегӯяд:

“*Хонум Моня Ковалоски, ки донишманди барҷастае буд, шикоят мекард, ки касе бо ӯ издивоҷ намекунад ва мегуфт: чаро касе маро дӯст надорад? Ман метавонам аз бештари занон беҳтар бошам. Бо ин ҳама, бештари занони камаҳаммият мавриди ишқу алоқа ҳастанд ва ман нестам.*

*Мулоҳиза мефармоед, ки навъи эҳсоси шикасти ин хонум, бо навъи эҳсоси шикасти як мард мутафовит аст. Мегӯяд, чаро касе маро дӯст надорад?*“

Мард он гоҳ дар амри заношӯӣ эҳсоси шикаст мекунад, ки зани маҳбуби худро пайдо накарда бошад, ё агар пайдо кардааст, натавониста бошад ӯро дар ихтиёри худ бигирад. Ҳамаи инҳо як фалсафа дорад: пайванд ва иттиҳоди муҳкамтар ва амиқтар. Барои чӣ ин пайванд? Барои ин ки зану мард аз зиндагӣ лаззати бештаре бибаранд? На, танҳо ин нест; шолудаи иҷтимоъи инсонӣ ва бунёни тарбияти насли оянда бар ин асос ниҳода шудааст.

# Назарияи як хонуми равоншинос

Дар маҷаллаи “*Зани рӯз*”, шумораи 101, як баҳси равоншиносӣ аз як хонуми равоншинос ба номи Клеодалсон нақл кардааст. Ин хонум мегӯяд:

“*Ба унвони як зани равоншинос, бузургтарин алоқаам мутолеаи руҳияи мардҳост. Чанде пеш ба ман маъмурият дода шуд, ки таҳқиқоте дар бораи омилҳои равонии зану мард ба амал оварам ва ба ин натиҷа расидаам:*

*1. тамоми занҳо алоқамандanд, ки таҳти назари шахси дигаре кор кунанд ва ба таври хулоса, аз маръус будан ва таҳти назари раис кор кардан, бештар хушашон меояд;*

*2. тамоми занҳо мехоҳанд эҳсос кунанд, ки вуҷудашон муассир ва мавриди ниёз аст.*“

Сипас ин хонум ин тавр изҳори ақида мекунад:

“*Ба ақидаи ман, ин ду ниёзи руҳии зан, аз ин воқеият сарчашма мегирад, ки хонумҳо тобеъи эҳсосот ва оқоён тобеъи ақл ҳастанд. Бисёр дида шуда, ки хонумҳо аз лиҳози ҳуш на фақат бо мардон баробарӣ мекунанд, балки гоҳе дар ин замина аз онҳо бартар ҳастанд.*

*Нуқтаи заъфи хонумҳо фақат эҳсосоти шадиди онҳост. Мардон ҳамеша амалитар фикр мекунанд, беҳтар қазоват мекунанд, созмондиҳандаи беҳтаре ҳастанд ва беҳтар ҳидоят мекунанд.*

*Пас бартарии руҳии мардон бар занон, чизе аст, ки тарроҳи он табиат мебошад. Ҳар қадр ҳам хонумҳо бихоҳанд бо ин воқеият мубориза кунанд, бефоида хоҳад буд. Хонумҳо ба иллати ин ки ҳассостар аз оқоён ҳастанд, бояд ин ҳақиқатро қабул кунанд, ки ба назорати оқоён дар зиндагиашон эҳтиёҷ доранд… Бузургтарин ҳадафи хонумҳо дар зиндагӣ “таъмин” аст ва вақте ба ҳадафи худ ноил шуданд, даст аз фаъолият мекашанд. Зан барои расидан ба ин ҳадаф аз рӯбарӯ шудан бо хатарот бим дорад. Тарс, танҳо эҳсосе аст, ки зан дар бартараф кардани он ба кӯмак эҳтиёҷ*

*дорад... Корҳое, ки ба тафаккури мудовим эҳтиёҷ дорад, занро касил ва хаста мекунад...*"

## Наҳзати аҷулона

Наҳзате, ки дар Урупо барои эҳқоқи ҳуқуқи помолшудаи зан сурат гирифт, ба далели ин ки дер ба ин фикр афтода буданд, бо дастпочагӣ ва аҷалаи зиёде анҷом гирифт. Эҳсосот мӯҳлат надод, ки илм назари худро бигӯяд ва роҳнамо қарор гирад. Аз ин рӯ тару хушк бо якдигар сӯхт. Ин наҳзат як силсила бадбахтиҳоро аз зан гирифт ва ҳуқуқи зиёде ба ӯ дод ва дарҳои бастае ба рӯйи ӯ боз кард, аммо дар иваз, бадбахтиҳо ва бечорагиҳои дигаре барои худи зан ва барои ҷомеаи башарият ба вуҷуд овард. Мусалламан агар ончунон шитобзадагӣ ба харҷ дода намешуд, эҳқоқи ҳуқуқи зан ба шакли бисёр беҳтаре сурат мегирифт ва фарёди фарзонагон аз вазъи ноҳинҷори ҳозир ва аз ояндаи бисёр ваҳшатноктар, ба фалак намерасид. Вале ин умед боқӣ аст, ки илму дониш ҷойи худро боз кунад ва наҳзати зан ба ҷойи он ки монанди гузашта аз эҳсосот сарчашма гирад, аз илму дониш илҳом гирад. Изҳори назарҳои донишмандони урупоӣ дар ин замина, худ нишонаи умедбахшӣ аз ин чараён аст.
Ба назар мерасад, он чизҳое, ки муқаллидони Ғарбро дар заминаи равобити зану мард, тоза ба нашъа фурӯ бурдааст, худи ғарбиён давраи хумори онҳоро тай мекунанд.

## Назарияи Уилям Дюрант

Уилям Дюрант дар китоби "*Лаззоти фалсафа*" қисмати чаҳорум, баҳсҳои бисёр муфассал ва ҷомеъе дар заминаи масоили ҷинсӣ ва хонаводагӣ ба амал овардааст. Мо қисматҳои мухтасаре аз он китобро барои хонандагон интихоб мекунем, то беҳтар ва бештар ба ҷараёноти фикрие, ки дар миёни донишмандони ғарбӣ вуҷуд дорад ошно бишаванд ва аз қазоватҳои аҷулона худдорӣ кунанд.
Уилям Дюрант дар фасли ҳафтум аз қисмати чаҳоруми китоби худ тахти унвони "Ишқ" мегӯяд:
"*Нахустин нағмаи сареҳи ишқ, бо фаро расидани булуғ оғоз мегардад. Калимаи puberty, ки дар забони англисӣ маънии булуғ медиҳад, бо таваҷҷӯҳ ба асли лотинии он, ба маънии "синни мӯй" аст, яъне синне, ки дар он мӯй бар бадани писарон мерӯяд ва махсусан мӯйи сина, ки писарон ин ҳама ба*

*он менозанд ва мӯйи сурат, ки онро метарошанд. Кайфият ва каммияти мӯ (дар сурати тасовии умури дигар) зоҳиран бо қудрати таволуду таносул бастагӣ дорад ва беҳтарин вазъи он ҳангоми авҷ гирифтани нишоти зиндагӣ аст. Ин нумӯи ногаҳонии мӯй тавъам бо хушунати садо, ҷузъи сифоти сонавии ҷинсӣ аст, ки ба ҳангоми булуғ оризи писар мешавад. Аммо табиат дар ин син ба духтарон нармиши атроф ва ҳаракоте мебахшад, ки дидагонро хира месозад ва китфи ононро паҳнтар мекунад, то амри модарӣ осонтар шавад ва синаашонро барои шир додан ба кӯдак пур ва барҷаста месозад.*

*Иллати зуҳури ин сифоти сонавӣ чист? Касе намедонад, вале назарияи профессор Старлинг дар ин миён тарафдороне пайдо кардааст. Ба мӯҷиби ин назария, селлулҳои таносулӣ ба ҳангоми булуғ на танҳо тухм ва нутфа тавлид мекунанд, балки ҳамчунин навъе ҳурмун низ месозанд, ки дохили хун мешавад ва мояи тағйироти ҷисмӣ ва руҳӣ мегардад. Дар ин син на танҳо ҷисм аз нерӯҳои тоза баҳраманд мегардад, руҳ ва хӯй низ ба ҳазорон навъ мутаассир мегардад. Роман Роланд мегӯяд: “Дар тайи солҳои зиндагӣ замоне фаро мерасад, ки тағйироти ҷисмонии оҳистае дар вуҷуди як мард сурат мегирад ва дар вуҷуди зан он чи гуфтем, муҳимтарини ҳамаи ин тағйирот аст… Далерӣ ва тавоноӣ, дилҳои нармро ба тапиш меоварад ва нармӣ ва латофат, майл ва ҳаваси зӯрмандонро бармеангезад…“ Дамос мегӯяд: “Тамоми мардон, дурӯғзан ва маккор ва газофагӯ ва дурӯ ва ситезаҷӯ ҳастанд ва ҳамаи занон худписанд ва зоҳирсоз ва хиёнаткор, вале дар ҷаҳон фақат як чизи муқаддас ва олӣ вуҷуд дорад ва он омезиши ин ду мавҷуди ноқис аст…*

*Одоби ҷуфтҷӯӣ дар бузургсолон иборат аст аз ҳамла барои тасарруф дар мардон ва ақибнишинӣ барои дилбарӣ ва фиребандагӣ дар занон (албатта дар баъзе ҷоҳо истисноҳое дида мешавад). Чун мард табъан ҷангӣ ва ҳайвони шикорӣ аст, амалаш мусбат ва таҳоҷумӣ аст, зан барои ӯ ҳамчун ҷоизае аст, ки бояд онро бирубояд ва молик шавад.*

*Ҷуфтҷӯӣ ҷанг ва пайкор аст ва издивоҷ тасоҳуб ва иқтидор.*

*Иффати фаровони зан ходими мақосиди таволуд аст, зеро имтиноъи маҳҷубонаи ӯ кӯмаке ба интихоби ҷинс аст. Иффат, занонро тавоно месозад, ки бо ҷустуҷӯи бештар ошиқи худро яъне касеро, ки ифтихори падарии фарзандони ӯро хоҳад дошт, баргузинад. Манофеъи гурӯҳ ва навъ аз забони зан сухан мегӯяд, ҳамчунон, ки манофеъи фард аз гулӯи мард берун меояд… Дар ишқбозӣ, зан аз мард моҳиртар аст, зеро майли ӯ чандон шадид нест, ки дидаи ақли ӯро бибандад.*

*Дарвин мулоҳиза кардааст, ки дар бештари анвоъ, модда ба олами ишқ беалоқа аст.*

*Ламберзо, Киш ва Крофт-Эббинг мегӯянд: занон бештар ба дунболи ситоишҳо ва таҳсинҳои мутлақ ва мубҳами мардонанд ва бештар мехоҳанд мардон ба хости онҳо таваҷҷӯҳ кунанд ва ин амр аз майли онҳо ба лаззоти ҷинсӣ бештар аст. Ламберзо мегӯяд: пояи табиии ишқи зан фақат як сифати сонавӣ аз модарии ӯст ва ҳамаи эҳсосот ва авотифе, ки занеро ба марде мепайвандад, аз давоъии ҷисмӣ барнамехезад, балки аз ғароизи инқиёд ва таслим (таҳти ҳимояти мард қарор гирифтан) сар мезанад ва ин ғароиз барои интибоқ бо авзоъ ба вуҷуд омадааст.“*

*Уилям Дюрант дар фасле, ки таҳти унвони “Мардон ва занон” мунъақид карда мегӯяд:*

*“Кори хосси зан, хидмат ба бақои навъ аст ва кори хосси мард, хидмат ба зан ва кӯдак.*

*Мумкин аст корҳои дигаре ҳам дошта бошанд, вале ҳама аз рӯйи ҳикмат ва тадбир, тобеъи ин ду кори асосӣ гаштааст. Ин мақосид, асосӣ аст, аммо ниманоогоҳ аст, ки табиат маънии инсон ва саодатро дар он нуҳуфтааст… Табиати зан бештар паноҳҷӯӣ аст, на ҷангҷӯӣ. Ба назар мерасад, ки дар баъзе анвоъи мода аслан ғаризаи ҷангӣ вуҷуд надорад. Агар мода худ ба ҷанг ояд, барои кӯдакони хеш аст.*

*... Зан аз мард шикеботар аст. Гарчӣ шуҷоати мард дар корҳои хатир ва бӯҳронии зиндагӣ бештар аст, аммо таҳаммули доимӣ ва рӯзонаи зан дар муқобили нороҳатиҳои ҷузъии бешумор бештар аст... Ҷангҷӯии зан дар вуҷуди дигаре аст; зан сарбозонро дӯст дорад ва аз марди тавоно хушаш меояд; дар мушоҳидаи қудрат, навъе омили аҷиби хушии фурӯдастона (мозушистик) ӯро таҳрик мекунад, агарчӣ худаш қурбонии ин қудрат бошад.*

*... Ин хушии дерин дар лаззат аз қудрат ва мардонагӣ, гоҳе бар эҳсосоти иқтисодии зани навин ғолиб меояд, чунонки гоҳе тарҷеҳ медиҳад бо девонаи шуҷоъе издивоҷ кунад.*

*Зан ба марде, ки фармондеҳӣ балад аст, бо хушҳолӣ таслим мешавад. Агар ин рӯзҳо фармонбардории зан камтар шудааст, барои он аст, ки мардон дар қудрат ва ахлоқ заъифтар аз пеш шудаанд... Таваҷҷӯҳи зан ба умури хонаводагӣ аст ва муҳити ӯ маъмулан хонаи хеш аст. Ӯ монанди табиат амиқ аст, аммо монанди хонаи маҳдуди худ маҳсур ҳам ҳаст.*

*Ғариза ӯро ба сунани дерин мепайвандад. Зан на дар зеҳни аҳли озмоиш аст, на дар одат (бояд баъзе аз занони шаҳрҳои бузургро истисно кард). Агар ҳам ба ишқи озод рӯ меоварад, на барои он аст, ки дар он озодӣ меҷӯяд, балки барои он аст, ки дар зиндагии худ аз издивоҷи маъмулӣ бо як марди масъул маъюс шудааст. Агар гоҳе дар солҳои ҷавонӣ мафтуни иборот ва истилоҳоти сиёсӣ мегардад ва эҳсоси худро ба ҳамаи ҷанбаҳои инсонӣ баст медиҳад, пас аз ёфтани шавҳар вафодорӣ аз тамоми он фаъолиятҳо чашм мепӯшад ва ба суръат худ ва шавҳарашро аз ин фаъолияти умумӣ берун мекашад ва ба шавҳараш ёд медиҳад, ки ҳисси вафодории шадиди худро ба хона маҳдуд кунад. Зан бе ин ки ниёз ба тафаккур дошта бошад, медонад, ки танҳо ислоҳоти солим аз хона бармехезад.*

*Зан он ҷо, ки мард хаёли саргардонро ба марди фидокор ва пойбаст ба хона ва кӯдакони худ табдил месозад, омили ҳифз ва бақои навъ аст. Табиат ба қонунҳо ва давлатҳо эътино надорад; ишқи ӯ ба хона ва кӯдак аст, агар дар*

*ҳифзи инҳо муваффақ шавад, ба давлатҳо беқайд ва беалоқа аст ва ба касоне, ки саргарми тағйир ин қонунҳои асосӣ ҳастанд механдад. Агар имрӯз табиат дар ҳифзи хонавода ва кӯдак, нотавон ба назар мерасад, барои он аст, ки зан муддате аст, ки табиатро аз ёд бурдааст. Вале шикасти табиат ҳамешагӣ нест, ҳар вақт, ки бихоҳад метавонад ба садҳо масолеҳе, ки дар захира дорад баргардад. Ҳастанд ақвом ва нажодҳои дигаре, ки дар вусъат ва идда аз мо бештаранд ва табиат, давоми қатъӣ ва номушаххаси худро метавонад аз миёни онҳо таъмин кунад*."

Ин буд баёни кӯтоҳе аз тафовутҳои зану мард ва назариёти донишмандон дар ин замина. Дар назар доштам таҳти унвони "Рози тафовутҳо" дар атрофи ин ки омилҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ чӣ андоза метавонистааст дар ин тафовутҳо муассир бошад баҳсе бикунам. Барои парҳез аз дароз шудани доманаи матлаб, аз баҳси мустақил дар он сарфи назар мекунам; дар зимни мабоҳиси оянда комилан матлаб равшан хоҳад шуд.

## Бахши ҳафтум: Маҳр ва нафақа

** Оё маҳр ва нафақа ёдгори аҳди мамлук будани зан аст?*

** Қуръони Карим маҳрро ба унвони ҳадияе аз ҷониби мард ва нишонае аз садоқати ӯ ёд кардааст*

** Маҳр аз онҷо пайдо шуда, ки табиат дар масъалаи ишқ, барои ҳар як аз марду зан нақши ҷудогонае қоил шудааст*

** Ислом русуми ҷоҳилиятро дар бораи маҳр мансух кард*

** Ишқи зан агар аз худаш оғоз шавад, ҳам ишқ шикаст мехӯрад, ҳам шахсияти зан*

** Бояд мардумеро, ки ба қонуни ислом амал намекунанд ислоҳ кунем, чаро қонунро хароб кунем?*

** Систем маҳри ислом махсус ба худи он аст ва бояд ҷудо аз соири системҳои маҳрӣ мутолеа шавад*

** Урупо дар сад сол пеш ва ислом дар 14 қарн пеш ба зан истиқлоли иқтисодӣ дод*

** Се навъ нафақа аз назари фиқҳи исломӣ*

** Зани урупоӣ бояд мамнуни мошин бошад, на мамнуни қонунгузорон*

** Ислом истиқлоли иқтисодӣ дод, аммо хонабарандозӣ накард*

** Тавоноии зан дар таҳсили сарват, аз мард камтар ва истеҳлоки сарваташ бештар аст*

** Марди имрӯз мехоҳад бо илғои ҳаққи нафақа, аз исрофкории зан интиқом бигирад*

** Илғои ҳаққи нафақаи зан бар шавҳар, роҳро барои мардони шикорчӣ ҳамвор мекунад*

** Оё Эъломияи ҳуқуқи башар ба зан тавҳин кардааст?*

# Маҳр ва нафақа (1)

Яке аз сунани бисёр куҳан дар равобити хонаводагии башарӣ ин аст, ки мард, ҳангоми издивоҷ, барои зан “маҳр” қоил мешудааст; чизе аз моли худ ба зан ё падарзани хеш мепардохтааст ва ба илова, дар тамоми муддати издивоҷ, ӯҳдадори махориҷи зану фарзандони хеш будааст.

Решаи ин суннат чист? Чаро ва чӣ гуна ба вуҷуд омадааст? Маҳр дигар чӣ сиғае аст? Нафақа додан ба зан барои чӣ? Оё агар бино бошад ҳар як аз зану мард ба ҳуқуқи табиӣ ва инсонии хеш ноил гарданд ва равобити одилона ва инсонӣ миёни онҳо ҳукмфармо бошад ва бо зан монанди як инсон рафтор шавад, маҳру нафақа маврид пайдо мекунад? Ё ин ки маҳру нафақа ёдгори аҳдҳое аст, ки зан мамлуки мард будааст? Муқтазои адолат ва тасовии ҳуқуқи инсонҳо — хусусан дар қарни 20-ум — ин аст, ки маҳру нафақа мулғо гардад, издивоҷҳо бидуни маҳр сурат гирад ва зан худ масъулияти молии зиндагии хешро ба ӯҳда бигирад ва дар такаффули махориҷи фарзандон низ бо мард мутасовиян ширкат кунад.

Сухани худро аз маҳр оғоз мекунем. Бибинем маҳр чӣ гуна пайдо шуда ва чӣ фалсафае дошта ва ҷомеашиносон пайдоиши маҳрро чӣ гуна тавҷеҳ кардаанд.

# Таърихчаи маҳр

Мегӯянд, дар адвори моқабли таърих, ки башар ба ҳоли таваҳҳуш мезиста ва зиндагӣ шакли қабилаӣ дошта, ба иллатҳои номаълуме издивоҷ бо ҳамхун ҷоиз шумурда намешудааст.

Ҷавонони қабила, ки хостори издивоҷ будаанд, ночор будаанд аз қабилаи дигар барои худ ҳамсар ва маъшуқа интихоб кунанд. Аз ин рӯ барои интихоби ҳамсар ба миёни қабоили дигар мерафтаанд. Дар он давраҳо мард ба нақши хеш дар тавлиди фарзанд воқиф набудааст, яъне намедониста, ки омезиши ӯ бо зан дар тавлиди фарзанд муассир аст. Фарзандонро ба унвони фарзанди ҳамсари худ мешинохта, на ба унвони фарзандони худ. Бо ин ки шабоҳати фарзандонро бо худ эҳсос мекарда, наметавониста иллати ин шабоҳатро бифаҳмад. Қаҳран фарзандон низ худро фарзанди зан медонистаанд, на фарзанди мард ва насаб аз тариқи модарон шинохта мешуд, на аз тариқи падарон. Мардон мавҷудоти аqим ва нозо ба ҳисоб меомадаанд ва пас аз издивоҷ ба унвони як туфайлӣ — ки зан фақат ба рифоқат бо ӯ ва ба нерӯи бадании ӯ ниёзманд аст — дар миёни қабилаи зан ба сар мебурдааст. Ин давраро давраи “модаршоҳӣ” номидаанд.

Дере напоид, ки мард ба нақши хеш дар тавлиди фарзанд воқиф шуд ва худро соҳиби аслии фарзанд шинохт. Аз ин вақт занро тобеъи худ сохт ва риёсати хонаводаро ба ӯҳда гирифт ва ба истилоҳ давраи “падаршоҳӣ” оғоз шуд.

Дар ин давра низ издивоҷ бо ҳамхун ҷоиз шумурда намешуд ва мард ночор буд аз миёни қабилаи дигар барои худ ҳамсар интихоб кунад ва ба миёни қабилаи худ биёварад. Ва чун ҳамвора ҳолати ҷангу тасодум миёни қабоил ҳукмфармо буд, интихоби ҳамсар аз роҳи рабудани духтар сурат мегирифт, яъне ҷавон духтари мавриди назари хешро аз миёни қабилаи дигар мерабуд.

Тадриҷан сулҳ ҷойи ҷангро гирифт ва қабоили мухталиф метавонистанд ҳамзистии мусолиматомез дошта бошанд. Дар ин давра расми рабудани зан мансух шуд ва мард барои ин ки духтари мавриди назари хешро ба чанг оварад, мерафт ба миёни қабилаи духтар, аҷири падарзан мешуд ва муддате барои ӯ кор мекард ва падарзан дар изои хидмати домод, духтари хешро ба ӯ медод ва ӯ он духтарро ба миёни қабилаи хеш мебурд.

То ин ки сарват зиёд шуд. Дар ин вақт мард дарёфт, ки ба ҷойи ин ки солҳо барои падарарӯс кор кунад, беҳтар ин аст, ки якҷо ҳадияи лоиқе тақдими ӯ кунад ва духтарро аз ӯ бигирад.

Ин корро кард ва аз инҷо “маҳр” пайдо шуд.

Рӯйи ин ҳисоб, дар мароҳили аввалия, мард ба унвони туфайлии зан зиндагӣ мекарда ва хидматкори зан будааст. Дар ин давра зан бар мард ҳукумат мекардааст. Дар марҳилаи баъд, ки ҳукумат ба дасти мард афтод, мард занро аз қабилаи дигар мерабудааст. Дар марҳилаи севвум мард барои ин ки занро ба чанг оварад, ба хонаи падарзан мерафта ва солҳо барои ӯ кор мекардааст. Дар марҳилаи чаҳорум, мард маблағе ба унвони “пешкаш” тақдими падарзан мекардааст ва расми маҳр аз инҷо ношӣ шудааст.

Мегӯянд, мард аз он вақте, ки системаи “модаршоҳӣ”-ро соқит кард ва системаи “падаршоҳӣ”-ро таъсис намуд, занро дар ҳукми барда ва лоақал дар ҳукми аҷир ва муздури хеш қарор дод ва ба ӯ ба чашми як абзори иқтисодӣ, ки аҳёнан шаҳвати ӯро низ таскин медод нигоҳ мекард, ба зан истиқлоли иҷтимоӣ ва иқтисодӣ намедод. Маҳсули корҳо ва заҳамоти зан мутаъаллиқ ба дигарӣ яъне падар ё шавҳар буд. Зан ҳақ надошт ба иродаи худ шавҳар интихоб кунад ва ба иродаи худ ва барои худ фаъолияти иқтисодӣ ва молӣ дошта бошад ва дар ҳақиқат, пуле, ки мард ба унвони маҳр медода ва махориҷе, ки ба унвони нафақа мекардааст, дар муқобили баҳраи иқтисодӣ буда, ки аз зан дар айёми заношӯӣ мебурдааст.

# Маҳр дар низоми ҳуқуқии ислом

Марҳилаи панҷуме ҳам ҳаст, ки ҷомеашиносон ва изҳориназаркунандагон дар бораи он сукут мекунанд. Дар ин марҳила, мард ҳангоми издивоҷ як “пешкашӣ” тақдими худи зан мекунад ва ҳеч як аз волидайн ҳаққе ба он пешкашӣ надоранд. Зан, дар айни ин ки аз мард пешкашӣ дарёфт медорад, истиқлоли иҷтимоӣ ва иқтисодии худро ҳифз мекунад. Аввалан, ба иродаи худ шавҳар интихоб мекунад, на ба иродаи падар ё бародар. Сониян, дар муддате, ки дар хонаи падар аст, ҳамчунин дар муддате, ки ба хонаи шавҳар меравад, касе ҳақ надорад ӯро ба хидмати худ бигуморад ва истисмор кунад. Маҳсули кору заҳматаш ба худаш таъаллуқ дорад, на ба дигарӣ ва дар муомилоти ҳуқуқии худ эҳтиёҷе ба қаймумати мард надорад.

Мард аз лиҳози баҳрабардорӣ аз зан, фақат ҳақ дорад дар айёми заношӯӣ аз висоли ӯ баҳраманд шавад ва мукаллаф аст модоме, ки заношӯӣ идома дорад ва аз висоли зан баҳраманд мешавад, зиндагии ӯро дар ҳудуди имконоти худ таъмин намояд.

Ин марҳила ҳамон аст, ки ислом онро пазируфта ва заношӯиро бар ин асос бунён ниҳодааст. Дар Қуръони Карим оятҳои зиёде ҳаст дар бораи ин ки маҳри зан ба худи зан таъаллуқ дорад, на ба дигарӣ. Мард бояд дар тамоми муддати заношӯӣ ӯҳдадори таъмини махориҷи зиндагии зан бишавад ва дар айни ҳол даромаде, ки зан таҳсил мекунад ва натиҷаи кор ӯ, ба шахси худаш таъаллуқ дорад, на ба дигарӣ (падар ё шавҳар).

Ин ҷост, ки масъалаи маҳру нафақа шакли муаммоваше пайдо мекунад, зеро дар вақте, ки маҳр ба падари духтар таъаллуқ мегирифт ва зан монанди як барда ба хонаи шавҳар мерафт ва шавҳар ӯро истисмор мекард, фалсафаи маҳр бозхариди духтар аз падар буд ва фалсафаи нафақа махориҷи зарурӣ аст, ки ҳар молике барои мамлуки худ мекунад. Агар биност чизе ба падарзан дода нашавад ва шавҳар ҳам ҳақ надорад занро истисмор ва аз ӯ баҳрабардории иқтисодӣ бикунад ва зан аз лиҳози иқтисодӣ истиқлоли комил дорад ва ҳатто аз ҷанбаи ҳуқуқӣ ниёзе ба қаймумат ва иҷоза ва сарпарастӣ надорад, маҳр додан ва нафақа пардохтан барои чӣ?

# Нигоҳе ба таърих

Агар бихоҳем ба фалсафаи маҳру нафақа дар марҳилаи панҷум пай бибарем, бояд андаке таваҷҷӯҳи худро ба давраҳои чаҳоргонае, ки қабл аз ин марҳила гуфта шуда маътуф кунем. Ҳақиқат ин аст он чи дар ин бора гуфта шуда, ҷуз як силсила фарзҳо ва тахминҳо чизе нест; на ҳақоиқи таърихӣ аст ва на ҳақоиқи илмӣ ва таҷрибӣ. Порае қароин аз як

тараф ва баъзе фарзияҳои фалсафӣ дар бораи инсон ва ҷаҳон аз тарафи дигар, маншаъи падид омадани ин фарзҳо ва тахминҳо дар бораи зиндагии башари моқабли таърих шудааст. Он чи дар бораи давраи ба истилоҳ модаршоҳӣ гуфта шуда, чизе нест, ки ба ин зудиҳо битавон бовар кард ва ҳамчунин чизҳое, ки дар бораи фурӯхтани духтарон аз тарафи падарон ва истисмори занон аз тарафи шавҳарон гуфтаанд.

Дар ин фарзҳо ва тахминҳо ду чиз ба чашм мехӯрад: яке ин ки саъй шуда таърихи башари аввалия фавқулъода қасоватомез ва хушунатбор ва орӣ аз авотифи инсонӣ тафсир шавад. Дигар ин ки нақши табиат аз лиҳози тадобири ҳайратангезе, ки барои расидан ба ҳадафҳои куллии худ ба кор мебарад, нодида гирифта шудааст.

Ин гуна тафсир ва изҳори назар дар бораи инсон ва табиат барои ғарбӣ муяссар аст, аммо барои шарқӣ — агар афсуншудаи тақлиди Ғарб набошад — муяссар нест. Ғарбӣ, ба иллатҳои хоссе, бо авотифи инсонӣ бегона аст; қаҳран наметавонад барои отифа ва ҷараққаҳои инсонӣ нақши асосӣ дар таърих қоил шавад. Ғарбӣ агар аз дандаи иқтисод бархезад, нон мебинаду бас. Таърих аз назари ӯ, мошине аст, ки то нон ба хӯрдаш надиҳӣ, ҳаракат намекунад. Ва агар аз дандаи масоили ҷинсӣ бархезад, инсоният ва таърихи инсоният бо ҳамаи мазоҳири фарҳангӣ ва ҳунарӣ ва ахлоқӣ ва мазҳабӣ ва бо ҳамаи таҷаллиёти олӣ ва бошукӯҳи маънавӣ, ҷуз бозиҳои тағйиришаклёфтаи ҷинсӣ нест. Ва агар аз дандаи сиёдат ва бартариталабӣ бархезад, саргузашти башарият аз назари ӯ, яксара хунрезӣ ва бераҳмӣ аст.

Ғарбӣ дар қаруни вусто аз мазҳаб ва ба номи мазҳаб шиканҷаҳо дида ва озорҳо кашида ва зинда-зинда дар оташ андохтанҳо мушоҳида кардааст. Ба ҳамин ҷиҳат аз номи Худо ва мазҳаб ва ҳар чизе, ки ин бӯро бидиҳад ваҳшат мекунад ва аз ин рӯ бо ҳамаи осор ва алоими фаровони илмӣ, ки аз ҳадаф доштани табиат ва вогузор набудани ҷаҳон ба худ мебинад, камтар ҷуръат мекунад ба асли “иллати ғоӣ” эътироф кунад.

Мо аз ин муфассирон намехоҳем, ки ба вуҷуди паёмбарон — ки дар тӯли таърих зуҳур кардаанд ва мунодии адолат ва инсоният будаанд ва бо инҳирофот мубориза мекардаанд ва натоиҷи самарбахше аз муборизоти худ мегирифтаанд — иқрор ва эътироф кунанд; аз онҳо мехоҳем, ки лоақал нақши огоҳонаи табиатро фаромӯш накунанд.

Дар таърихи равобити зану мард қатъан мазолими фаровон ва қасоватҳои бешуморе рух додааст. Қуръон қасоватомезтарини онҳоро ҳикоят кардааст. Аммо наметавон гуфт, саросари ин таърих қасоват ва хушунат будааст.

# Фалсафаи ҳақиқии маҳр

Ба ақидаи мо, падид омадани маҳр натиҷаи тадбири моҳиронае аст, ки дар матни хилқат ва офариниш барои таъдили равобити зану мард ва пайванди онҳо ба якдигар ба кор рафтааст.

Маҳр аз онҷо пайдо шуда, ки дар матни хилқат нақши ҳар як аз зану мард дар масъалаи ишқ муғойири нақши дигаре аст. Урафо ин қонунро ба саросари ҳастӣ сироят медиҳанд, мегӯянд: қонуни ишқ ва ҷазбу инҷизоб, бар саросари мавҷудот ва махлуқот ҳукумат мекунад бо ин хусусият, ки мавҷудот ва махлуқот аз лиҳози ин ки ҳар мавҷуде вазифаи хоссеро бояд ифо кунад мутафовитанд; сӯз дар як ҷо ва соз дар ҷойи дигар қарор дода шудааст.

Фахруддини Ироқӣ, шоири маъруф мегӯяд:

*Сози тараби ишқ кӣ донад, ки чӣ соз аст?*

*К-аз захмаи он нӯҳ фалак андар таку тоз аст…*

*Розест дар ин парда, гар онро бишиносӣ,*

*Донӣ, ки ҳақиқат зи чӣ дар банди маҷоз аст?..*

*Ишқ аст, ки ҳар дам ба дигар ранг барояд,*

*Ноз аст ба ҷойеву ба як ҷой ниёз аст.*

*Дар сурати ошиқ чу дарояд ҳама сӯз аст,*

*Дар кисвати маъшуқ чу ояд ҳама соз аст.*

Мо дар мақолае он ҷо, ки тафовутҳои зану мардро баён мекардем, гуфтем, ки навъи эҳсосоти зану мард нисбат ба якдигар як ҷур нест. Қонуни хилқат ҷамол ва ғурур ва бениёзиро дар ҷониби зан ва ниёзмандӣ ва талаб ва ишқ ва тағаззулро дар ҷониби мард қарор додааст. Заъфи зан дар муқобили нерӯмандии баданӣ ба ҳамин васила таъдил шудааст ва ҳамин ҷиҳат мӯҷиб шуда, ки ҳамвора мард аз зан хостгорӣ мекардааст. Қаблан дидем, ки тибқи гуфтаи ҷомеашиносон, ҳам дар давраи модаршоҳӣ ва ҳам дар давраи падаршоҳӣ, мард будааст, ки ба суроғи зан мерафтааст.

Донишмандон мегӯянд: мард аз зан шаҳавонитар аст. Дар ривоятҳои исломӣ ворид шуда, ки мард аз зан шаҳавонитар нест, балки баръакс аст, лекин зан аз мард дар муқобили шаҳват тавонотар ва худдортар офарида шудааст. Натиҷаи ҳар ду сухан яке аст. Ба ҳар ҳол мард дар муқобили ғариза, аз зан нотавонтар аст. Ин хусусият ҳамвора ба зан фурсат додааст, ки дунболи мард наравад ва зуд таслими ӯ нашавад ва баръакс,

мардро водор кардааст, ки ба зан изҳори ниёз кунад ва барои ҷалби ризои ӯ иқдом кунад. **Яке аз он иқдомот ин буда, ки барои ҷалби ризои ӯ ва ба эҳтироми мувофиқати ӯ, ҳадияе нисор ӯ мекардааст**.

Чаро афроди ҷинси нар ҳамеша барои тасоҳуби ҷинси мода бо якдигар рақобат мекардаанд ва ба ҷангу ситез бо якдигар мепардохтаанд, аммо ҳаргиз афроди ҷинси мода барои тасоҳуби ҷинси нар ҳирсу валаъ нишон надодаанд? Барои ин ки нақши ҷинси нар ва ҷинси мода яке набудааст. Ҷинси нар ҳамвора ҳолат ва нақши мутақозиро дошта, на ҷинси мода ва ҷинси мода ҳаргиз бо ҳирсу валаъи ҷинси нар ба дунболи ӯ намерафтааст, ҳамвора аз худ навъе бениёзӣ ва истиғно нишон медодааст.

Маҳр бо ҳаё ва ифофи зан як реша дорад. Зан ба илҳоми фитрӣ дарёфтааст, ки иззат ва эҳтироми ӯ ба ин аст, ки худро ройгон дар ихтиёр мард қарор надиҳад ва ба истилоҳ ширин бифурӯшад.

Ҳаминҳо сабаб шуда, ки зан тавониста бо ҳамаи нотавонии ҷисмӣ, мардро ба унвони хостгор ба остонаи худ бикашонад, мардҳоро ба рақобат бо якдигар водор кунад, бо хориҷ кардани худ аз дастрасии мард, ишқи романтик ба вуҷуд оварад, Маҷнунҳоро ба дунболи Лайлиҳо бидавонад ва он гоҳ, ки тан ба издивоҷ бо мард медиҳад, атия ва пешкаше аз ӯ ба унвони нишонае аз садоқати ӯ дарёфт дорад.

Мегӯянд, дар баъзе қабоили ваҳшӣ духтароне, ки бо чанд хостгор ва ошиқи беқарор мувоҷеҳ мешудаанд, онҳоро водор ба “дуэл” мекардаанд; ҳар кадом, ки дигариро мағлуб мекарда ё мекушта, шоистагии ҳамсарӣ бо он духтарро иҳроз мекардааст.

Чанде пеш рӯзномаҳои Теҳрон навиштанд, ки як духтар ду писари хостгори худро дар ҳамин Теҳрон ба “дуэл” водор кард, онҳоро дар ҳузури худ бо аслиҳаи сард ба ҷони якдигар андохт.

Аз назари касоне, ки қудратро фақат дар зӯри бозу мешиносанд ва таърихи равобити зану мардро яксара зулму истисмори мард мебинанд, боваре нест, ки зан, ин мавҷуди заъифу зариф, битавонад инчунин афроди ҷинси хашин ва нерӯмандро ба ҷони якдигар биандозад, аммо агар касе андаке бо тадобири моҳиронаи хилқат ва қудрати аҷиб ва мармузи занонае, ки дар вуҷуди зан таъбия шуда ошно бошад, медонад, ки ин чизҳо аҷиб нест.

Зан дар мард таъсири фаровон доштааст. Таъсири зан дар мард аз таъсири мард дар зан бештар будааст. Мард бисёре аз ҳунарнамоиҳо ва шуҷоатҳо ва диловариҳо ва нубуғҳо ва шахсиятҳои худро мадюни зан ва худдориҳои зарифонаи зан аст, мадюни ҳаё ва ифофи зан аст, мадюни “ширинфурӯшӣ”-и зан аст. Зан ҳамеша мардро месохта ва мард,

иҷтимоъро. Он гоҳ, ки ҳаё ва ифоф ва худдории зан аз миён биравад ва зан бихоҳад дар нақши мард зоҳир шавад, аввал ба зан маҳри ботила мехӯрад ва баъд мард мардонагии худро фаромӯш мекунад ва сипас иҷтимоъ мунҳадим мегардад.

Ҳамон қудрати занона, ки тавониста дар тӯли таърих шахсияти худро ҳифз кунад ва ба дунболи мард наравад ва мардро ба унвони хостгор ба остони худ бикашонад, мардонро ба рақобат ва ҷанг бо якдигар дар бораи худ водорад ва онҳоро то сарҳади кушта шудан бибарад, ҳаё ва ифофро шиори худ қарор диҳад, бадани худро аз чашми мард мастур нигаҳ дорад ва худро асроромез ҷилва диҳад, илҳомбахши мард ва холиқи ишқи ӯ бошад, ҳунаромӯз ва шуҷоатбахш ва нубуғофарини ӯ воқеъ шавад, дар ӯ ҳисси “тағаззул” ва ситоишгарӣ ба вуҷуд оварад ва ӯ ба фурӯтанӣ ва хоксорӣ ва ночизии худ дар муқобили зан ба худ биболад, ҳамон қудрат метавониста мардро водор кунад, ки ҳангоми издивоҷ атияе ба номи “маҳр” тақдими ӯ кунад.

Маҳр моддае аст аз як ойинномаи куллӣ, ки тарҳи он дар матни хилқат рехта шуда ва бо дасти фитрат таҳия шудааст.

## Маҳр дар Қуръон

Қуръони Карим маҳрро ба сурате, ки дар марҳилаи панҷум гуфтем, ибдоъ ва ихтироъ накард, зеро маҳр ба ин сурат ибдоъи хилқат аст. Коре, ки Қуръон кард ин буд, ки маҳрро ба ҳолати фитрии он баргардонид.

Қуръони Карим бо латоиф ва зарофати беназире мегӯяд:

وَآتُوا النِّساءَ صَدُقاتِهِنَّ نِحْلَةً

(*Нисо/4*) Яъне кобини занонро, ки ба худи онҳо таъаллуқ дорад (на ба падарон ё бародарони онҳо) ва атия ва пешкаше аст аз ҷониби шумо, ба онҳо, ба худашон бидиҳед.

Қуръони Карим дар ин ҷумлаи кӯтоҳ ба се нуктаи асосӣ ишора кардааст:

Аввалан, бо номи “садуқа” (ба замми дол) ёд кардааст, на бо номи “маҳр”. Садуқа аз моддаи сидқ аст ва бад-он ҷиҳат ба маҳр садоқ ё садуқа гуфта мешавад, ки нишонаи ростин будани алоқаи мард аст. Баъзе муфассирон монанди соҳиби “Кашшоф” ба ин нукта тасреҳ кардаанд; ҳамчунон ки бино ба гуфтаи Роғиби Исфаҳонӣ дар “Муфрадоту ғарибил-Қурон”, иллати ин ки садақа (ба фатҳи дол)-ро садақа гуфтаанд ин аст, ки нишонаи сидқи имон аст.

Дигар ин ки бо мулҳақ кардани замир (ҳунна) ба ин калима, мехоҳад бифармояд, ки маҳрия ба худи зан таъаллуқ дорад, на падару модар; маҳр музди бузург кардан ва шир додан ва нон додан ба ӯ нест.

Севвум ин ки бо калимаи “ниҳла” комилан тасреҳ мекунад, ки маҳр ҳеч унвоне ҷуз унвони тақдимӣ ва пешкашӣ ва атия ва ҳадия надорад.

## Дугунагии эҳсосот дар ҳайвонот

Ихтисос ба инсон надорад; дар ҳамаи ҷондорҳо он ҷо, ки қонуни дуҷинсӣ ҳукмфармост, бо ин ки ду ҷинс ба якдигар ниёзманданд, ҷинси нар ниёзмандтар офарида шуда, яъне эҳсосоти ӯ ниёзмандонатар аст ва ҳамин ҷиҳат ба навбаи худ сабаб шуда, ки ҷинси нар гомҳое дар тариқи ҷалби ризояти ҷинси мода бардорад ва ҳам сабаб шуда, ки равобити ду ҷинс таъдил шавад ва ҷинси нар аз зӯру қудрати худ суистифода накунад, ҳолати фурӯтанӣ ва хузӯъ ба худ бигирад.

## Ҳадия ва коду дар равобити номашрӯъ

Мунҳасир ба издивоҷ ва паймони машрӯъи заношӯӣ нест; он ҷо ҳам, ки зану мард ба сурати номашрӯъе мехоҳанд аз вуҷуди якдигар лаззат бибаранд ва ба истилоҳ мехоҳанд аз ишқи озод баҳра бибаранд, боз мард аст, ки ба зан ҳадия медиҳад. Агар аҳёнан қаҳва ё чой ё ғизое сарф кунанд, мард вазифаи худ медонад, ки пули онҳоро бипардозад. Зан барои худ навъе иҳонат талаққӣ мекунад, ки ба хотири мард моя бигузорад ва пул харҷ кунад. Айёшӣ барои писар, мусталзими доштан пул ва имконоти молӣ аст ва айёшӣ барои як духтар, василае аст барои дарёфти кодуҳо. Ин одот, ки ҳатто дар равобити номашрӯъ ва ғайриқонунӣ ҳам ҷорӣ аст, ношӣ аз навъи эҳсосоти номушобеҳи зану мард нисбат ба якдигар аст.

## Муошиқаи фарангӣ аз издивоҷаш табиитар аст

Дар дунёи ғарб ҳам, ки ба номи тасовии ҳуқуқи инсонҳо ҳуқуқи хонаводагиро аз сурати табиӣ хориҷ кардаанд ва саъй мекунанд алорағми қонуни табиат, зану мардро дар вазъи мушобеҳе қарор диҳанд ва нақшҳои мушобеҳе дар зиндагии хонаводагӣ ба ӯҳдаи онҳо бигузоранд, он ҷо, ки ба истилоҳ пойи ишқи озод ба миён меояд ва қонунҳои қарордодӣ онҳоро аз масири табиат хориҷ накардааст, мард ҳамон вазифаи табиии худ яъне ниёз ва талаб ва моя гузоштан ва пул харҷ карданро анҷом медиҳад, мард ба зан ҳадия медиҳад ва мутаҳаммили махориҷи ӯ мешавад, дар сурате, ки дар издивоҷи фарангӣ маҳр вуҷуд надорад ва аз лиҳози нафақа низ масъулияти сангине ба ӯҳдаи зан мегузоранд, яъне муошиқаи фарангӣ аз издивоҷи фарангӣ бо табиат ҳамоҳангтар аст.

Маҳр яке аз намунаҳое аст, ки мерасонад зану мард бо истеъдодҳои номуташобеҳе офарида шудаанд ва қонуни хилқат аз лиҳози ҳуқуқи фитрӣ ва табиӣ санадҳои номуташобеҳе ба дасти онҳо додааст.

## Маҳру нафақа (2)

Дар фасли пеш фалсафа ва иллати аслии пайдоиши маҳрро зикр кардем. Маълум шуд, маҳр аз ончо пайдо шуда, ки қонуни хилқат дар равобити ду чинс ба ӯҳдаи ҳар як аз онҳо нақши чудогонае гузоштааст. Маълум шуд, маҳр аз эҳсосоти рақиқ ва утуфатомези мард ношӣ шуда, на аз эҳсосоти хашин ва моликонаи ӯ. Он чи аз ноҳияи зан дар ин амр дахолат дошта ҳисси худдории махсуси ӯ буда, на заъф ва беирода будани ӯ. Маҳр, тадбире аст аз ноҳияи қонуни хилқат барои боло бурдан арзиши зан ва қарор додани ӯ дар сатҳи олитаре. Маҳр ба зан шахсият медиҳад. Арзиши маънавии маҳр барои зан, беш аз арзиши моддии он аст.

## Русуми чоҳилият, ки дар ислом мансух шуд

Қуръони Карим русуми чоҳилиятро дар бораи маҳр мансух кард ва онро ба ҳолати аввалӣ ва табиии он баргардонид.

Дар чоҳилият, падарону модарон маҳрро ба унвони ҳаққуззаҳма ва “ширбаҳо”, ҳаққи худ медонистанд.

Дар тафсири “Кашшоф” ва ғайра менависанд, ҳангоме, ки духтаре барои яке аз онҳо мутаваллид мешуд ва дигарӣ мехост ба ӯ табрик бигӯяд, мегуфт:

هَنيئاً لَكَ النّافِجَةُ

Яъне, ин мояи афзоиши сарват, туро гуворо бод! Киноя аз ин ки баъдан ин духтарро шавҳар медиҳӣ ва маҳр дарёфт медорӣ.

Дар чоҳилият, падарон ва дар набудани онҳо бародарон, чун аз тарафе барои худ ҳаққи вилоят ва қаймумат қоил буданд ва духтарро ба иродаи худашон шавҳар медоданд, на ба иродаи худи ӯ ва аз тарафи дигар маҳри духтарро мутаъаллиқ ба худ медонистанд, на ба духтар, духтаронро муовиза мекарданд, ба ин наҳв, ки марде ба марди дигар мегуфт, ки ман духтар ё хоҳармро ба ақди ту дармеоварам, ки дар иваз, духтар ё хоҳари ту зани ман бошад ва ӯ ҳам қабул мекард. Ба ин тартиб ҳар як аз ду духтар маҳри дигарӣ ба шумор мерафт ва ба падар ё бародари дигарӣ таъаллуқ мегирифт. Ин навъ никоҳро никоҳи “шиғор” меномиданд. Ислом ин расмро мансух кард.

Пайғамбари Акрам фармуд:

لا شِغارَ فِی الْاِسْلام

Яъне дар ислом муовизаи духтар ё хоҳар мамнӯъ аст.

Дар ривоятҳои исломӣ омадааст, ки падар на танҳо ҳаққк ба маҳр надорад, балки агар дар ақди издивоҷ барои падар ба унвони амре ҷудогона аз маҳр чизе шарт шавад ва маҳр ба худи духтар дода шавад, боз ҳам саҳеҳ нест, яъне падар ҳақ надорад барои худ дар издивоҷи духтар баҳрае қоил шавад, ҳарчанд ба сурати амри ҷудогона аз маҳр бошад.

Ислом ойини кор кардани домод барои падарзанро — ки тибқи гуфтаи ҷомеашиносон, дар давраҳое вуҷуд дошта, ки ҳанӯз сарвати қобили мубодилае дар кор набуда — мансух кард.

Кор кардани домод барои падарзан танҳо аз ин ҷиҳат набудааст, ки падарон мехостаанд аз ноҳияи духтарони худ баҳрае бурда бошанд; иллатҳо ва решаҳои дигар низ доштааст, ки аҳёнан лозимаи он марҳила аз тамаддун будааст ва дар ҳадди худ золимона ҳам набудааст. Ба ҳар ҳол чунин расме қатъан дар дунёи қадим вуҷуд доштааст.

Достони Мӯсо ва Шуъайб, ки дар Қуръони Карим омадааст, аз вуҷуди чунин расме ҳикоят мекунад. Мӯсо дар ҳоли фирор аз Миср вақте, ки ба сари чоҳи Мидян расид, ба ҳолати духтарони Шуъайб, ки дар каноре бо гӯсфандони хеш истода буданд ва касе риояти ҳоли онҳоро намекард, раҳмат овард ва барои гӯсфандони онҳо обкашӣ кард. Духтарон пас аз муроҷеат назди падар, ҷараёни рӯзро барои падар нақл карданд ва ӯ яке аз онҳоро пайи Мӯсо фиристод ва ӯро ба хонаи хеш даъват кард. Пас аз ошно шудан бо якдигар, як рӯз Шуъайб ба Мӯсо гуфт: ман дилам мехоҳад яке аз ду духтари худро ба ту ба занӣ бидиҳам ба ин шарт, ки ту ҳашт сол барои ман кор кунӣ ва агар дили худат хост, ду соли дигар ҳам изофа кун, даҳ сол барои ман кор кун. Мӯсо қабул кард ва ба ин тартиб Мӯсо домоди Шуъайб шуд. Инчунин расме дар он замон буда ва решаи ин расм ду чиз аст: аввал, набудани сарват. Хидмате, ки домод ба зан ё падарзан метавониста бикунад, ғолибан мунҳасир ба ин буда, ки барои онҳо кор кунад. Дигар расми ҷиҳоз додан. Ҷомеашиносон мӯътақиданд, ки расми ҷиҳоз додан ба духтар аз тарафи падар, яке аз русум ва сунани куҳан аст. Падар барои ин ки битавонад ҷиҳоз барои духтари худ фароҳам кунад, домодро аҷири худ мекард ва ё аз ӯ пуле дарёфт мекард. Амалан он чи падар аз домод мегирифт, ба нафъи духтар ва барои духтар будааст.

Ба ҳар ҳол дар ислом ин ойин мансух шуд ва падарзан ҳақ надорад маҳрро моли худ бидонад, ҳарчанд ҳадаф ва манзураш ин бошад, ки онро сарфу харҷи духтар кунад. Ин худи духтар аст, ки ихтиёри он молро дорад, ки ба ҳар наҳв бихоҳад масраф кунад. Дар

ривоятҳои исломӣ тасреҳ шуда, ки ингуна махр қарор додан дар давраи исломия раво нест.
Дар замони ҷоҳилият русуми дигаре низ буд, ки амалан мӯҷиби маҳрум будани зан аз маҳр мешуд. Яке аз онҳо расми ирси завҷият буд. Агар касе мемурд, ворисони ӯ аз қабили фарзандон ва бародарон ҳамон тавре, ки сарвати ӯро ба ирс мебурданд, ҳамсарии зани ӯро низ ба ирс мебурданд. Пас аз мурдани шахс, писар ё бародари майит ҳаққи ҳамсарии майитро боқӣ мепиндошт ва худро мухтор медонист, ки зани ӯро ба дигарӣ тазвиҷ кунад ва маҳрро худаш бигирад ва ё ӯро бидуни маҳри ҷадиде ва ба мӯҷиби ҳамон маҳре, ки майит қаблан пардохта зани худ қарор диҳад.
Қуръони Карим расми ирси завҷиятро мансух кард, фармуд:

يا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لا يَحِلُّ لَكُمْ أَنْ تَرِثُوا النِّساءَ كَرْهاً

(*Нисо/19*) Эй мардуме, ки ба пайғамбар ва Қуръон имон доред! Бояд бидонед, ки барои шумо раво нест, ки занони мурисони худро ба ирс бибаред, дар ҳоле, ки худи он занон майл надоранд, ки ҳамсари шумо бошанд.
Қуръони Карим дар ояти дигар ба таври куллӣ издивоҷ бо зани падарро қадаған кард, ҳарчанд ба сурати ирс набошад ва бихоҳанд озодона бо ҳам издивоҷ кунанд. Фармуд:

وَلا تَنْكِحُوا ما نَكَحَ آباؤُكُمْ

(*Нисо/22*) Бо занони падарони худ издивоҷ накунед.
Қуръони Карим ҳар расме, ки мӯҷиби тазйеъи маҳри занон мешуд мансух кард, аз он ҷумла ин ки вақте, ки марде нисбат ба занаш дилсард ва бемайл мешуд, ӯро дар мазиқа ва шиканҷа қарор медод; ҳадафаш ин буд, ки бо тахти шиканҷа қарор додани ӯ, ӯро ба талоқ розӣ кунад ва тамом ё қисмате аз он чи ба унвони маҳр ба ӯ дода, аз ӯ пас бигирад. Қуръони Карим фармуд:

وَلا تَعْضُلُوهُنَّ لِتَذْهَبُوا بِبَعْضِ ما آتَيْتُمُوهُنَّ

(*Нисо/19*) Яъне занонро ба хотири ин ки чизе аз онҳо бигиред ва қисмате аз маҳре, ки ба онҳо додаед ҷуброн кунед, таҳти мазиқа ва шиканҷа қарор надиҳед.
Яке дигар аз он русум ин буд, ки марде бо зане издивоҷ мекард ва барои ӯ ахёнан маҳри сангине қарор медод. Аммо ҳамин ки аз ӯ сер мешуд ва ҳавои таҷдиди арӯсӣ ба сараш мезад, зани бечораро муттаҳам мекард ба фаҳшо ва ҳайсияти ӯро лаккадор мекард ва чунин вонамуд мекард, ки ин зан аз аввал шоистагии ҳамсарии маро надошта ва издивоҷ

бояд фасх шавад ва ман махре, ки додаам бояд пасбигирам. Қуръони Карим ин расмро низ мансух кард ва ҷилави онро гирифт.

## Низоми маҳри ислом хосси худаш аст

Яке аз мусалламоти дини ислом ин аст, ки мард ҳаққе ба моли зан ва кори зан надорад; на метавонад ба ӯ фармон диҳад, ки барои ман фалон корро бикун ва на агар зан коре кард, ки ба мӯҷиби он кор сарвате ба ӯ таъаллуқ мегирад, мард ҳақ дорад, ки бидуни ризои зан дар он сарват тасарруф кунад ва аз ин ҷиҳат зану мард вазъи мусовӣ доранд. Ва бар хилофи расми маъмул дар Урупои масеҳӣ, ки то аввалҳои қарни 20-ум ривоҷ дошт, зани шавҳардор аз назари ислом дар муомилот ва равобити ҳуқуқии худ таҳти қаймумати шавҳар нест; дар анҷоми муомилоти худ истиқлол ва озодии комил дорад. Ислом дар айни ин ки ба зан чунин истиқлоли иқтисодӣ дар муқобили шавҳар дод ва барои шавҳар ҳеч ҳаққе дар моли зан ва кори зан ва муомилоти зан қарор надод, ойини маҳрро мансух накард. Ин худ мерасонад, ки маҳр аз назари ислом ба хотири ин нест, ки мард баъдан аз вуҷуди зан баҳраи иқтисодӣ мебарад ва нерӯи бадании ӯро истисмор мекунад. Пас маълум мешавад, ислом низоми маҳри махсус ба худ дорад. Ин низоми маҳрӣ ва фалсафаашро набояд бо соири системҳои маҳрӣ иштибоҳ кард ва эродоте, ки бар он системҳо ворид аст, бар ин система ворид донист.

## Ойини фитрат

Ҳамчунон ки дар мақолаи пеш гуфтем, Қуръони Карим тасреҳ мекунад, ки маҳр "ниҳла" ва ъатия аст. Қуръон ин ъатия ва пешкаширо лозим медонад. Қуръон румузи фитрати башарро бо камоли диққат риоят кардааст ва барои ин ки ҳар як аз зану мард нақши махсусе, ки дар табиат аз лиҳози алоиқи дӯстона ба ӯҳдаи онҳо гузошта шуда фаромӯш накунад, лузуми маҳрро таъкид кардааст. Нақши зан ин аст, ки посухгӯи муҳаббати мард бошад. Муҳаббати зан хуб аст ба сурати аксуламали муҳаббати мард бошад, на ба сурати ибтидоӣ. Ишқи ибтидоии зан яъне ишқе, ки аз ноҳияи зан шурӯъ бишавад ва зан бидуни он ки мард қаблан ӯро хоста бошад, ошиқи марде бишавад, ҳамвора мувоҷеҳ бо шикасти ишқ ва шикасти шахсияти худи зан аст, бар хилофи ишқе, ки ба сурати посух ба ишқи дигарӣ дар зан пайдо мешавад; инчунин ишқ, на худаш шикаст мехӯрад ва на ба шахсияти зан латма ва шикаст ворид меоварад.

Оё рост аст, ки зан вафо надорад? Паймони муҳаббати зан суст аст? Ба ишқи зан набояд эътимод кард?

Ин, ҳам рост аст ва ҳам дурӯғ. Рост аст агар ишқ аз зан шурӯъ шавад. Агар зане ибтидо ошиқи марде бишавад ва ба ӯ дил бибандад, оташаш зуд сард мешавад. Ба чунин ишқе набояд эътимод кард. Аммо дурӯғ аст дар сурате, ки ишқи оташини зан ба сурати аксуламале аз ишқи содиқонаи марде ва ба унвони посухгӯӣ ба ишқи ростин пайдо шуда бошад. Инчунин ишқе амалан мустабъад аст, ки фасх бишавад, магар он ки ишқи мард ба сардӣ бигарояд ва албатта дар ин сурат ишқи зан тамом мешавад. Ишқи фитрии зан ҳамин навъ аз ишқ аст.

Шӯҳрати зан ба бевафоӣ дар ишқҳои навъи аввал аст ва ситоишҳое, ки аз вафодории зан шуда марбут ба ишқҳои навъи дуввум аст. Ҷомеа агар бихоҳад пайвандҳои заношӯӣ истеҳком пайдо кунад, чорае надорад аз ин ки аз ҳамон роҳе биравад, ки Қуръон рафтааст, яъне қонунҳои фитратро риоят кунад ва аз он ҷумла нақши хосси ҳар як аз зану мардро дар масъалаи ишқ дар назар бигирад. Қонуни маҳр ҳамоҳангӣ бо табиат аст, аз ин рӯ, ки нишона ва заминаи он аст, ки ишқ аз ноҳияи мард оғоз шуда ва зан посухгӯи ишқи ӯст ва мард ба эҳтироми ӯ ҳадияе нисори ӯ мекунад. Аз ин рӯ набояд қонуни маҳр — ки як модда аз як асосномаи куллӣ аст ва ба дасти тарроҳи табиат тадвин шуда — ба номи тасовии ҳуқуқи зану мард мулғо гардад.

Чунонки мулоҳиза фармудед, Қуръон дар боби маҳр, русум ва қонунҳои ҷоҳилиятро алорағми майли мардони он рӯз иваз кард. Он чи худи Қуръон дар боби маҳр гуфт, расми маъмули ҷоҳилият набуд, ки бигӯем, Қуръон аҳаммияте ба буду набуди маҳр намедиҳад. Қуръон метавонист маҳрро ба куллӣ мансух кунад ва мардонро аз ин назар роҳат кунад, вале ин корро накард.

## Интиқодҳо

Акнун, ки назари исломро дар бораи маҳр донистед ва маълум шуд, маҳр аз назари ислом чӣ фалсафае дорад, хуб аст сухани касонеро, ки ба ин қонуни исломӣ интиқод доранд низ бишнавед.

Хонум Манучеҳриён дар китоби “*Интиқод бар қонунҳои асосӣ ва мадании Эрон*” дар фасле, ки таҳти унвони “Маҳр” боз кардаанд, чунин навиштаанд:

“*Ҳамчунон ки барои доштани боғ ё хона ё асп ё астар, мард бояд маблағе бипардозад, барои харидани зан ҳам бояд пуле аз киса харҷ кунад. Ва ҳамчунон ки баҳои хона ва боғ ва астар бар ҳасби бузургӣ ва кучакӣ ва зиштӣ ва зебоӣ ва баҳра ва фоида мутафовит аст, баҳои зан ҳам бар ҳасби*

*зиштӣ ва зебоӣ ва пулдорӣ ва бепулии ӯ тафовут мекунад. Қонунгузорони меҳрубон ва ҷавонмарди мо қариб 12 модда дар бораи қимати зан навиштаанд ва фалсафаи онон он аст, ки агар пул дар миён набошад, риштаи устувори заношӯӣ сахт суст ва зуд гусал мешавад*."

Агар қонуни маҳр аз тарафи аҷнабӣ омада буд, оё боз ҳам ин қадр мавриди бемеҳрӣ ва тӯҳмат ва ифтиро буд? Магар ҳар пуле, ки касе ба касе медиҳад, мехоҳад ӯро бихарад?! Пас бояд расми ҳадия ва бахшиш ва пешкашро мансух кунанд. Решаи қонуни маҳр, ки дар қонуни маданӣ омада Қуръон аст. Қуръон тасреҳ мекунад, ки маҳр унвоне ҷуз ъатия ва пешкашӣ надорад. Ба илова, ислом қонунҳои иқтисодии худроончунон танзим карда, ки мард ҳаққи ҳеч гуна баҳрабардории иқтисодӣ аз зан надорад. Дар ин сурат чӣ гуна метавон маҳрро ба унвони қимати зан ёд кард?

Мумкин аст бигӯед, амалан мардони эронӣ аз занони худ баҳрабардории иқтисодӣ мекунанд.

Ман ҳам қабул дорам, ки бисёре аз мардони эронӣ ин тавранд, вале ин чӣ рабте ба маҳр дорад? Мардон, ки намегӯянд, мо ба мӯҷиби ин ки маҳр пардохтаем, ба занони худ таҳаккум мекунем. Таҳаккуми марди эронӣ ба зани эронӣ решаҳои дигаре дорад. Чаро ба ҷойи ин ки мардумро ислоҳ кунед, қонуни фитратро хароб мекунед ва бар мафосид меафзоед? Дар тамоми ин гуфтаҳо як манзур бештар нуҳуфта нест ва он ин ки эронӣ ва машриқзаминӣ бояд худро ва фалсафаи зиндагии худро ва меъёрҳои инсонии худро фаромӯш кунад ва рангу шакли аҷнабӣ ба худ бигирад, то беҳтар омодаи балъида шудан бошад.

Хонум Манучеҳриён мегӯянд:

"*Агар зан аз назари иқтисодӣ монанди мард бошад, дигар чӣ ҳоҷат аст, ки мо барои ӯ нафақа ва кисва ва маҳр қоил шавем? Ҳамчунон ки ҳеч як аз ин пешбиниҳо ва муҳкамкориҳо дар мавриди мард ба миён намеояд, дар мавриди зан ҳам он вақт набояд вуҷуд дошта бошад."*

Агар ин суханро хуб бишкофем, маънияш ин аст: дар давраҳое, ки барои зан ҳаққи моликият ва истиқлоли иқтисодӣ қоил набуданд, маҳру нафақа метавонист то андозае муваҷҷаҳ бошад, вале агар ба зан истиқлоли иқтисодӣ дода шавад (ҳамчунон ки дар ислом ин истиқлол ба зан дода шуда), дигар нафақа ва маҳр ҳеч ваҷҳе надорад.

Эшон гумон кардаанд, ки фалсафаи маҳр сирфан ин аст, ки дар муқобили салби ҳуқуқи иқтисодии зан пуле ба ӯ бирасад. Оё беҳтар набуд, ки эшон мурочеаи кӯтоҳе ба оятҳои

Қуръон мекарданд ва андаке дар бораи таъбироте, ки Қуръон аз маҳр карда таъаммул мекарданд ва фалсафаи асли маҳрро дармеёфтанд ва он гоҳ аз ин ки китоби осмонии кишварашон дорои чунин мантиқи олӣ аст ба худ меболиданд?

Нависандаи "Чиҳил пешниҳод" дар шумораи 89-и маҷаллаи "Зани рӯз", сафҳаи 71 пас аз зикри вазъи ноҳинҷори зан дар ҷоҳилият ва ишора ба хадамоти ислом дар ин роҳ чунин навиштааст:

"*Чун зану мард мусовӣ офарида шудаанд, пардохти баҳо ё уҷрат аз тарафи яке ба дигарӣ мантиқ ва далели ақлонӣ надорад, зеро ҳамон гуна, ки мард эҳтиёҷ ба зан дорад, зан ҳам ба вуҷуди мард ниёзманд аст ва офариниш онҳоро ба якдигар мӯҳтоҷ халқ карда ва дар ин эҳтиёҷ ҳар дуи онҳо вазъи мусовӣ доранд ва аз ин рӯ илзоми яке ба додани ваҷҳ ба дигарӣ бе далел хоҳад буд. Ва лекин аз назари ин ки талоқ дар ихтиёри мард буда ва зан барои зиндагии муштарак бо мард таъмин надошта, аз ин рӯ ба зан ҳақ дода шуда илова бар эътимод ба шахсияти завҷ, навъе васиқа ва эътибори молӣ низ аз мард мутолаба намояд...*"

Дар сафҳаи 72 мегӯяд:

"*Агар моддаи 1133 қонуни маданӣ, ки муқаррар медорад: "Мард метавонад ҳар вақт, ки бихоҳад, зани худро талоқ диҳад" ислоҳ гардад ва талоқ баста ба майл ва ҳаваси мард набошад, асосан садоқ ва маҳр фалсафаи вуҷудии худро аз даст хоҳад дод.*"

Аз он чи то кунун гуфтаем, бепоягии ин суханон равшан гашт. Маълум шуд, ки маҳр, баҳо ё уҷрат нест ва мантиқи ақлонӣ ҳам дорад. Ҳам маълум шуд, зану мард дар эҳтиёҷ ба якдигар вазъи мусовӣ надоранд ва хилқат, онҳоро дар ду вазъи мухталиф қарор додааст.

Аз ҳама бепоятар ин ки фалсафаи маҳрро васиқаи молӣ дар муқобили ҳаққи талоқ барои мард зикр кардааст ва муддаӣ аст иллати ин ки ислом маҳрро муқаррар кардааст ҳамин ҷиҳат аст.

Аз ин гуна ашхос бояд пурсид: чаро ислом ҳаққи талоқро ба мард дод, то зан ба васиқаи молӣ эҳтиёҷ пайдо кунад? Ба илова, маънии ин сухан ин аст: иллати ин ки Пайғамбари Акрам барои занони худ маҳр қарор медод ин буд, ки мехост ба онҳо дар муқобили худаш васиқаи молӣ бидиҳад ва иллати ин ки дар издивоҷи Алӣ ва Фотима барои

Фотима маҳр қарор дод ин буд, ки мехост барои Фотима дар муқобили Алӣ як васиқаи молӣ ва василаи итминони фикрӣ бигирад.
Агар инчунин аст, пас чаро Пайғамбари Акрам занонро тавсия кард, ки мутақобилан маҳри худро ба шавҳар бибахшанд ва барои ин бахшиш подошҳо зикр кард? Ба илова, чаро тавсия кард, ки ҳатталимкон маҳри занон зиёд набошад? Оё ҷуз ин аст, ки аз назари Пайғамбари ислом ҳадияи заношӯии мард ба номи маҳр ва бахшиши маҳр ё муъодил он аз тарафи зан ба мард, мӯҷиби истеҳкоми улфат ва улқаи заношӯӣ мешавад?
Агар назари ислом ба ин буд, ки маҳр як васиқаи молӣ бошад, чаро дар китоби осмонии худ гуфт:

وَآتُوا النِّساءَ صَدُقاتِهِنَّ نِحْلَةً

Чаро нагуфт:

وَآتُو النِّساءَ صَدُقاتِهِنَّ وَثيقَةً

Гузашта аз ҳамаи инҳо, нависандаи мазбур пиндошта, ки расми маҳр дар садри ислом ҳамин буда, ки имрӯз ҳаст. Маъмул имрӯз ин аст, ки маҳр бештар ҷанбаи зимма ва ӯҳда дорад, яъне мард маблағеро тибқи ақд ва санад ба унвони маҳр ба ӯҳда мегирад ва зан маъмулан онро мутолаба намекунад магар вақте, ки ихтилоф ва мушоҷарае ба миён ояд. Ин гуна маҳрҳо метавонад ҷанбаи васиқа ба худ бигирад. Дар садри ислом маъмул ин буд, ки мард ҳар чи ба унвони маҳр мутаъаҳҳид мешуд, нақд мепардохт. Бинобар ин ба ҳеч ваҷҳ наметавон гуфт, ки назари ислом аз маҳр ин буда, ки васиқае дар ихтиёри зан қарор диҳад.
Таърих нишон медиҳад, ки Пайғамбари Акрам ба ҳеч ваҷҳ ҳозир набуд занеро бидуни маҳр дар ихтиёри марде қарор диҳад. Достоне бо андак ихтилоф дар китобҳои шиъа ва суннӣ омадааст аз ин қарор:
Зане омад ба хидмати Пайғамбари Акрам ва дар ҳузури ҷамъ истод ва гуфт:
Ё Расулаллоҳ! Маро ба ҳамсарии худ бипазир.
Расули Акрам дар муқобили тақозои зан сукут кард, чизе нагуфт. Зан сари ҷойи худ нишаст.
Марде аз асҳоб бапо хост ва гуфт:
Ё Расулаллоҳ! Агар шумо моил нестед, ман ҳозирам.
Пайғамбари Акрам суол кард:
Маҳр чӣ медиҳӣ?
— Ҳеч чиз надорам.

— Ин тавр, ки намешавад. Бирав ба хонаат, шояд чизе пайдо кунӣ ва ба унвони маҳр ба ин зан бидиҳӣ.

Мард ба хонааш рафт ва баргашт ва гуфт:

Дар хонаам чизе пайдо накардам.

— Боз ҳам бирав бигард. Як ангуштари оҳанӣ ҳам, ки биёварӣ, кофӣ аст.

Думартиба рафт ва баргашт ва гуфт: ангуштари оҳанӣ ҳам дар хонаи мо пайдо намешавад. Ман ҳозирам ҳамин ҷома, ки ба тан дорам, маҳри ин зан кунам.

Яке аз асҳоб, ки ӯро мешинохт, гуфт: Ё Расулаллоҳ! Ба Худо ин мард ҷомае ғайр аз ин ҷома надорад. Пас нисфи ин ҷомаро маҳри зан қарор диҳед.

Пайғамбари Акрам фармуд: агар нисфи ин ҷома маҳри зан бошад, кадом як бипӯшанд? Ҳар кадом бипӯшанд, дигарӣ бараҳна мемонад. Хайр, ин тавр намешавад.

Марди хостгор сари ҷойи худ нишаст. Зан ҳам ба интизор, ҷойи дигаре нишаста буд. Маҷлис вориди баҳси дигаре шуд ва тӯл кашид. Марди хостгор ҳаракат кард биравад. Расули Акрам ӯро садо кард:

Оҳой биё.

Омад.

— Бигӯ бибинам, Қуръон баладӣ?

— Бале ё Расулаллоҳ! Фалон сура ва фалон сураро баладам.

— Метавонӣ аз ҳифз қироат кунӣ?

— Бале, метавонам.

— Бисёр хуб, дуруст шуд. Пас ин занро ба ақди ту даровардам ва маҳри ӯ ин бошад, ки ту ба ӯ Қуръон таълим бидиҳӣ.

Мард дасти зани худро гирифт ва рафт.

Дар боби маҳр матолиби дигаре ҳаст, вале мо суханро ҳамин ҷо кӯтоҳ мекунем.

## Маҳру нафақа (3)

Назари исломро дар бораи маҳр ва фалсафаи маҳр баён кардем. Акнун навбати он аст, ки масъалаи нафақаро мавриди баҳс қарор диҳем.

Қаблан бояд бидонем, ки дар қонунҳои исломӣ нафақа низ монанди маҳр вазъи махсус ба худ дорад ва набояд бо он чи дар дунёи ғайри исломӣ мегузашта ё мегузарад яке донист.

Агар ислом ба мард ҳақ медод, ки занро дар хидмати худ бигуморад ва маҳсули кору заҳмат ва билохира сарвате, ки зан тавлид мекунад моли худ бидонад, иллат ва фалсафаи

нафақа додани мард ба зан равшан буд, зеро возеҳ аст агар инсон ҳайвон ё инсони дигареро мавриди баҳрабардории иқтисодӣ қарор диҳад, ночор аст махориҷи зиндагии ӯро низ таъмин кунад. Агар горичӣ ба аспи худ коҳ ва ҷав надиҳад, он асп барои ӯ боркашӣ намекунад.

Аммо ислом чунин ҳаққе барои мард қоил нест; ба зан ҳақ дод молик шавад, таҳсили сарват кунад ва ба мард ҳақ надода дар сарвате, ки ба ӯ таъаллуқ дорад тасарруф кунад; ва дар айни ҳол, бар мард лозим диниста, ки будҷаи хонаводаро таъмин кунад, махориҷи зану фарзандон ва навкар ва кулфат ва маскан ва ғайраро бипардозад. Чаро ва ба чӣ иллате?

Мутаассифона ғарбмаобҳои мо ба ҳеч ваҷҳ ҳозир нестанд дар бораи ин умур заррае фикр кунанд; чашмҳоро ба рӯйи ҳам мегузоранд ва айни интиқодотеро, ки ғарбиён бар системҳои ҳуқуқии худашон мекунанд — ва албатта он интиқодот саҳеҳ ҳам ҳаст — инҳо дар мавриди системаи ҳуқуқии исломӣ зикр мекунанд.

Воқеан агар касе бигӯяд, нафақаи зан дар ғарб то қарни 19-ум чизе ҷуз ҷирахорӣ ва нишонаи бардагии зан набудааст, рост гуфтааст, зеро вақте, ки зан муваззаф бошад маҷҷонан харҷи зиндагии мардро идора кунад ва ҳаққи моликият надошта бошад, нафақае, ки ба ӯ дода мешавад, аз навъи ҷирае аст, ки ба асир ё улуфае аст, ки ба ҳайвоноти боркаш дода мешавад.

Аммо агар қонуни бахусусе дар ҷаҳон пайдо шавад, ки идораи харҷи зиндагии мардро ба унвони як вазифаи лозим аз дӯши зан бардорад ва ба ӯ ҳаққи таҳсили сарват ва истиқлоли комили иқтисодӣ бидиҳад, дар айни ҳол ӯро аз ширкат дар будҷаи хонаводагӣ муъоф кунад, ночор фалсафаи дигаре дар назар гирифта ва бояд дар атрофи он фалсафа таъаммул кард.

## Маҳҷурияти зани фарангӣ то нимаи дуввуми қарни 19-ум

Дар шарҳи қонуни мадании Эрон таълифи доктор Шойгон, сафҳаи 362 чунин навишта шуда:

"*Истиқлоле, ки зан дар дороии худ дорад ва фиқҳи шиъа аз ибтидо онро шинохтааст, дар ҳуқуқи Юнон ва Рум ва Япония ва то чанде пеш ҳам дар ҳуқуқи ғолиби кишварҳо вуҷуд надошта; яъне зан мисли сағир ва маҷнун маҳҷур ва аз тасарруф дар амволи худ мамнӯъ будааст. Дар Англистон,*

*ки собиқан шахсияти зан комилан дар шахсияти шавҳар маҳв буд, ду қонун, яке дар соли 1870 ва дигаре дар соли 1882 мелодӣ ба исми қонуни моликияти зани шавҳардор, аз зан рафъи ҳиҷр намуд. Дар Италия қонуни 1919 мелодӣ занро аз шумори маҳҷурин хориҷ кард. Дар қонуни мадании Олмон (1900 мелодӣ) ва дар қонуни мадании Суис (1907 мелодӣ) зан мисли шавҳари худ аҳлият дорад. Вале зани шавҳардор дар ҳуқуқи Португалия ва Фаронса ҳанӯз дар шумори маҳҷурин аст, гӯ ки қонуни 18 феврали 1938 дар Фаронса дар ҳудуде ҳиҷри зани шавҳардорро таъдил кардааст."*

Чунонки мулоҳиза мефармоед, ҳанӯз як қарн намегузарад аз вақте, ки аввалин қонуни истиқлоли молии зан дар муқобили шавҳар (1882 дар Англистон) дар Урупо тасвиб шуд ва ба истилоҳ аз зани шавҳардор рафъи маҳҷурият шуд.

## Чаро Урупо ногаҳон истиқлоли молӣ дод?

Ҳоло чӣ тавр шуд, ки дар як қарн чунин ҳодисаи муҳимме рух дод? Оё эҳсосоти инсонии мардони урупоӣ ба ғалаён омад ва ба золимона будани кори худ пай бурданд?

Посухи ин пурсишро аз Уилям Дюрант бишинавед. Вай дар "Лаззоти фалсафа" (сафҳаи 158) баҳсе таҳти унвони "Илал" боз кардааст ва дар онҷо ба истилоҳ, иллатҳои озодии занро дар Урупо шарҳ медиҳад.

Мутаассифона дар онҷо ба ҳақиқати ваҳшатноке бармехӯрем. Маълум мешавад, зани урупоӣ барои озодӣ ва ҳаққи моликияти худ, аз мошин бояд ташаккур кунад, на аз одам ва дар муқобили чарххҳои азими мошин бояд сари таъзим фуруд оварад, на дар муқобили мардони урупоӣ. Озмандӣ ва ҳирси соҳибони корхона буд, ки барои ин ки суди бештаре бибаранд ва музди камтаре бидиҳанд, қонуни истиқлоли иқтисодиро дар Маҷлиси Англистон гузаронд.

Уилям Дюрант мегӯяд:

*"Ин вожгунии сареъи одот ва русуми мӯҳтарам ва қадимтар аз таърихи масеҳиятро чӣ гуна таълил кунем? Иллати умумии ин тағйир, фаровонӣ ва таъаддуди мошинолот аст. "Озодӣ"-и зан аз аворизи инқилоби санъатӣ аст… Як қарн пеш дар Англистон кор пайдо кардан бар мардон душвор гашт. Аммо эълонҳо аз онон мехост, ки занон ва кӯдакони худро ба корхонаҳо бифиристанд. Корфармоён бояд дар андешаи суд ва саҳоми худ*

*бошанд ва набояд хотири худро бо ахлоқ ва русуми ҳукуматҳо ошуфта созанд. Касоне, ки ноогоҳ бар "хонабарандозӣ" тавтеа карданд, корхонадорони ватандӯсти қарни 19-уми Ангилистон буданд.*

*Нахустин қадам барои озодии модарони бузурги мо қонуни 1882 буд. Ба мӯҷиби ин қонун, занони Британияи кабир аз он пас аз имтиёзи бесобиқае бархӯрдор мешуданд ва он ин ки пулеро, ки ба даст меовroutинд, ҳақ доштанд барои худ нигаҳ доранд. Ин қонуни ахлоқии олӣ ва масеҳиро корхонадорони Маҷлиси авом вазъ карданд, то битавонанд занони Ангилистонро ба корхонаҳо бикашонанд. Аз он сол то ба имсол судҷӯии муқоваматнопазири ононро аз бандагӣ ва ҷон кандан дар хона раҳонида, гирифтори бандагӣ ва ҷон кандан дар мағоза ва корхона кардааст."*

Чунонки мулоҳиза мефармоед, сармоядорон ва корхонадорони Ангилистон буданд, ки ба хотири манофеъи моддӣ ин қадамро ба нафъи зан бардоштанд.

## Қуръон ва истиқлоли иқтисодии зан

Ислом дар 1400 сол пеш ин қонунро гузаронд ва гуфт:

لِلرِّجَالِ نَصِيبٌ مِمَّا اكْتَسَبُوا وَلِلنِّسَاءِ نَصِيبٌ مِمَّا اكْتَسَبْنَ

"*Мардонро аз он чи касб мекунанд ва ба даст меоваранд баҳрае аст ва занонро аз он чи касб мекунанд ва ба даст меоваранд баҳрае аст.*" (*Нисо/32*)

Қуръони Маҷид дар ояти карима ҳамон тавре, ки мардонро дар натоиҷи кор ва фаъолияташон зиҳақ донист, занонро низ дар натиҷаи кор ва фаъолияташон зиҳақ шумурд.

Дар ояти дигар фармуд:

لِلرِّجَالِ نَصِيبٌ مِمّا تَرَكَ الْوالِدانِ وَالْأَقْرَبُونَ وَلِلنِّساءِ نَصِيبٌ مِمّا تَرَكَ الْوالِدانِ وَالْأَقْرَبُونَ

(*Нисо/7*) Яъне мардонро аз моле, ки падару модар ва ё хешовандон баъд аз мурдани худ боқӣ мегузоранд баҳрае аст ва занонро ҳам аз он чи падару модар ва хешовандон аз худ боқӣ мегузоранд баҳрае аст.

Ин оят ҳаққи ирс бурдани занро тасбит кард. Ирс бурдан ё набурдани зан таърихчаи муфассале дорад, ки ба хости Худо баъдан зикр хоҳем кард. Араби ҷоҳилият ҳозир набуд ба зан ирс бидиҳад, аммо Қуръони Карим ин ҳақро барои зан тасбит кард.

## Як муқоиса

Пас Қуръони Карим 13 қарн қабл аз Урупо ба зан истиқлоли иқтисодӣ дод, бо ин тафовут:

Аввалан, ангезае, ки сабаб шуд ислом ба зан истиқлоли иқтисодӣ бидиҳад, ҷуз ҷанбаҳои инсонӣ ва адолатдӯстӣ ва илоҳии ислом набуда. Дар онҷо матолибе аз қабили матомеъи корхонадорони Ангилистон вуҷуд надошт, ки ба хотири пур кардани шиками худи ин қонунро гузаронданд, баъд бо буқу карнай дунёро пур карданд, ки мо ҳаққи занро ба расмият шинохтем ва ҳуқуқи зану мардро мусовӣ донистем.

Сониян, ислом ба зан истиқлоли иқтисодӣ дод, аммо ба қавли Уилям Дюрант, хонабарандозӣ накард, асоси хонаводаҳоро мутазалзил накард, занонро алайҳи шавҳарон ва духтаронро алайҳи падарон ба тамарруд ва исён водор накард. Ислом бо ин ду оят инқилоби азими иҷтимоӣ ба вуҷуд овард, аммо ором ва безарар ва бехатар.

Солисан, он чи дунёи ғарб кард ин буд, ки ба қавли Уилям Дюрант, занро аз бандагӣ ва ҷон кандан дар хона раҳонид ва гирифтори бандагӣ ва ҷон кандан дар мағоза ва корхона кард; яъне Урупо ғиллу занҷире аз дасту пойи зан боз кард ва ғиллу занҷири дигаре, ки камтар аз аввалӣ набуд, ба дасту пойи ӯ баст. Аммо ислом занро аз бандагӣ ва бардагии мард дар хона ва мазореъ ва ғайра раҳонид ва бо илзоми мард ба таъмини будҷаи иҷтимоъи хонаводагӣ, ҳар навъ иҷбор ва илзомеро аз дӯши зан барои таъмини махориҷи худ ва хонавода бардошт. Зан аз назари ислом, дар айни ин ки ҳақ дорад тибқи ғаризаи инсонӣ ба таҳсили сарват ва ҳифз ва афзоиши он бипардозад, тавре нест, ки ҷабри зиндагӣ ӯро тахти фишор қарор диҳад ва ғурур ва ҷамол ва зебоиро — ки ҳамеша бо итминони хотир бояд ҳамроҳ (-и вай) бошад — аз ӯ бигирад.

Аммо чӣ бояд кард; чашмҳо ва гӯшҳои бархе нависандагони мо бастатар аз он аст, ки дар бораи ин ҳақоиқи мусаллами таърихӣ ва фалсафӣ биандешанд.

## Интиқод ва посух

Хонум Манучеҳриён дар китоби “Интиқод бар қонунҳои асосӣ ва мадании Эрон” (сафҳаи 37) менависанд:

“*Қонуни мадании мо аз як сӯ мардро вомедорад, ки ба зани худ нафақа бидиҳад, яъне ҷома, хӯрок ва маскани вайро омода кунад. Ҳамчунон ки молики асп ва астар бояд барои онон хӯрок ва маскан фароҳам оварад, молики зан низ бояд ин ҳадди ақалли зиндагиро дар дастраси ӯ бигузорад. Вале аз сӯйи дигар маълум нест чаро моддаи 1110 қонуни маданӣ муқаррар медорад, ки дар иддаи вафот, зан нафақа надорад ва ҳол он ки дар ҳангоми марги шавҳар, зан ба мулотафат ва таслият эҳтиёҷ дорад ва мехоҳад ба маҳзи аз даст додани молики худ парешонрӯзгор ва ошуфтахотир нашавад. Мумкин аст бигӯед: шумо, ки дам аз озодӣ мезанед ва мехоҳед дар ҳама ҷо бо мард яксон бошед, чаро дар инҷо мехоҳед боз ҳам зан банда ва ҷирахори мард бошад ва чашм дошта бошад, ки пас аз вай низ ин бандагӣ ва ҷирахорӣ идома ёбад? Мо дар посух мегӯем: мутобиқи ҳамон фалсафаи бардагии зан, ки тарҳи ин қонуни маданӣ бар пояи он рехта шудааст, хуб буд, ки ба қавли Саъдӣ, “моликони таҳрир” пас аз худ низ нафақаро барои зан муқаррар медоштанд ва қонун ҳам ин мавзӯъро риоят мекард.*“

Мо аз ин нависанда мепурсем, ки аз куҷои қонуни маданӣ ва аз куҷои қонуни ислом (ё ба қавли шумо, фалсафаи бардагии зан) шумо истинбот кардед, ки мард молики зан аст ва иллати нафақа додани мард, мамлук будани зан аст? Ин чӣ тавр молике аст, ки ҳақ надорад ба мамлуки худ бигӯяд ин косаи обро ба ман бидеҳ? Ин чӣ тавр молике аст, ки мамлукаш ҳар коре бикунад ба худаш таъаллуқ дорад, на ба молик? Ин чӣ тавр молике аст, ки мамлукаш дар кучактарин қадаме, ки барои ӯ бардорад — агар дили худаш бихоҳад — ҳақ дорад мутолабаи музд бикунад? Ин чӣ тавр молике аст, ки ҳақ надорад ба мамлуки худаш таҳмил кунад, ки баччаеро, ки дар хонаи молики худ зоидааст, маҷҷонан шир диҳад?

Сонияи, магар ҳар кас нафақахӯри касе буд, мамлуки ӯст? Аз назари ислом ва ҳар қонуни дигаре, фарзандон воҷибуннафақаи падар ё падару модаранд. Оё ин далел аст, ки ҳамаи қонунҳои ҷаҳон фарзандонро мамлуки падарон медонанд? Дар ислом падару модар агар фақир бошанд, воҷибуннафақаи фарзанд мебошанд бидуни ин ки фарзанд ҳаққи таҳмиле

ба онҳо дошта бошад. Пас оё бояд бигӯем, ислом падарону модаронро мамлуки фарзандони худ шинохтааст?

Солисан, аз ҳама аҷибтар ин аст, ки мегӯянд: чаро нафақаи зан дар иддаи вафот воҷиб нест, дар сурате, ки зан дар ин вақт, ки шавҳари худро аз даст медиҳад, бештар ба пули шавҳар эҳтиёҷ дорад?

Мисли ин аст, ки ин нависандаи гиромӣ дар Урупои сад сол пеш зиндагӣ мекунад.

Милоки нафақа додани мард ба зан эҳтиёҷи зан нест. Агар аз назари ислом, зан дар муддате, ки бо шавҳари худ зиндагӣ мекунад, ҳаққи моликият намедошт, ин матлаб дуруст буд, ки баъд аз мурдани шавҳар билофосила вазъи зан мухтал мешавад. Вале (бо таваҷҷӯҳ ба) қонуне, ки ба зан ҳаққи моликият додааст ва занон ба воситаи таъмин шудан аз ҷониби шавҳарон ҳамеша сарвати худро ҳифз мекунанд, чӣ лузуме дорад, ки пас аз баҳам хӯрдани ошёнаи зиндагӣ боз ҳам то муддате нафақа бигиранд? Нафақа ҳаққи зинат бахшидан ба ошёнаи мард аст. Пас аз харобии ошёна лузуме надорад, ки ин ҳақ барои зан идома пайдо кунад.

## Се навъ нафақа

Дар ислом се навъ нафақа вуҷуд дорад:

Навъи аввал, нафақае, ки молик бояд сарфи мамлуки худ бикунад. Махориҷе, ки молики ҳайвонот барои онҳо мекунад, аз ин қабил аст. Милоки ин навъ нафақа моликият ва мамлукият аст.

Навъи дуввум, нафақае аст, ки инсон бояд сарфи фарзандони худ дар ҳоле, ки сағир ё фақиранд ва ё сарфи падару модари худ, ки фақиранд бинамояд. Милоки ин навъ нафақа моликият ва мамлукият нест, балки ҳуқуқе аст, ки табиатан фарзандон бар ба вуҷудоварандагони худ пайдо мекунанд ва ҳуқуқе аст, ки падару модар ба ҳукми ширкат дар эҷоди фарзанд ва ба ҳукми заҳамоте, ки дар давраи кӯдакии фарзанди худ мутаҳаммил шудаанд, бар фарзанд пайдо мекунанд. Шарти ин навъ аз нафақа, нотавон будани шахси воҷибуннафақа аст.

Навъи севвум, нафақае аст, ки мард дар мавриди зан сарф мекунад. Милоки ин навъ аз нафақа на моликият ва мамлукият аст ва на ҳаққи табиӣ ба мафҳуме, ки дар навъи дуввум гуфта шуд ва на оҷиз будан ва нотавон будан ва фақир будани зан.

Зан фаразан миллионер ва дорои даромади саршоре бошад ва мард сарват ва даромади каме дошта бошад, боз ҳам мард бояд будҷаи хонаводагӣ ва аз он ҷумла будҷаи шахсии занро таъмин кунад.

Фарқи дигаре, ки ин навъ аз нафақа бо навъи аввал ва дуввум дорад ин аст, ки дар навъи аввал ва дуввум агар шахс аз зери бори вазифа шона холӣ кунад ва нафақа надиҳад, гуноҳкор аст, аммо тахаллуфи вазифа ба сурати як дайни қобили мутолаба ва истифо дарнамеояд, яъне ҷанбаи ҳуқуқӣ надорад. Вале дар навъи севвум агар аз зери бори вазифа шона холӣ кунад, зан ҳақ дорад ба сурати як амри ҳуқуқӣ иқомаи даъво кунад ва дар сурати исбот, аз мард бигирад. Милоки ин навъ аз нафақа чист? Иншоаллоҳ дар мақолаи оянда дар бораи он баҳс хоҳем кард.

## Оё зан имрӯз маҳру нафақа намехоҳад?

Гуфтем, аз назари ислом таъмини будҷаи конуни хонаводагӣ, аз он ҷумла махориҷи шахсии зан, ба ӯҳдаи мард аст. Зан аз ин назар масъулияте надорад. Зан фаразан дорои сарвати ҳангуфте буда ва чандин баробари шавҳар доройӣ дошта бошад, мулзам нест дар ин будҷа ширкат кунад.

Ширкати зан дар ин будҷа, чӣ аз лиҳози пулӣ, ки бихоҳад харҷ кунад ва чӣ аз лиҳози корӣ, ки бихоҳад сарф кунад, ихтиёрӣ ва вобаста ба майл ва иродаи худи ӯст.

Аз назари ислом, бо ин ки будҷаи зиндагии зан ҷузъи будҷаи хонаводагӣ ва бар ӯҳдаи мард аст, мард ҳеч гуна тасаллути иқтисодӣ ва ҳаққи баҳрабардорӣ аз нерӯ ва кори зан надорад; наметавонад ӯро истисмор кунад. Нафақаи зан аз ин ҷиҳат монанди нафақаи падару модар аст, ки дар мавориди хоссе бар ӯҳдаи фарзанд аст, аммо фарзанд дар муқобили ин вазифа, ки анҷом медиҳад, ҳеч гуна ҳаққе аз назари истихдоми падару модар пайдо намекунад.

## Риояти ҷониби зан дар масоили молӣ

Ислом ба шакли бесобиқае ҷониби занро дар масоили молӣ ва иқтисодӣ риоят кардааст. Аз тарафе, ба зан истиқлол ва озодии комили иқтисодӣ дода ва дасти мардро аз мол ва кори ӯ кӯтоҳ карда ва ҳаққи қаймумат дар муомилоти занро — ки дар дунёи қадим собиқаи мумтад дорад ва дар Урупо то аввалҳои қарни 20-ум роиҷ буд — аз мард гирифтааст. Ва аз тарафи дигар, бо бардоштани масъулияти таъмини будҷаи хонаводагӣ аз дӯши зан, ӯро аз ҳар навъ иҷбор ва илзом барои давидан ба дунболи пул муъоф кардааст.

Ғарбпарастон он гоҳ, ки мехоҳанд ба номи ҳимоят аз зан, аз ин қонун интиқод кунанд, чорае надоранд аз ин ки ба як дурӯғи шохдор мутавассил шаванд. Инҳо мегӯянд: фалсафаи нафақа ин аст, ки мард худро молики зан медонад ва ӯро ба хидмати худ

мегуморад. Ҳамон тавре, ки молики ҳайвон, ночор аст махориҷи зарурии ҳайвоноти мамлуки худро бипардозад, то он ҳайвонот битавонанд ба ӯ саворӣ бидиҳанд ва барояш боркашӣ кунанд, қонуни нафақа ҳам барои ҳамин манзур ҳадди ақалли бихӯру намирро барои зан воҷиб кардааст.

Агар касе қонуни исломро дар ин масоил аз он ҷиҳат мавриди ҳамла қарор диҳад, ки ислом беш аз ҳадди лозим занро навозиш карда ва мардро зери бор кашида ва ӯро ба сурати хидматкори бемузду аҷре барои зан даровардааст, беҳтар метавонад ба эроди худ обуранг ва сару сурате бидиҳад, то ин ки ба номи зан ва ба номи ҳимояти зан, бар ин қонун эрод бигирад.

Ҳақиқат ин аст, ки ислом нахоста ба нафъи зан ва алайҳи мард ё ба нафъи мард ва алайҳи зан қонуне вазъ кунад. Ислом на ҷонибдори зан аст ва на ҷонибдори мард. Ислом дар қонунҳои худ саодати мард ва зану фарзандоне, ки бояд дар домани онҳо парвариш ёбанд ва билохира саодати ҷомеаи башариятро дар назар гирифтааст. Ислом роҳи вусули зану мард ва фарзандони онҳо ва ҷомеаи башариятро ба саодат, дар ин мебинад, ки қоъидаҳо ва қонунҳои табиат ва авзоъ ва аҳволе, ки ба дасти тавоно ва мудаббири хилқат ба вуҷуд омада нодида гирифта нашавад.

Ҳамчунон ки мукаррар гуфтаем, ислом дар қонунҳои худ ин қоъидаро ҳамвора риоят кардааст, ки мард мазҳари ниёз ва эҳтиёҷ ва зан, мазҳари бениёзӣ бошад. Ислом мардро ба сурати харидор ва занро ба сурати соҳиби коло мешиносад. Аз назари ислом, дар висол ва зиндагии муштараки зану мард, ин мард аст, ки бояд худро ба унвони баҳрагир бишносад ва ҳазинаи ин корро таҳаммул кунад. Зану мард набояд фаромӯш кунанд, ки дар масъалаи ишқ, аз назари табиат ду нақши ҷудогона ба ӯҳдаи онҳо вогузор шудааст. Издивоҷ ҳангоме пойдор ва мустаҳкам ва лаззатбахш аст, ки зану мард дар нақши табиии худ зоҳир шаванд.

Иллати дигар, ки барои лузуми нафақаи зан бар мард дар кор аст ин аст, ки масъулият ва ранҷу заҳамоти тоқатфарсои тавлиди насл аз лиҳози табиат ба ӯҳдаи зан гузошта шудааст.

Он чи дар ин кор аз назари табиӣ ба ӯҳдаи мард аст, як амали лаззатбахш онӣ беш нест. Ин зан аст, ки бояд ин бемории моҳонаро (дар ғайри айёми кӯдакӣ ва пирӣ) таҳаммул кунад, сангинии давраи бордорӣ ва бемории махсуси ин давраро ба ӯҳда бигирад, сахтии зоймон ва аворизи онро таҳаммул намояд, кӯдакро шир бидиҳад ва парасторӣ кунад.

Инҳо ҳама аз нерӯи баданӣ ва азулонии зан мекоҳад, тавоноии ӯро дар кору касб коҳиш медиҳад. Инҳост, ки агар бино бишавад қонун зану мардро аз лиҳози таъмини будҷаи зиндагӣ дар вазъи мушобеҳе қарор диҳад ва ба ҳимояти зан барнахезад, зан вазъи

риққатборе пайдо хоҳад кард. Ва ҳаминҳо сабаб шуда, ки дар ҷондороне, ки ба сурати ҷуфт зиндагӣ мекунанд, ҷинси нар ҳамвора ба ҳимояти ҷинси мода бархезад, ӯро дар муддати гирифтории тавлиди насл дар хӯроку озуқа кӯмак кунад.

Ба илова, зану мард аз лиҳози нерӯи кор ва фаъолиятҳои хашини тавлидӣ ва иқтисодӣ, мушобеҳ ва мусовӣ офарида нашудаанд. Агар бинои бегонагӣ бошад ва мард дар муқобили зан қад алам кунад ва ба ӯ бигӯяд, заррае аз даромади худамро харҷи ту намекунам, ҳаргиз зан қодир нест худро ба пойи мард бирасонад.

Гузашта аз инҳо ва аз ҳама болотар ин ки эҳтиёҷи зан ба пулу сарват аз эҳтиёҷи мард афзунтар аст. Таҷаммул ва зинат ҷузъи зиндагии зан ва аз эҳтиёҷоти аслии зан аст. Он чи як зан дар зиндагии маъмулии худ харҷи таҷаммул ва зинат ва худоройӣ мекунад, баробар аст бо махориҷи чандин мард. Майл ба таҷаммул ба навбати худ майл ба танаввӯъ ва тафаннунро дар зан ба вуҷуд овардааст. Барои як мард як даст либос то вақте қобили пӯшидан аст, ки кӯҳна ва мундарис нашудааст, аммо барои як зан чӣ тавр? Барои як зан то вақте қобили пӯшидан аст, ки ҷилваи тозае ба шумор равад. Эй басо, ки як даст либос ё яке аз зинатолот барои зан арзиши беш аз як бор пӯшиданро надошта бошад. Тавоноии кору кӯшиши зан барои таҳсили сарват аз мард камтар аст, аммо истеҳлоки сарвати зан ба маротиб аз мард афзунтар аст.

Ба илова, зан боқӣ мондани зан, яъне боқӣ мондани ҷамол ва нишот ва ғурур дар зан, мусталзими осоиши бештар ва талоши камтар ва фароғи хотири зиёдтаре аст. Агар зан маҷбур бошад монанди мард доиман дар талошу кӯшиш ва дар ҳоли давидан ва пул даровардан бошад, ғурураш дарҳам мешиканад, чинҳо ва гиреҳҳое, ки гирифториҳои молӣ ба чеҳра ва абрӯи мард андохтааст, дар чеҳра ва абрӯи ӯ пайдо хоҳад шуд. Мукаррар шунида шудааст, занони ғарбӣ, ки бечораҳо дар коргоҳҳо ва корхонаҳо ва идораҳо иҷборан дар талоши маъошанд, орзуи зиндагии зани шарқиро доранд. Бадеҳӣ аст, зане, ки осоиши хотир надорад, фурсате нахоҳад ёфт, ки ба худ бирасад ва мояи сурур ва беҳҷати мард низ воқеъ шавад.

Аз ин рӯ, на танҳо маслиҳати зан, балки маслиҳати мард ва конуни хонаводагӣ низ дар ин аст, ки зан аз талошҳои иҷбории хурдкунандаи маъош муъоф бошад. Мард ҳам мехоҳад конуни хонаводагӣ барои ӯ конуни осоиш ва рафъи хастагӣ ва фаромӯшхонаи гирифториҳои берунӣ бошад. Зане қодир аст конуни хонаводагиро маҳалли осоиш ва фаромӯшхонаи гирифториҳо қарор диҳад, ки худ ба андозаи мард хаста ва кӯфтаи кори берун набошад. Вой ба ҳоли марде, ки хаста ва кӯфта по ба хона бигузорад ва бо ҳамсари хастатар ва кӯфтатар аз худ рӯбарӯ шавад! Аз ин рӯ осоиш ва саломат ва нишот ва фароғи хотири зан барои мард низ арзиши фаровон дорад.

Сирри ин ки мардон ҳозиранд бо ҷон кандан пул дароваранд ва дудастӣ тақдими зани худ кунанд, то ӯ бо кушодадастӣ харҷи сару бари худ кунад ин аст, ки мард ниёзи руҳии худро ба зан дарёфтааст; дарёфтааст, ки Худованд занро мояи осоиш ва оромиши руҳии ӯ қарор додааст:

وَجَعَلَ مِنْها زَوْجَها لِيَسْكُنَ إِلَيْها

(*Аъроф/189*); дарёфтааст, ки ҳар андоза мӯҷиботи осоиш ва фароғи хотири ҳамсари худро фароҳам кунад, ғайримустақим ба саодати худ хидмат кардааст ва конуни хонаводагии худро равнақ бахшидааст; дарёфтааст, ки аз ду ҳамсар лозим аст лоақал яке мағлуби талошҳо ва хастагиҳо набошад, то битавонад оромишдиҳандаи руҳи дигарӣ бошад ва дар ин тақсими кор он ки беҳтар аст, дар маъракаи зиндагӣ вориди набард шавад мард аст ва он ки беҳтар метавонад оромишдиҳандаи руҳи дигарӣ бошад зан аст. Зан аз ҷанбаи молӣ ва моддӣ ниёзманд ба мард офарида шудааст ва мард аз ҷанбаи руҳӣ. Зан бидуни иттико ба мард, наметавонад ниёзҳои фаровони моддии худро — ки чандин баробари мард аст — рафъ кунад. Аз ин рӯ ислом ҳамсари қонунии зан (фақат ҳамсари қонунии ӯро) нуқтаи иттикои ӯ муайян кардааст.
Зан агар бихоҳад он тавр, ки дилаш мехоҳад бо таҷаммул зиндагӣ кунад, агар ба ҳамсари қонунии худ муттакӣ набошад, ба мардони дигар муттакӣ хоҳад шуд. Ин ҳамон вазъе аст, ки мутаассифона намунаҳои зиёде пайдо карда ва рӯ ба афзоиш аст.

# Фалсафаи таблиғ алайҳи нафақа

Мардони шикорчӣ ин нуктаро дарёфтаанд ва яке аз иллатҳои таблиғ алайҳи нафақаи зан бар шавҳар ҳамин аст, ки эҳтиёҷи фаровони зан ба пул агар аз шавҳар бурида шавад, зан ба осонӣ ба домани шикорчӣ хоҳад афтод.
Агар дар фалсафаи ҳуқуққои гизофе, ки дар муассисот ба хонумҳо пардохта мешавад диққат кунед, мафҳуми арзи маро беҳтар дархоҳед ёфт. Шак надошта бошед, ки илғои нафақа мӯҷиби издиёди фаҳшо мешавад.
Чӣ гуна барои як зан мақдур аст, ки ҳисоби зиндагии худро аз мард ҷудо кунад ва он гоҳ битавонад худро чунонки табиаташ иқтизо мекунад идора кунад?
Ҳақиқатро агар бихоҳед, фикри илғои нафақа аз тарафи мардоне ҳам, ки аз таҷаммул ва исрофи занон ба сутуҳ омадаанд, тақвият мешавад; инҳо мехоҳанд бо дасти худи зан ва ба номи озодӣ ва мусовот, интиқоми худро аз занони исрофкор ва таҷаммулпараст бигиранд.

Уилям Дюрант дар “Лаззоти фалсафа” пас аз он ки таърифе аз издивоҷи навин ба ин сурат мекунад: “Заношӯии қонунӣ бо ҷилавгирии қонунӣ аз ҳамл ва бо ҳаққи талоқ вобаста ба ризояти тарафайн ва набудани фарзанд ва нафақа” мегӯяд:

“*Занони таҷаммулпарасти табақаи мутавассит сабаб хоҳанд шуд, ки ба зудӣ интиқоми марди заҳматкаш аз тамоми ҷинси зан гирифта шавад. Издивоҷ чунон тағйир хоҳад кард, ки дигар занони бекоре, ки фақат мояи зинат ва ваҳшати хонаҳои пурхарҷ буданд вуҷуд нахоҳанд дошт. Мардон аз занони худ хоҳанд хост, ки худ махориҷи худро дарбиёваранд. Заношӯии дӯстона (издивоҷи навин) ҳукм мекунад, ки зан бояд то ҳангоми ҳамл кор кунад. Дар инҷо нуктае ҳаст, ки мӯҷиби такмили озодии зан хоҳад шуд ва он ин ки аз ин ба баъд бояд худ харҷи худро аз аввал то охир бипардозад. Инқилоби санъатӣ натоиҷи бераҳмонаи худро (дар бораи зан) зоҳир месозад. Зан бояд дар корхона бо шавҳари худ кор кунад. Зан ба ҷойи он ки дар утоқи хилвате бинишинад ва мардро ногузир созад, ки барои ҷуброни беҳосилии ӯ дубаробар кор кунад, бояд дар кор ва подош ва ҳуқуқ ва таколиф бо ӯ баробар бошад.*”

Он гоҳ ба сурати танз мегӯяд: “*Маънии озодии зан ин аст!*”

## Давлат ба ҷойи шавҳар

Ин ҷиҳат, ки вазоифи табиии зан дар тавлиди насл эҷоб мекунад, ки зан аз нуқта назари молӣ ва иқтисодӣ нуқтаи иттикое дошта бошад, матлабе нест, ки қобили инкор бошад.

Дар Урупои имрӯз афроде ҳастанд, ки тарафдорӣ аз озодии занро ба онҷо расонадаанд, ки аз бозгашти давраи “модаршоҳӣ” ва тарди падар ба таври куллӣ аз хонавода дам мезананд. Ба ақидаи инҳо, бо истиқлоли комили иқтисодии зан ва тасовии ӯ дар ҳамаи шуъун бо мард, дар оянда падар узви зоид шинохта хоҳад шуд ва барои ҳамеша аз хонавода ҳазф хоҳад шуд.

Дар айни ҳол, ҳамин афрод давлатро даъват мекунанд, ки ҷонишини падар шавад ва ба модарон, ки қатъан ҳозир нахоҳанд буд ба танҳоӣ ташкили оила бидиҳанд ва ҳамаи масъулиятҳоро ба ӯҳда бигиранд, пул ва мусоида бидиҳад, то аз бордорӣ ҷилавгирӣ накунанд ва насли иҷтимоъ мунқатеъ нагардад. Яъне зани хонавода, ки дар гузашта

нафақахӯр ва ба қавли эътирозкунандагон, мамлуки мард будааст, аз ин ба баъд нафақахӯр ва мамлуки давлат бошад; вазоиф ва ҳуқуқи падар ба давлат мунтақил гардад. Эй кош афроде, ки теша бардошта, кӯр-кӯрона бунёни устувори конуни муқаддаси хонаводагии моро — ки бар асоси қонунҳои муқаддаси осмонӣ бунён шудааст — хароб мекунанд, метавонистанд ба авоқиби кор биандешанд ва шуоъи дуртареро бибинанд.

Бертран Рассел дар китоби "Заношуӣ ва ахлоқ" фасле таҳти унвони "Хонавода ва давлат" боз кардааст. Дар онҷо пас аз он ки дар бораи баъзе дахолатҳои фарҳангӣ ва беҳдоштии давлат дар бораи кӯдакон баҳсе мекунад, мегӯяд:

"*Зоҳиран чизе намонда, ки падар иллати вуҷуди биологики худро аз даст бидиҳад… Як омили нерӯманди дигар дар тарди падар муассир аст ва он тамоюли занон ба истиқлоли моддӣ аст. Заноне, ки дар раъй додан ширкат мекунанд, ғолибан мутаъаҳҳил нестанд ва ишколоти занони мутаъаҳҳил имрӯз беш аз занони муҷаррад аст ва бо вуҷуди имтиёзоти қонунӣ, дар рақобат барои машғил ақиб мемонанд… Барои занони мутаъаҳҳил ду роҳ аст, ки истиқлоли иқтисодии худро ҳифз кунанд: яке он аст, ки дар машғили худ боқӣ бимонанд ва лозимаи ин фарз ин аст, ки парастории атфоли худро ба парасторони муздбигир вогузор кунанд ва биннатиҷа кӯдакистонҳо ва парваришгоҳҳо тавсиаи зиёде хоҳад ёфт ва натиҷаи мантиқии ин вазъ ин аст, ки аз лиҳози равоншиносӣ барои кӯдак на падаре вуҷуд хоҳад дошт, на модаре. Роҳи дигар он аст, ки ба занони ҷавон мусоидае бипардозанд, ки худашон аз атфол нигаҳдорӣ кунанд. Тариқаи ахир ба танҳоӣ муфид набуда ва бояд бо муқарраროти қонунии мубтанӣ бар истихдоми муҷаддади модар пас аз он ки тифлаш ба синни муайяне расид такмил шавад. Аммо ин тариқа ин имтиёзро дорад, ки модар метавонад худ тифлашро бузург кунад бидуни ин ки барои ин амр таҳти таъаллуқи ҳақоратовари марде қарор гирад… Бо фарзи тасвиб чунин қонуне, бояд интизори аксуламали онро бар рӯйи ахлоқи фомил дошт. Қонун мумкин аст муқаррар дорад, ки модари тифли номашрӯъ ҳаққи мусоида надорад ва ё ин ки дар сурати вуҷуди далоиле ҳокӣ аз зинои модар мусоида ба падар хоҳад расид. Дар ин сурат пулиси маҳаллӣ мувazзаф хоҳад*

*буд, ки рафтори занони мутаъаҳҳилро таҳти назар бигирад. Асароти ин қонун чандон дурахшон нахоҳад буд, вале ин хатарро дорад, ки дар зоиқаи касоне, ки мӯҷиди ин такомули ахлоқӣ будаанд, чандон хушоянд воқеъ нашавад. Биннатиҷа метавон эҳтимол дод, ки дахолатҳои пулис дар ин бора қатъ шуда ва ҳатто модарҳои атфоли номашрӯъ аз мусоида бархӯрдор шаванд. Дар ин сурат вазифаи иқтисодии падар дар табақоти коргар ба куллӣ аз миён рафта ва аҳаммияташ беш аз сагҳо ва гурбаҳо барои авлодашон нахоҳад буд… Тамаддун ё лоақал тамаддуне, ки то кунун тавсиа ёфта, мутамойил ба тазъифи эҳсосоти модарӣ аст. Мӯҳтамалан барои ҳифзи тамаддуне, ки таҳаввул ва такомули зиёде ёфта лозим хоҳад шуд ба занон барои бордорӣ он қадр пул бидиҳанд, ки онон дар ин кор нафъи мусалламе биёбанд. Дар ин сурат лозим нест, ки тамоми занон ё аксариятошон шуғли модариро баргузинанд, ин ҳам шуғле чун машоғили дигар, ки занон онро бо ҷиддият ва вуқуфи комил истиқбол хоҳанд кард. Аммо тамоми инҳо фарзиёте беш нест ва манзурам ин аст, ки наҳзати занон боиси заволи хонаводаи падаршоҳӣ аст, ки аз моқабли таърих намояндаи пирӯзии мард бар зан будааст. Ҷонишин шудани давлат ба ҷойи падар дар Мағрибзамин, ки бо он мувоҷеҳ ҳастем, пешрафте шумурда мешавад…*“

Илғои нафақаи зан (ба қавли ин оқоён: истиқлоли моддии занон) тибқи гуфтаҳои боло натоиҷ ва осори зайлро хоҳад дошт:

Сукут ва тарди падар аз хонавода ва лоақал аз аҳаммият афтодани падар ва бозгашт ба давраи модаршоҳӣ, ҷонишин шудани давлат ба ҷойи падар ва мусоида ва нафақа гирифтани модарон аз давлат ба ҷойи падар, тазъифи эҳсосоти модарӣ, даромадани модарӣ аз сурати отифӣ ба сурати шуғл ва кору касб.

Бадеҳӣ аст, ки натиҷаи ҳамаи инҳо сукути комили хонавода аст, ки қатъан мусталзими сукути инсоният аст. Ҳама чиз дуруст хоҳад шуд ва фақат як чиз ҷойи холӣ хоҳад дошт ва он саодат ва масаррат ва бархӯрдорӣ аз лаззоти маънавии махсуси конуни хонаводагӣ аст.

Ба ҳар ҳол, манзурам ин аст, ки ҳатто тарафдорони истиқлол ва озодии комили зан ва тарди падар аз муҳити хонавода, вазифаи табиии занро дар тавлиди насл мусталзими ҳаққе ва мусоидае ва аҳёнан музду кироя медонанд, ки ба ақидаи онҳо, давлат бояд ин ҳақро бипардозад, бар хилофи мард, ки вазифаи табиии ӯ ҳеч ҳаққеро эҷоб намекунад.
Дар қонунҳои коргарии ҷаҳон ҳадди ақалли музде, ки барои як мард қоил мешаванд, шомили зиндагии зану фарзандонаш низ мешавад, яъне қонунҳои коргарии ҷаҳон ҳаққи нафақаи зану фарзандро ба расмият мешиносад.

## Оё Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар ба зан тавҳин кардааст?

Дар Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар, моддаи 23, банди 3 чунин омадааст:
"*Ҳар кас, ки кор мекунад, ба музди мунсифона ва ризоятбахше зиҳақ мешавад, ки зиндагии ӯ ва хонаводаашро мувофиқи шуъуни инсонӣ таъмин кунад*."
Дар моддаи 25, банди 1 мегӯяд:
"*Ҳар кас ҳақ дорад, ки сатҳи зиндагонии ӯ саломат ва рифоҳи худ ва хонаводаашро аз ҳайси хӯрок ва маскан ва муроқабатҳои тиббӣ ва хадамоти лозими иҷтимоӣ таъмин кунад.*"
Дар ин ду модда зимнан таъйид шудааст, ки ҳар марде, ки оилае ташкил медиҳад, бояд мутаҳаммили махориҷ ва нафақаи зану фарзандони худ бишавад; махориҷи онҳо ҷузъи махориҷи лозим ва зарурии он мард маҳсуб мешавад.
Эъломияи ҳуқуқи башар бо ин ки тасреҳ мекунад, ки зану мард дорои ҳуқуқи мусовӣ мебошанд, нафақа додани мард ба занро бо тасовии ҳуқуқи зану мард мунофӣ надонистааст.
Бинобар ин, касоне, ки ҳамвора ба Эъломияи ҳуқуқи башар ва тасвиби он дар Маҷлисайн истинод мекунанд, бояд масъалаи нафақаро як масъалаи хотимаёфта талаққӣ кунанд. Ва оё ғарбпарастоне, ки ба ҳар чизе, ки ранги исломӣ дорад номи иртиҷоъ ва таъаххур медиҳанд, ба худ иҷоза хоҳанд дод, ки ба "соҳати қудси" Эъломияи ҳуқуқи башар ҳам тавҳин кунанд ва онро аз осори моликияти мард ва мамлукияти зан муаррифӣ кунанд?
Аз ин болотар ин ки Эъломияи ҳуқуқи башар дар моддаи 25-ум чунин мегӯяд:
"*Ҳар кас ҳақ дорад, ки дар мавқеъи бекорӣ, беморӣ, нақси аъзо, бевагӣ, пирӣ ё дар тамоми мавориде, ки ба иллатҳои хориҷ аз иродаи инсон васоили*

*имрори маъош аз даст рафта бошад, аз шароити обрӯмандонаи зиндагӣ бархӯрдор шавад.*“

Дар инҷо Эъломияи ҳуқуқи башар гузашта аз ин ки аз даст додани шавҳарро ба унвони аз даст додани василаи маъош барои зан муаррифӣ кардааст, бевагиро дар радифи бекорӣ, беморӣ, нақси аъзо зикр кардааст, яъне занонро дар радифи бекорон ва беморон ва пирон ва афроди ноқисулаъзо зикр кардааст. Оё ин як тавҳини бузург нисбат ба зан нест? Мусалламан агар дар яке аз китобҳо ё дафтрчаҳои қонуни Машриқзамин чунин таъбире ёфт мешуд, фарёди эътироз ба осмон баланд буд, ҳамчунон ки назири онро дар мавриди баъзе қонунҳои Эрони худамон дидем.

Аммо як инсони воқеъбин, ки таҳти таъсири ҷанҷолу ҳаёҳу набошад ва тамоми ҷавонибро бибинад, медонад, ки на қонуни хилқат, ки мардро яке аз васоили маъоши зан қарор дода ва на Эъломияи ҳуқуқи башар, ки “бевагӣ”-ро ба унвони аз даст додани василаи маъишат ёд кардааст ва на қонуни ислом, ки занро воҷибуннафақаи мард шумурдааст, ҳеч кадом ба зан тавҳин накардаанд, чун ин як ҷониби қазия аст, ки зан ниёзманд ба мард офарида шудааст ва мард нуқтаи иттикои зан шумурда мешавад.

Қонуни хилқат барои ин ки зану мардро беҳтар ва бештар ба якдигар бипайвандад ва конуни хонаводагиро — ки пояи аслии саодати башар аст — устувортар созад, зану мардро ниёзманд ба якдигар офаридааст. Агар аз ҷанбаи молӣ мардро нуқтаи иттикои зан қарор додааст, аз ҷанбаи осоиши руҳӣ занро нуқтаи иттикои мард қарор додааст. Ин ду ниёзи мухталиф, бештар онҳоро ба якдигар наздик ва муттаҳид мекунад.

# Бахши ҳаштум: Масъалаи ирс

** Ислом ноҳамвориҳои ирси занро ислоҳ кард*

** Вазъи ирсии зан маълули маҳру нафақа аст, на иллати он*

** Агар танҳо ҷанбаи иқтисодӣ матраҳ буд, ислом тафовуте миёни ирси зану мард қоил намешуд*

** Дубаробар шудани ирси мард ба хотири таҳмиле аст, ки аз ҷиҳоти дигар бар будҷаи мард ворид шудааст.*

## Масъалаи ирс

Дунёи қадим ё ба зан аслан ирс намедод ва ё ирс медод, аммо бо ӯ монанди сағир рафтор мекард, яъне ба ӯ истиқлол ва шахсияти ҳуқуқӣ намедод. Ахёнан дар баъзе аз қонунҳои қадими ҷаҳон агар ба духтар ирс медоданд, ба фарзандони ӯ ирс намедоданд, бар хилофи писар, ки ҳам худаш метавонист ирс бибарад ва ҳам фарзандони ӯ метавонистанд ворисi моли падарбузург бишаванд. Ва дар баъзе аз қонунҳои дигари ҷаҳон, ки ба зан монанди мард ирс медоданд, на ба сурати саҳми қатъӣ ва ба таъбири Қуръон:

نَصِيباً مَفْرُوضاً

— буд, балки ба ин сурат буд, ки ба мурис (меросдиҳанда) ҳақ медоданд, ки дар бораи духтари худ низ агар бихоҳад васият кунад.

Таърихчаи ирси зан тӯлонӣ аст. Муҳаққиқин ва мутталеъин баҳсҳои фаровоне карда ва навиштаҳои зиёде дар ихтиёр гузоштаанд, лузуме намебинам ба нақли гуфтаҳо ва навиштаҳои онҳо бипардозам, хулосааш ҳамин буд, ки зикр шуд.

## Илали маҳрумияти зан аз ирс

Иллати аслии маҳрумияти занон аз ирс, ҷилавгирӣ аз интиқоли сарвати хонаводаӣ ба хонаводаи дигар будааст. Тибқи ақоиди қадимӣ, нақши модар дар тавлиди фарзанд заъиф аст; модарон фақат зуруфе ҳастанд, ки дар он зарфҳо нутфаи мардон парвариш меёбад ва фарзанд ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ мӯътақид буданд, ки фарзандзодагони писарии як мард, фарзандони ӯ ва ҷузъи хонаводаи ӯ ҳастанд ва аммо фарзандзодагони духтарии ӯ фарзандони ӯ ва ҷузъи хонаводаи ӯ нестанд, балки ҷузъи хонаводаи падаршавҳари духтар маҳсуб мешаванд. Рӯйи ин ҳисоб агар духтар ирс бибарад ва баъд

ирси ӯ ба фарзандони ӯ мунтақил шавад, сабаб мешавад, ки сарвати як хонавода ба як хонаводаи бегона мунтақил гардад.

Дар китоби “Ирс дар ҳуқуқи мадании Эрон”, таълифи марҳум доктор Мӯсо Амид, сафҳаи 8, пас аз он ки мегӯяд: дар давраҳои қадим, мазҳаб асоси хонаводаҳоро ташкил медода, на улқаи табиӣ, мегӯяд:

“*Риёсати мазҳабӣ дар ин хонавода (падаршоҳӣ) бо падарбузурги хонавода буд ва пас аз ӯ иҷрои маросим ва ташрифоти мазҳаби хонаводагӣ фақат ба воситаи авлоди зукур аз насле ба насли баъд мунтақил мешуд ва пешиниён мардонро фақат василаи ибқои насл медонистанд ва падари хонавода чунонки ҳаётбахши писари хеш буд, ҳамчунин ақоид ва русуми динии худ ва ҳаққи нигаҳ доштани оташ ва хондани дуоҳои махсусаи мазҳабиро низ бад-ӯ интиқол медод, чунонки дар “Ведоҳо”-и Ҳинд ва “Қонунҳо”-и Юнон ва Рум мастур аст, ки қувваи тавлид мунҳасир ба мардон аст. Ва натиҷаи ин ақидаи куҳан ин шуд, ки адёни хонаводагӣ ба мардон ихтисос ёбад ва занонро бевоситаи падар ё шавҳар ҳеч гуна дахолате дар амри мазҳаб набуда… Ва чун дар иҷрои маросими мазҳабӣ саҳим набуданд, аз соири имтиёзҳои хонаводагӣ низ қаҳран бебаҳра буданд, чунонки баъдҳо, ки виросат эҷод шуд, занон аз ин ҳақ маҳрум шуданд.*“

Маҳрумияти зан аз ирс иллатҳои дигар низ доштааст, аз он ҷумла заъфи қудрати сарбозии зан аст. Он ҷо, ки арзишҳо бар асоси қаҳрамониҳо ва паҳлавониҳо буд ва “як марди ҷангӣ”-ро “беҳ аз сад ҳазор” одами нотавон медонистанд, занро ба хотири адами тавоноӣ бар анҷоми амалиёти дифоъӣ ва сарбозӣ аз ирс маҳрум мекарданд.

Араби ҷоҳилият аз ҳамин назар мухолифи ирс бурдани зан буд ва то пойи марде — ҳарчанд дар табақоти баъдӣ — дар миён буд, ба зан ирс намедод. Аз ин рӯ вақте, ки ояти ирс нозил шуд ва тасреҳ кард ба ин ки:

**لِلرِّجالِ نَصِيبٌ مِمّا تَرَكَ الْوالِدانِ وَالْأَقْرَبُونَ وَلِلنِّساءِ نَصِيبٌ مِمّا تَرَكَ الْوالِدانِ وَالْأَقْرَبُونَ مِمّا قَلَّ مِنْهُ أَوْ كَثُرَ نَصِيباً مَفْرُوضاً**

(*Нисо/7*), боиси таъаҷҷуби аъроб шуд. Иттифоқан дар он авқот бародари Ҳассон ибни Собит, шоири маъруфи араб, мурд ва аз ӯ зане бо чанд духтар боқӣ монд. Писарамуҳои

ӯ ҳамаи дороии ӯро тасарруф карданд ва чизе ба зану фарзандони ӯ надоданд. Зани ӯ шикоят назди Расули Акрам бурд. Расули Акрам онҳоро эҳзор кард. Онҳо гуфтанд:

Зан, ки қодир нест силоҳ бипӯшуд ва дар муқобили душман биистад, ин мо ҳастем, ки бояд шамшер даст бигирем ва аз худамон ва аз ин занҳо дифоъ кунем, пас сарват ҳам бояд мутаъаллиқ ба мардон бошад. Вале Расули Акрам ҳукми Худоро ба онҳо иблоғ кард.

## Ирси писархонда

Аъроби ҷоҳилият гоҳе касеро писархонда қарор медоданд ва дар натиҷа, он писархонда монанди як писари ҳақиқии ворисি майит шумурда мешуд. Расми писархондагӣ дар миёни миллатҳои дигар ва аз он ҷумла Эрон ва Руми қадим мавҷуд будааст. Тибқи ин расм, як писархонда ба далели ин ки писар аст, аз имтиёзҳое бархӯрдор буд, ки духтарони наслӣ бархӯрдор набуданд. Аз ҷумлаи имтиёзҳои писархонда ирс бурдан буд, ҳамчунон (ки) мамнӯъияти издивоҷи шахс бо зани писархонда, яке дигар аз ин имтиёзҳо ва осор буд. Қуръони Карим ин расмро низ мансух кард.

## Ирси ҳампаймон

Аъроб расми дигаре низ дар ирс доштанд, ки онро низ Қуръони Карим мансух кард ва он расми “ҳампаймонӣ” буд. Ду нафар бегона бо якдигар, паймон мебастанд, ки “*хуни ман хуни ту ва таъарруз ба ман, таъарруз ба ту ва ман аз ту ирс бибарам ва ту аз ман ирс бибарӣ*”. Ба мӯҷиби ин паймон, ин ду нафари бегона дар замони ҳаёт аз якдигар дифоъ мекарданд ва ҳар кадом зудтар мемурд, дигарӣ моли ӯро ба ирс мебурд.

## Зан, ҷузъи саҳмулирс

Аъроб гоҳе зани майитро ҷузъи амвол ва дороии ӯ ба ҳисоб меоварданд ва ба сурати саҳмулирс ӯро тасоҳуб мекарданд. Агар майит писаре аз зани дигар медошт, он писар метавонист ба аломати тасоҳуб, ҷомае бар рӯйи он зан биандозад ва ӯро аз они хеш бишуморад. Баста ба майли ӯ буд, ки он занро ба ақди никоҳи худ даровард ва ё ӯро ба занӣ ба шахси дигаре бидиҳад ва аз маҳри ӯ истифода кунад. Ин расм низ мунҳасир ба аъроб набудааст ва Қуръон онро мансух кард.

Дар қонунҳои қадими ҳиндӣ ва японӣ ва румӣ ва юнонӣ ва эронӣ табъизҳои нораво дар масъалаи ирс зиёд вуҷуд доштааст ва агар бихоҳем ба нақл он чи мутталеъин гуфтаанд бипардозем чандин мақола хоҳад шуд.

## Ирси зан дар Эрони Сосонӣ

Марҳум Саъид Нафисӣ дар "Таърихи иҷтимоии Эрон аз замони Сосониён то инқирози Умавиён", сафҳаи 42, менависад:

"*Дар заминаи ташкили хонавода нуктаи ҷолиби дигар, ки дар тамаддуни сосонӣ дида мешавад ин аст, ки чун писаре ба синни рушду булуғ мерасид, падар яке аз занони мутаъаддиди худро ба ақди заношӯии вай дармеовардааст. Нуктаи дигар ин аст, ки зан дар тамаддуни сосонӣ шахсияти ҳуқуқӣ надоштааст ва падар ва шавҳар ихтиёроти бисёр васеъе дар дороии вай доштаанд. Ҳангоме, ки духтаре ба 15-солагӣ мерасид ва рушди комил карда буд, падар ё раиси хонавода мукаллаф буд ӯро ба шӯй бидиҳад. Аммо синни заношӯии писарро 20-солагӣ донистаанд ва дар заношӯӣ ризояти падар шарт буд. Духтаре, ки ба шӯй мерафт, дигар аз падар ё кафили худ ирс намебурд ва дар интихоби шавҳар ҳеч гуна ҳаққе барои ӯ қоил набуданд. Аммо агар дар синни булуғ, падар дар заношӯии вай кӯтоҳӣ мекард, ҳақ дошт ба издивоҷи номашрӯъ иқдом бикунад ва дар ин сурат аз падар ирс намебурд.*

*Шумораи заноне, ки марде метавонист бигирад, номаҳдуд буд ва гоҳе дар аснoди юнонӣ дида шудааст, ки марде чандсад зан дар хона доштааст. Усули заношӯӣ дар давраи сосонӣ — чунонки дар китобҳои динии зардуштӣ омада — бисёр печида ва дарҳам буда ва 5 қисми заношӯӣ ривоҷ доштааст:*

*1. зане, ки ба ризои падару модар шавҳар мерафт фарзандоне мезод, ки дар ин ҷаҳон ва он ҷаҳон аз ӯ буданд ва ӯро "подшоҳзан" мегуфтанд;*

*2. зане, ки ягона фарзанди падару модараш буд, ӯро "угзан" яъне зани ягона мегуфтанд ва нахустин фарзанде, ки мезод, ба падару модараш дода*

*мешуд, то ҷонишини фарзанде бишавад, ки аз хонаи онҳо рафтааст ва шавҳар карда ва пас аз он ин занро ҳам “подшоҳзан” мегуфтанд;*

*3. агар марде дар синни булуғ безан мемурд, хонаводааш зани бегонаеро ҷаҳиз медод ва ӯро ба кобини марди бегонае дармеовард ва он занро “сазарзан” яъне занхонда мегуфтанд ва ҳар чи фарзанд ӯ мезод, ниме ба он марди мурда таъаллуқ мегирифт ва дар он ҷаҳон фарзанди ӯ мешуд ва ниме дигар аз они шавҳари зинда буд;*

*4. зани бевае, ки ду бор шавҳар карда буд, “чиғирзан” мегуфтанд, ки ба маънии чокари зан яъне зани ходима бошад ва агар аз шӯйи аввали худ фарзанд надошт, ӯро “сазарзан” медонистанд…*

*5. зане, ки бе ризои падару модараш ба шавҳар мерафт, дар миёни занон пасттарин пояро дошт ва ӯро “худсаройзан” яъне зани худсар мегуфтанд ва аз падару модари худ ирс намебурд магар пас аз он ки писараш ба синни булуғ бирасад ва ӯро ба унвони “угзан” ба ақд дароварад.*“

Дар қонунҳои ислом ҳеч як аз ноҳамвориҳои гузашта дар мавриди ирс вуҷуд надорад. Чизе, ки дар қонунҳои исломӣ мавриди эътирози муддаиёни тасовии ҳуқуқ аст ин аст, ки саҳмулирси зан дар ислом муъодили нисфи саҳмулирси мард аст. Аз назари ислом, писар ду баробари духтар ва бародар ду баробари хоҳар ва шавҳар ду баробари зан ирс мебарад. Танҳо дар мавриди падару модар аст, ки агар майит фарзандоне дошта бошад ва падару модараш низ зинда бошад, ҳар як аз падару модар як шашум аз моли майитро ба ирс мебаранд.

Иллати ин ки ислом саҳмулирси занро нисфи саҳмулирси мард қарор дод, вазъи хоссе аст, ки зан аз лиҳози маҳру нафақа ва сарбозӣ ва бархе қонунҳои ҷазоӣ дорад, яъне вазъи хосси ирсии зан маълули вазъи хоссе аст, ки зан аз лиҳози маҳру нафақа ва ғайра дорад. Ислом ба мӯҷиби далоиле, ки дар мақолоти пеш гуфтем, маҳру нафақаро умуре лозим ва муассир дар истеҳкоми заношуӣ ва таъмини осоиши хонаводагӣ ва эҷоди ваҳдат миёни зану шавҳар мешиносад. Аз назари ислои, илғои маҳру нафақа ва хусусан нафақа мӯҷиби тазалзули асоси хонаводагӣ ва кашида шудани зан ба сӯйи фаҳшо аст. Ва чун маҳру нафақаро лозим медонад ва ба ин сабаб қаҳран аз будҷаи зиндагии зан коста шудааст ва таҳмиле аз ин назар бар мард шудааст, ислом мехоҳад ин таҳмил аз тариқи

ирс ҷуброн бишавад. Аз ин рӯ барои мард ду баробари зан саҳмулирс қарор додааст. Пас маҳру нафақа аст, ки саҳмулирси занро таназзул додааст.

## Эроди ғарбпарастон

Бархе аз ғарбпарастон вақте, ки дар ин масъала доди сухан медиҳанд ва нақси саҳмулирси занро як василаи таблиғ ва ҳаёҳу алайҳи ислом қарор медиҳанд, мавзӯъи маҳру нафақаро пеш мекашанд. Мегӯянд: чӣ лузуме дорад, ки мо саҳми занро дар ирс аз саҳми мард камтар қарор диҳем ва он гоҳ ин камбудро ба василаи маҳру нафақа ҷуброн кунем? Чаро баръакс кор кунем ва луқмаро аз пушти гардан ба даҳон бибарем? Аз аввал саҳмулирси занро муъодили саҳмулирси мард қарор медиҳем, то маҷбур нашавем бо маҳру нафақа онро ҷуброн кунем.

Аввалан, ин доягони меҳрубонтар аз модар, иллатро ба ҷойи маълул ва маълулро ба ҷойи иллат гирифтаанд. Инҳо хаёл кардаанд, маҳру нафақа маълули вазъи хосси ирсии зан аст, ғофил аз ин ки вазъи хосси ирсии зан маълули маҳру нафақа аст. Сониян, гумон кардаанд, он чи дар инҷо вуҷуд дорад, сирфан ҷанбаи молӣ ва иқтисодӣ аст. Бадеҳӣ аст агар танҳо ҷанбаи молӣ ва иқтисодӣ матраҳ буд, далеле надошт, ки маҳру нафақае дар кор бошад ва ё саҳмулирси зану мард тафовут дошта бошад. Чунонки дар мақолаи пеш гуфтем, ислом ҷиҳоти зиёдеро, ки баъзе табиӣ ва баъзе равонӣ аст, дар назар гирифтааст. Аз як тараф эҳтиёҷот ва гирифториҳои зиёди зан аз лиҳози тавлиди насл дар сурате, ки мард табъан аз ҳамаи онҳо озод аст, аз тарафи дигар қудрати камтари ӯ аз мард дар тавлид ва таҳсили сарват ва аз ҷониби севвум истеҳлоки сарвати бештари ӯ аз мард, ба иловаи мулоҳизоти равонӣ ва руҳии хосси зану мард ва ба иборати дигар, равоншиносии зану мард ва ин ки мард ҳамвора бояд ба сурати харҷкунанда барои зан бошад ва билохира мулоҳизоти дақиқи равонӣ ва иҷтимоӣ, ки сабаби истеҳкоми улқаи хонаводагӣ мешавад, ислом ҳамаи инҳоро дар назар гирифта ва маҳру нафақаро аз ин ҷиҳот лозим донистааст. Ин умур зарурӣ ва лозим ба таври ғайримустақим сабаб шуда, ки бар будҷаи мард таҳмил ворид шавад. Аз ин рӯ ислом дастур дода, ки ба хотири ҷуброни таҳмиле, ки бар мард шудааст, мард ду баробари зан саҳмулирс бибарад. Пас танҳо ҷанбаи молӣ ва иқтисодӣ дар миён нест, ки гуфта шавад, чӣ лузуме дорад дар як ҷо саҳми зан каср шавад ва дар ҷойи дигар ҷуброн гардад.

# Эроди занодиқаи садри ислом бар масъалаи ирс

Гуфтем, аз назари ислом, маҳру нафақа иллат аст ва вазъи ирсии зан маълул. Ин матлабе нест, ки тоза иброз шуда бошад, аз садри ислом матраҳ будааст.

Ибни Абилавҷоъ марде аст, ки дар қарни дуввум мезиста ва ба Худо ва мазҳаб эътиқод надоштааст. Ин мард аз озодии он аср истифода мекард ва ақоиди илҳодии худро ҳама ҷо иброз медошт. Ҳатто гоҳе дар Масҷидулҳаром ё Масҷидуннабӣ меомад ва бо уламои аср роҷеъ ба тавҳид ва маъод ва усули ислом ба баҳс мепардохт. Яке аз эътирозоти ӯ ба ислом ҳамин буд, мегуфт:

ما بالُ الْمَرْأَةِ الْمِسْكينَةِ الضَّعيفَةِ تَأْخُذُ سَهْماً وَيَأْخُذُ الرَّجُلُ سَهْمَيْنِ؟

Яъне чаро зани бечора, ки аз мард нотавонтар аст, бояд як саҳм бибарад ва мард, ки тавонотар аст, ду саҳм бибарад? Ин хилофи адолат ва инсоф аст. Имом Содиқ фармуд: ин барои ин аст, ки ислом сарбозиро аз ӯҳдаи зан бардошта ва ба илова, маҳру нафақаро ба нафъи ӯ бар мард лозим шумурдааст ва дар баъзе ҷиноёти иштибоҳӣ, ки хешовандони ҷонӣ бояд дия бипардозанд, зан аз пардохти дия ва ширкат бо дигарон муъоф аст. Аз ин рӯ саҳми зан дар ирс аз мард камтар шудааст. Имом Содиқ сареҳан вазъи хосси ирсии занро маълули маҳру нафақа ва муъофият аз сарбозӣ ва дия шумурд.

Назири ин пурсишҳо аз соири имомони дин шудааст ва ҳамаи онҳо ба ҳамин наҳв посух гуфтаанд.

## Бахши нӯҳум: Ҳаққи талоқ

** Афзоиши рӯзафзуни талоқ, ё бемории қарни 20-ум*

** Дунёи имрӯз аз тарафе бар омилҳои иҷтимоии талоқ меафзояд ва аз тарафе мехоҳад бо зӯри қонун ҷилави талоқро бигирад*

** Панҷ фарзия дар бораи талоқ*

** Оё лозимаи тақаддуси издивоҷ ин аст, ки роҳи талоқ ба куллӣ баста бошад?*

** Мушкилоти иҷтимоӣ бо қонун танҳо ҳал намешавад*

** Талоқ аз назари ислом мабғузтарини чизҳост*

** Оё рост аст, ки Имом Ҳасан "митлоқ" будааст?*

** Он ҷо, ки рукни асосӣ отифа аст, аз иҷбори қонунӣ коре сохта нест*

** Хомӯшии шӯълаи муҳаббати мард, ба ҳаёти хонаводагӣ поён медиҳад ва хомӯшии шӯълаи муҳаббати зан онро нимаҷон месозад*

** Ислом бо часпондани зан ба мард бо зӯр мувофиқ нест*

** Дунёи ғарб дар афзудан бар фасод ва инҳироф, ба зану мард саҳми "мусовӣ" додааст*

** Мард кӯҳсор аст ва зан чашма, фарзандон ба манзилаи гклҳо ва шукӯфаҳо*

** Сулҳу созиш миёни зану мард аз навъи "сулҳи мусаллаҳ" наметавонад бошад*

** Мавонеъе, ки ислом барои талоқ эҷод кардааст*

** Додгоҳи хонаводагӣ аз назари Қуръон*

** Ҳамон қонуне, ки моҳияти издивоҷро "тасоҳуб" қарор дода, моҳияти талоқро "раҳоӣ" қарор додааст*

** Ҳаққи талоқ ғайр аз ҳаққи фасх аст*

** Талоқ ба сурати як ҳаққи табиӣ, махсуси мард аст, аммо ба сурати як ҳаққи қарордодӣ, зан низ метавонад аз он баҳраманд бошад*

** Талоқи қазоӣ*

** Он ҷо, ки талоқ монанди як зоймони ғайритабиӣ, ба кӯмаки ҷарроҳ ва омилҳои ҷарроҳӣ сурат мегирад*

** Ислом, қонуне, ки битавон онро “саратон” номид надорад*

** Намунае аз роҳи ҳалҳои исломӣ дар заминаи бунбастҳое, ки ҳаққи моликият ба вуҷуд меоварад*

** Асли исломӣ: “ё нигаҳдорӣ ба шоистагӣ ва ё раҳо кардан ба некӣ”*

## Ҳаққи талоқ (1)

Ҳеч асре монанди асри мо хатари инҳилоли конуни хонаводагӣ ва аворизи суъи ношӣ аз онро мавриди таваҷҷӯҳ қарор надодааст ва дар ҳеч асре монанди ин аср амалан башар дучори ин хатар ва осори суъи ношӣ аз он набудааст.

Қонунгузорон, ҳуқуқдонон, равоншиносон ҳар кадом бо васоиле, ки дар ихтиёр доранд, саъй мекунанд бунёни издивоҷҳоро устувортар ва пойдортар ва халалнопазиртар созанд, аммо “аз қазо сиркангабин сафро фузуд”, оморҳо нишон медиҳад, ки сол ба сол бар адади талоқҳо афзуда мешавад ва хатари аз ҳам пошидан бар бисёре аз конунҳои хонаводагӣ соя афкандааст.

Маъмулан ҳар вақт як беморӣ мавриди таваҷҷӯҳ қарор мегирад ва масоъии моддӣ ва маънавӣ барои мубориза ва ҷилавгирӣ аз он ба кор меравад, аз мизони талафоти он коста мешавад ва аҳёнан решакан мегардад, аммо бемории талоқ баръакс аст.

## Афзоиши талоқ дар зиндагии ҷадид

Дар гузашта камтар дар бораи талоқ ва аворизи суъи он ва иллатҳои пайдоиш ва афзоиши он ва роҳи ҷилавгирӣ аз вуқӯъи он фикр мекарданд. Дар айни ҳол камтар талоқ сурат мегирифт ва камтар ошёнаҳо баҳам мехӯрд. Мусалламан тафовути дирӯз ва имрӯз дар ин аст, ки имрӯз иллатҳои талоқ фузунӣ ёфтааст. Зиндагии иҷтимоӣ шакле пайдо кардааст, ки мӯҷиботи ҷудоӣ ва тафриқа ва аз ҳам гусастани пайвандҳои хонаводагӣ бештар шудааст ва аз ҳамин ҷиҳат масоъии донишмандон ва хайрхоҳон то кунун ба ҷойе нарасидааст ва мутаассифонаояндаи хатарноктаре дар пеш аст.

Дар шумораи 105 маҷаллаи “Зани рӯз” мақолаи ҷолибе аз маҷаллаи Newsweek таҳти унвони “Талоқ дар Омрико” дарҷ шуд. Ин маҷалла менависад: “*Талоқ гирифтан дар Омрико ба осонии токсӣ гирифтан аст*”.

Ва ҳам менависад:

“Дар миёни мардуми Омрико ду зарбулмасал аз ҳамаи зарбулмасалҳои дигар дар бораи талоқ маъруфтар аст: яке ин ки “*Ҳатто душвортарини созишҳо ҳам миёни зану шавҳар, аз талоқ беҳтар аст*”. Ин зарбулмасалро шахсе ба номи Сервантес дар ҳудуди чаҳор қарн пеш гуфтааст. Зарбулмасали дуввум, ки аз шахсе аст ба номи Сами Кан, дар нимаи дуввуми қарни 20-ум гуфта шудааст ва дуруст нуқтаи муқобили зарбулмасал аввал аст ва шиоре аст бар зидди ӯ ва он ин аст: “*Ишқи дуввум дилпазиртар аст*“.

Аз матни мақолаи номбурда бармеояд, ки зарбулмасали дуввум кори худро дар Омрико кардааст, зеро менависад:

“*Сароби талоқ на танҳо “тозапайвандҳо”, балки модарони онҳо ва зану шавҳарони “деринапайванд”-ро ҳам ба худ мекашад, ба тавре, ки аз ҷанги дуввум ба ин тараф сатҳи талоқ дар Омрико ба таври мутавассит аз соле 400 000 талоқ пойинтар нарафтааст ва 40 дарсад издивоҷҳои баҳамхӯрда 10 сол ё бештар ва 13 дарсади он издивоҷҳо беш аз 20 сол давом доштааст. Синни мутавассити ду миллион зани муталлақаи омрикоӣ 45 сол аст. 62 дарсади занони муталлақа ба ҳангоми ҷудоӣ, кӯдакони камтар аз 18 сол доштаанд. Занони мазбур дар воқеъ насли хоссеро ташкил медиҳанд*.“

Сипас менависад:

“*Бо вуҷуде, ки пас аз талоқ, зани омрикоӣ хештанро “озодтар аз озод” ҳисс мекунад, вале муталлақаҳои омрикоӣ, чӣ ҷавон ва чӣ миёнсол, шодком нестанд ва ин ношодиро метавон аз мизони рӯзафзуни мурочиоти занон ба равонков ва равоншинос ё аз паноҳ бурдани онҳо ба алкол ва ё аз афзоиши сатҳи худкушӣ дар миёни онон дарёфт. Аз ҳар 4 зани муталлақа яке алколӣ мешавад ва мизони худкушӣ миёни онҳо се баробари занони шавҳардор аст. Хулоса ин ки зани омрикоӣ ҳамин ки аз додгоҳи талоқ бо пирӯзӣ берун меояд, мефаҳмад, ки зиндагӣ баъд аз талоқ ончунон, ки мепиндошта*

*биҳишт нест… Дунёе, ки издивоҷро баъд аз қонунҳои табиӣ муҳкамтарин робитаи инсонӣ дониста, бисёр душвор аст, ки ақидаи хубе дар бораи зане, ки ин пайвандро гусаста нишон диҳад.*

*Мумкин аст ҷомеа чунин занеро гиромӣ бидорад, парастиш кунад ва ҳатто бар ӯ ғибта хӯрад, вале ҳаргиз ба чашми касе, ки дар зиндагии хусуси дигаре ворид шавад ва эҷоди хушбахтӣ кунад ибтидоӣ наменигарад.*“

Ин мақола зимнан ин пурсишро тарҳ мекунад, ки оё иллати талоқҳои фаровон, носозгорӣ ва адами тавофуқи ахлоқӣ миёни зану шавҳар аст ё чизи дигар аст; мегӯяд:

“*Агар носозгориро омили ҷудоии “ҷавонони навпайванд” бидонем, пас ҷудоии завҷҳои “деринапайванд”-ро чӣ гуна бояд тавҷеҳ кард? Бо таваҷҷӯҳ ба имтиёзе, ки қонунҳои Омрико ба зани муталлақа медиҳад, ҷавоб ин аст, ки иллати талоқ дар издивоҷҳои даҳ ё бистсола носозгорӣ нест, балки бемайлӣ ба таҳаммули носозгориҳои дерин ва ҳавас барои дарки лаззоти бештар ва комҷӯиҳои дигар аст. Дар асри қурсҳои зидди ҳомилагӣ ва даврони инқилоби ҷинсӣ ва эътилои мақоми зан, ин ақида дар миёни бисёре аз занон қувват гирифта, ки хушӣ ва лаззат муқаддам бар устуворӣ ва нигаҳдории конуни хонаводагӣ аст. Зану шавҳареро мебинед, ки солҳо бо ҳам зиндагӣ мекунанд, баччадор мешаванд ва дар ғаму шодӣ ҳам ширкат доштаанд, вале ногаҳон зан барои талоқ талош мекунад бидуни он ки ҳеч тағйире дар вазъи моддӣ ва маънавии шавҳараш падид омада бошад. Иллат ин аст, ки то дирӯз ҳозир буд якнавохтии касилкунандаи зиндагиро таҳаммул кунад, вале акнун ба таҳаммули якнавохтӣ тамоюле надорад… Зани омрикоӣ имрӯз комҷӯтар аз зани дирӯзӣ буда ва дар баробари норасоии он камтаҳаммултар аз модарбузурги хеш аст.*”

## Талоқ дар Эрон

Афзоиши талоқ мунҳасир ба Омрико нест, бемории умумии қарн аст. Дар ҳар ҷо, ки одоб ва русуми ҷадиди ғарбӣ бештар нуфуз кардааст, омори талоқ ҳам афзоиш ёфтааст.

Масалан агар Эрони худамонро дар назар бигирем, талоқ дар шаҳрҳо беш аз вилоёт аст ва дар Теҳрон, ки одоб ва одоти ғарбӣ ривоҷи бештаре дорад, беш аз шаҳрҳои дигар аст. Дар рӯзномаи "Иттилоот", шумораи 11512, омори мухтасаре аз издивоҷҳо ва талоқҳои Эрон зикр карда буд, навишта буд:

"*Беш аз як чаҳорум талоқҳои сабтшудаи саросари кишвар марбут ба Теҳрон аст, яъне 27 дарсади талоқҳои сабтшударо Теҳрон ташкил медиҳад, бо ин ки нисбати ҷамъияти Теҳрон ба ҷамъияти саросари кишвар 10 дарсад мебошад. Ба таври куллӣ, дарсади талоқ дар шаҳри Теҳрон беш аз дарсади издивоҷ аст. Вақойеъи издивоҷи Теҳрон 15 дарсади кулли издивоҷи кишвар аст.*"

## Муҳити талоқзои Омрико

Бигузоред ҳоло, ки сухан аз афзоиши талоқ дар Омрико ба миён омад ва аз маҷаллаи Newsweek нақл шуд, ки зани омрикоӣ комҷӯӣ ва лаззатро бар устуворӣ ва нигаҳдории конуни хонаводагӣ муқаддам медорад, гоме ҷилавтар биравем ва бибинем, чаро зани омрикоӣ чунин шудааст. Мусалламан марбут ба сиришти зани омрикоӣ нест, иллати иҷтимоӣ дорад; ин муҳити Омрикост, ки ин руҳияро ба зани омрикоӣ додааст. Ғарбпарастони мо саъй доранд бонувони эрониро дар масире биандозанд, ки занони омрикоӣ рафтаанд. Агар ин орзу ҷомаи амал бипӯшад, мусалламан зани эронӣ ва конуни хонаводагии эронӣ низ сарнавиште назири сарнавишти зани омрикоӣ ва хонаводаи омрикоӣ хоҳад дошт.

Ҳафтаномаи "Бомшод" дар шумораи 66 (44/54) чунин навишта буд:

"*Бибинед, кор ба куҷо кашида, ки садои фаронсавиён ҳам баланд шуда, ки "омрикоиҳо дигар шӯрашро даровардаанд". Унвони барҷастаи мақолаи рӯзномаи France Soir ин аст, ки дар беш аз 200 ресторан ва кабареи аёлати Калифорния, пешхидматҳои зан бо синаи боз кор мекунанд. Дар ин мақола навишта шуда, ки "Монокини", либосе, ки синаҳои занонро намепӯшонад, дар Сан-Франсиско ва Лос-Анҷелес ба унвони либоси кор шинохта шудааст. Дар шаҳри Ню-йорк даҳҳо синамо филмҳоеро нишон медиҳанд, ки фақат дар заминаи масоили ҷинсӣ аст*

*ва тасвири бараҳнаи занон бар болои дари онҳо ба чашм мехӯрад. Номи баъзе аз онҳо аз ин қарор аст: “Мардоне, ки занони худро бо ҳам иваз мекунанд”, “Духтароне, ки мухолифи ахлоқаанд”, “Шалворе, ки ҳеч чизро намепӯшонад”. Дар витринаи китобхонаҳо камтар китобе аст, ки акси зани лухт дар пушти он набошад, ҳатто китобҳои килосик ҳам аз ин қоъида мустасно нест ва дар миёни онҳо китобҳое аз ин қабил ба ҳадди вуфур дида мешавад: “Вазъи ҷинсии шавҳарони омрикоӣ”, “Вазъи ҷинсии мардони ғарб”, “Вазъи ҷинсии ҷавонҳои камтар аз 20 сол”, “Шеваҳои ҷадид дар умури ҷинсӣ бар асоси тозатарин иттилоот”. Нависандаи рӯзномаи France Soir он гоҳ бо таъаҷҷуб ва нигаронӣ аз худаш мепурсад, ки Омрико дорад ба куҷо меравад?“*

“Бомшод” он гоҳ менависад:

“*Росташ ин ки ҳар куҷо, ки мехоҳад биравад… Ман фақат дилам барои он идда аз мардуми мамалакатам месӯзад, ки хаёл мекунанд дар паҳнаи ҷаҳон сармашқи муносибе пайдо кардаанд ва дар ин роҳ сар аз по намешиносанд.*“

Пас маълум мешавад, агар зани омрикоӣ сар ба ҳаво шудааст ва комҷӯиро бар вафодорӣ ба шавҳар ва хонавода тарҷеҳ медиҳад, зиёд муқассир нест; ин муҳити иҷтимоӣ аст, ки чунин теша ба решаи конуни муқаддаси хонаводагӣ задааст.

Аҷабо! Пешқаровулони қарни мо рӯз ба рӯз омилҳои иҷтимоии талоқ ва инҳилоли конуни хонаводагиро афзоиш медиҳанд ва бо якдигар дар ин роҳ мусобиқа медиҳанд ва он гоҳ фарёд мекашанд, ки чаро талоқ ин кадр зиёд аст? Инҳо аз тарафе омилҳои талокро афзоиш медиҳанд ва аз тарафи дигар мехоҳанд бо қайду банди қонун ҷилави онро бигиранд. “Ин ҳукм чунин буд, ки кач дору марез”.

## Фарзияҳо

Акнун матлабро аз реша мавриди баҳс қарор диҳем. Аввал аз ҷанбаи назарӣ бибинем, оё талоқ хуб аст ё бад? Оё хуб аст роҳи талоқ ба таври куллӣ боз бошад? Оё хуб аст, ки конунҳои хонаводагӣ пушти сар ҳам аз ҳам бипошад? Агар ин хуб аст, пас ҳар ҷораёне, ки бар афзоиши талоқҳо биафзояд айб надорад. Ва ё бояд роҳи талоқ ба куллӣ баста

бошад ва пайванди издивоҷ иҷборан шакли абадият дошта бошад ва ҷилави ҳар ҷараёне, ки мӯҷиби сустии пайванди муқаддаси издивоҷ мешавад гирифта шавад? Ё роҳи севвуме дар кор аст: қонун набояд роҳи талоқро ба таври куллӣ бар зану мард бибандад, балки бояд роҳро боз бигузорад; талоқ аҳёнан зарурӣ ва лозим ташхис дода мешавад. Дар айни ҳол, ки қонун роҳро ба куллӣ намебандад, иҷтимоъ бояд масоъии кофӣ ба кор барад, ки мӯҷиботи тафриқа ва ҷудоӣ миёни занон ва шавҳарон ба вуҷуд наёяд. Иҷтимоъ бояд бо иллатҳое, ки сабаби тафриқа ва ҷудоии занон ва шавҳарон ва беошёна шудани кӯдакон мегардад, мубориза кунад; ва агар иҷтимоъ мӯҷиботи талоқро фароҳам кунад, манъ ва басти қонун наметавонад коре сурат бидиҳад.

Агар бино бишавад қонун роҳи талоқро боз бигузорад, оё беҳтар аст ба ҷӣ шакле боз бигузорад? Оё бояд ин роҳ танҳо барои мард ё барои зан боз бошад ё бояд барои ҳар ду боз бошад? Ва бино бар шиққи дуввум, оё беҳтар аст роҳе, ки боз мегузорад, барои зану мард ба як шакл бошад? Роҳи хуруҷи зану мардро аз ҳисори издивоҷ ба як наҳв қарор диҳад? Ё беҳтар ин аст, ки барои ҳар як аз зану мард як дари хуруҷии ҷудогона қарор диҳад?

Маҷмӯан панҷ фарзия дар мавриди талоқ метавон изҳор дошт:

1. Беаҳаммиятии талоқ ва бардоштани ҳамаи қайду бандҳои қонунӣ ва ахлоқии ҷилавгирӣ аз талоқ.

Касоне, ки ба издивоҷ танҳо аз назари комҷӯӣ фикр мекунанд, ҷанбаи тақаддус ва арзиши хонаводаро барои иҷтимоъ дар назар намегиранд ва аз тарафе фикр мекунанд пайвандҳои заношӯӣ ҳар чи зудтар таҷдид ва табдил шавад, лаззати бештаре ба коми зану мард мерезад, ин фарзияро таъйид мекунанд. Он кас, ки мегӯяд: “Ишқи дуввум ҳамеша дилпазиртар аст”, тарафдори ҳамин фарзия аст. Дар ин фарзия, ҳам арзиши иҷтимоии конуни хонаводагӣ фаромӯш шудааст ва ҳам масаррат ва сафо ва самимият ва саодате, ки танҳо дар асари идомаи пайванди заношуӣ ва яке шудан ва яке донистани ду руҳ пайдо мешавад нодида гирифта шудааст. Ин фарзия нопухтатарин ва ношёнатарини фарзияҳо дар ин замина аст.

2. Ин ки издивоҷ як паймони муқаддас аст, ваҳдати дилҳо ва руҳҳост ва бояд барои ҳамеша ин паймон собит ва маҳфуз бимонад ва талоқ аз қомуси иҷтимоӣ башарӣ бояд ҳазф шавад. Зану шавҳаре, ки бо якдигар издивоҷ мекунанд, бояд бидонанд, ки ҷуз марг чизе онҳоро аз якдигар ҷудо намекунад.

Ин фарзия ҳамон аст, ки калисои католик қарнҳост тарафдори он аст ва ба ҳеч қимате ҳозир нест аз он даст бардорад.

Тарафдорони ин фарзия дар ҷаҳон рӯ ба коҳишанд. Имрӯз ҷуз дар Италия ва дар Испанияи католик ба ин қонун амал намешавад. Мукаррар дар рӯзномаҳо мехонем, ки фарёди зану марди италиявӣ аз ин қонун баланд аст ва кӯшишҳо мешавад, ки қонуни талоқ ба расмият шинохта шавад ва беш аз ин издивоҷҳои номуваффақ ба вазъи малолатбори худ идома надиҳанд.

Чанде пеш дар яке аз рӯзномаҳои аср мақолае аз рӯзномаи Daily Express таҳти унвони “Издивоҷ дар Италия яъне бандагии зан” тарҷима шуда буд ва ман хондам. Дар он мақола навишта буд: “*Дар ҳоли ҳозир ба воситаи адами вуҷуди талоқ дар Италия, амалан афроди бисёре аз мардум ба сурати номашрӯъ равобити ҷинсӣ барқарор мекунанд.*” Тибқи навиштаи он мақола: “*Дар ҳоли ҳозир беш аз панҷ миллион нафар италиявӣ мӯътақиданд, ки зиндагии онҳо чизе нест ҷуз гуноҳи маҳз ва равобити номашрӯъ*”.

Дар ҳамон рӯзнома аз рӯзномаи Figaro нақл карда буд, ки мамнӯъияти талоқ мушкили бузурге барои мардуми Италия ба вуҷуд овардааст: “*Бисёре тобеияти Италияро ба ҳамин хотир тарк кардаанд. Як муассисаи италиявӣ ахиран аз занони он кишвар назар хостааст, ки оё иҷрои муқаррароти талоқ бар хилофи усули мазҳабӣ аст ё на? 97 дарсад аз занон ба ин пурсиш посухи манфӣ додаанд.*”

Калисо дар назари худ пофишорӣ мекунад ва ба тақаддуси издивоҷ ва лузуми истеҳкоми ҳар чи бештари он истидлол мекунад.

Тақаддуси издивоҷ ва лузуми истеҳком ва халалнопазир будани он мавриди қабул аст, аммо ба шарте, ки амалан ин пайванд миёни завҷайн маҳфуз боқӣ монда бошад. Мавориде пеш меояд, ки созиш миёни зану шавҳар имконпазир нест. Дар ин гуна маворид наметавон ба зӯри қонун онҳоро ба ҳам часпонд ва номи онро пайванди заношӯӣ гузошт. Шикасти назарияи калисо қатъӣ аст. Баид нест калисо иҷборан дар ақидаи худ таҷдиди назар кунад, аз ин рӯ лузуме надорад мо беш аз ин дар бораи назари калисо ва интиқод аз он баҳс кунем.

3. Ин ки издивоҷ аз тарафи мард қобили фасх ва инҳилол аст ва аз тарафи зан ба ҳеч наҳв қобили инҳилол нест. Дар дунёи қадим чунин назаре вуҷуд доштааст, вале имрӯз гумон намекунам тарафдороне дошта бошад ва ба ҳар ҳол ин назар низ эҳтиёҷе ба баҳсу интиқод надорад.

4. Ин ки издивоҷ, муқаддас ва конуни хонаводагӣ мӯҳтарам аст, аммо роҳи талоқ дар шароити махсус барои ҳар як аз завҷайн бояд боз бошад ва роҳи хуруҷи завҷ ва завҷа аз ин бунбаст бояд ба як шакл ва як ҷур бошад.

Муддаиёни ташобуҳи ҳуқуқи зану мард дар ҳуқуқи хонаводагӣ, ки ба ғалат аз он ба "тасовии ҳуқуқ" таъбир мекунанд, тарафдори ин фарзиянд. Аз назари ин гурӯҳ, ҳамон шароит ва қайдҳо ва ҳудуде, ки барои зан вуҷуд дорад, бояд барои мард вуҷуд дошта бошад ва ҳамон роҳҳо, ки барои хуруҷи мард аз ин бунбаст боз мешавад, айнан бояд барои зан боз бошад ва агар ғайр аз ин бошад, зулм ва табъиз ва норавост.

5. Ин ки издивоҷ, муқаддас ва конуни хонаводаги мӯҳтарам ва талоқ амри манфур ва мабғузе аст. Иҷтимоъ мувазҙаф аст, ки иллатҳои вуқӯъи талоқро аз байн бибарад. Дар айни ҳол қонун набояд роҳи талоқро барои издивоҷҳои номуваффақ бибандад. Роҳи хуруҷ аз қайду банди издивоҷ, ҳам барои мард бояд боз бошад ва ҳам барои зан, аммо роҳе, ки барои хуруҷи мард аз ин бунбаст таъйин мешавад, бо роҳе, ки барои хуруҷи зан таъйин мешавад, дутост ва аз ҷумлаи мавориде, ки зану мард ҳуқуқи номушобеҳе доранд талоқ аст.

Ин назария ҳамон аст, ки ислом ибдоъ карда ва кишварҳои исломӣ ба таври ноқис (на ба таври комил) аз он пайравӣ мекунанд.

## Ҳаққи талоқ (2)

Талоқ дар асри мо як мушкилаи бузурги ҷаҳонӣ аст. Ҳама меноланд ва шикоят доранд. Онон, ки талоқ дар қонунҳояшон ба таври куллӣ мамнӯъ аст, аз набудани талоқ ва баста будани роҳи халос аз издивоҷҳои номуваффақ ва номуносиб, ки қаҳран пеш меояд, меноланд. Онон, ки баръакс, роҳи талоқро ба рӯйи зану мард мутасовиян боз кардаанд, фарёдашон аз зиёдии талоқҳо ва ноустувории бунёни хонаводаҳо бо ҳамаи авориз ва осори номатлубе, ки дорад, ба осмон расидааст. Ва онон, ки ҳаққи талоқро танҳо ба мард доданд, аз ду ноҳия шикоят доранд:

1. Аз ноҳияи талоқҳои ноҷавонмардонаи баъзе аз мардон, ки пас аз солҳо пайванди заношӯӣ ногаҳон ҳаваси зани нав дар дилашон пайдо мешавад ва зани пешинро, ки умр ва ҷавонӣ ва нерӯ ва саломати худро дар хонаи онҳо сарф карда ва ҳаргиз бовар намекарда, ки рӯзе ошёнаи гарми ӯро аз ӯ бигиранд, бо як рафтан ба маҳзари талоқ ӯро дасти холӣ аз ошёнаи худ меронанд;

2. Аз ноҳияи имтиноъҳои ноҷавонмардонаи баъзе мардон аз талоқи зане, ки умеди созиш ва зиндагии муштарак миёни онҳо вуҷуд надорад.

Бисёр иттифоқ меафтад, ки ихтилофоти заношӯӣ ба иллатҳои хоссе ба ҷойе мекашад, ки умеди рафъи онҳо аз миён меравад, тамоми иқдомот барои ислоҳ бенатиҷа мемонад, танаффури шадид миёни зану шавҳар ҳукмфармо мешавад ва он ду амалан якдигарро тарк мекунанд ва ҷудо аз ҳам ба сар мебаранд. Дар ҳамчу вазъе ҳар оқиле мефаҳмад роҳи мунҳасир ба фард ин аст, ки ин пайванд, ки амалан бурида шуда қонунан низ бурида шавад ва ҳар кадом аз инҳо ҳамсари дигаре барои худ ихтиёр кунад. Аммо баъзе аз мардон барои ин ки тарафро заҷр бидиҳанд ва ӯро дар ҳамаи умр аз бархӯрдорӣ аз зиндагии заношӯӣ маҳрум кунанд, аз талоқ худдорӣ мекунанд ва зани бадбахтро дар ҳоли билотаклифӣ ва ба таъбири Қуръон:

كالمعلّقه

— нигаҳ медоранд.

Чун ин гуна афрод, ки қатъан аз ислом ва мусалмонӣ ҷуз номе надоранд, ба номи ислом ва ба иттикои қонунҳои исломӣ ин корҳоро мекунанд, ин шубҳа барои баъзе, ки бо умқ ва руҳи таълимоти исломӣ ошно нестанд пайдо шуда, ки оё ислом хостааст кори талоқ ба ҳамин наҳв бошад?

Инҳо бо лаҳни эътироз мегӯянд: оё воқеан ислом ба мардон иҷоза дода, ки гоҳе ба василаи талоқ додан ва гоҳе ба василаи талоқ нададан, ҳар навъ заҷре, ки дилашон мехоҳад ба зан бидиҳанд ва хаёлашон ҳам роҳат бошад, ки аз ҳаққи машрӯъ ва қонунии худ истифода карда ва мекунанд?

Мегӯянд: магар ин кор зулм нест? Агар ин кор зулм нест, пас зулм чист? Магар шумо намегӯед ислом бо зулм ба ҳар шакл ва ба ҳар сурат мухолиф аст ва қонунҳои исломӣ бар асоси адл ва ҳақ танзим шудааст? Агар ин кор зулм аст ва қонунҳои исломӣ низ бар асоси ҳақ ва адолат танзим шудааст, пас бигӯед бибинем ислом барои ҷилавгирӣ аз ин гуна зулмҳо чӣ тадбире андешидааст?

Дар зулм будани ин гуна корҳо баҳсе нест ва баъдан хоҳем гуфт, ислом барои ин ҷараёнҳо тадобире андешида ва ба ҳоли худ нагузоштааст. Аммо як матлаби дигар ҳаст, ки наметавон аз он ғофил буд ва он ин аст, ки роҳи ҷилавгирӣ аз ин зулму ситамҳо чист? Оё он чизе, ки сабаб шуда ин гуна зулмҳо сурат бигирад, танҳо қонуни талоқ аст ва танҳо бо тағйир додани қонун метавон ҷилави онро гирифт? Ё решаи ин зулмҳоро дар ҷойи дигар бояд ҷустуҷӯ кард ва тағйири қонун низ наметавонад ҷилави онҳоро бигирад?

Фарқе, ки миёни назари ислом ва бархе назариёти дигар дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ҳаст ин аст, ки баъзе тасаввур мекунанд, ҳамаи мушкилотро бо вазъ ва тағйири қонун метавон ҳал кард. Ислом ба ин нукта таваҷҷӯҳ дорад, ки қонун фақат дар доираи

равобити хушк ва қарордодии афроди башар метавонад муассир бошад, аммо онҷо, ки пойи равобити отифӣ ва қалбӣ дар миён аст, танҳо аз қонун кор сохта нест, аз иллатҳо ва омилҳои дигар ва аз тадбири дигар низ бояд истифода кард.
Мо собит хоҳем кард, ки ислом дар ин масоил дар ҳудуде, ки қонун метавониста муассир бошад, аз қонун истифода кардааст ва аз ин ҷиҳат кӯтоҳӣ накардааст.

## Талоқҳои ноҷавонмардона

Нахуст дар бораи мушкилаи аввали имрӯзи мо яъне талоқҳои ноҷавонмардона баҳс мекунем.
Ислом бо талоқ сахт мухолиф аст. Ислом мехоҳад, то ҳудуди имкон талоқ сурат нагирад. Ислом талоқро ба унвони як чораҷӯӣ дар мавориде, ки чора мунҳасир ба ҷудоӣ аст таҷвиз кардааст. Ислом мардонеро, ки мураттаб зан мегиранд ва талоқ медиҳанд ва ба истилоҳ "митлоқ" мебошанд, душмани Худо медонад.
Дар "Кофӣ" менависад:
Расули Худо ба марде расид ва аз ӯ пурсид: бо занат чӣ кардӣ?
Гуфт: ӯро талоқ додам.
Фармуд: оё кори баде аз ӯ дидӣ?
Гуфт: на, кори баде ҳам аз ӯ надидам.
Қазия гузашт ва он мард бори дигар издивоҷ кард. Пайғамбар аз ӯ пурсид: зани дигар гирифтӣ?
Гуфт: бале.
Пас аз чанде, ки боз ба ӯ расид, пурсид: бо ин зан чӣ кардӣ?
Гуфт: талоқаш додам.
Фармуд: кори баде аз ӯ дидӣ?
Гуфт: на, кори баде ҳам аз ӯ надидам.
Ин қазия низ гузашт ва он мард навбати севвум издивоҷ кард. Пайғамбари Акрам аз ӯ пурсид: боз зан гирифтӣ?
Гуфт: бале, ё Расулаллоҳ!
Муддате гузашт ва Пайғамбари Акрам ба ӯ расид ва пурсид: бо ин зан чӣ кардӣ?
— Инро ҳам талоқ додам.
— Бадӣ аз ӯ дидӣ?
— На, бадӣ аз ӯ надидам.

Расули Акрам фармуд: Худованд душман медорад ва лаънат мекунад мардеро, ки дилаш мехоҳад мураттаб зан иваз кунад ва занеро, ки дилаш мехоҳад мураттаб шавҳар иваз кунад.

Ба Пайғамбари Акрам хабар доданд, ки Абӯаюби Ансорӣ тасмим гирифта зани худро талоқ диҳад. Пайғамбар, ки Умми Айюбро мешинохт ва медонист талоқи Абӯаюб бар асоси як далели саҳеҳе нест, фармуд:

**اِنَّ طَلاقَ اُمِّ اَیّوبَ لَحوب**

Яъне талоқи Умми Айюб гуноҳи бузург аст.

Низ Пайғамбари Акрам фармуд: Ҷабраил он қадр ба ман дар бораи зан супориш ва тавсия кард, ки гумон кардам талоқи зан ҷуз дар вақте, ки муртакиби фаҳшои қатъӣ шуда бошад сазовор нест.

Имом Содиқ аз Пайғамбари Акрам нақл карда, ки фармуд: "*Чизе дар назди Худо маҳбубтар аз хонае, ки дар он пайванди издивоҷе сурат гирад вуҷуд надорад ва чизе дар назди Худо мабғузтар аз хонае, ки дар он хона пайванде бо талоқ бигсулад вуҷуд надорад.*" Имом Содиқ он гоҳ фармуд: ин ки дар Қуръон номи талоқ мукаррар омада ва ҷузъиёти кори талоқ мавриди иноят ва таваҷҷӯҳи Қуръон воқеъ шуда, аз он аст, ки Худованд ҷудоиро душман медорад.

Табарсӣ дар "Макорими ахлоқ" аз Расули Худо нақл кардааст, ки фармуд: "*Издивоҷ кунед, вале талоқ надиҳед, зеро арши илоҳӣ аз талоқ ба ларза дармеояд.*"

Имом Содиқ фармуд: "*Ҳеч чизи ҳалоле монанди талоқ мабғузу манфури пешгоҳи илоҳӣ нест. Худованд мардумони бисёр талоқдиҳандаро душман медорад.*"

Ихтисос ба ривоятҳои шиъа надорад, аҳли тасаннун низ назири инҳоро ривоят кардаанд. Дар Сунани Абӯдовуд аз Пайғамбари Акрам нақл мекунад:

**ما اَحَلَّ اللّهُ شَیْئاً اَبْغَضَ اِلَیْهِ مِنَ الطَّلاق**

Яъне Худованд чизеро ҳалол накарда, ки дар айни ҳол онро душман дошта бошад монанди талоқ.

Мавлавӣ дар достони маъруфи Мӯсо ва шубон, ишора ба ҳамин ҳадиси набавӣ мекунад он ҷо, ки мегӯяд:

*То тавонӣ по манеҳ андар фироқ,*

*“Абғазул-ашёи ъинди ат-талоқ”.*

Он чи дар сирати пешвоёни дин мушоҳида мешавад ин аст, ки то ҳудуди имкон аз талоқ парҳез доштаанд ва аз ин рӯ талоқ аз тарафи онҳо бисёр ба нудрат сурат гирифтааст ва ҳар вақт сурат гирифта, далели маъқул ва мантиқӣ доштааст. Масалан Имом Боқир зане ихтиёр мекунад ва он зан хеле мавриди алоқаи эшон воқеъ мешавад. Дар чараёне Имом мутаваччеҳ мешавад, ки ин зан “носибия” аст, яъне бо Алӣ ибни Абӯтолиб алайҳис салом душманӣ меварзад ва буғзи он ҳазратро дар дил мепарваронад. Имом ӯро талоқ дод. Аз Имом пурсиданд: ту, ки ӯро дӯст доштӣ, чаро талоқаш додӣ? Фармуд: нахостам қитъаи оташе аз оташҳои чаҳаннам дар канорам бошад.

## Шойеъаи беасос

Дар инчо лозим аст ба як шойеъаи беасос, ки дасти чинояткори хулафои аббосӣ онро ба вучуд оварда ва дар миёни умуми мардум шӯҳрат ёфта, ишораи мухтасар бикунам. Дар миёни умуми мардум шӯҳрат ёфта ва дар бисёре аз китобҳо навишта шуда, ки Имом Мучтабо (Имом Ҳасан) фарзанди барӯманди амирулмӯъминин алайҳис салом аз касоне буда, ки зиёд зан мегирифта ва талоқ медодааст.

Ва чун решаи ин шойеъа тақрибан аз як қарн баъд аз вафоти Имом будааст, ба ҳама чо пахш шудааст ва дӯстони он ҳазрат низ (онро пазируфтаанд) бидуни таҳқиқ дар асли матлаб ва бидуни таваччӯҳ ба ин ки ин кор аз назари ислом як кори мабғуз ва манфуре аст ва шоистаи мардуми айёш ва ғофил аст, на шоистаи марде, ки яке аз корҳояш ин буд, ки пиёда ба ҳаҷ мерафт, мутачовиз аз бист бор тамоми сарват ва дороии худро бо фуқаро тақсим кард ва нимеро худ бардошт ва ними дигарро ба фуқаро ва бечорагон бахшид, то чӣ расад ба мақоми ақдаси имомат ва таҳорати он ҳазрат.

Чунонки медонем, дар гардиши хилофат аз умавиён ба аббосён, Банӣ Ҳасан яъне фарзандзодагони Имом Ҳасан, бо Банӣ Аббос ҳамкорӣ доштанд, аммо Банӣ Ҳусайн яъне фарзандзодагони Имом Ҳусайн — ки дар раъси онҳо дар он вақт Имом Содиқ буд — аз ҳамкорӣ бо Банӣ Аббос худдорӣ карданд. Банӣ Аббос бо ин ки дар ибтидо худро таслим ва хозеъ нисбат ба Банӣ Ҳасан нишон медоданд ва онҳоро аз худ шоистатар мехонданд, дар поёни кор ба онҳо хиёнат карданд ва аксари онҳоро бо қатл ва ҳабс аз миён бурданд. Банӣ Аббос барои пешбурди сиёсати худ шурӯъ карданд ба таблиғ алайҳи Банӣ Ҳасан. Аз чумлаи таблиғоти норавои онҳо ин буд, ки гуфтанд: Абӯтолиб — ки чадди аълои Банӣ Ҳасан ва амуи пайғамбар аст — мусалмон набуд ва кофир аз дунё рафт ва аммо Аббос, ки амуи дигари пайғамбар аст ва чадди аълои мост, мусалмон шуд ва мусалмон

аз дунё рафт. Пас мо, ки авлоди амуи мусалмони пайғамбарем, аз Банӣ Ҳасан, ки авлоди амуи кофири пайғамбаранд, барои хилофат шоистатарем. Дар ин роҳ пулҳо харҷ карданд ва қиссаҳо ҷаъл карданд. Ҳанӯз ҳам, ки ҳаст, гурӯҳе аз аҳли тасаннун таҳти таъсири ҳамон таблиғот ва иқдомот, фатво ба куфри Абӯтолиб медиҳанд. Ҳарчанд ахиран таҳқиқоте дар миёни муҳаққиқони аҳли тасаннун дар ин замина ба амал омада ва уфуқи таърих аз ин назар равшантар мешавад.

Мавзӯъи дуввуме, ки Банӣ Аббос алайҳи Банӣ Ҳасан унвон карданд ин буд, ки гуфтанд: ниёи Банӣ Ҳасан баъд аз падараш Алӣ ба хилофат расид ва аммо чун марди айёше буд ва ба занон саргарм буд ва кораш зан гирифтан ва зан талоқ додан буд, аз ӯҳда барнаёмад; аз Муовия, ки рақиби сарсахташ буд, пул гирифт ва саргарми айёшӣ ва зан гирифтан ва талоқ додан шуд ва хилофатро ба Муовия вогузор кард.

Хушбахтона муҳаққиқони боарзиши асри ахир дар ин замина таҳқиқоте карда ва решаи ин дурӯғро пайдо кардаанд. Зоҳиран аввал касе, ки ин сухан аз ӯ шунида шудааст, қозии интисобии Мансури Давониқӣ буда, ки ба амри Мансур маъмур буда ин шойеъаро бипароканад. Ба қавли яке аз муаррихон, агар Имом Ҳасан ин ҳама зан гирифтааст, пас фарзандонаш куҷо ҳастанд? Чаро адади фарзандони Имом ин қадр кам будааст? Имом, ки ақим набуда ва аз тарафе расми ҷилавгирӣ ё сиқти ҷанин ҳам, ки маъмул набудааст.

Ман аз соддадилии баъзе аз ноқилони ҳадиси шиъимазҳаб таъаҷҷуб мекунам, ки аз тарафе аз Пайғамбари Акрам ва имомони атҳор ахбор ва аҳодиси бисёр зиёде ривоят мекунанд, ки Худованд душман медорад ё лаънат мекунад мардумони бисёрталоқро, пушти сараш менависанд: Имом Ҳасан марди бисёрталоқе буда. Ин ашхос фикр накардаанд, ки яке аз се роҳро бояд интихоб кунанд: ё бигӯянд талоқ айб надорад ва Худованд марди бисёрталоқро душман намедорад, ё бигӯянд Имом Ҳасан марди бисёрталоқ набудааст, ё бигӯянд — Алаёзу биллоҳ! — Имом Ҳасан пobанд дастурҳои ислом набудааст. Аммо ин оқоёни мӯҳтарам аз як тараф аҳодиси мабғузияти талоқро саҳеҳ ва мӯътабар медонанд ва аз тарафи дигар нисбат ба мақоми қудси Имом Ҳасан хузӯъ ва тавозӯъ мекунанд ва аз тарафи дигар нисбати бисёрталоқиро барои Имом Ҳасан нақл мекунанд ва бидуни ин ки интиқод кунанд, аз он мегузаранд.

Баъзе корро ба онҷо кашонидаанд, ки гуфтаанд: амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом аз ин кори фарзандаш ноroҳат буд; дар минбар ба мардум эълом кард, ки ба писарам Ҳасан зан надиҳед, зеро духтарони шуморо талоқ медиҳад, аммо мардум ҷавоб доданд: мо ифтихор дорем, ки духтаронамон ҳамсари фарзанди азизи Пайғамбар бишаванд, ӯ дилаш хост нигаҳ медорад ва агар дилаш нахост, талоқ медиҳад.

Шояд баъзеҳо мувофиқати духтарон ва фомили духтаронро ба талоқ барои ин ки мабғузият ва манфурияти талоқ аз миён биравад, кофӣ бишуморанд; хаёл кунанд талоқ он вақт манфур аст, ки тараф розӣ набошад, аммо дар мавриди зане, ки моил аст ба ифтихоре ноил гардад ва чанд сабоҳе бо марди мояи ифтихораш зиндагӣ кунад, талоқ монеъе надорад.

Аммо чунин нест. Ризояти падарони духтарон ба талоқ ва ҳамчунин ризояти худи духтарон ба талоқ, аз мабғузияти талоқ намекоҳад, зеро он чи ислом мехоҳад ин аст, ки издивоҷ пойдор ва конуни хонаводагӣ устувор бимонад. Тасмими завҷайн ба ҷудоӣ таъсири зиёде дар ин ҷиҳат надорад.

Ислом, ки талоқро мабғуз ва манфур шинохта, танҳо ба хотири зан ва барои таҳсили ризояти зан набудааст, ки бо ризояти зан ва фомили зан мабғузияташ аз миён биравад.

Иллати ин ки мавзӯъи Имом Ҳасанро тарҳ кардам, гузашта аз ин ки як тӯҳмати таърихиро аз як шахсияти таърихӣ дар ҳар фурсате бояд рафъ кард, ин аст, ки баъзе аз худобехабарон мумкин аст ин корро бикунанд ва баъд ҳам Имом Ҳасанро ба унвони далел ва санад барои худ зикр кунанд.

Ба ҳар ҳол он чи тардид дар он нест ин аст, ки талоқ ва ҷудоии завҷайн ба худии худ аз назари ислом мабғуз ва манфур аст.

## Чаро ислом талокро таҳрим накард?

Дар инҷо як суоли муҳим пеш меояд ва он ин ки агар талоқ то ин андоза мабғуз аст, ки Худованд марди инкорароро душман медорад, пас чаро ислом талокро таҳрим накардааст? Чӣ монеъе дошт, ки ислом талокро таҳрим кунад ва фақат дар мавориди хосс ва муайяне онро муҷоз бишуморад? Ба иборати дигар, оё беҳтар набуд, ки ислом барои талоқ шароит қарор медод ва танҳо дар сурати вуҷуди он шароит ба мард иҷозаи талоқ медод? Ва чун талоқ машрут буд, қаҳран ҷанбаи қазоӣ пайдо мекард; ҳар вақт марде мехост зани худро талоқ диҳад, маҷбур буд аввал далели худро аз назари таҳаққуқи шароит ба маҳкама арза бидорад, маҳкама агар далоили ӯро кофӣ медонист, ба ӯ иҷозаи талоқ медод, вагарна на.

Асосан маънии ин ҷумла: “Мабғузтарини ҳалолҳо дар назди Худо талоқ аст” чист?

Талоқ агар ҳалол аст, мабғуз нест ва агар мабғуз аст, ҳалол нест. Мабғуз будан бо ҳалол будан носозгор аст.

Баъд аз ҳамаи инҳо оё иҷтимоъ, яъне он ҳайате, ки ба номи маҳкама ва ғайра намояндаи иҷтимоъ аст, ҳақ дорад дар амри талоқ — ки мегӯед, аз назари ислом манфур ва мабғуз

аст — ин қадр мудохала кунад, ки аз тасреъ дар тасмим ба талоқ ҷилавгирӣ кунад ва он қадр талоқро ба таъхир биандозад, ки мард аз тасмими худ пушаймон шавад ва ё бар иҷтимоъ яъне ҳамон ҳайат равшан шавад, ки издивоҷи мавриди назар созишпазир нест ва беҳтар ин аст, ки заношӯӣ фасх шавад?

## Ҳаққи талоқ (3)

Матлаб ба инҷо расид, ки талоқ аз назари ислом сахт манфур ва мабғуз аст; ислом моил аст паймони издивоҷ муҳкам ва устувор бимонад. Он гоҳ ин пурсишро тарҳ кардем: агар талоқ то ин андоза мабғуз ва манфур аст, чаро ислом онро таҳрим накардааст? Магар на ин аст, ки ислом ҳар амалеро, ки манфур медонад монанд шаробхорӣ ва қиморбозӣ ва ситамгарӣ, онро таҳрим кардааст? Пас чаро талоқро якбора таҳрим накарда ва барои он монеъи қонунӣ қарор надодааст? Ва асосан ин чӣ мантиқе аст, ки талоқ, ҳалоли мабғуз аст? Агар ҳалол аст, мабғуз будан чӣ маънӣ дорад? Ва агар мабғуз аст, чаро ҳалол шудааст? Ислом аз тарафе марди талоқдиҳандаро зери нигоҳҳои хашмолуди худ қарор медиҳад, аз ӯ танаффур ва безорӣ дорад, аз тарафи дигар вақте, ки мард мехоҳад зани худро талоқ диҳад, монеъи қонунӣ дар ҷилави ӯ қарор намедиҳад, чаро?

Ин пурсиш бисёр баҷост. Ҳамаи розҳо дар ҳамин нукта нуҳуфтааст. Рози аслии матлаб ин аст, ки завҷият ва зиндагонии заношӯӣ як улқаи табиӣ аст, на қарордодӣ ва қонунҳои хоссе дар табиат барои ӯ вазъ шудааст. Ин паймон бо ҳамаи паймонҳои дигари иҷтимоӣ аз қабили байъ ва иҷора ва сулҳ ва раҳн ва ваколат ва ғайра, ин тафовутро дорад, ки онҳо ҳама сирфан як силсила қарордодҳои иҷтимоӣ ҳастанд, табиат ва ғариза дар онҳо дахолат надорад ва қонуне ҳам аз назари табиат ва ғариза барои онҳо вазъ нашудааст, бар хилофи паймони издивоҷ, ки бар асоси як хоҳиши табиӣ аз тарафайн, ки ба истилоҳ механизми хоссе дорад, бояд танзим шавад.

Аз ин рӯ агар паймони издивоҷ муқаррароти хоссе дорад, ки бо соири ақдҳо ва паймонҳо мутафовит аст, набояд мавриди таъаҷҷуб воқеъ шавад.

## Қонунҳои фитрат дар мавриди издивоҷ ва талоқ

Ягона қонуни табиӣ дар иҷтимоъи маданӣ, қонуни озодӣ — мусовот аст. Тамоми муқаррароти иҷтимоӣ бояд бар асоси ду асл: озодӣ ва мусовот танзим шавад, на чизи дигар, бар хилофи паймони издивоҷ, ки дар табиат ҷуз аслҳои озодӣ ва мусовот қонунҳои дигаре низ барои он вазъ шудааст ва чорае аз риоят ва пайравии он қонунҳо нест. Талоқ монанди издивоҷ, қабл аз ҳар қонуни қарордодӣ дар матни табиат дорои

қонун аст. Ҳамон тавре, ки дар оғози кор ва васати кор яъне дар издивоҷ бояд риояти қонуни табиат бишавад (мо қисматҳое таҳти унвони хостгорӣ ва маҳру нафақа ва махсусан таҳти унвони тафовутҳои зану мард гуфтем) дар талоқ низ, ки поёни кор аст, бояд он қонунҳо риоят шавад. Сар ба сар гузоштан бо табиат фоида надорад. Ба қавли Алексис Каррел: қонунҳои ҳаётӣ ва зистӣ монанди қонунҳои ситорагон сахт ва бераҳм ва ғайриқобили муқовамат аст.

Издивоҷ, ваҳдат ва иттисол аст ва талоқ, ҷудоӣ ва инфисол. Вақте, ки табиат, қонуни ҷуфтҷӯӣ ва иттисоли зану мардро ба ин сурат вазъ кардааст, ки аз тарафи як нафар иқдом барои тасоҳуб аст ва аз тарафи нафари дигар ақибнишинӣ барои дилбарӣ ва фиребандагӣ, эҳсосоти як тарафро бар асоси дар ихтиёр гирифтани шахси тарафи дигар ва эҳсосоти он тарафи дигарро бар асоси дар ихтиёр гирифтани қалби ӯ қарор додааст, вақте, ки табиат пояи издивоҷро бар муҳаббат ва ваҳдат ва ҳамдилӣ қарор дода, на бар ҳамкорӣ ва рифоқат, вақте, ки табиат манзури хонаводагиро бар асоси марказияти ҷинси зарифтар ва гардиши ҷинси хашинтар ба гирди ӯ қарор додааст, хоҳ нохоҳ ҷудоӣ ва инфисол ва аз ҳам пошидагии ин конун ва муталошӣ шудани ин манзумаро низ тобеъи муқаррароти хоссе қарор медиҳад.

Дар мақолаи 15 аз яке аз донишмандон нақл кардем, ки:

“*Ҷуфтҷӯӣ иборат аст аз ҳамла барои тасарруф дар мардон ва ақибнишинӣ барои дилбарӣ ва фиребандагӣ дар занон. Чун мард табъан ҳайвони шикорӣ аст, амалаш таҳоҷумӣ ва мусбат аст ва зан барои мард ҳамчун ҷоизае аст, ки бояд онро бирубояд. Ҷуфтҷӯӣ ҷанг аст ва пайкор, ва издивоҷ тасоҳуб ва иқтидор.*“

Паймоне, ки асосаш бар муҳаббат ва ягонагӣ аст, на бар ҳамкорӣ ва рифоқат, қобили иҷбор ва илзом нест. Бо зӯру иҷбори қонунӣ метавон ду нафарро мулзам сохт, ки бо якдигар ҳамкорӣ кунанд ва паймони ҳамкории худро бар асоси адолат мӯҳтарам бишуморанд ва солиёни дароз ба ҳамкории худ идома диҳанд, аммо мумкин нест бо зӯру иҷбори қонунӣ ду нафарро водор кард, ки якдигарро дӯст дошта бошанд, нисбат ба ҳам самимият дошта бошанд, барои якдигар фидокорӣ кунанд, ҳар кадом аз онҳо саодати дигариро саодати худ бидонад.

Агар бихоҳем миёни ду нафар ба ин шакл робита маҳфуз бимонад, бояд ҷуз иҷбори қонунӣ тадобири амалӣ ва иҷтимоии дигаре ба кор барем.

Механизми табиии издивоҷ, ки ислом қонунҳои худро бар он асос вазъ карда ин аст, ки зан дар манзумаи хонаводагӣ маҳбуб ва мӯҳтарам бошад. Бинобар ин агар ба иллатҳое

зан аз ин мақоми худ сукут кард ва шӯълаи муҳаббати мард нисбат ба ӯ хомӯш ва мард нисбат ба ӯ беалоқа шуд, поя ва рукни асоси хонаводагӣ хароб шуда, яъне як иҷтимоъи табиӣ ба ҳукми табиат аз ҳам пошидааст. Ислом ба чунин вазъе бо назари таассуф менигарад, вале пас аз он ки мебинад асоси табиии ин издивоҷ муталошӣ шудааст, наметавонад аз лиҳози қонунӣ онро як амри боқӣ ва зинда фарз кунад. Ислом кӯшишҳо ва тадобири хоссе ба кор мебарад, ки зиндагии хонаводагӣ аз лиҳози табиӣ боқӣ бимонад, яъне зан дар мақоми маҳбубият ва матлубият ва мард дар мақоми талаб ва алоқа ва ҳузур ба хидмат боқӣ бимонад.

Тавсияҳои ислом бар ин ки зан ҳатман бояд худро барои шавҳари худ биорояд, ҳунарҳои худро дар ҷилваҳои тоза барои шавҳар ба зуҳур бирасонад, рағбатҳои ҷинсии ӯро ишбоъ кунад ва бо посухи манфӣ додан ба тақозоҳои ӯ дар ӯ эҷоди укда ва нороҳатии руҳӣ накунад ва аз он тараф ба мард тавсия карда ба зани худ муҳаббат ва меҳрубонӣ кунад, ба ӯ изҳори ишқу алоқа намояд, муҳаббати худро кетмон накунад ва ҳамчунин тадобири ислом мабнӣ бар ин ки илтизозоти ҷинсӣ маҳдуд ба муҳити хонаводагӣ бошад, иҷтимоъи бузурги муҳити кор ва фаъолият бошад, на конуни илтизозоти ҷинсӣ, тавсияҳои ислом мабнӣ бар ин ки бархӯрдҳои занон ва мардон дар хориҷ аз кодри заношӯӣ лузуман ва ҳатман бояд пок ва беолоиш бошад, ҳама ва ҳама барои ин аст, ки иҷтимоъоти хонаводагӣ аз хатароти аз ҳам пошидагӣ масун ва маҳфуз бимонанд.

## Мақоми табиии мард дар ҳаёти хонаводагӣ

Аз назари ислом, мунтаҳои иҳонат ва таҳқир барои як зан ин аст, ки мард бигӯяд, ман туро дӯст надорам, аз ту танаффур дорам ва он гоҳ қонун бихоҳад ба зӯру иҷбор он занро дар хонаи он мард нигаҳ дорад. Қонун метавонад иҷборан занро дар хонаи мард нигаҳ дорад, вале қодир нест занро дар мақоми табиии худ дар муҳити заношӯӣ яъне мақоми маҳбубият ва марказият нигаҳдорӣ кунад. Қонун қодир аст мардро маҷбур ба нигаҳдорӣ аз зан ва пардохти нафақа ва ғайра бикунад, аммо қодир нест мардро дар мақом ва мартибаи як фидокор ва ба сурати як нуқтаи “гардон” дар гирди як нуқтаи марказӣ нигаҳ дорад.

Аз ин рӯ ҳар замон, ки шӯълаи муҳаббат ва алоқаи мард хомӯш шавад, издивоҷ аз назари табиӣ мурдааст.

Инҷо пурсиши дигаре пеш меояд ва он ин ки агар ин шӯъла аз ноҳияи зан хомӯш бишавад, чӣ тавр? Оё ҳаёти хонаводагӣ бо аз миён рафтани алоқаи зан ба мард боқӣ аст ё аз миён меравад? Агар боқӣ аст, чӣ фарқе миёни заму мард аст, ки салби алоқаи мард

мӯҷиби поёни ҳаёти хонаводагӣ мешавад ва салби алоқаи зан мӯҷиби поёни ин ҳаёт намешавад? Ва агар бо салби алоқаи зан низ ҳаёти хонаводагӣ поён меёбад, пас дар сурате, ки зан аз мард салби алоқа кунад, бояд издивоҷро поёнёфта талаққӣ кунем ва ба зан ҳам мисли мард ҳаққи талоқ бидиҳем.

Ҷавоб ин аст, ки ҳаёти хонаводагӣ вобаста аст ба алоқаи тарафайн, на як тараф.

Танҳо чизе, ки ҳаст, равоншиносии зану мард дар ин ҷиҳат мутафовит аст ва мо дар мақолоти гузашта бо истинод ба таҳқиқоти донишмандон онро баён кардем. Табиат, алоиқи завҷайнро ба ин сурат қарор додааст, ки занро посухдиҳанда ба мард қарор додааст.

Алоқа ва муҳаббати асил ва пойдори зан ҳамон аст, ки ба сурати аксуламал ба алоқа ва эҳтироми як мард нисбат ба ӯ ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ алоқаи зан ба мард маълули алоқаи мард ба зан ва вобаста ба ӯст. Табиат, калиди муҳаббати тарафайнро дар ихтиёри мард қарор додааст; мард аст, ки агар занро дӯст бидорад ва нисбат ба ӯ вафодор бимонад, зан низ ӯро дӯст медорад ва нисбат ба ӯ вафодор мемонад. Ба таври қатъ, зан табъан аз мард вафодортар аст ва бевафоии зан аксуламали бевафоии мард аст.

Табиат, калиди фасхи табиии издивоҷро ба дасти мард додааст, яъне ин мард аст, ки бо беалоқагӣ ва бевафоии худ нисбат ба зан ӯро низ сард ва беалоқа мекунад, бар хилофи зан, ки беалоқагӣ агар аз ӯ шурӯъ шавад, таъсире дар алоқаи мард надорад, балки аҳёнан онро тезтар мекунад. Аз ин рӯ беалоқагии мард мунҷар ба беалоқагии тарафайн мешавад, вале беалоқагии зан мунҷар ба беалоқагии тарафайн намешавад. Сардӣ ва хомӯшии алоқаи мард марги издивоҷ ва поёни ҳаёти хонаводагӣ аст, аммо сардӣ ва хомӯшии алоқаи зан ба мард, онро ба сурати маризе нимаҷон дармеоварад, ки умеди беҳбуд ва шифо дорад. Дар сурате, ки беалоқагӣ аз зан шурӯъ шавад, мард агар оқил ва вафодор бошад, метавонад бо ибрози муҳаббат ва меҳрубонӣ алоқаи занро бозгардонад ва ин кор барои мард иҳонат нест, ки маҳбуби рамидаи худро ба зӯри қонун нигаҳ дорад, то тадриҷан ӯро ром кунад, вале барои зан иҳонат ва ғайриқобили таҳаммул аст, ки барои ҳифзи ҳомӣ ва дилбохтаи худ ба зӯру иҷбори қонун мутавассил шавад.

Албатта ин дар сурате аст, ки иллати беалоқагии зан фасоди ахлоқ ва ситамгарии мард набошад. Агар мард, ситамгарӣ оғоз кунад ва зан ба хотири ситамгарӣ ва изрори мард ба ӯ беалоқа гардад, матлаби дигаре аст ва мо ҷудогона он ҷо, ки дар бораи масъалаи дуввуми ин баҳс яъне худдориҳои ноҷавонмардона аз талоқ баҳс мекунем, дар бораи он баҳс хоҳем кард ва хоҳем гуфт, ки ба мард иҷоза дода нахоҳад шуд, ки суистифода кунад ва завҷаро барои изрор ва ситамгарӣ нигаҳ дорад.

Ба ҳар ҳол, тафовути зану мард дар ин аст, ки мард ба шахси зан ниёзманд аст ва зан ба қалби мард. Ҳимоят ва меҳрубонии қалби мард он қадр барои зан арзиш дорад, ки издивоҷ бидуни он барои зан қобили таҳаммул нест.

## Назари як бонуи равоншинос

Дар шумораи 113-и "Зани рӯз" мақолае аз як китоб ба номи "Равоншиносии модарон" ба қалами як бонуи фаронсавӣ ба номи Беатрис Марио дарҷ шуда буд. Ин хонум тибқи мундараҷоти он мақола доктор дар равоншиносӣ аст, равоншинос ва равонкови махсус бемористонҳои Париж аст ва худаш низ модар аст ва се фарзанд дорад.

Дар қисматҳое аз ин мақола ниёзмандиҳои як зан — дар ҳоле, ки бордор ё баччадор аст — ба муҳаббат ва меҳрубонии шавҳар ба хубӣ ташреҳ шудааст. Мегӯяд:

"*Аз вақте, ки як зан ҳисс мекунад, ки ба зудӣ баччадор хоҳад шуд, шурӯъ мекунад ба нигаристан, ҷустуҷӯ кардан ва бӯ кашидани бадан ва андоми худ, махсусан агар баччаи аввалаш бошад. Ин ҳолати кунҷковӣ бисёр шадид аст, дуруст мисли ин ки зан бо худ бегона аст, мехоҳад вуҷуди хештанро кашф кунад.*

*Вақте, ки зан нахустин зарбаҳои кучулуи бачаашро дар шиками хеш эҳсос кард, шурӯъ мекунад ба гӯш додан ба ҳамаи садоҳои андоми худ.*

*Ҳузури мавҷуди дигаре дар бадани зан чунон саодат ва хушҳолӣ ба ӯ медиҳад, ки кам-кам майл ба инзиво ва танҳоӣ пайдо мекунад ва аз дунёи хориҷ қатъи иртибот мекунад, зеро мехоҳад бо кучулуе, ки ҳанӯз ба дунё наомадааст хилват кунад…*

*Мардҳо дар рӯзҳои обистании ҳамсаронашон вазоифи бисёр муҳимме ба ӯҳда доранд ва мутаассифона ҳамеша аз анҷоми ин вазоиф шона холӣ мекунанд. Модари оянда ниёз дорад, ки ҳисс кунад шавҳараш ӯро мефаҳмад, дӯст дорад ва пуштибони ӯст, вагарна вақте дид, ки шикамаш боло омадааст, зебоиаш латма хӯрда, ҳолати истифроғ дорад ва аз зоймон метарсад, ҳамаи ин нороҳатиҳоро ба ҳисоби шавҳараш хоҳад гузошт, ки ӯро обистан сохтааст… Мард вазифа дорад, ки дар*

*моҳҳои обистанӣ бештар аз пеш дар канори занаш бошад. Хонавода ба падари меҳрубон ниёз дорад, то зану бачаҳо битавонанд аз ҳамаи мушкилот ва шодиҳо ва андӯҳҳои худ бо ӯ ҳарф бизананд, ҳатто агар ҳарфҳояшон бемаънӣ ё хастакунанда бошад. Зани обистан хеле ниёзманди он аст, ки аз бачааш бо ӯ ҳарф бизананд. Тамоми ғурур ва ифтихори як зан модар шудани ӯст ва вақте эҳсос кунад, ки шавҳараш нисбат ба кӯдаке, ки ӯ ба зудӣ ба дунё хоҳад овард, беэътиност, ин эҳсоси ғурур ва ифтихор ҷояшро ба эҳсоси ҳақорат ва беҳудагӣ медиҳад, аз модар будан безор мешавад ва обистанӣ барояш маънии як "эҳтизор" пайдо мекунад. Собит шудааст, ки чунин заноне дардҳои обистаниро хеле ба душворӣ таҳаммул мекунанд... Робитаи модар ва фарзанд як робитаи дунафарӣ нест, балки як робитаи сенафарӣ аст: модар – кӯдак — падар ва падар ҳатто агар ғоиб бошад (занро талоқ дода бошад) дар зиндагии дарунии модар, дар тахайюлот ва тасаввуроти ӯ ва низ дар эҳсоси модарӣ нақши асосӣ дорад...*"

Инҳо буд суханони як бонуи донишманд, ки ҳам равоншинос аст ва ҳам модар.

## Бунёне, ки бар асоси авотиф бино шудааст

Акнун дуруст фикр кунед, мавҷуде, ки то ин андоза ба авотиф ва алоиқи қалбӣ ва ҳимоят ва меҳрубонии мавҷуди дигар ниёзманд аст, ҳама чизро бо авотиф ва меҳрубонии ӯ метавонад таҳаммул кунад, бидуни авотиф ва меҳрубониҳои ӯ ҳатто фарзанд барои ӯ мафҳуми дурусте надорад, мавҷуде, ки ба қалб ва эҳсосоти мавҷуди дигар ниёзманд аст, на танҳо ба вуҷуди ӯ, чӣ гуна мумкин аст бо зӯри қонун ӯро ба он мавҷуди дигар, ки номаш мард аст часпонид?

Оё ин иштибоҳ нест, ки мо аз тарафе мӯҷиботи булҳавасӣ ва беалоқагии мардонро нисбат ба ҳамсаронашон фароҳам кунем ва заминаҳои ҳавасрониро ҳар рӯз фароҳамтар созем ва он гоҳ бихоҳем бо зӯри қонун онҳоро ба мардон муттасил кунем ва ба истилоҳ ба риши мардон бачаспоним? Ислом коре карда, ки мард амалан занро бихоҳад ва дӯстдори ӯ бошад. Ислом ҳаргиз нахоста, ки ба зӯр занро ба мард бичаспонад.

Ба таври куллӣ, ҳар ҷо, ки пойи алоқа ва иродат ва ихлос дар миён бошад ва ин умур поя ва рукни кор маҳсуб шаванд, ҷойи иҷбори қонунӣ нест; мумкин аст ҷойи таассуф бошад, вале ҷойи иҷбор ва илзом ва икроҳ нест.

Мисоле зикр кунам: медонем, ки дар намози ҷамоат адолати имом ва эътиқоди маъмумин ба адолати ӯ шарт аст. Иртибот ва иҷтимоъи имом ва маъмумин иртибот ва иҷтимое аст, ки бар асоси адолати имом ва иродат ва алоқа ва ихлоси маъмумин устувор шудааст. Қалб ва эҳсосот рукни асосии ин иртибот ва иҷтимоъ аст. Ба ҳамин далел ин иҷтимоъ ва иртибот иҷборбардор ва илзомбардор нест; қонун наметавонад зомини бақо ва идомаи он бошад.

Агар маъмумин нисбат ба имоми ҷамоати худ беалоқа гарданд ва ирода ва ихлосашон салб гардад, ин иртибот ва иҷтимоъ табъан аз ҳам пошидааст, хоҳ салби ирода ва алоқа ва ихлоси маъмумин аз имом баҷо бошад ё беҷо. Фарзан имоми ҷамоат дорои олитарин дараҷаи адолат ва тақво ва салоҳият бошад, наметавон маъмуминро маҷбур ба иқтидо кард.

Музҳик аст агар имоми ҷамоате ба додгустарӣ арзи ҳол бидиҳад: чаро мардум ба ман иродат надоранд? Чаро мардум ба ман эътиқод надоранд? Ва билохира чаро мардум ба ман иқтидо намекунанд? Балки мунтаҳои иҳонат ба мақоми як имоми ҷамоат ин аст, ки мардумро бо қувваи ҷабрия ба иқтидо ба ӯ водор кунанд.

Ҳамчунин аст робитаи интихобкунандагон ва намояндагон. Ин иртибот низ як иртиботе аст, ки бар асоси алоқа ва ақида ва имон бояд устувор бошад. Қалб ва эҳсосот рукни ин иртибот ва иҷтимоъ аст. Мардум бояд мӯътақид ва алоқаманд ва мӯъмин бошанд ба намояндае, ки интихоб мекунанд. Ҳоло агар мардуме шахсеро интихоб накунанд, наметавон ва набояд мардумро ба интихоби ӯ маҷбур кард, ҳарчанд он мардум дар иштибоҳ бошанд ва шахси мавриди назар дар мунтаҳои салоҳият ва воҷиди шароит бошад, зеро табиати интихоб кардан ва раъй додан бо иҷбор носозгор аст ва чунин шахсе наметавонад ба истиноди салоҳияти худ ба додгоҳ шикоят кунад, ки чаро мардум маро, ки чунину чунонам интихоб намекунанд.

Коре, ки дар ин қабил мавориd бояд анҷом дод ин аст, ки сатҳи фикрии мардум боло бурда шавад, тарбияти онҳо ба шакли саҳеҳ дарояд, то ин ки дар вақте, ки мехоҳанд фаризаи динии худро адо кунанд, одилҳои воқеиро пайдо кунанд ва ба онҳо иродат биварзанд ва иқтидо кунанд ва вақте, ки мехоҳанд фаризаи иҷтимоии худро адо кунанд, афроди салоҳиятдорро пайдо кунанд ва аз рӯйи майлу алоқа ба онҳо раъй бидиҳанд. Ва агар аҳёнан мардум пас аз муддате иродат, тағйири ақида доданд ва ба сӯйи каси дигар

рафтанд ва беҷиҳат ҳам ин корро карданд, ҷойи таассуф ва таассур ҳаст, аммо ҷойи иҷбор ва икроҳ ва дахолати зӯр нест.

Фаризаи хонаводагӣ низ дуруст монанди ҳамон фаризаи динӣ ва фаризаи иҷтимоӣ аст.

Пас умда ин аст, ки бидонем ислом зиндагии хонаводагиро як иҷтимоъи табиӣ медонад ва барои ин иҷтимоъи табиӣ як механизми махсус ташхис додааст ва риояти он механизмро лозим ва ғайриқобили тахаллуф донистааст.

Бузургтарин эъҷози ислом, дар ташхиси ин механизм аст. Иллати ин ки дунёи ғарб натавонистааст бар мушкилоти хонаводагӣ фоиқ ояд ва ҳар рӯз мушкиле бар мушкилоти он афзудааст, адами таваҷҷӯҳ ба ҳамин ҷиҳат аст, аммо хушбахтона таҳқиқоти илмӣ тадриҷан онро равшан мекунад. Ман монанди ин офтоби оламтоб равшан мебинам, ки дунёи ғарб дар партави илм тадриҷан усули исломиро дар муқарраroти хонаводагӣ хоҳад пазируфт; ва албатта ман ҳаргиз таълимоти матин ва нуронии исломро бо он чи ба ин ном дар дасти мардум аст, яке намедонам.

## Он чи бунёни хонаводагиро устувор месозад, беш аз тасовӣ аст

Он чи дунёи ғарб дар ҳоли ҳозир худро фирефтаи он нишон медиҳад, “тасовӣ” аст, ғофил аз он ки масъалаи тасовиро дар 14 қарн пеш ислом ҳал кардааст. Дар масоили хонаводагӣ, ки низоми хоссе дорад, чизе болотар аз “тасовӣ” вуҷуд дорад.

Табиат дар иҷтимоъи маданӣ фақат қонуни тасовиро вазъ карда ва гузашта, вале дар иҷтимоъи хонаводагӣ ҷуз тасовӣ қонунҳои дигаре низ вазъ кардааст. Тасовӣ ба танҳоӣ кофӣ нест, ки равобити хонаводагиро танзим кунад, соири қонунҳои табиатро дар иҷтимоъи хонаводагӣ бояд шинохт.

## Тасовӣ дар фасод

Мутаассифона калимаи “тасовӣ” ба воситаи такрор ва талқини зиёд хоссияти аслии худашро аз даст додааст. Камтар фикр мекунанд, ки мақсуд аз тасовӣ, тасовӣ дар ҳуқуқ аст; хаёл мекунанд ҳамин қадр, ки мафҳуми “тасовӣ” дар як мавриде сидқ кард, кор тамом аст. Ба ақидаи ин бехабарон, дар гузашта мардҳо ба занҳо зӯр мегуфтанд, аммо имрӯз чун онҳо низ ба мардҳо зӯр мегӯянд, пас ҳама чиз дуруст шуд, зеро тасовӣ дар зӯргӯӣ барқарор шудааст. Дар гузашта дар ҳудуди даҳ дарсади издивоҷҳо аз ноҳияи мардҳо мунҷар ба талоқ ва ҷудоӣ мешуд, аммо ҳоло дар баъзе нуқоти ҷаҳон чиҳил дарсади издивоҷҳо мунҷар ба талоқ мешавад ва ниме аз ин талоқҳоро занҳо ба вуҷуд

меоваранд, пас ҷашн бигирем ва шодӣ кунем, зеро “тасовӣ”-и комил ҳукмфармост. Дар гузашта фақат мардҳо буданд, ки ба занҳо хиёнат мекарданд, мардҳо буданд, ки побанди иффат ва тақво набуданд, имрӯз биҳамдиллоҳ занҳо низ хиёнат мекунанд, побанди иффат ва тақво нестанд, чӣ аз ин беҳтар?! Зинда бод тасовӣ, марг бар тафовут! Дар гузашта мардҳо мазҳари бераҳмӣ ва қасоват буданд; мардҳо буданд, ки бо доштани чанд кӯдаки дилбанд, зану фарзандро раҳо карда ба дунболи маъшуқаи нав мерафтанд. Имрӯз занони деринапайванд низ пас аз солҳо заношӯӣ ва доштани чанд кӯдак дар асари як ошноӣ дар маҷлиси рақс бо як марди дигар, бо камоли қасоват ва бераҳмӣ хона ва ошёнаро раҳо мекунанд ва ба дунболи ҳаваси дили худ мераванд. Баҳ-баҳ, чӣ аз ин болотар? Зану мард дар як поя қарор гирифтанд ва “тасовӣ” барқарор шуд!

Ин аст, ки ба ҷойи дармони дардҳои бепоёни иҷтимоъ ва ба ҷойи ислоҳи нуқоти заъфи мардон ва занон ва устувор сохтани конуни хонаводагӣ, рӯз ба рӯз пояи конуни хонаводагиро сусттар ва мутазалзилтар мекунем. Дар иваз рақсу пойкӯбӣ мекунем, ки биҳамдиллоҳ ҳар чи ҳаст ба сӯйи тасовӣ меравем, балки тадриҷан занҳо дар фасод ва инҳироф ва қасоват ва бераҳмӣ аз мардон гӯи сибқат мерубоянд.

Аз он чи гуфта шуд маълум шуд, ки чаро ислом бо ин ки талокро мабғуз ва манфур медонад, монеъи қонунӣ дар ҷилави он қарор намедиҳад. Маълум шуд маънии ҳалоли мабғуз чист; чӣ тавр мешавад як чиз ҳам ҳалол бошад ва ҳам бениҳоят манфур ва мабғуз.

## Ҳаққи талоқ (4)

Аз баҳсҳои пеш маълум шуд, ислом бо талоқ ва инҳилоли конуни хонаводагӣ назари мухолиф дорад, онро душман медорад, анвоъи тадобири ахлоқӣ ва иҷтимоӣ барои ҳифзи ин конун аз хатари инҳилол ба кор бурдааст, барои ҷилавгирӣ аз вуқӯъи талоқ ба ҳар василае мутавассил шуда ва аз ҳар силоҳе истифода кардааст ҷуз василаи зӯр ва силоҳи қонун.

Ислом бо ин ҷиҳат, ки аз зӯр ва силоҳи қонун барои ҷилавгирии мард аз талоқ истифода шавад ва зан бо зӯри қонун дар хонаи мард бимонад, мухолиф аст; онро бо мақом ва мавқеъе, ки зан бояд дар муҳити хонавода дошта бошад муғойир медонад. Зеро рукни асосии зиндагии хонаводагӣ, эҳсосот ва авотиф аст ва он кас, ки бояд эҳсосот ва авотифи заношӯиро дарёфт ва ҷазб кунад, то битавонад ба навбаи худ ба фарзандони худ меҳру муҳаббат бипошад зан аст. Бемеҳрии шавҳар ва хомӯш шудани шӯълаи эҳсосоти шавҳарии ӯ нисбат ба зан, муҳити хонаводагиро сарду торик мекунад, зеро ҳатто эҳсосоти модаронаи як зан нисбат ба фарзандон бастагии зиёде дорад ба эҳсосоти

шавҳар дар бораи ӯ. Ба қавли хонум Беатрис Марио — ки қисмате аз гуфтори ӯро дар мақолаи пеш нақл кардем — эҳсосоти модарӣ ғариза нест, ба ин маънӣ, ки чунин нест, ки ба ҳар ҳол модар мақодире эҳсосоти собит ва ғайри қобили коҳиш ва афзоиш нисбат ба фарзандони худ дошта бошад, (балки) бархӯрдории ӯ аз авотифи шавҳар таъсири фаровоне дар эҳсосоти модарии ӯ дорад.

Натиҷа ин ки вуҷуди зан бояд аз вуҷуди мард авотиф ва эҳсосот бигирад, то битавонад фарзандонро аз сарчашмаи файёзи авотифи худ сероб кунад.

Мард монанди кӯҳсор аст ва зан ба манзилаи чашма ва фарзандон ба манзилаи гулҳо ва гиёҳҳо. Чашма бояд борони кӯҳсоронро дарёфт ва ҷазб кунад, то битавонад онро ба сурати обе софу зулол берун диҳад ва гулҳо ва гиёҳҳо ва сабзаҳоро шодобу хуррам намояд. Агар борон ба кӯҳсорон наборад ё вазъи кӯҳсор тавре бошад, ки чизе ҷазби замин нашавад, чашма хушк ва гулҳо ва гиёҳҳо мемиранд.

Пас ҳамон тавре, ки рукни ҳаёти дашту саҳро борон ва бахусус борони кӯҳистонӣ аст, рукни ҳаёти хонаводагӣ эҳсосот ва авотифи мард нисбат ба зан аст. Аз ин авотиф аст, ки ҳам зиндагии зан ва ҳам зиндагии фарзандон сафо ва ҷило ва хуррамӣ мегирад.

Вақте, ки эҳсосот ва авотифи мард нисбат ба зан инчунин вазъ ва мавқеъе дар руҳи зиндагии хонаводагӣ дорад, чӣ гуна мумкин аст аз қонун ба унвони як силоҳ ва як тозиёна алайҳи мард истифода кард?

Ислом бо талоқҳои ноҷавонмардона, яъне бо ин ки марде пас аз имзои паймон заношӯӣ ва аҳёнан муддате зиндагии муштарак ба хотири ҳаваси зани нав ё як ҳаваси дигар зани пешинро аз худ биронад, сахт мухолиф аст. Аммо роҳи чора аз назари ислом ин нест, ки “ноҷавонмард”-ро маҷбур ба нигаҳдории зан кунад. Инчунин нигаҳдорӣ бо қонуни табиии зиндагии хонаводагӣ муғойират дорад.

Агар зан бо зӯри қонун ва қувваи муҷрия бихоҳад ба хонаи шавҳар баргардад, метавонад он хонаро ишғоли низомӣ кунад, аммо наметавонад бонуи он хонавода ва робити ҷазби эҳсосот аз шавҳар ва дафъи эҳсосот ба фарзандон буда бошад ва ҳам наметавонад виҷдони ниёзманд ба меҳри худро ишбоъ ва иқноъ намояд.

Ислом кӯшишҳо карда, ки ноҷавонмардӣ ва талоқҳои ноҷавонмардона аз миён биравад ва мардон ҷавонмардона аз занон нигаҳдорӣ ва пазироӣ кунанд. Вале ислом бар худ ба унвони як қонунгузор ва бар зан ба унвони маркази манзумаи хонаводагӣ ва робити ҷазб ва дафъи эҳсосот, намеписандад, ки занро ба зӯру иҷбор дар назди марди ноҷавонмард нигаҳдорӣ кунад.

Он чи ислом кардааст дуруст нуктаи муқобили коре аст, ки ғарб ва ғарбпарастон карда ва мекунанд. Ислом бо омилҳои ноҷавонмардӣ ва бевафоӣ ва ҳавасбозӣ сахт набард

мекунад, аммо ҳозир нест занро ба зӯр ба ноҷавонмард ва бевафо бичаспонад. Аммо ғарбиён ва ғарбпарастон рӯз ба рӯз бар омилҳои ноҷавонмардӣ ва бевафоӣ ва ҳавасбозии мард меафзоянд, он гоҳ мехоҳанд занро ба зӯр ба марди ҳавасбоз ва бевафо ва ноҷавонмард бачаспонанд…

Тасдиқ мефармоед, ки ислом бо ин ки ноҷавонмардонро ба ҳеҷ ваҷҳ дар нигаҳдории зан маҷбур накарда ва онҳоро озод гузоштааст ва ҳамаи масоъии худро дар роҳи зинда нигаҳ доштани руҳи инсоният ва ҷавонмардӣ ба кор бурдааст, амалан тавонистааст ба мизони бисёр қобили таваҷҷӯҳе аз талоқҳои ноҷавонмардона бикоҳад, дар сурате, ки дигарон, ки таваҷҷӯҳе ба ин масоил надоранд ва ҳамаи саодатҳоро аз зӯр ва сарнайза талаб мекунанд, муваффақиятҳои бисёр камтаре дар ин замина доштаанд. Гузашта аз талоқҳое, ки ба тақозои занон дар асари носозгорӣ ва ба қавли маҷаллаи Newsweek ба хотири "комҷӯӣ"-и занон сурат мегирад, талоқҳое, ки ба василаи булҳавасии мардон дар онҷоҳо сурат гирифта ва мегирад, аз он чи дар миёни мо сурат мегирад басе афзунтар аст.

## Табиати сулҳи хонаводагӣ бо соири сулҳҳо ҷудост

Ба таври қатъ дар миёни зану мард бояд сулҳу созиш барқарор бошад. Аммо сулҳу созише, ки дар зиндагии заношӯӣ бояд ҳукмфармо бошад, бо сулҳу созише, ки миёни ду ҳамкор, ду шарик, ду ҳамсоя, ду давлати муҷовир ва ҳаммарз бояд барқарор бошад, тафовути бисёр дорад.

Сулҳу созиш дар зиндагии заношӯӣ назири сулҳу созише аст, ки миёни падарону модарон бо фарзандон бояд барқарор бошад, ки мусовӣ аст бо гузашт ва фидокорӣ ва алоқамандӣ ба сарнавишти якдигар ва шикастани ҳисори дугонагӣ ва саодати ӯро саодати худ донистан ва бадбахтии ӯро бадбахтии худ донистан, бар хилофи сулҳу созиш миёни ду ҳамкор ё ду шарик ё ду ҳамсоя ё ду давлати муҷовир.

Ин гуна сулҳҳо иборат аст аз адами таъарруз ва адами таҷовуз ба ҳуқуқи якдигар. Дар миёни ду давлати мутахосим "сулҳи мусаллаҳ" ҳам кофӣ аст. Агар нерӯи севвуме дахолат кунад ва навори марзии ду кишварро ишғол кунад ва монеъи тасодуми нерӯҳои ду кишвар шавад, сулҳ барқарор шудааст, зеро сулҳи сиёсӣ ҷуз адами таъарруз ва адами тасодум мафҳуме надорад.

Аммо сулҳи хонаводагӣ ғайр аз сулҳи сиёсӣ аст. Дар сулҳи хонаводагӣ адами таҷовуз ба ҳуқуқи якдигар кофӣ нест, аз "сулҳи мусаллаҳ" коре сохта нест. Чизе болотар ва асоситар зарурат дорад; иттиҳод ва ягонагӣ ва омехта шудани руҳҳо бояд таҳаққуқ

пазирад, ҳамчунон ки дар сулҳу созиш миён падарону фарзандон низ чизе болотар аз адами таъарруз зарурӣ аст. Мутаассифона Мағрибзамин ба иллатҳои таърихӣ ва аҳёнан минтақаӣ, бо авотиф (ҳатто дар муҳити хонаводагӣ) бегона аст. Сулҳи хонаводагӣ аз назари ғарбӣ, бо сулҳи сиёсӣ ё иҷтимоӣ тафовуте надорад. Ғарбӣ ҳамон тавре, ки бо тамаркузи нерӯ дар марзи ду кишвар сулҳ барқарор мекунад, мехоҳад бо тамаркузи қувваи додгустарӣ дар марзи ҳаёти зану мард сулҳ барқарор кунад, ғофил аз ин ки асоси зиндагии хонаводагӣ барчида шудани марз аст, ваҳдат аст, бегона шумурдани ҳар нерӯи дигар аст.

Ғарбпарастон ба ҷойи ин ки Мағрибзаминро ба иштибоҳоташ дар масоили хонаводагӣ воқиф кунанд ва ба ифтихороти худ бинозанд, чунон дар ҳамранг шудан бо онҳо сар аз по намешиносанд, ки худашонро ҳам фаромӯш кардаанд. Аммо ин худ гум кардан дере нахоҳад поид ва бо замоне, ки Машриқзамин шахсияти худро бозёбад ва гарданбанди бандагии Ғарбро пора намояд ва ба фикри мустақил ва фалсафаи мустақилли зиндагии хеш такя кунад, фосилаи зиёде надорем.

Дар инҷо зикри ду матлаб лозим аст:

## Ислом аз ҳар омили инсироф аз талоқ истиқбол мекунад

1. Мумкин аст баъзе афрод аз гуфтаҳои пеш чунин натиҷагирӣ кунанд, ки мо муддаӣ ҳастем барои талоқи мард ҳеч гуна монеъе набояд ба вуҷуд овард; ҳамин ки марде тасмим ба талоқ гирифт, бояд роҳро аз ҳар ҷиҳат ба рӯйи ӯ боз гузошт. На! Чунин нест. Он чи мо дар бораи назари ислом гуфтем, фақат ин буд, ки аз зӯру ҷабри қонун набояд ба унвони монеъ дар ҷилави мард истифода кард. Ислом аз ҳар чизе, ки мардро аз талоқ мунсариф кунад истиқбол мекунад. Ислом амдан барои талоқ шароит ва муқаррароте қарор дода, ки табъан мӯҷиби таъхир афтодани талоқ ва ғолибан мӯҷиби инсироф аз талоқ мегардад.

Ислом, илова бар ин ки муҷриёни хондани никоҳ ва шоҳидҳо ва дигаронро тавсия карда, ки бо кӯшишҳои худ мардро аз талоқ мунсариф кунанд, талоқро ҷуз дар ҳузури ду шоҳиди одил саҳеҳ намедонад, яъне ҳамон ду нафаре, ки агар бино бошад талоқ дар ҳузури онҳо сурат бигирад, ба воситаи хоссияти адолат ва тақвои худ мунтаҳои саъйу кӯшишро барои эҷоди сулҳу сафо миёни зану мард ба кор мебаранд.

Аммо ин ки имрӯз маъмул шудааст, ки муҷрии талоқ талоқро дар ҳузури ду нафар одил ҷорӣ мекунад, ки завҷайнро ҳаргиз надида ва намешиносад ва фақат исме аз завҷайн дар

ҳузури онҳо бурда мешавад, матлаби дигаре аст ва рабте ба назар ва ҳадафи ислом надорад. Маъмул миёни мо ин аст, ки муҷриёни талоқ ду нафар одилро пайдо мекунанд ва номи завҷайнро дар ҳузури онҳо мебаранд, масалан мегӯянд: завҷ Аҳмад ва завҷа Фотима; ман ба ваколат аз завҷ завҷаро талоқ додам. Аммо ин Аҳмад ва Фотима кист? Оё адлайн, ки ба унвони шоҳидон талоқро гӯш мекунанд, онҳоро дидаанд? Оё агар рӯзе бинои шаҳодат шуд, метавонанд шаҳодат бидиҳанд, ки дар ҳузури мо талоқи ин ду нафар бахусус ҷорӣ шудааст? Албатта на. Пас ин чӣ ҷур шаҳодате аст? Ман намедонам. Ба ҳар ҳол яке аз умуре, ки мӯҷиби инсирофи мардон аз талоқ мегардад, лузуми ҳузури адлайн аст агар ба сурати саҳеҳе амал бишавад. Ислом барои издивоҷ, ки оғози паймон аст ҳузури адлайнро шарт надонистааст, зеро намехостааст амалан мӯҷиботи таъхир афтодани кори хайреро фароҳам кунад, вале барои талоқ бо ин ки поёни кор аст, ҳузури адлайнро шарт донистааст.

Ҳамчунин ислом дар мавриди издивоҷ одати моҳонаи занро монеъи вуқӯъи ақд қарор надодааст, аммо онро монеъи вуқӯъ талоқ қарор додааст, бо ин ки — чунонки медонем — одати моҳонаи зан чун монеъи омезиши заношӯии зану мард аст, бо издивоҷ марбут мешавад, на бо талоқ, ки фасли ҷудоӣ аст ва зану мард аз он ба баъд бо ҳам коре надоранд. Қоъидатан мебоист ислом иҷрои ақди издивоҷро дар ҳоли одати моҳонаи зан ҷоиз нашуморад, зеро мумкин аст зану марде, ки тоза ба ҳам мерасанд, риояти лузуми парҳез дар вақти одатро накунанд, бар хилофи талоқ, ки фасли ҷудоӣ аст ва одати моҳона дар он таъсир надорад. Вале ислом аз он ҷо, ки тарафдори “васл” ва мухолифи “фасл” аст, замони одатро монеъи сиҳҳати талоқ қарор дода, вале монеъи сиҳҳати ақди издивоҷ қарор надодааст. Дар баъзе аз мавоқеъ се моҳи “тарббус” лозим аст, то иҷозаи талоқ дода шавад.

Бадеҳӣ аст ин ҳама монеъ эҷод карданҳо ба манзури ин аст, ки дар ин муддат нороҳатиҳо ва асабониятҳое, ки мӯҷиби тасмим ба талоқ шудааст, аз миён биравад ва зану мард ба зиндагии оддии худ баргарданд.

Ба илова, он ҷо, ки кароҳат аз тарафи мард бошад ва талоқ ба сурати раҷъӣ сурат гирад, муддатеро ба номи “ъидда” барои мард мӯҳлат қарор дода, ки метавонад дар он муддат руҷӯъ кунад.

Ислом ба мулоҳизаи ин ки ҳазинаи издивоҷ ва ҳазинаи ъидда ва нигаҳдории фарзандонро ба ӯҳдаи мард гузоштааст, як монеъи амалӣ барои мард тарошидааст. Марде, ки бихоҳад зани худро талоқ диҳад ва зани дигар бигирад, бояд нафақаи ъиддаи зани аввалро бидиҳад, ҳазинаи фарзандоне, ки аз ӯ дорад, бар ӯҳда бигирад, барои зани

нав маҳр қарор диҳад ва аз нав зери бори ҳазинаи зиндагии ӯ ва фарзандоне, ки баъдан аз ӯ мутаваллид мешавад биравад.

Ин умур ба иловаи масъулияти сарпарастии кӯдакони бемодар, дурнамои ваҳшатноке аз талоқ барои мард месозад ва худ ба худ ҷилави тасмими ӯро ба талоқ мегирад.

Гузашта аз ҳамаи инҳо, ислом он ҷо, ки бими инҳилол ва аз ҳам пошидагии конуни хонаводагӣ дар миён бошад, лозим донистааст, ки додгоҳи хонаводагӣ ташкил ва ҳакамият барқарор гардад ба ин тартиб, ки як нафар довар ба намояндагӣ аз тарафи мард ва як нафар довари дигар ба намояндагӣ аз тарафи зан барои расидагӣ ва ислоҳ муайян мешаванд.

Доварон, мунтаҳои кӯшиши худро дар бораи ислоҳи онҳо ба амал меоваранд ва ихтилофоти онҳоро ҳал мекунанд ва аҳёнан бо машварати қаблӣ бо худи зану мард агар ҷудоӣ миёни онҳоро аслаҳ ташхис доданд, онҳоро аз якдигар ҷудо мекунанд. Албатта агар дар миёни хонадони завҷайн афроде бошанд, ки салоҳияти ҳакамият дошта бошанд, онҳо нисбат ба дигарон авлавият доранд. Ин насси Қуръони Карим аст, ки дар ояти 35 аз сураи Нисо мефармояд:

وَإِنْ خِفْتُمْ شِقاقَ بَيْنِهِما فَابْعَثُوا حَكَماً مِنْ أَهْلِهِ وَحَكَماً مِنْ أَهْلِها إِنْ يُرِيدا إِصْلاحاً يُوَفِّقِ اللّٰهُ بَيْنَهُما إِنَّ اَللّٰهَ كانَ عَلِيماً خَبِيراً

Яъне агар бими он дошта бошед, ки миёни зану шавҳар шикоф ва ҷудоӣ биафтад, як нафар довар аз хонадони мард ва як нафар довар аз хонадони зан барангезед. Агар доварон нияти ислоҳ дошта бошанд, Худованд миёни онҳо тавофуқ эҷод мекунад. Худованди доно ва мутталеъ аст.

Соҳиби тафсири “Кашшоф” дар тафсири калимаи “ҳакам” мегӯяд:

أَیْ رَجُلاً مُقْنِعاً رَضِيّاً يَصْلُحُ لِحُكومَةِ الْعَدْلِ وَالْإِصْلاحِ بَيْنَهُما

Яъне касе, ки ба унвони довар интихоб мешавад, бояд мавриди эътимод ва дорои нуфузи калом ва мантиқи нофиз буда бошад, писандида ва шоиста барои доварии одилона ва барои ислоҳ бошад.

Сипас мегӯяд: иллати ин ки дар дараҷаи аввал бояд доварҳо аз миёни хонадони завҷ ва завҷа интихоб шаванд ин аст, ки наздикони завҷайн аз воқеиёти ҷорӣ миёни онҳо бохабартаранд ва ҳам алоқаи онҳо ба ислоҳ ба воситаи хешовандӣ аз бегона бештар аст. Ба илова, завҷайн асрори дили худро дар ҳузури хешованд беҳтар аз бегона ошкор мекунанд. Асрореро, ки ҳозир нестанд ба бегона бигӯянд, ба хешовандон мегӯянд.

Роҷеъ ба ин ки оё ташкили ҳакамият воҷиб аст ё мустаҳаб, миёни уламо ихтилоф аст. Муҳаққиқин ақида доранд, ин кор вазифаи ҳукумат аст ва воҷиб аст. Шаҳиди Сонӣ (р) дар "Масолик" сареҳан фатво медиҳад, ки масъалаи доварӣ ба тартибе, ки гуфта шуд, воҷиб ва зарурӣ аст ва вазифаи ҳукком аст, ки ҳамвора ин корро бикунанд.

Сайид Муҳаммад Рашид Ризо, соҳиби тафсири "Ал-манор" пас аз он ки раъй медиҳад, ки ташкили ҳакамият воҷиб аст, ба ихтилофи уламои исломӣ роҷеъ ба вуҷуб ва истеҳбоби ин кор ишора мекунад ва сипас мегӯяд: он чи амалан дар миёни мусалмонон вуҷуд надорад, худи ин кор ва истифода аз имтиёзҳои бепоёни он аст. Талоқҳо мураттаб сурат мегирад ва шиқоқҳо ва хилофҳо дар хонаҳо роҳ меёбад бидуни он ки аз асли ҳакамият, ки насси Қуръони Карим аст кучактарин истифодае бишавад. Тамоми нерӯи уламои мусалмонон сарфи баҳсу ҷадал дар атрофи вуҷуб ва истеҳбоби ин кор шудааст. Касе пайдо нашуд, ки бигӯяд, билохира чӣ воҷиб ва чӣ мустаҳаб, чаро қадаме барои амалӣ шудани он барнамедоред? Чаро ҳамаи нерӯҳо сарфи баҳсу ҷадал мешавад? Агар биност амал нашавад ва мардум аз имтиёзҳои он истифода накунанд, чӣ фарқ мекунад, ки воҷиб бошад ё мустаҳаб?

Шаҳиди Сонӣ роҷеъ ба шуруте, ки доварҳо ба хотири ислоҳ миёни завҷайн метавонанд ба завҷ таҳмил кунанд ин тавр мегӯяд:

"*Масалан доварон завҷро мулзам мекунанд, ки завҷаро дар фалон шаҳр ё фалон хона сукно диҳад, ё ин ки филмасал модари худро ё зани дигари худро дар хонаи ӯ ҳарчанд дар утоқи ҷудогона сукно надиҳад, ё масалан маҳри занро, ки ба зимма гирифтааст нақд бипардозад, ё агар пуле аз зан ба қарз гирифтааст фавран бипардозад.*"

Ғараз ин аст, ки ҳар иқдоме, ки сабаби таъхири иқдоми завҷ дар тасмим ба талоқ бишавад, аз назари ислом амали саҳеҳ ва матлубе аст.

Аз инҷо посухи пурсише, ки дар мақолае ба ин сурат матраҳ шуд, ки: "*оё иҷтимоъ, яъне он ҳайате, ки ба номи маҳкама ва ғайра намояндаи иҷтимоъ аст, ҳақ дорад дар амри талоқ, ки аз назари ислом мабғуз ва манфур аст, мудохила кунад ба ин сурат, ки аз тасреъ дар тасмими мард ба талоқ ҷилавгирӣ кунад?*" равшан мешавад.

Ҷавоб ин аст: албатта метавонад чунин коре бикунад, зеро ҳамаи тасмимҳое, ки ба талоқ гирифта мешавад, нишонаи марги воқеии издивоҷ нест. Ба иборати дигар, ҳамаи

тасмимҳое, ки дар бораи талоқ гирифта мешавад, далели хомӯш шудани комили шӯълаи муҳаббати мард ва сукути зан аз мақом ва мавқеъи табиии худ ва адами қобилияти мард барои нигаҳдорӣ аз зан нест; ғолиби тасмимҳо дар асари як асабоният ва ё ғафлат ва иштибоҳ пайдо мешавад. Ҷомеа ҳар андоза ва ба ҳар васила иқдомоте ба амал оварад, ки тасмимоти ношӣ аз асабоният ва ғафлат амалӣ нашавад, баҷост ва мавриди истиқболи ислом аст.

Маҳкамаҳо ба унвони намояндагӣ аз иҷтимоъ метавонанд мутасаддиёни дафотири талоқро аз иқдом ба талоқ — то вақте маҳкама адами муваффақияти худро дар эҷоди сулҳу созиш миёни завҷайн ба иттилоъи онҳо нарасондааст — манъ кунанд. Маҳкамаҳо кӯшиши худро дар эҷоди сулҳу созиш миёни завҷайн ба амал меоваранд ва фақат ҳангоме, ки бар маҳкама собит шуд, ки имкони сулҳу созиш миёни завҷайн нест, гувоҳи адами имкони созиш содир ва ба иттилоъи соҳибони дафотир мерасонад.

## Савобиқи хидмати зан дар хонавода

2. Матлаби дигар ин ки талоқҳои ноҷавонмардона илова бар инҳилоли қонуни муқаддаси хонаводагӣ ишколоти хоссе барои шахси зан ба вуҷуд меоварад, ки набояд онҳоро нодида гирифт. Зане солҳо бо самимият дар хонаи марде зиндагӣ мекунад ва чун миёни ӯ ва худаш дугонагӣ қоил нест ва он хонаро хонаи худ ва лонаи худ медонад, мунтаҳои хидмат ва муҷоҳидатро барои сару сомон додан ба он хона ба кор мебарад. Ғолибан занҳо (ба истиснои занони ба истилоҳ табақоти мутаҷаддиди шаҳрӣ) кори хидмат ва заҳмат ва сарфаҷӯӣ дар хӯрок ва либос ва ҳазинаи хонаро ба ҷойе мерасонанд, ки худи мардонро норозӣ мекунанд; аз овардани хидматкор ба хотири ин ки дар ҳазинаи зиндагӣ сарфаҷӯӣ шавад музойиқа менамоянд, нерӯ ва ҷавонӣ ва саломати худро фидои хона ва лона ва ошёна ва дар воқеъ фидои шавҳар мекунанд. Акнун фарз кунед, шавҳари чунин зане пас аз солҳо зиндагии муштарак ҳаваси зан нав ва талоқи ҳамсари кӯҳна ба сараш мезанад ва мехоҳад зани навро ба лона ва ошёнаи зани аввал — ки ба қимати умр ва ҷавонӣ ва саломат ва орзуҳои барбодрафтаи ӯ тамом шуда — биёварад; мехоҳад бо маҳсули дастранҷи зани аввал бо зани дигар айёшӣ ва ҳавасронӣ кунад. Таклифи ин кор чист?

Инҷо дигар танҳо масъалаи баҳам хӯрдани қонуни хонаводагӣ ва гусехта шудани робитаи завҷият матраҳ нест, ки гуфта шавад, ноҷавонмардии шавҳар марги издивоҷ аст ва таҳмили зан ба марди ноҷавонмард дуни шаън ва мақоми табиии зан аст.

Масъалаи дигаре матраҳ аст: масъалаи овора ва беошёна шудан, масъалаи таҳвил додани ошёнаи худсохтаро ба рақиб, масъалаи ҳадар рафтани ранҷҳо ва корҳо ва заҳматҳо ва хидматҳо матраҳ аст.

Шавҳар ва конуни хонаводагӣ ва хомӯш шудани шӯълаи ҳаёти хонаводагӣ ба ҷаҳаннам! Ҳар инсоне лона ва ошёнае мехоҳад ва ба лона ва ошёнае, ки ба дасти худ барои худ сохтааст алоқаманд аст. Агар мурғеро аз хона ва лонае, ки барои худ сохтааст берун кунанд, аз худ дифоъ мекунад. Оё зан ҳақ надорад аз лона ва ошёнаи худ дифоъ кунад? Оё ин кор аз тарафи мард зулми возеҳ нест? Ислом аз ин назар чӣ фикре кардааст?

Ба ақидаи мо, ин мушкила комилан қобили таваҷҷӯҳ аст. Ғолиби нороҳатиҳое, ки ба воситаи талоқҳои ноҷавонмардона сурат мегирад, аз ин ноҳия аст. Дар ин гуна мавориd аст, ки талоқ танҳо фасхи завҷият нест, варшикастагӣ ва нобудии зан аст.

Аммо ҳамон тавре, ки дар матни пурсиш ишора шуд, масъалаи хона ва ошёна бо масъалаи талоқ дутост; ин дуро аз якдигар бояд тафкик кард. Аз назари ислом ва муқаррароти исломӣ, ин мушкил ҳал шудааст. Ин мушкил аз ҷаҳл ба муқаррароти исломӣ ва аз суистифодаи мардон аз ҳусни ният ва вафодории занон ба вуҷуд омадааст. Ин мушкил аз онҷо пайдо шуда, ки ғолибан мардон ва занон гумон мекунанд, кор ва хидмате, ки зан дар хонаи мард мекунад ва маҳсуле, ки аз он корҳо падид меояд, ба мард таъаллуқ дорад, балки гумон мекунанд, мард ҳақ дорад, ки ба зан монанди як барда ё муздур фармон диҳад ва бар зан воҷиб аст, ки фармони ӯро дар ин масоил бипазирад, дар сурате, ки мукаррар гуфтаем, ки зан аз назари кор ва фаъолият озодии комил дорад ва ҳар коре, ки мекунад, ба шахси худи ӯ таъаллуқ дорад ва мард ҳақ надорад ба сурати як корфармо дар муқобили зан зоҳир шавад. Ислом бо истиқлоли иқтисодӣ, ки ба зан дода ва ба илова ҳазинаи зиндагии ӯ ва фарзандонашро ба ӯҳдаи мард гузоштааст, ба ӯ фурсати кофӣ ва комил дода, ки худро аз назари молу сарват ва имконоти як зиндагии обрӯмандона аз мард мустағнӣ намояд ба тавре, ки талоқ ва ҷудоӣ аз ин назар барои ӯ нигаронӣ ба вуҷуд наоварад. Зан тамоми чизҳое, ки худ барои лона ва ошёнаи худ фароҳам оварда, бояд мутаъаллиқ ба худ бидонад ва мард ҳақ надорад онҳоро аз ӯ бигирад. Ин гуна нигарониҳо дар режимҳое вуҷуд дорад, ки занро маҷбур ба кор кардан дар хонаи шавҳар медонанд ва маҳсули кори ӯро ҳам мутаъаллиқ ба шавҳар медонанд, на ба худи ӯ.

Нигарониҳое ҳам, ки дар миёни мардуми мо вуҷуд дорад, ғолибан ношӣ аз ҷаҳолат ва бехабарӣ аз қонуни исломӣ аст.

Иллати ин нороҳатиҳо суистифодаи мард аз вафодории зан аст. Бархе аз занон на ба хотири бехабарӣ аз қонуни ислом, балки ба хотири эътимод ба шавҳарон дар хонаи онҳо

фидокорӣ мекунанд; дилашон мехоҳад ҳисоби ману ту дар кор набошад, сухани моли ману ту дар миён набошад. Аз ин рӯ дар фикри худ ва дар фикри истифода аз фурсате, ки ислом ба онҳо додааст намеафтанд. Як вақт чашм боз мекунанд, ки мебинанд умри худро дар фидокорӣ барои як унсури бевафо сарф кардаанд ва фурсатҳои кофӣ, ки ислом ба онҳо додааст аз каф додаанд.

Ингуна занон аз аввал бояд таваҷҷӯҳ дошта бошанд, ки:

*Чӣ хуш бемеҳрубонӣ аз ду сар бӣ. (Бобатоҳир)*

Агар биност зан аз ҳаққи шаръии худ дар андӯхтани молу сарват ва ташкили лона ва ошёна ба номи худ сарфи назар кунад ва нерӯи кори худро ҳадияи мард намояд, мард ҳам дар иваз ба ҳукми:

وَإِذا حُيِّيتُمْ بِتَحِيَّةٍ فَحَيُّوا بِأَحْسَنَ مِنْها أَوْ رُدُّوها

(*Нисо/86*) Бояд ба ҳамон андоза ё бештар ба унвони ҳадия ва бахшиш нисори зан намояд. Дар миёни мардони бовафо ҳамеша маъмул буда ва ҳаст, ки дар ивази фидокориҳо ва хадамоти содиқонаи зан, ашёи гаронбаҳо ва хона ва ё мустағалли дигаре ба зани худ ҳадия кардаанд.

Ба ҳар ҳол мақсуд ин аст, ки мушкилаи беошёна шудани зан ба қонуни талоқ марбут нест, тағйири қонуни талоқ онро ислоҳ намекунад. Ин мушкила ба масъалаи истиқлол ва адами истиқлоли иқтисодии зан марбут аст ва ислом онро ҳал кардааст. Ин мушкила дар миёни мо аз бехабарии гурӯҳе аз занон аз таълими исломӣ ва ғафлат ва соддадилии гурӯҳе дигар ношӣ мешавад. Занон агар ба фурсате, ки ислом дар ин замина ба онҳо додааст огоҳ шаванд ва дар фидокорӣ ва гузашт дар роҳи шавҳар, соддадилӣ нишон надиҳанд, ин мушкил худ ба худ ҳал шудааст.

## Ҳаққи талоқ (5)

Хонандаи мӯҳтарам дар ёд дорад, ки пештар гуфтем, ки нороҳатиҳои талоқ дар миёни мо аз ду ноҳия аст: яке аз ноҳияи талоқҳои ноҷавонмардона ва ношӣ аз бевафоӣ ва номардумии бархе аз мардон, дигар аз ноҳияи худдориҳои ноҷавонмардонаи бархе мардон аз талоқи зане, ки умеди созиш миёни онҳо нест ва фақат ба хотири заҷр додани зан, на ба хотири зиндагӣ бо ӯ, аз талоқ худдорӣ мекунанд.

Дар ду фасли пеш роҷеъ ба қисмати аввал баҳс кардем. Гуфтем, ислом аз ҳар василае, ки монеъи талоқҳои ноҷавонмардона бишавад истиқбол мекунад ва худ бо тадобири

хоссе саъй карда, ки ин гуна талоқҳо сурат нагирад. Ислом фақат бо истеъмоли зӯр ва истифода аз қувваи қаҳрия барои барқарории равобити хонаводагӣ мухолиф аст.
Аз он чи гуфта шуд маълум шуд, ки хонавода аз назари ислом як воҳиди зинда аст ва ислом кӯшиш мекунад ин мавҷуди зинда ба ҳаёти худ идома диҳад. Аммо вақте, ки ин мавҷуди зинда мурд, ислом бо назари таассуф ба он менигарад ва иҷозаи дафни онро содир мекунад, вале ҳозир нест пайкараи ӯро бо мумиёи қонун мумиёӣ кунад ва бо ҷасади мумиёишудаи ӯ худро саргарм намояд.
Маълум шуд иллати ин ки мард ҳаққи талоқ дорад ин аст, ки робитаи завҷият бар пояи улқаи табиӣ аст ва механизми хоссе дорад; калиди истеҳком бахшидан ва ҳам калиди суст кардан ва муталошӣ кардани онро хилқат ба дасти мард додааст. Ҳар як аз зану мард ба ҳукми хилқат нисбат ба ҳам вазъ ва мавқеъи хоссе доранд, ки қобили иваз шудан ё ҳамонанд шудан нест. Ин вазъ ва мавқеъи хосс ба навбаи худ иллати умуре аст ва аз он ҷумла ҳаққи талоқ аст. Ва ба иборати дигар, иллати ин амр нақши хосс ва ҷудогонае аст, ки ҳар як аз зану мард дар масъалаи ишқ ва ҷуфтҷӯӣ доранд, на чизи дигар.

## Ҳаққи талоқ ношӣ аз нақши хосс мард дар масъалаи ишқ аст, на аз моликияти ӯ

Аз инҷо шумо метавонед ба арзиши таблиғоти аносури зидди ислом пай бибаред. Ин аносур гоҳе мегӯянд: иллати ин ки ислом ба мард ҳаққи талоқ додааст ин аст, ки занро соҳиби ирода ва майл ва орзу намешиносад, ӯро дар радифи ашё медонад, на ашхос, ислом мардро молики зан медонад ва табъан ба ҳукми:

النّاسُ مُسَلَّطونَ عَلى أَمْوالِهِمْ

— ба ӯ ҳақ медиҳад ҳар вақт бихоҳад мамлуки худро раҳо кунад.
Маълум шуд мантиқи ислом мубтанӣ бар моликияти мард ва мамлукияти зан нест. Маълум шуд мантиқи ислом хеле дақиқтар ва олитар аз сатҳи афкори ин нависандагон аст. Ислом бо шуоъи ваҳй ба нукот ва румузе дар асос ва созмони бунёни хонаводаги пай бурдааст, ки илм пас аз 14 қарн худро ба онҳо наздик мекунад.

## Талоқ аз он ҷиҳат раҳоӣ аст, ки моҳияти табиии издивоҷ тасоҳуб аст

Ва гоҳе мегӯянд: талоқ чаро сурати раҳоӣ дорад? Ҳатман бояд сурати қазоӣ дошта бошад. Ба инҳо бояд гуфт: талоқ аз он ҷиҳат раҳоӣ аст, ки издивоҷ тасоҳуб аст. Шумо

агар тавонистед қонуни ҷуфтҷӯйро дар мутлақи ҷинс нару мода иваз кунед ва ҳолати табиии издивоҷро аз сурати тасоҳуб хориҷ кунед, агар тавонистед дар равобити ҷинси нар ва ҷинси мода (аъам аз инсон ва ҳайвон) барои ҳар як аз онҳо нақши мушобеҳи якдигар ба вуҷуд оваред ва қонуни табиатро тағйир диҳед, метавонед талоқро аз сурати раҳоӣ хориҷ кунед.

Яке аз ин аносур менависад:

“*Ақди издивоҷро умуман фуқаҳои шиъа аз ақлҳои лозима шумурдаанд ва қонуни мадании Эрон ҳам ба зоҳир онро ақди лозим медонад. Ва лекин ман мехоҳам бигӯям, ақди никоҳ мутобиқи фиқҳи ислом ва қонуни мадании Эрон фақат нисбат ба зан лозим аст, нисбат ба мард ақдест ҷоиз, зеро ӯ ҳар вақт метавонад асари ақди мазкурро аз байн бурда, издивоҷро баҳам бизанад.*“

Сипас мегӯяд:

“*Ақди издивоҷ нисбат ба мард ҷоиз аст ва нисбат ба зан лозим мебошад ва ин як беадолатии қонунӣ аст, ки занро асири мард қарор додааст. Ман ҳар вақт иборати моддаи 1133 қонуни мадании кишвари шоҳаншоҳии Эронро (қонуни ҳаққи мард ба талоқ) мехонам, аз бонувони эронӣ ва аз ин мадорис ва донишгоҳҳо ва аз ин қарни атом ва ақмор ва демократия хиҷолат мекашам.*“

Ин оқоён аввалан натавонистаанд як амри возеҳеро дарк кунанд ва он ин ки талоқ ғайр аз фасхи издивоҷ аст. Ин ки мегӯянд, ақди издивоҷ табиатан лозим аст, яъне ҳеч як аз завҷайн (ба истисnoи мавориди хоссе) ҳаққи фасх надоранд. Агар ақд фасх шавад, тамоми осори он аз миён меравад ва гӯё набуда мешавад. Дар мавориде, ки ақди издивоҷ фасх мегардад, тамоми осор ва аз он ҷумла маҳр аз миён меравад, зан ҳаққи мутолибаи онро надорад, ҳамчунин нафақаи айёми ъидда надорад, бар хилофи талоқ, ки улқаи завҷиятро аз миён мебарад, вале осори ақдро ба куллӣ аз миён намебарад. Агар марде занеро ақд кунад ва барои ӯ фаразан 500 ҳазор тумон маҳр қарор диҳад ва баъд аз як рӯз зиндагии заношӯӣ, бихоҳад занро талоқ диҳад, бояд тамоми маҳрро ба иловаи нафақаи айёми ъидда бипардозад. Ва агар мард баъд аз ақд ва қабл аз иртиботи заношӯӣ занро талоқ диҳад, бояд нисфи маҳрро бипардозад ва чун чунин зане ъидда надорад, нафақаи айёми ъидда табъан мавзӯъ надорад. Пас маълум мешавад талоқ наметавонад ҳамаи

осори акдро аз миён бибарад, дар сурате, ки агар издивоҷи номбурда фасх бишавад, зан ҳаққи маҳр надорад. Аз ҳамин ҷо маълум мешавад, талоқ ғайри фасх аст. Ҳаққи талоқ бо лозим будани акди издивоҷ мунофот надорад.

Ислом ду ҳисоб қоил шудааст: ҳисоби фасх ва ҳисоби талоқ. Ҳаққи фасхро дар мавориде қарор додааст, ки порае аз айбҳое дар мард ё зан бошад. Ин ҳақро, ҳам ба мард дода ва ҳам ба зан, бар хилофи ҳаққи талоқ, ки дар сурати мурдан ва беҷон шудани ҳаёти хонаводагӣ сурат мегирад ва мунҳасир ба мард аст.

Ин ки ислом ҳисоби талоқро аз ҳисоби фасх ҷудо карда ва барои талоқ муқаррароти ҷудогонае вазъ кардааст, мерасонад, ки дар мантиқи ислом ихтиёри талоқи мард ношӣ аз ин нест, ки ислом хоста имтиёзе ба мард дода бошад.

Ба ин ашхос бояд гуфт, ки барои ин ки аз мадорис ва донишгоҳҳо ва ақмори маснуъӣ хиҷолат накашед, беҳтар ин аст муддате ба худ заҳмат бидиҳед дарс бихонед, то ҳам фарқи фасх ва талоқро дарёбед ва ҳам бо фалсафаи амиқ ва дақиқи иҷтимоӣ ва хонаводагии исломӣ ошно бишавед, ки на танҳо аз мадорис ва донишгоҳҳо хиҷолат накашед, балки бо гарданфарозӣ аз муқобили онҳо убур кунед. Аммо афсӯс, ки ҷаҳл дарде аст сахт бедармон!

## Ҷаримаи талоқ

Дар баъзе аз қонунҳои ҷаҳон барои ҷилавгирӣ аз талоқ, ҷарима барояш муайян мекардаанд. Ман намедонам дар қонунҳои имрӯзи ҷаҳон чунин қонуне вуҷуд дорад ё на, вале менависанд, ки императорҳои масеҳии Рум барои шавҳаре, ки бидуни иллати муваҷҷаҳ зани худро талоқ диҳад, муҷозот қоил шуда буданд.

Бадеҳӣ аст, ки ин, навъе дигари истифода аз эъмоли зӯр барои суботи бунёни хонаводагӣ аст ва натиҷабахш намебошад.

## Ҳаққи талоқ барои зан ба сурати ҳаққи тафвизӣ

Дар инҷо зикри як матлаб лозим аст ва он ин ки ҳамаи суханони мо дар бораи ин буд, ки талоқ ба сурати як ҳаққи табиӣ, аз мухтассоти мард аст. Аммо ин ки мард метавонад ба унвони тавкил мутлақан ё дар мавориди хоссе, аз тарафи худ ба зан ҳаққи талоқ бидиҳад, матлаби дигаре аст, ки ҳам дар фиқҳи исломӣ мавриди қабул аст ва ҳам қонуни мадании Эрон ба он тасреҳ кардааст. Зимнан барои ин ки мард аз тавкили худ сарфи назар накунад ва ин ҳаққи тафвизиро аз зан салб нанамояд, яъне ба сурати ваколати билоазл дарояд, маъмулан ин тавкилро ба унвони шарти зимнӣ дар як ақди лозим қарор

медиҳанд. Ба мӯҷиби ин шарт, зан мутлақан ё дар мавориди хоссе, ки қаблан муайян шудааст, метавонад худро муталлақа намояд.
Аз ин рӯ аз қадимулайём заноне, ки аз баъзе ҷиҳот нисбат ба шавҳарони ояндаашон нигаронӣ доштанд, ба сурати шарти зимнулъақд барои худ ҳаққи талоқро маҳфуз медоштанд ва ъиндаллузум аз он истифода мекарданд.
Бинобар ин аз назари фиқҳи исломӣ зан ҳаққи талоқ ба сурати табиӣ надорад, аммо ба сурати қарордодӣ яъне ба сурати шарти зимнулъақд метавонад дошта бошад.
Моддаи 1119 қонуни маданӣ чунин мегӯяд:

"*Тарафайни ақди издивоҷ метавонанд ҳар шарте, ки мухолиф бо муқтазои ақди мазбур набошад, дар зимни ақди издивоҷ ё ақди лозими дигар бинамоянд, мисли ин ки шарт шавад ҳар гоҳ шавҳар, зани дигар бигирад ё дар муддати муайяне ғоиб шавад ё тарки инфоқ намояд ё бар алайҳи ҳаёти зан суиқасд кунад ё суирафторе намояд, ки зиндагонии онҳо бо якдигар ғайри қобили таҳаммул шавад, зан вакил ва вакил дар тавкил бошад, ки пас аз исботи таҳаққуқи шарт дар маҳкама ва судури ҳукми ниҳоӣ худро муталлақа намояд.*"

Чунонки мулоҳиза мефармоед, ин ки мегӯянд аз назари фиқҳи исломӣ ва қонуни мадании Эрон талоқ ҳаққи якҷониба аст, ки ба мард дода шуда ва аз зан ба куллӣ салб шуда, сухани саҳеҳе нест.
Аз назари фиқҳи исломӣ ва ҳам аз назари қонуни мадании Эрон, ҳаққи талоқ ба сурати як ҳаққи табиӣ барои зан вуҷуд надорад, вале ба сурати як ҳаққи қарордодӣ ва тафвизӣ метавонад вуҷуд дошта бошад.
Акнун навбати он аст, ки ба қисмати дуввуми баҳси худ яъне мавзӯъи имтиноъҳои ноҷавонмардона ва ситамгаронаи баъзе аз мардон аз талоқ бипардозем, бибинем оё ислом роҳи ҳалле барои ин мушкил — ки ҳақиқатан ҳам мушкили бузурге аст — пешбинӣ карда ё на? Дар фасли оянда дар атрофи ин матлаб таҳти унвони "Талоқи қазоӣ" баҳс хоҳем кард. Зимнан аз ин ки сухани мо дар қисмати аввал тӯлонӣ шуд, маъзарат мехоҳам.

## Талоқи қазоӣ

Талоқи қазоӣ яъне талоқе, ки ба василаи қозӣ на ба василаи завҷ сурат бигирад.

Дар бисёре аз қонунҳои ҷаҳон ихтиёри талоқ мутлақан дар дасти қозӣ аст ва танҳо маҳкама аст, ки метавонад ба талоқ ва инҳилоли завҷият раъй бидиҳад. Аз назари ин қонунҳо, тамоми талоқҳо талоқи қазоӣ аст. Мо дар мақолоти гузашта бо таваҷҷӯҳ ба руҳи издивоҷ ва ҳадаф аз ташкили конуни хонаводагӣ ва мақом ва мавқеъе, ки зан бояд дар муҳити хонаводагӣ дошта бошад, бутлони ин назарияро равшан кардем ва собит кардем, талоқҳое, ки ҷараёни оддии худро тай мекунад, наметавонад баста ба назари қозӣ бошад.

Баҳси феълии мо дар ин аст, ки оё аз назари ислом қозӣ (бо ҳамаи шароити сахту сангине, ки ислом барои қозӣ қоил аст) дар ҳеҷ шароит ва авзоъ ва аҳволе ҳаққи талоқ надорад, ё ин ки дар шароити хоссе чунин ҳаққе барои қозӣ пайдо мешавад ҳарчанд он шароит хеле истисноӣ ва нодирулвуҷуд буда бошад.

Талоқ, ҳаққи табиии мард аст, аммо ба шарти ин ки равобити ӯ бо зан ҷараёни табиии худро тай кунад. Ҷараёни табиии равобити шавҳар бо зан ба ин аст, ки агар мехоҳад бо зан зиндагӣ кунад, аз ӯ ба хубӣ нигаҳдорӣ кунад, ҳуқуқи ӯро адо намояд, бо ӯ ҳусни муошарат дошта бошад ва агар сари зиндагӣ бо ӯро надорад, ба хубӣ ва некӣ ӯро талоқ диҳад, яъне аз талоқи ӯ имтиноъ накунад, ҳуқуқи воҷибаи ӯро ба иловаи маблағе дигар ба унвони сипосгузорӣ ба ӯ бипардозад:

وَمَتِّعُوهُنَّ عَلَى الْمُوسِعِ قَدَرُهُ وَعَلَى الْمُقْتِرِ قَدَرُهُ

(*Бақара/236*) ва улқаи заношӯиро поёнёфта эълом кунад.

Аммо агар ҷараёни табиии худро тай накунад, чӣ тавр? Яъне агар марде пайдо шавад, ки на сари зиндагӣ ва ҳусни муошарат ва ташкили конуни хонаводагии саодатмандона ва исломписандона дорад ва на занро озод мегузорад, ки дунболи кори худ биравад, ба иборати дигар: на ба вазоифи завҷият ва ҷалби назар ва ризояти зан тан медиҳад ва на ба талоқ ризоят медиҳад, дар инҷо чӣ бояд кард?

Талоқи табиӣ назири зоймони табиӣ аст, ки худ ба худ ҷараёни табиии худро тай мекунад. Аммо талоқ аз тарафи марде, ки на ба вазоифи худ амал мекунад ва на ба талоқ тан медиҳад, назири зоймони ғайри табиӣ аст, ки бо кӯмаки пизишк ва ҷарроҳ навзодро бояд берун овард.

## Оё баъзе издивоҷҳо саратон аст ва зан бояд бисӯзад ва бисозад?

Акнун бибинем ислом дар бораи ин гуна талоқҳо ва ин гуна мардон чӣ мегӯяд. Оё боз ҳам мегӯяд, кори талоқ сад дар сад баста ба назари мард аст ва агар чунин марде ба талоқ

ризоят надод, зан бояд бисӯзад ва бисозад ва ислом дастҳоро рӯйи якдигар мегузорад ва аз дур ин вазъи золимонаро тамошо мекунад?

Ақидаи бисёре ҳамин аст. Мегӯянд: аз назари ислом ин кор чорапазир нест. Ин як навъ саратон аст, ки аҳёнан афроде гирифтори он мешаванд ва чора надорад. Зан бояд бисӯзад ва бисозад, то тадриҷан шамъи ҳаёташ хомӯш шавад.

Ба ақидаи инҷониб, ин тарзи тафаккур бо усули мусалламии ислом тазодди қатъӣ дорад. Дине, ки ҳамвора дам аз адл мезанад, "қиём ба қист" яъне барқарории адолатро ба унвони як ҳадафи аслӣ ва асосии ҳамаи анбиё мешуморад –

لَقَدْ أَرْسَلْنا رُسُلَنا بِالْبَيِّناتِ وَأَنْزَلْنا مَعَهُمُ الْكِتابَ وَالْمِيزانَ لِيَقُومَ النّاسُ بِالْقِسْطِ

(*Ҳадид/25*) чӣ гуна мумкин аст барои чунин зулми фоҳиш ва возеҳе чораандешӣ накарда бошад?! Магар мумкин аст ислом қонунҳои худро ба сурате вазъ кунад, ки натиҷааш ин бошад, ки бечорае монанди як бемори саратонӣ ранҷ бикашад, то бимирад?!

Мӯҷиби таъассуф аст, ки бархе афрод бо ин ки иқрор ва эътироф доранд, ки ислом дини "адл" аст ва худро аз "адлия" мешуморанд, инчунин назар медиҳанд. Агар бино бишавад қонуни золимонаеро тахти унвони "саратон" ба ислом бибандем, монеъе нахоҳад буд, ки қонуни ситамгаронаи дигареро ба унвони "кузоз" (бемориe, ки аз сардӣ пайдо гардад = столбняк) ва қонуни дигареро ба баҳонаи "сил" ва қонуни дигареро ба унвони "фалаҷи аъсоб" ва қонунҳои ситамгаронаи дигареро ба баҳонаҳои дигар бипазирем.

Агар инчунин аст, пас асли "адл", ки рукни асосии тақнини исломӣ аст, куҷо рафт? "Қиём ба қист", ки ҳадафи анбиёст куҷо рафт?

Мегӯянд: саратон. Арз мекунам: бисёр хуб, саратон. Оё агар беморе дучори саратон шуд ва бо як амали содда бишавад саратонро амал кард, набояд фаврӣ иқдом кард ва ҷони беморро наҷот дод?

Зане, ки ба ҳамсарии марде барои зиндагӣ бо ӯ тан медиҳад ва баъд авзоъ ва аҳвол ба сурате дармеояд, ки он мард аз ихтиёроти худ суистифода мекунад ва аз талоқи зан на ба хотири зиндагӣ ва ҳамсарӣ, балки барои ин ки аз издивоҷиояндаи ӯ бо як шавҳари воқеӣ ва муносиб ҷилавгирӣ кунад ва ба таъбири Қуръон, ӯро "кал-муъаллақа" нигаҳ дорад, худдорӣ мекунад, ҳаққан чунин зане монанди як бемори саратонӣ гирифтор аст. Аммо ин саратон саратоне аст, ки ба суҳулат қобили амал аст. Бемор пас аз як амали содда шифои қатъӣ ва комили худро бозмеёбад. Ин гуна амал ва ҷарроҳӣ ба дасти ҳокимон ва қозиёни шаръии воҷиди шароит имконпазир аст.

Ҳамчунон ки дар мақолоти пеш ишора кардем, яке аз ду мушкили бузург дар ҷомеаи мо имтиноъҳое аст, ки бархе мардони ситамгар аз талоқ мекунанд ва аз ин роҳ ба номи дин ва ба баҳонаи дин ситами бузурге муртакиб мешаванд. Ин ситамгариҳо ба замимаи он тарзи тафаккури ғалат ба номи ислом ва дин, ки мегӯяд зан бояд ин гуна ситамҳоро ба унвони як саратони ғайриқобили илоҷ таҳаммул кунад, беш аз ҳар таблиғи суи дигар алайҳи ислом асар гузоштааст.

Бо ин ки баҳс дар ин матлаб ҷанбаи фаннӣ ва тахассусӣ дорад ва аз ҳудуди ин силсиламақолот хориҷ аст, лозим медонам андаке дар атрофи ин матлаб баҳс кунам, то бар бадбинон равшан кунам, ки он чи ислом мегӯяд, ғайри ин ҳарфҳост.

# Бунбастҳо

Ин гуна бунбастҳо мунҳасир ба масоили издивоҷ ва талоқ нест, дар мавориди дигар аз қабили масоили молӣ низ пеш меояд. Нахуст бибинем оё ислом дар ғайри мавриди издивоҷ ва талоқ бо ин бунбастҳо чӣ кардааст. Оё инҳоро ба сурати бунбаст ва ба сурати як падидаи чоранопазир пазируфтааст ё бунбастро аз миён бурда ва чора кардааст?

Фарз кунед, ду нафар аз роҳи ирс ё аз роҳи дигар, молики як колои ғайриқобили тақсим аз қабили як гавҳар ё як ангуштар ё автомобил ё тоблуи наққошӣ мешаванд ва ҳозир нестанд муштаракан аз он истифода кунанд ба ин ки гоҳе дар ихтиёри яке аз онҳо бошад ва гоҳе дар ихтиёри дигаре. Ҳеч кадом аз онҳо ҳам ҳозир нест саҳми худро ба дигаре бифурӯшад ва ҳеч гуна тавофуқи дигаре низ дар заминаи истифода аз он мол дар миёни онҳо сурат намегирад. Аз тарафе медонем тасарруфи ҳар як аз онҳо дар он мол мавқуф ба изн ва ризояти тарафи дигар аст. Дар ин гуна маворид чӣ бояд кард? Оё бояд он молро билоистифода гузошт ва мавзӯъро ба сурати як мушкилаи лоянҳал ва як ҳодисаи буғранҷи ғайри қобили илоҷ раҳо кард ё ин ки ислом барои ин гуна умур роҳи чора муайян кардааст?

Ҳақиқат ин аст, ки фиқҳи исломӣ ин масоилро ба сурати як мушкилаи лоянҳал намепазирад. Ҳаққи моликият ва асли тасаллут бар молро он ҷо, ки мунҷар ба беистифода мондани мол бошад, мӯҳтарам намешуморад. Дар ин гуна маворид ба хотири ҷилавгирӣ аз билоистифода мондани сарват, ба ҳокими шаръӣ ба унвони як амри иҷтимоӣ ва ё ба қозӣ ба унвони як масъалаи ихтилофӣ иҷоза медиҳад, ки алорағми лаҷоҷат ва имтиноъи соҳибон ҳуқуқ, тартиби саҳеҳе бидиҳанд. Масалан, моли мавриди назар иҷора дода шавад ва молулиҷора миёни онҳо тақсим шавад ва ё он мол фурӯхта шавад ва қимати он дар миёни онҳо қисмат бишавад. Ба ҳар ҳол вазифаи ҳоким ё қозӣ

аст, ки ба унвони “валии мумтанеъ” тартиби саҳеҳе ба ин кор бидиҳад. Ҳеч зарурате надорад, ки соҳибони аслии мол ризоят бидиҳанд ё надиҳанд.

Чаро дар ин гуна маворид риояти ҳаққи моликият, ки як ҳаққи қонунӣ аст намешавад? Барои ин ки асли дигаре дар кор аст: асли ҷилавгирӣ аз зойеъ шудан ва билоистифода мондани мол. Риояти моликият ва тасаллути соҳибони мол то он ҷо лозим аст, ки мунҷар ба рукуд ва таътил ва билоистифода мондани молу сарват нашавад.

Фарз кунед, моли мавриди ихтилоф гавҳар ё шамшер ё чизи дигаре аз ин қабил аст ва ҳеч як аз онҳо ҳозир нест саҳми худро ба дигаре бифурӯшад, аммо ҳар ду нафар ҳозиранд онро дуним кунанд ва ҳар кадом ниме аз онро бибарад, яъне кори лаҷоҷатро ба онҷо кашондаанд, ки тавофуқ кардаанд он молро аз арзиш биандозанд. Бадеҳӣ аст гавҳар ё шамшер ё автомобиле, ки дуним бишавад аз арзиш меафтад. Оё ислом иҷоза медиҳад? Хайр! Чаро? Чун тазйеъи мол аст.

Аллома Ҳиллӣ, аз бузургони дараҷаи аввали фуқаҳои ислом мегӯяд: агар онҳо бихоҳанд чунин коре бикунанд, ҳоким бояд ҷилави онҳоро бигирад. Тавофуқи соҳибони сарват кофӣ нест, ки ба онҳо иҷозаи чунин коре дода шавад.

## Бунбасти талоқ

Акнун бибинем дар масъалаи талоқ чӣ бояд кард. Агар марде сари носозгорӣ дорад, ҳуқуқ ва вазоиферо, ки ислом бар ӯҳдаи ӯ гузоштааст, ки баъзе молӣ аст (нафақот) ва баъзе ахлоқӣ аст (ҳусни муошарат) ва баъзе марбут ба амри ҷинсӣ аст (ҳаққи ҳамхобагӣ ва омезиш) анҷом намедиҳад, хоҳ ҳеч як аз ин ҳуқуқ ва вазоифро адо накунад ё баъзе аз онҳоро, дар айни ҳол ҳозир ҳам нест занро талоқ диҳад; дар инҷо чӣ бояд кард? Оё асли лозим ва мавриди аҳаммияте аз назари ислом вуҷуд дорад, ки ислом ба ҳоким ё қозии шаръӣ иҷозаи мудохила бидиҳад (ҳамон тавре, ки дар мавриди амвол чунин иҷозае медиҳад) ё чунин асле вуҷуд надорад?

## Назари Оятуллоҳ Ҳиллӣ

Ман дар инҷо риштаи суханро ба дасти яке аз фуқаҳои тирози аввали асри ҳозир, Оятуллоҳ Ҳиллӣ, муқими Наҷафи Ашраф медиҳам. Муаззамун лаҳ дар рисолае ба номи “Ҳуқукуз-завҷия” дар бораи ин матлаб назар додаанд.

Хулосаи назарияи эшон дар он чи марбут ба ҳуқуқи зан ва имтиноъи мард аст ин аст: “Издивоҷ паймони муқаддасе аст. Дар айни ҳол навъе ширкат миёни ду инсон аст ва як силсила таъаҳҳудот барои тарафайн ба вуҷуд меоварад. Танҳо бо анҷоми он таъаҳҳудот

аст, ки саодати тарафайн таъмин мегардад. Ба илова, саодати иҷтимоъ низ бастагӣ дорад ба саодати онҳо ва анҷом ёфтани таъаҳҳудоти онҳо дар баробари якдигар.

Ҳуқуқи умдаи завҷа иборат аст аз нафақа ва кисва, ҳаққи ҳамхобагӣ ва заношӯӣ, ҳусни муошарати ахлоқӣ.

Агар мард аз анҷоми таъаҳҳудоти худ нисбат ба зан шона холӣ кунад ва аз талоқ низ худдорӣ кунад, таклифи зан чист ва чӣ гуна бояд бо мард муқобила шавад?

Дар инҷо ду роҳ фарз мешавад: яке ин ки ҳокими шаръӣ ҳаққи дахолат дошта бошад ва бо иҷрои талоқ корро яксара кунад, дигар ин ки зан низ ба навбаи худ аз анҷоми таъаҳҳудоти худ дар баробари мард худдорӣ намояд.

Аммо аз нуқта назари аввал яъне дахолати ҳокими шаръӣ, бибинем рӯйи чӣ асл ва чӣ муҷаввизе ҳокими шаръӣ дар ин гуна маворид ҳаққи дахолат дорад.

Қуръони Карим дар сураи Бақара чунин мефармояд:

الطَّلاقُ مَرَّتانِ فَإِمْساكٌ بِمَعْرُوفٍ أَوْ تَسْرِيحٌ بِإِحْسانٍ

(*Бақара/229*) Яъне ҳаққи талоқ (ва руҷӯъ) ду навбат беш нест. Аз он пас ё нигаҳдорӣ ба шоистагӣ ва ё раҳо кардан ба некӣ.

Ва боз дар сураи Бақара мефармояд:

وَإِذا طَلَّقْتُمُ النِّساءَ فَبَلَغْنَ أَجَلَهُنَّ فَأَمْسِكُوهُنَّ بِمَعْرُوفٍ أَوْ سَرِّحُوهُنَّ بِمَعْرُوفٍ وَلا تُمْسِكُوهُنَّ ضِراراً لِتَعْتَدُوا وَمَنْ يَفْعَلْ ذلِكَ فَقَدْ ظَلَمَ نَفْسَهُ

(*Бақара/231*) Яъне ҳар гоҳ занонро талоқ додед ва мавқеъи ъиддаи онҳо расид, ё аз онҳо ба хубӣ нигаҳдорӣ кунед ва ё ба хубӣ ҷилавашонро боз бигузоред. Мабодо барои ин ки ба онҳо ситам кунед, онҳоро ба шакли зиёноваре нигаҳдорӣ кунед. Ҳар ки чунин кунад, бояд бидонад, ки ба хештан ситам кардааст.

Аз ин оятҳо як асли куллӣ истифода мешавад ва он ин ки: ҳар марде дар зиндагии хонаводагӣ яке аз ду роҳро бояд интихоб кунад: ё тамоми ҳуқуқ ва вазоифро ба хубӣ ва шоистагӣ анҷом диҳад (имсок ба маъруф, нигаҳдорӣ ба шоистагӣ) ва ё улқаи завҷиятро қатъ ва занро раҳо намояд (тасреҳ ба эҳсон, раҳо кардан ба некӣ). Шиққи севвум яъне ин ки занро талоқ надиҳад ва ба хубӣ ва шоистагӣ ҳам аз ӯ нигаҳдорӣ накунад, аз назари ислом вуҷуд надорад. Ҷумлаи:

وَلا تُمْسِكُوهُنَّ ضِراراً لِتَعْتَدُوا

— ҳамон шиққи севвумро нафй мекунад. Ва баъид нест, ки ҷумлаи фавқ мафҳуми аъамме дошта бошад; ҳам шомили мавориде бишавад, ки завҷ амдан ва тақсиран

зиндагиро бар зан сахт ва зиёновар мекунад ва ҳам шомили мавориде бишавад, ки ҳарчанд завҷ тақсир ва амде надорад, вале ба ҳар ҳол нигаҳдории зан ҷуз зиён ва зарар барои зан чизе нест.

Ин оятҳо ҳарчанд дар мавриди ъидда ва руҷӯъ ва адами руҷӯъи мард ворид шуда ва таклифи мардро равшан мекунад, ки руҷӯъи ӯ бояд бар пояи асосӣ бошад; ба хотири ин бошад, ки бихоҳад аз зан ба шоистагӣ нигаҳдорӣ кунад, на ба хотири ин ки бихоҳад зани бечораро азият кунад, аммо ихтисос ба ин маврид надорад; як асли куллӣ аст ва ҳуқуқи завҷиятро дар ҳама вақт ва ҳама ҳол баён мекунад, яъне завҷ ба таври куллӣ дар зиндагӣ бояд яке аз ду роҳи гузаштаро интихоб кунад ва роҳи севвуме барояш вуҷуд надорад.

Баъзе аз фуқаҳо аз ҳамин ҷо дучори лағзиш шуда, хаёл кардаанд, ин оятҳо махсуси мардоне аст, ки мехоҳанд дар ъидда руҷӯъ кунанд. Хайр! Ин оятҳо таклифи ҳамаи мардонро дар ҳар ҳол дар баробари ҳамсарашон равшан мекунад. Далели мо бар ин матлаб, гузашта аз сиёқи оятҳо ин аст, ки имомони атҳор ба ин оятҳо дар ғайри мавриди ъидда низ истидлол ва истишҳод кардаанд, мисли ин ки Имом Боқир алайҳис салом фармуд: илокунанда (яъне касе, ки қасам мехӯрад, ки бо зани худ наздикӣ накунад) пас аз чаҳор моҳ иҷборан бояд қасами худро бишканад ва каффора бидиҳад ва ё зани худро талоқ диҳад, зеро Худованд мефармояд:

فَإِمْساكٌ بِمَعْرُوفٍ أَوْ تَسْرِيحٌ بِإِحْسانٍ

Имом Содиқ дар мавриди марде, ки ба марди дигар ваколат дода буд, ки зане барои ӯ ақд кунад ва аз ҷониби ӯ маҳр муайян кунад ва вакил ин корро кард, аммо муваккал ваколати худро инкор кард, имом фармуд: бар он зан ҳараҷе нест, ки барои худ шавҳари дигаре интихоб кунад. Аммо агар он мард воқеан ваколат дода ва ақде, ки сурат гирифтааст аз рӯйи ваколат будааст, бар ӯ воҷиб аст фӣ мобайнаҳ ва байналлоҳ ин занро талоқ бидиҳад, набояд ин занро билоталоқ бигузорад, зеро Худованд дар Қуръон мефармояд:

فَإِمْساكٌ بِمَعْرُوفٍ أَوْ تَسْرِيحٌ بِإِحْسانٍ

Пас маълум мешавад имомони атҳор ин оятро як асли куллӣ медонанд, ихтисос ба мавриди хосс надорад.

Ҳокими шаръӣ он ҷо, ки мард на ба вазоифи завҷият амал мекунад ва на талоқ медиҳад, бояд завҷро эҳзор кунад. Аввал ба ӯ таклифи талоқ кунад. Агар талоқ надод, худи ҳоким талоқ медиҳад. Имом Содиқ дар ривояте, ки Абӯбасир аз он ҳазрат нақл кардааст, фармуд: ҳар кас зане дорад ва ӯро намепӯшонад ва нафақаи ӯро намепардозад, бар пешвои мусалмонон лозим аст, ки онҳоро (ба василаи талоқ) аз якдигар ҷудо кунад.“

Ин буд хулосаи бисёр мухтасаре аз назарияи як фақеҳи тирози аввали асри ҳозир. Ҳар кас, ки тафсили бештаре бихоҳад, бояд ба рисолаи “Ҳуқуқуз-завҷия” аз тақрироти дарси муаззамун лаҳ мурочеа кунад.

Чунонки мулоҳиза фармудед, ҷумлаи:

فَإِمْساكٌ بِمَعْرُوفٍ أَوْ تَسْرِيحٌ بِإِحْسانٍ

— як асл ва қоъидаи куллӣ аст, ки Қуръони Карим дар чаҳорчӯби он, ҳуқуқи завҷиятро муқаррар доштааст. Бинобар ин ислом ба ҳукми ин асл ва ба хусус ба мӯҷиби таъкиде, ки бо ҷумлаи:

وَلا تُمْسِكُوهُنَّ ضِراراً لِتَعْتَدُوا

— фармудааст, ба ҳеч ваҷҳ иҷоза намедиҳад, ки мард аз Худо бехабаре аз ихтиёроти худ суистифода кунад ва занеро на ба хотири зиндагӣ бо ӯ, балки ба хотири дар мазиқа қарор додани ӯ ва ҷилавгирии ӯ аз издивоҷ бо марди дигар, дар қайди издивоҷ нигаҳ дорад.

## Шавоҳид ва далоили дигар

Илова бар шавоҳид ва далоиле, ки дар рисолаи “Ҳуқуқуз-завҷия” зикр шудааст, шавоҳид ва далоили зиёдтари дигаре ҳаст, ки мерасонад ҷумлаи:

فَإِمْساكٌ بِمَعْرُوفٍ أَوْ تَسْرِيحٌ بِإِحْسانٍ

— аз назари ислом як асли куллӣ аст ва ҳуқуқи завҷият бояд дар чаҳорчӯби он риоят шавад. Ҳар чи инсон бештар дар атроф ва ҷавониби ин матлаб мутолеа мекунад, онро равшантар меёбад ва бештар ба истеҳкоми муқаррароти дини мубини ислом пай мебарад.

Дар “Кофӣ”, ҷилди 5, сафҳаи 502 аз Имом Содиқ ривоят мекунад, ки фармуд:

إِذا أَرادَ الرَّجُلُ أَنْ يَتَزَوَّجَ الْمَرْأَةَ فَلْيَقُلْ: أَقْرَرْتُ بِالْمِيثاقِ الَّذِي أَخَذَ اللهُ: إِمْساكٌ بِمَعْرُوفٍ أَوْ تَسْرِيحٌ بِإِحْسانٍ

Яъне вақте, ки марде мехоҳад издивоҷ кунад, бигӯяд: эътироф мекунам ба паймоне, ки Худованд аз ман гирифтааст ва он ин ки занро ба шоистагӣ нигаҳдорӣ кунам ва ё ба некӣ талоқ диҳам.

Дар ояти 21 аз сураи Нисо мефармояд:

وَكَيْفَ تَأْخُذُونَهُ وَقَدْ أَفْضى بَعْضُكُمْ إِلى بَعْضٍ وَأَخَذْنَ مِنْكُمْ مِيثاقاً غَلِيظاً

Яъне чӣ гуна маҳре, ки ба занон додаед (бо зӯр ва бо дар мазиқа қарор додан) аз онҳо мегиред? Ва ҳол он ки ба якдигар расида ва аз якдигар ком гирифтаед ва занон аз шумо паймони устувор ва шадиде гирифтаанд.

Муфассирони шиъа ва суннӣ эътироф доранд, ки мақсуд аз “паймони устувор ва шадид” ҳамон паймони Худост, ки Худованд бо ҷумлаи:

فَإِمْساكٌ بِمَعْرُوفٍ أَوْ تَسْرِيحٌ بِإِحْسانٍ

— аз мардон гирифтааст, яъне ҳамон паймоне, ки Имом Содиқ алайҳис салом фармуд: мард ҳангоми издивоҷ бояд бад-он эътироф ва иқрор кунад, ки занро ба шоистагӣ нигаҳдорӣ кунад ва ё ба некӣ раҳо намояд.

Пайғамбари Акрам ҷумлаи маъруфе дорад, ки дар ҳаҷҷатудвидоъ фармуд ва шиъа ва суннӣ онро нақл кардаанд. Пайғамбари Акрам фармуд:

إِتَّقُوا اللّهَ فِي النِّساءِ فَإِنَّكُمْ أَخَذْتُمُوهُنَّ بِأَمانَةِ اللّهِ وَاسْتَحْلَلْتُمْ فُروجَهُنَّ بِكَلِمَةِ اللّهِ

Яъне айюҳаннос! Дар мавриди занон, Худоро дар назар бигиред ва аз ӯ битарсед. Шумо онҳоро ба унвони амонати Худо назди худ бурдаед ва исмати онҳоро бо “калимаи Худо” бар худ ҳалол кардаед.

Ибни Асир дар китоби “Аннихоя” менависад:

“Мақсуд аз “калимаи Худо”, ки Пайғамбари Акрам фармуд ба мӯҷиби он исмати занон бар мардон ҳалол мешавад, ҳамон аст, ки бо ин ҷумла дар Қуръон адо шуда:

فَإِمْساكٌ بِمَعْرُوفٍ أَوْ تَسْرِيحٌ بِإِحْسانٍ

## Назари Шайхуттоифа (Шайх Тӯсӣ)

Шайх Тӯсӣ дар китоби “Хилоф”, ҷилди 2, сафҳаи 185 пас аз он ки дар бораи “ъунна” яъне нотавони ҷинсӣ назар медиҳад ва мегӯяд: пас аз он ки собит шуд, ки мард “ъанин” аст, зан хиёри фасх дорад, мегӯяд: иҷмоъи фуқаҳо бар ин матлаб аст. Он гоҳ мегӯяд: ва низ ба ин оят истидлол шудааст:

فَإِمْساكٌ بِمَعْرُوفٍ أَوْ تَسْرِيحٌ بِإِحْسانٍ

Ъанин чун қодир нест аз зан ба хубӣ ва шоистагӣ нигаҳдорӣ кунад, пас бояд ӯро раҳо намояд.

Аз маҷмӯъи инҳо ба хубӣ ва ба сурати қотеъ метавон фаҳмид, ки ислом ҳаргиз ба марди зӯргӯ иҷоза намедиҳад, ки аз ҳаққи талоқ суистифода кунад ва занро ба унвони як маҳбус нигаҳдорӣ кунад.

Вале аз он чи гуфта шуд набояд чунин истифода шавад, ки ҳар касе, ки номи қозӣ рӯйи худ гузошта ҳаққи мудохила дар ин гуна масоил дорад. Қозӣ аз назари ислом шароити сахту сангине дорад, ки акнун ҷойи баҳс дар он нест.

Матлаби дигаре, ки бояд ба он таваҷҷӯҳ дошта бошем ин аст, ки талоқи қазоӣ аз назари ислом — бо он ҳама инояте, ки ислом дар ибқои конуни хонаводагӣ дорад — хеле истисноан ва нодирулвуҷуд сурат мегирад. Ислом ба ҳеч ваҷҳ иҷоза намедиҳад, ки талоқ ба он сурате дарояд, ки дар Омрико ва Урупо вуҷуд дорад ва намунаашро мураттаб дар рӯзномаҳо мехонем, масалан зане аз шавҳари худаш шикоят ва тақозои талоқ мекунад ба хотири ин ки филме, ки ман дӯст дорам, ӯ дӯст надорад ё фи-фии саги азизамро намебӯсад ва аз ин қабил масоили масхара, ки мазҳари суқути башарият аст.

Хонандаи мӯҳтарам аз он чи дар ин чанд мақола гуфтем, зимнан ба мафҳуми матлабе, ки дар мақолаи 21 гуфтем пай бурд. Мо дар он мақола панҷ назария дар бораи талоқ зикр кардем, ба ин тартиб:

1. Беаҳаммиятии талоқ ва бардоштани ҳамаи қайдҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ аз ҷилави он;

2. Абадияти ҳамаи издивоҷҳо ва ҷилавгирӣ аз талоқ ба таври куллӣ (назарияи калисои католик);

3. Издивоҷ аз тарафи мард қобили инҳилол ва аз тарафи зан ба ҳеч ваҷҳ қобили инҳилол набошад;

4. Издивоҷ, ҳам аз тарафи мард ва ҳам аз тарафи зан дар шароити хоссе қобили инҳилол бошад ва роҳе, ки барои ҳар як аз зану мард қарор дода мешавад, як ҷур ва ҳамонанд бошад (назарияи муддаиёни тасовии ҳуқуқ);

5. Роҳи талоқ ҳамон тавре, ки барои мард боз аст, барои зан низ баста нест, аммо дари хуруҷии мард бо дар хуруҷии зан дутост.

Дар он мақола гуфтем, ки ислом назари панҷумро таъйид мекунад. Аз он чи дар мавриди шарти зимнулъақд ва ҳам дар мавриди талоқи қазоӣ гуфтем, маълум шуд, ки ислом ҳарчанд талоқро ба сурати як ҳаққи табиӣ барои зан намешиносад, аммо роҳро ба куллӣ бар ӯ набастааст ва дарҳои хуруҷии махсусе барои зан боз гузоштааст.

Дар бораи талоқи қазоӣ беш аз инҳо метавон баҳс кард, хусусан бо таваҷҷӯҳ ба ақоиде, ки имомон ва фуқаҳои соири мизоҳиби исломӣ доранд ва амале, ки дар соири кишварҳои исломӣ бар тибқи онҳо мешавад, аммо мо ҳамин қадрро барои ин мақолот кофӣ медонем.

# Бахши даҳум: Таъаддуди завҷот

** Анвоъи чандҳамсарӣ дар таърихи зиндагии инсон*

** Ислом се навъ аз чаҳор навъи заношӯии ҷоҳилиятро лағв кард*

** Коммунизми ҷинсӣ ва чандшавҳарӣ*

** Чаро чандшавҳарӣ шикаст хӯрд ва чандзанӣ ривоҷ ёфт?*

** Барои зан, бар хилофи мард, унсури маънавии заношӯӣ беш аз унсури моддӣ аҳаммият дорад*

** Таъаддуди завҷот ҷузъи ҳуқуқи зан аст, на ҳуқуқи мард*

** Илали таърихии таъаддуди завҷот*

** Оё таъаддуди завҷот зоидаи обуҳавои Машриқзамин аст?*

** Чандҳамсарии форми ғарбӣ ва чандҳамсарии фирми шарқӣ*

** Иллати марсум нашудани таъаддуди завҷот дар Мағрибзамин, ривоҷи фаҳшо буда, на муқаррароти дини Масеҳ*

** Мард аз назари таъаддуди завҷот гоҳе зӯргӯӣ карда, гоҳе муҷаввизи ҳуқуқӣ дошта, гоҳе адокунандаи ҳаққи зан будааст*

** Ҳаққи зан дар чандҳамсарӣ*

** Омору арқом сухан мегӯянд*

** Ҳамеша рақами зани омода барои издивоҷ, аз рақами марди омода барои издивоҷ фузунӣ дорад, чаро?*

** Эъломияи ҳуқуқи башар дар бораи яке аз бузургтарин ҳуқуқи инсони сукут кардааст*

** Ба фатвои мардуми Англистон, агар "ҳавуи зан" ришу сабил дошта бошад, чандҳамсарӣ монеъе надорад*

** Оё табиати мард чандҳамсарӣ аст?*

** Мегӯянд, мард қонунан такҳамсар бошад ва амалан чандҳамсар*

** Омилҳои хиёнати мардро муҳити фосид ба вуҷуд меоварад, на табиати зотии ӯ*

** Марди қарни 20-ум муваффақ шуда аз таъаҳҳудоти худ нисбат ба зан бикоҳад ва бар комгириҳои худ биафзояд*

** Бӯҳроне, ки занони аз шавҳармонда эҷод мекунанд, аз ҳар бӯҳроне хатарноктар аст*

** Ишколот ва айбҳои чандҳамсарӣ:*

*1) Ба ақидаи аксари мардон, Худо яке, зан яке;*

*2) Ишқ ва эҳсосот қобили тақсим ва ҷирабандӣ нест;*

*3) Чандҳамсарӣ муҳити хонаводагиро, ки бояд илҳомбахши меҳр ва некӣ бошад, ба майдони ҷанг табдил мекунад;*

*4) Мард чӣ гуна манофеъи заношӯии худро, ки як бор фурӯхта, бори дигар мефурӯшад?*

** Нақши ислом дар масъалаи чандҳамсарӣ*

** Ислом чандҳамсариро, ҳам маҳдуд кард ва ҳам машрут*

** Шарти молӣ ва ҷисмӣ дар таъаддуди завҷот*

** Илали танаффури марди имрӯз аз чандҳамсарӣ*

** Он чи ҷойи чандҳамсариро дар ин қарн пур карда, "гуноҳ" аст, на "вафо"*

## Таъаддуди завҷот

Якҳамсарӣ, табиитарин форми заношуиӣ аст. Дар якҳамсарӣ руҳи ихтисос яъне моликияти фардӣ ва хусусӣ — ки албатта бо моликияти хусусии сарват мутафовит аст — ҳукмфармост. Дар якҳамсарӣ ҳар як аз зану шавҳар эҳсосот ва авотиф ва манофеъи ҷинсии дигариро "аз они" худ ва махсуси шахси худ медонад.

Нуқтаи муқобили якҳамсарӣ чандҳамсарӣ ё завҷияти иштирокӣ аст. Чандҳамсарӣ ё завҷияти иштирокӣ ба чанд шакл мумкин аст фарз шавад.

## Коммунизми ҷинсӣ

Яке ин ки ихтисос дар ҳеҷ тараф вуҷуд надошта бошад; на мард ба зани муайян ихтисос дошта бошад ва на зан махсуси марди муайян бошад. Ин фарз ҳамон аст, ки аз он ба

“коммунизми ҷинсӣ” таъбир мешавад. Коммунизми ҷинсӣ мусовӣ аст бо нафйи зиндагии хонаводагӣ. Таърих ва ҳатто фарзиёти марбут ба моқабли таърих, давраеро нишон намедиҳад, ки дар он давра, башар ба куллӣ фоқиди зиндагии хонаводагӣ буда ва коммунизми ҷинсӣ бар он ҳоким будааст. Он чиро ба ин ном хондаанд ва муддаӣ ҳастанд, ки дар миёни баъзе аз мардумони ваҳшӣ вуҷуд дошта, ҳолате мутавассит буда миёни зиндагии ихтисосии хонаводагӣ ва коммунизми ҷинсӣ. Мегӯянд, дар баъзе қабоил чанд бародар муштаракан бо чанд хоҳар издивоҷ мекардаанд ё гурӯҳе аз мардони як тоифа билиштирок бо гурӯҳе аз занони тоифаи дигар издивоҷ мекардаанд.

Уилям Дюрант дар ҷилди аввали “Таърихи тамаддун”, сафҳаи 60 мегӯяд:

“*Дар баъзе нуқот, издивоҷ ба сурати дастаҷамъӣ сурат мепазируфта ба ин маънӣ, ки гурӯҳе аз мардони як тоифа гурӯҳе аз занони тоифаи дигарро ба занӣ мегирифтаанд. Дар Тибет масалан одат бар он будааст, ки чанд бародар чанд хоҳарро ба теъдоди худ ба ҳамсарӣ ихтиёр мекардаанд ба тавре, ки ҳеч маълум набуд кадом хоҳар зани кадом бародар аст ва як навъ коммунизм дар заношӯӣ вуҷуд дошта ва ҳар мард бо ҳар зан, ки мехоста ҳамхоба мешудааст. Сезор ба одати мушобеҳе дар миёни мардуми қадими Англистон ишора кардааст. Аз боқимондаҳои ин ҳаводис одати ҳамсарӣ бо зани бародар пас аз марги бародарро бояд шумурд, ки дар миёни қавми яҳуд ва ақвоми дигари қадим шойеъ будааст.*”

## Назарияи Афлотун

Ончунонки аз китоби “Ҷумҳурият”-и Афлотун бармеояд ва умуми муаррихон онро таъйид мекунанд, Афлотун дар назарияи “ҳокимони файласуф ва файласуфони ҳоким”-и худ барои ин табақа иштироки хонаводагиро пешниҳод мекунад ва чунонки медонем, бархе аз раҳбарони коммунизм дар қарни 19 низ инчунин пешниҳоде намуданд, вале бино ба нақли китоби Фрейд ва таҳрими заношӯӣ бо маҳорим дар асари таҷрибаи талх ва фаровон, дар соли 1938 аз тарафи бархе аз кишварҳои нерӯманди коммунистӣ қонуни якҳамсарӣ ягона қонуни расмӣ шинохта шуд.

# Чандшавҳарӣ

Шакли дигари чандҳамсарӣ чандшавҳарӣ аст, яъне ин ки як зан дар они воҳид беш аз як шавҳар дошта бошад. Уилям Дюрант мегӯяд: “*Ин кайфият дар қабилаи Тода ва баъзе аз қабоили Тибет қобили мушоҳида аст*”.

Дар Саҳеҳи Бухорӣ аз Оиша нақл мекунад, ки: “*Дар ҷоҳилияти араб чаҳор навъ заношӯӣ вуҷуд доштааст. Як навъ ҳамон аст, ки имрӯз маъмул ва ҷорӣ аст, ки марде ба василаи падари духтар, аз духтар хостгорӣ мекунад ва пас аз таъйини маҳр, бо ӯ издивоҷ мекунад ва фарзанде, ки аз он духтар пайдо мешавад, аз лиҳози таъйини падар таклифи равшане дорад. Навъи дигар ин буда, ки марде дар хилоли айёми заношӯӣ бо зане, худ василаи заношӯии ӯро бо марди дигаре барои як муддати маҳдуд фароҳам мекардааст, то аз ӯ барои худ насли беҳтаре ба вуҷуд оварад, ба ин тартиб, ки он мард аз зани худ канорагирӣ мекард ва зани худро тавсия мекард, ки худро дар ихтиёри фалон шахси муайян бигузорад ва то вақте, ки аз он мард обистан намешуд, ба канорагирии худаш идома медод. Ҳамин ки равшан мешуд обистан шуда, бо ӯ наздики мекард. Ин корро дар мавриди касоне мекарданд, ки онҳоро барои тавлиди фарзанд, аз худ шоистатар медонистанд. Ва дар ҳақиқат ин корро барои беҳбуди насл ва ислоҳи нажод анҷом медоданд. Ин навъ заношӯиро — ки дар воқеъ заношӯӣ дар хилоли айёми заношӯии дигар буд — “никоҳи истибзо” меномиданд. Навъи дигари заношӯӣ ин буд: гурӯҳе, ки иддаашон камтар аз даҳ нафар мебуд, бо як зани муайян робита барқарор мекарданд. Он зан обистан мешуд ва фарзанде ба дунё меовард. Дар ин вақт он зан ҳамаи он гурӯҳро назди худ даъват мекард ва тибқи одат ва расми он замон, он мардон наметавонистанд аз омадан сарпечӣ кунанд; ҳама меомаданд. Дар ин ҳангом он зан ҳар кадом аз он мардонро, ки худ моил буд ба унвони падар барои фарзанди худ интихоб мекард ва он мард ҳақ надошт аз қабули он фарзанд имтиноъ*

*кунад. Ба ин тартиб он фарзанд фарзанди расмӣ ва қонунии он мард маҳсуб мешуд.*

*Навъи чаҳорум ин буд, ки зане расман унвони "руспигирӣ" дошт. Ҳар марде — бидуни истисно — метавонист бо ӯ робита дошта бошад. Ингуна занон маъмулан парчаме болои хонаи худ мезаданд ва бо он аломат шинохта мешуданд. Инчунин занон пас аз он ки фарзандоне ба дунё меоварданд, ҳамаи мардонеро, ки бо онҳо иртибот доштанд ҷамъ мекарданд ва он гоҳ коҳин ва қиёфашинос меоварданд.*

*Қиёфашинос аз рӯйи мушаххасоти қиёфа раъй медод, ки ин фарзанд аз они кист ва он мард ҳам маҷбур буд назари қиёфашиносро бипазирад ва он фарзандро фарзанди расмӣ ва қонунии худ бидонад.*

*Ҳамаи ин заношӯиҳо дар ҷоҳилият вуҷуд дошт, то Худованд Муҳаммад Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳиро ба пайғамбарӣ баргузид ва ӯ ҳамаи онҳоро ҷуз он чи акнун маъмул аст, аз миён бурд.*"

Аз инҷо маълум мешавад, ки расми чандшавҳарӣ дар ҷоҳилияти араб вуҷуд доштааст.

Монтескё дар "Руҳул-қавонин" мегӯяд: "*Абуззаҳир ал-Ҳасан, ҷаҳонгарди араб, дар қарни нӯҳуми меродӣ, ки ба Ҳиндустон ва Чин рафт, ин расмро (чандшавҳариро) мушоҳида кард ва онро далел бар фаҳшо шумурд.*"

Ва ҳам ӯ (Монтескё) менависад:

"*Дар савоҳили Малабара қабилае ба номи қабилаи Наир зиндагӣ мекунанд. Мардони ин қабила наметавонанд беш аз як зан бигиранд, дар сурате, ки занҳои онҳо метавонанд шавҳарҳои мутаъаддиде интихоб кунанд. Ба ақидаи ман, иллати вазъи ин қонун ин аст, ки мардони қабилаи Наир силаҳшӯртарини қабоил мебошанд ва ба воситаи асолате, ки доранд ҳирфаи ҷанг бо онҳост ва ҳамон тавре, ки мо дар Урупо сарбозонро аз издивоҷ манъ мекунем, то алоиқи заношӯӣ монеъ аз анҷоми ҳирфаи сарбозии онҳо нашавад, қабоили Малабара ҳам саъй кардаанд ҳатталмақдур мардони қабилаи Наирро аз алоиқи хонаводагӣ*

*муъоф доранд. Ва чун ба воситаи гармии обуҳаво мумкин намешуд мутлақан ононро аз издивоҷ мумонаъат кунанд, аз ин рӯ муқаррар доштаанд чанд мард дорои як зан бошанд, то алоқаи хонаводагии онҳо суст бошад ва монеъи анҷоми ҳирфаи ҷангии онҳо нашавад.*"

## Ишколи чандшавҳарӣ

Ишколи умда ва асосӣ, ки чандшавҳарӣ ба вуҷуд меоварад ва ҳамон бештар сабаб шуда, ки ин расм амалан муваффақияте надошта бошад, иштибоҳи ансоб аст. Дар ин навъ заношӯӣ робитаи падар бо фарзанд амалан номушаххас аст, ҳамчунон ки дар коммунизми ҷинсӣ низ робитаи падарон бо фарзандон номушаххас аст ва ҳамон тавре, ки коммунизми ҷинсӣ натавонист барои худ ҷо боз кунад, чандшавҳарӣ низ натавонист мавриди пазириши як иҷтимоъи воқеӣ буда бошад, зеро ҳамчунон ки дар яке аз мақолоти гузашта гуфтем, зиндагии хонаводагӣ ва таъсиси ошёна барои насли оянда ва иртиботи қатъӣ миёни насли гузашта ва оянда, хостаи ғаризаи табиати башар аст. Ин ки аҳёнан ва истисноан дар миёни баъзе тавоифи башарӣ чандшавҳарӣ вуҷуд пайдо кардааст, далел намешавад, ки ташкили оилаи ихтисосӣ хостаи табиати мард нест, ҳамон тавре, ки интихоби таҷарруд ва парҳез аз зиндагии заношӯӣ аз тарафи иддае аз мардон ё занон сирфан далел бар навъе инҳироф аст ва далел намешавад, ки башар табъан хоҳони зиндагии заношӯӣ намебошад. Чандшавҳарӣ на танҳо бо табиати инҳисорталабӣ ва фарзанддӯстии мард номувофиқ аст, бо табиати зан низ мухолифат дорад. Таҳқиқоти равоншиносӣ собит кардааст, ки зан беш аз мард хоҳони якҳамсарӣ аст.

## Таъаддуди завҷот

Шакли дигар ва навъи дигари чандҳамсарӣ, чандзанӣ ё таъаддуди завҷот аст. Чандзанӣ ё таъаддуди завҷот бар хилофи чандшавҳарӣ ва коммунизми ҷинсӣ, ривоҷ ва муваффақияти бештаре доштааст; на танҳо дар миёни қабоили ваҳшӣ вуҷуд доштааст, бисёре аз милали мутамаддин низ онро пазируфтаанд. Гузашта аз араби ҷоҳилият, дар миёни қавми яҳуд ва миллати Эрон дар замони Сосониён ва баъзе милали дигар ин расм ва қонун вуҷуд доштааст. Монтескё мегӯяд: "*Дар қонуни малаӣ гирифтани се зан муҷоз буд*". Ва ҳам ӯ мегӯяд: "*Валентин, императори Рум, ба иллатҳо ва ҷиҳоти махсус иҷоза дод, мардҳо чандин зан бигиранд, вале чун ин қонун*

*бо обуҳавои Урупо муносиб набуд, аз тарафи соири императорони Рум мисли Феодор ва Акардий ва Монорий лағв гардид.*”

## Ислом ва таъаддуди завҷот

Ислом чандзаниро бар хилофи чандшавҳарӣ ба куллӣ насх ва лағв накард, балки онро муҳаддад ва муқайяд, яъне аз тарафе номаҳдудиро аз миён бурд ва барои он ҳадди аксар қоил шуд, ки чаҳортост ва аз тарафи дигар барои он қайдҳо ва шароите қарор дод ва ба ҳар кас иҷоза надод, ки ҳамсарони мутаъаддид интихоб кунад. Дар оянда дар бораи он қайдҳо ва шароит ва ҳамчунин дар бораи ин ки чаро ислом чандзаниро ба куллӣ лағв накард баҳс хоҳем кард.

Аҷиб ин аст, ки дар қуруни вусто аз ҷумла таблиғоте, ки ба зидди ислом мекарданд ин буд, ки мегуфтанд, пайғамбари ислом барои аввалин бор расми таъаддуди завҷотро дар ҷаҳон ихтироъ кард. Ва муддаӣ буданд, шолудаи ислом таъаддуди завҷот аст ва иллати пешрафти сареъи ислом дар миёни ақвом ва милали гуногун иҷозаи таъаддуди завҷот аст. Ва ҳам иддао мекарданд, ки иллати инҳитоти Машриқзамин низ таъаддуди завҷот аст.

Уилям Дюрант дар ҷилди аввали “Таърихи тамаддун”, сафҳаи 61 мегӯяд:

“*Уламои динӣ дар қуруни вусто чунин тасаввур мекарданд, ки таъаддуди завҷот аз ибтикороти пайғамбари ислом аст, дар сурате, ки чунин нест ва чунонки дидем, дар иҷтимоъоти ибтидоӣ ҷараёни чандҳамсарӣ бештар мутобиқи он будааст. Иллатҳое, ки сабаби пайдоиши одати таъаддуди завҷот дар иҷтимоъоти ибтидоӣ гашта фаровон аст. Ба воситаи иштиғоли мардон ба ҷанг ва шикор, зиндагии мард бештар дар маърази хатар буд ва ба ҳамин ҷиҳат мардон бештар аз занон талаф мешуданд ва фузунии иддаи занон бар мардон сабаб мешуд, ки ё таъаддуди завҷот ривоҷ пайдо кунад ва ё иддае аз занон дар бешавҳарӣ ба сар баранд, вале дар миёни он милал, ки маргу мир фаровон буд, ҳеч шоистагӣ надошт, ки иддае зан муҷаррад бимонанд ва тавлиди мисл накунанд… Бешак таъаддуди завҷот дар иҷтимоъоти ибтидоӣ амри мутаносибе буда, зеро иддаи занон бар мардон фузунӣ доштааст. Аз*

*лиҳози беҳбуди насл ҳам бояд гуфт, ки созмони таъаддуди завҷот бар якҳамсарии феълӣ тарҷеҳ доштааст, чӣ ҳамон гуна, ки медонем тавонотарин ва мӯҳтоттарини мардони асри ҷадид ғолибан тавре аст, ки дер муваффақ ба ихтиёри ҳамсар мешаванд ва ба ҳамин ҷиҳат камфарзанд меоваранд, дар сурате, ки дар он айёми гузашта тавонотарин мардон зоҳиран ба беҳтарин занон даст меёфта ва фарзандони бештар тавлид мекардаанд. Ба ҳамин ҷиҳат аст, ки таъаддуди завҷот муддати мадиде дар миёни миллатҳои ибтидоӣ, балки миллатҳои мутамаддин тавонистааст давом кунад ва фақат дар ҳамин охирҳо ва дар замони мост, ки рафта-рафта дорад аз кишварҳои ховарӣ рахт бармебандад. Дар заволи ин одат, омилҳое чанд дахолат кардааст: зиндагонии кишоварзӣ, ки ҳолати суботе дорад, сахтӣ ва нороҳатии зиндагии мардонро тақлил дод ва мухотирот камтар шуд ва ба ҳамин ҷиҳат адади марду зан тақрибан мусовии якдигар шуд ва дар ин ҳангом чандзанӣ ҳатто дар иҷтимоъоти ибтидоӣ аз имтиёзоти ақаллияти сарватманд гардид ва тӯдаи мардум ба ҳамин ҷиҳат бо як зан ба сар мебаранд ва амали "зино"-ро чошнии он қарор медиҳанд.*"

Гюстав Лебон дар китоби худ дар сафҳаи 507 мегӯяд:

"*Дар Урупо ҳеч як аз русуми машриқ ба қадри таъаддуди завҷот бад муаррифӣ нашуда ва дар бораи ҳеч расме ҳам ин қадр назари Урупо ба хато нарафтааст. Нависандагони Урупо таъаддуди завҷотро шолудаи мазҳаби ислом дониста ва дар интишори диёнати ислом ва таназзул ва инҳитоти милали шарқӣ, онро иллатулилал қарор додаанд. Онҳо илова бар ҳамаи эътирозот, нисбат ба занони машриқ ҳам ибрози ҳамдардӣ намудаанд, минҷумла изҳор мекунанд, ки он занони бадбахтро зери панҷаи хоҷасароён, сахт ва шадид дар чаҳор девори хона муқайяд нигоҳ доштаанд ва ба муҷарради ҳаракати мухтасаре, ки мӯҷиби ранҷиш ва адами ризояти хонаи худоён шавад, ҳатто мумкин аст онҳоро бо камоли*

*бераҳмӣ эъдом кунанд. Вале тасаввури мазбур аз ҷумлаи тасаввуроте аст, ки ҳеч мадрак ва асосе барои он нест. Агар хонандагони ин китоб аз аҳли Урупо, барои муддати каме таъассуботи урупоиро аз худ дур созанд, тасдиқ хоҳанд кард, ки расми таъаддуди завҷот барои низоми иҷтимоии шарқ як расми умдае аст, ки ба василаи он, ақвоме, ки ин расм миёни онҳо ҷорӣ аст, руҳи ахлоқии эшон дар тараққӣ ва таъаллуқот ва равобити хонаводагии онҳо қавӣ ва пойдор монда ва билохира дар натиҷаи ҳамин расм аст, ки дар машриқ эъзоз ва икроми зан беш аз Урупост. Мо қабл аз шурӯъ ба иқомаи далел ва исботи муддаои худ, аз зикри ин матлаб ночорем, ки расми таъаддуди завҷот абадан марбут ба ислом нест, чӣ қабл аз ислом ҳам расми мазкур дар миёни тамоми ақвоми шарқӣ аз яҳуд, эронӣ, араб ва ғайра шойеъ будааст. Ақвоме, ки дар машриқ қабули ислом карданд, аз ин ҳайс фоидае аз ислом ҳосил накарданд ва то кунун ҳам дар дунё якчунин мазҳаби муқтадире наомада, ки ин гуна русум монанди таъаддуди завҷотро битавонад эҷод кунад ва ё онро мансух созад. Расми мазкур фақат бар асари обуҳавои машриқ ва дар натиҷаи хасоиси нажодӣ ва иллатҳо ва сабабҳои дигаре, ки ба тарзи зиндагонии машриқ марбут буда пайдо шудааст, на ин ки мазҳаб онро оварда бошад… Дар мағриб ҳам бо вуҷуди ин ки обуҳаво ва табиат ҳеч як муқтазӣ барои вуҷуди чунин расме нест, бо вуҷуди ин расми ваҳдати завҷа расме аст, ки мо онро фақат дар китобҳои қонун мебинем дарҷ аст, вагарна хаёл намекунам бишавад инро инкор кард, ки дар муошарати воқеии мо асаре аз ин расм (расми ваҳдати завҷа) нест. Ростӣ ман мутаҳайирам ва намедонам, ки таъаддуди завҷоти машрӯъи машриқ аз таъаддуди завҷоти солусонаи аҳли мағриб чӣ камӣ дорад ва чаро камтар аст? Балки ман мегӯям, ки аввалӣ аз ҳар ҳайс беҳтар ва шоистатар аз дуввумӣ аст. Аҳли машриқ вақте билоди муаззамаи моро*

*саёҳат мекунанд, аз ин эътирозот ва ҳамалоти мо дучори буҳту ҳайрат гардида мутағайир мешаванд…*“

Оре, ислом таъаддуди завҷотро ибтикор накард, балки онро аз тарафе маҳдуд сохт ва барои он ҳадди аксар қоил шуд ва аз тарафи дигар қайдҳо ва шароити сангине барои он муқаррар кард.

Ақвом ва милале, ки ба дини ислом гаравиданд, ғолибан дар миёни худашон ин расм вуҷуд дошт ва ба воситаи ислом маҷбур буданд ҳудуд ва қайдҳоеро гардан ниҳанд.

## Таъаддуди завҷот дар Эрон

Кристенсен дар китоби “Эрон дар замони Сосониён”, сафҳаи 346 мегӯяд:

“*Асли таъаддуди завҷот асоси ташкили хонавода (дар Эрони замони Сосониён) ба шумор мерафт. Дар амал, теъдоди заноне, ки мард метавонист дошта бошад, ба нисбати иститоъати ӯ буд. Зоҳиран мардумони камбизоат ба таври куллӣ беш аз як зан надоштанд. Раиси хонавода аз ҳаққи риёсати дудмон баҳраманд буд. Яке аз занон, сугулӣ ва соҳиби ҳуқуқи комила маҳсуб шуда ва ӯро “занподшоиҳо” (подшоҳзан) ё зани мумтоз мехонданд. Аз ӯ пасттар зане буд, ки унвони хидматкорӣ дошт ва ӯро зани хидматкор (зани чогириҳо) мегуфтанд. Ҳуқуқи қонунии ин ду навъ завҷа мухталиф буд. Зоҳиран канизони зархарид ва занони асир ҷузъи табақаи чокирзан будаанд. Маълум нест, ки иддаи занони мумтоз як марди маҳдуд будааст ё хайр. Аммо дар басе аз мубоҳисоти ҳуқуқӣ аз марде, ки ду зани мумтоз дорад сухан ба миён омадааст. Ҳар зане аз ин табақа унвони бонуи хона доштааст ва гӯё ҳар як аз онҳо дорои хонаи ҷудогона будаанд. Шавҳар мукаллаф буд, ки модомулумр зани мумтози худро нон диҳад ва нигаҳдорӣ кунад. Ҳар писаре то синни булуғ ва ҳар духтаре то синни издивоҷ дорои ҳамин ҳуқуқ будаанд, аммо завҷаҳое, ки унвони чокирзан доштаанд фақат авлоди зукури онон дар хонаводаи падарӣ пазируфта мешудааст.*“

Дар “Таърихи иҷтимоии Эрон аз инқирози Сосониён то инқирози умавиён” (таълифи марҳум Саъиди Нафисӣ) менависад:

“*Шумораи заноне, ки марде метавонист бигирад номаҳдуд буд ва гоҳе дар асноди юнонӣ дида шудааст, ки марде чандсад зан дар хона доштааст.*“

Монтескё дар “Руҳул-қавонин” аз Акатия, муаррихи румӣ, нақл мекунад, ки: “*Дар замони Юстиниан чанд нафар аз фалосифаи румӣ, ки мавридм озору азияти масеҳиён қарор гирифта ва намехостанд мазҳаби Масеҳро қабул кунанд, Румро тарк гуфта ва ба дарбори Хусрави Парвиз, подшоҳи Эрон паноҳ овsecurityданд* ва дар он ҷо чизе, ки бештар мӯҷиби ҳайрати онҳо шуда ин буд, ки на танҳо таъаддуди завҷот марсум буд, балки мардҳо бо занҳои дигарон омезиш мекарданд.“

Ногуфта намонад, ки фалосифаи румӣ ба дарбори Анӯшервон, подшоҳи Эрон паноҳ оварданд, на Хусрави Парвиз. Зикри Хусрави Парвиз дар каломи Монтескё иштибоҳ аст. Дар миёни аъроб таъаддуди завҷот ҳадду ҳасре надошт. Маҳдуд кардани ислом таъаддуди завҷотро ва ҳадди аксар муайян кардан барои он, барои он идда аз аъроб, ки беш аз чаҳор зан доштанд ишкол ба вуҷуд меовард. Афроде буданд, ки аҳёнан даҳ зан доштанд ва маҷбур буданд, ки шаштои онҳоро раҳо кунанд.

Пас маълум шуд, ислом таъаддуди завҷотро ибтикор ва ихтироъ накарда, балки баръакс барои он ҳудуд ва қайдҳое муқаррар кардааст, вале онро ба куллӣ лағв ва насх ҳам накардааст.

Дар фаслҳои оянда бибинем иллати пайдоиши таъаддуди завҷот дар миёни башар чист. Оё иллати он зӯргӯии мард ва таҳаккуми ӯ бар зан будааст ё заруратҳои хоссе дар кор буда, ки онро эҷоб мекардааст? Он заруратҳо чист? Оё аз навъи омилҳои минтақаӣ ва ҷуғрофиёӣ аст ё аз навъи дигар аст? Ва билохира чаро ислом ин расмро илғо накард? Ҳудуд ва қайдҳое, ки ислом барои таъаддуди завҷот муқаррар карда чист? Ва билохира иллати ин ки башари имрӯз (аъамм аз марду зан) алайҳи таъаддуди завҷот қиём карда чист? Оё як решаи инсонӣ ва ахлоқӣ дорад ё иллатҳои дигаре дар кор аст? Инҳо матолибе аст, ки дар оянда дар бораи он баҳс хоҳем кард.

# Иллатҳои таърихии таъаддуди завҷот (1)

Иллатҳои таърихӣ ва иҷтимоии таъаддуди завҷот чист? Чаро бисёре аз милали ҷаҳон ва махсусан милали шарқӣ ин расм ва суннатро пазируфтанд ва баъзе аз милал монанди милали ғарбӣ ҳеч вақт онро напазируфтанд? Чаро дар миёни шаклҳои сегонае чандҳамсарӣ, чандзанӣ ривоҷ ва мақбулияти басазое ёфт, бар хилофи чандшавҳарӣ ва иштирокияти ҷинсӣ, ки ё ҳаргиз сурати амал ба худ нагирифтааст ва ё бисёр ба нудрат воқеъ шуда ва ҷанбаи истисноӣ доштааст?

То дар бораи ин иллатҳо таҳқиқ накунем, наметавонем дар бораи таъаддуди завҷот аз назари ислом баҳс кунем ва ҳам наметавонем ин масъаларо аз назари эҳтиёҷоти имрӯзи башар мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Агар мулоҳизоти равонӣ ва иҷтимоии зиёде, ки вуҷуд дорад аз назар дур бидорем ва монанди бисёре аз нависандагони сатҳӣ фикр кунем, кофӣ аст, ки барои тавзеҳ ва тавҷеҳи иллатҳои таърихӣ ва иҷтимоии таъаддуди завҷот ҳамон "тарҷеъбанди" маъруфе, ки дар ин гуна заминаҳо ҳамвора бозгӯ мешавад такрор кунем ва бигӯем: хеле возеҳ аст, ки иллати таъаддуди завҷот чист ва чӣ будааст. Иллаташ зӯргӯӣ ва тасаллути мард ва бардагии зан аст, иллаташ падаршоҳӣ аст. Мард чун бар зан тасаллут ва ҳукмравоӣ доштааст, русум ва қонунҳоро ба нафъи худ мечархондааст ва аз ин рӯ расми чандзаниро ба нафъи худ ва алайҳи зан қарнҳо маъмул доштааст. Ва зан чун маҳкуми мард будааст, натавонистааст чандшавҳариро ба нафъи худ ҷорӣ созад. Имрӯз, ки давраи поёни зӯргӯии мард аст, имтиёзи чандзанӣ низ монанди бисёре аз имтиёзоти ғалати дигар ҷойи худро ба ҳуқуқи мутасовӣ ва мутақобили зану мард медиҳад.

Агар инчунин фикр кунем, бисёр сатҳӣ ва ношиёна фикр кардаем. На иллати ривоҷ ёфтани чандзанӣ зӯргӯии мард будааст ва на иллати шикасти чандшавҳарӣ заъф ва маҳкумияти зан будааст ва на иллати ин ки имрӯз таъаддуди завҷот амалан мансух мешавад ин аст, ки даврони зӯргӯии мард ба поён расидааст ва на мард имрӯз ба воситаи тарки таъаддуди завҷот воқеан имтиёзеро аз даст медиҳад, балки баръакс имтиёзе ба нафъи худ алайҳи зан касб мекунад.

Ман мункири омили "зӯр ва қудрат" ба унвони яке аз омилҳои гардонандаи таърихи башарӣ нестам ва ҳам мункири ин ки мард дар тӯли таърих аз қудрати худ алайҳи зан суистифода карда намебошам. Аммо мӯътақидам, ки мунҳасир кардани омилҳо ба омили зӯр ва қудрат махсусан дар тавҷеҳ ва тавзеҳи равобити хонаводагии зану мард, ношӣ аз кӯтаҳфикрӣ аст.

Агар назарияи боло дуруст бошад, илзоман бояд қабул кунем, ки мавоқеъи нодир ва истисноӣ, ки чандшавҳарӣ маъмул шуда монанди давраи ҷоҳилияти араб ва ё замоне, ки ба қавли Монтескё, дар миёни қабилаи Наир дар савоҳили Малая чандшавҳарӣ маъмул шудааст, замоне буда, ки зан фурсате ёфта ва қудрате алайҳи мард ба даст оварда, то тавонистааст чандшавҳариро ба мард таҳмил кунад ва бояд қабул кунем, ки ин давраҳо давраи тиллоии зан будааст ва ҳол он ки медонем давраи ҷоҳилияти араб яке аз давраҳои сиёҳ ва торики зиндагии зан аст. Дар мақолаи пеш, аз Монтескё нақл кардем, ки ривоҷи чандшавҳарӣ дар миёни қабилаи Наир марбут ба қудрат ва эҳтироми зан набудааст. Иллати ин амр тасмими иҷтимоъ ба дур нигаҳ доштани сарбозон аз алоиқи хонаводагӣ ва ҳифзи руҳияи сарбозӣ будааст.

Ба илова, агар иллати таъаддуди завҷот ношӣ аз падаршоҳӣ ва падарсолорӣ аст, чаро дар миёни милали ғарбӣ роиҷ нашудааст? Оё падаршоҳӣ мунҳасир ба Машриқзамин аст? Мағрибзаминиҳо ончунон Исо ришта ва Марям бофта будаанд, ки аз ибтидо барои зан ҳуқуқи мутасовӣ ва мутақобил нисбат ба мард қоил будаанд? Оё фақат дар Машриқзамин омили қудрат ба нафъи мард кор кардааст ва дар Мағрибзамин ин омил дар ҷиҳати адолат сайр мекардааст?

Зани ғарбӣ то ним қарн пеш, аз бадбахттарини занони дунё буд; ҳатто дар амволи худ ниёзманди қаймумати шавҳар буд. Ба иқрори худ ғарбиҳо, дар қуруни вусто зани шарқӣ аз зани ғарбӣ вазъи бисёр беҳтаре доштааст. Гюстав Лебон мегӯяд:

"*Дар давраи тамаддуни ислом, ба занон айнан ҳамон дараҷа ва мақом дода шуд, ки занони Урупо баъд аз муддати тӯлонӣ онро доро шуданд, яъне баъд аз он ки рафтори баҳодуронаи аъроби Андалус дар Урупо бинои ишоъатро гузошт… Дар аҳолии Урупо ахлоқи баҳодурона, ки як ҷузъи умдаи он рафтор бо занон аст, аз мусалмонон омада ва аз онҳо тақлид шудааст ва мазҳабе, ки тавонист занро аз дараҷаи пасту зиллат наҷот бахшида, ба авҷи иззат ва рифъат ноил созад, мазҳаби ислом будааст, на мазҳаби Масеҳ, чунонки омма хаёл мекунанд; зеро мебинем, ки дар қуруни вусто руасо ва сардорҳои мо бо он ки масеҳӣ буданд, бо ин вуҷуд поси эҳтироми занро нигаҳ намедоштанд ва аз баррасии таърихҳои қадима дар ин матлаб шубҳае боқӣ намемонад, ки қабл аз ин ки мусалмонон риоят ва эҳтироми занро ба аслофи мо биёмӯзанд, умаро*

*ва сардорони мо нисбат ба зан бо камоли ваҳшигарӣ сулук менамуданд…*“

Дигарон низ каму беш авзоъи зани ғарбиро дар қуруни вусто ҳамин тавр васф кардаанд. Бо ҳамаи ин аҳвол, бо ин ки падаршоҳӣ ва зӯру таҳаккуми мард ба ҳадди аъло дар Урупои қуруни вусто ҳукумат мекардааст, чаро таъаддуди завҷот маъмул набудааст?

Ҳақиқат ин аст, ки на он ҷо, ки чандшавҳарӣ маъмул шудааст, ба воситаи фурсат ва қудрати зан будааст ва на иллати шикасти чандшавҳари заъф ва нотавонии зан будааст ва на мӯҷиби ривоҷи таъаддуди завҷот дар Машриқзамин зӯру таҳаккум мард будааст ва на маншаъи адами ривоҷи таъаддуди завҷот дар Мағрибзамин қудрат ва баробарии зан бо мард будааст.

## Иллати шикасти чандҳамсарӣ

Иллати шикасти чандшавҳарӣ ин аст, ки на бо табиати мард мувофиқ аст ва на бо табиати зан. Аммо аз назари мард, барои ин ки аввалан бо руҳияи инҳисорталабии мард носозгор аст ва сонияи, бо асли итминони падарӣ мухолиф аст. Алоқа ба фарзанд, табиӣ ва ғаризии башар аст. Башар табъан мехоҳад таволуд ва таносул кунад ва мехоҳад робитааш бо насли оянда ва насли гузашта мушаххас ва итминонбахш бошад, мехоҳад бидонад падари кадом фарзанд аст ва фарзанди кадом падар аст. Чандшавҳарии зан бо ин ғариза ва табиати одамӣ носозгор будааст, бар хилофи чандзании мард, ки аз ин назар на ба мард латма мезанад ва на ба зан.

Мегӯянд, гурӯҳе аз занон (дар ҳудуди чиҳил нафар) гирд омаданд ва ба ҳузури Алӣ ибни Абӯтолиб алайҳис салом расиданд, гуфтанд: чаро ислом ба мардон иҷозаи чандзанӣ дода, аммо ба занон иҷозаи чандшавҳарӣ надодааст? Оё ин амр як табъизи нораво нест? Алӣ алайҳис салом дастур дод, зарфҳои кучаке аз об оварданд ва ҳар як аз онҳоро ба дасти яке аз он занон дод. Сипас дастур дод, ҳамаи он зарфҳоро дар зарфи бузурге, ки васати маҷлис гузошта буд, холӣ кунанд. Дастури итоъат шуд. Он гоҳ фармуд: акнун ҳар як аз шумо думартиба зарфи худро аз об пур кунед, аммо бояд ҳар кадом аз шумо айни ҳамон обе, ки дар зарфи худ дошта бардорад. Гуфтанд: ин чӣ гуна мумкин аст? Обҳо бо якдигар мамзуҷ шудаанд ва ташхиси онҳо мумкин нест. Алӣ алайҳис салом фармуд: агар як зан чанд шавҳар дошта бошад, хоҳ нохоҳ бо ҳамаи онҳо ҳамбистар мешавад ва баъд обистан мегардад. Чӣ гуна метавон ташхис дод, ки фарзанде, ки ба дунё омадааст, аз насли кадом шавҳар аст? Ин аз назари мард.

Аммо аз назари зан, чандшавҳарӣ ҳам бо табиати зан мунофӣ аст ва ҳам бо манофеъи вай. Зан аз мард фақат омиле барои ирзои ғаризаи ҷинсии худ намехоҳад, ки гуфта шавад ҳар чи бештар, барои зан беҳтар. Зан аз мард мавҷуде мехоҳад, ки қалби он мавҷудро дар ихтиёр дошта бошад, ҳомӣ ва мудофеъи ӯ бошад, барои ӯ фидокорӣ намояд, заҳмат бикашад ва пул дароварад ва маҳсули кору заҳмати худро нисори ӯ намояд, ғамхори ӯ бошад. Пуле, ки мард ба зан ба унвони як "рӯспӣ" медода ва медиҳад, ҳамчунин пуле, ки зан аз роҳи кору фаъолият ба даст оварда ва меоварад, на ба эҳтиёҷоти молии васеъи зан — ки чандин баробари эҳтиёҷоти мард аст — вофӣ буда ва на арзиши он пулеро дошта, ки мард ба хотири алоқа ва муҳаббат ва дар роҳи ишқ ба зан мепардохтааст. Эҳтиёҷоти молии васеъи занро ҳамвора мард ба унвони як фидокор таъмин кардааст. Беҳтарин ва нерӯмандтарин мушаввиқи мард ба кору фаъолият низ конуни хонаводагии ӯ яъне ҳамсар ва фарзандони ӯ будааст.

Зан дар чандшавҳарӣ ҳаргиз наметавонистааст ҳимоят ва муҳаббат ва авотифи холисона ва фидокории як мардро нисбат ба худ ҷалб кунад. Аз ин рӯ чандшавҳарӣ назири рӯспигарӣ ҳамвора мавриди танаффури зан будааст. Бинобар ин чандшавҳарӣ на бо тамоюлот ва хостаҳои мард мувофиқат доштааст ва на бо хостаҳо ва тамоюлоти зан.

## Шикасти иштирокияти ҷинсӣ

Ҳамчунон ки иллати шикасти иштирокияти ҷинсӣ низ ҳамин аст. Иштирокияти ҷинсӣ ва аз миён рафтани ихтисос аз ду тараф, ки на зан ба марди муайяне ихтисос дошта бошад ва на мард ба зани муайяне — ҳамчунон ки ишора кардем — аз тарафи Афлотун пешниҳод шуд, мунтаҳо дар шуоъи табақаи ҳокима яъне табақаи ҳокимони файласуф ва файласуфони ҳоким ба ақидаи Афлотун. Ин пешниҳод на танҳо мавриди пазириши дигарон воқеъ нашуда, балки худи Афлотун низ аз ақидаи худ удул кард.

Дар як қарни ахир Фридрих Энгелс, падари дуввуми коммунизм низ ин фарзияро пешниҳод ва аз он дифоъ кард, аммо дунёи коммунизм онро напазируфт. Мегӯянд, давлати Шӯравӣ дар асари таҷрибиёти талхи фаровон дар иҷрои теорияи иштироки хонаводагии Энгелс, дар соли 1938 қонунҳое ба нафъи хонавода гузаронид ва такҳамсариро ба унвони заноштӯии расмии коммунистӣ пазируфт.

Чандзанӣ барои як мард метавониста имтиёзе шумурда шавад, аммо чандшавҳарӣ ҳеч вақт барои зан имтиёзе набуда ва нахоҳад буд. Иллати ин тафовут ин аст, ки мард толиби шахси зан аст ва зан толиби қалби мард ва фидокориҳои ӯ. Барои мард модоме, ки шахси занро дар ихтиёр дорад, аҳаммияте надорад, ки қалби занро аз даст бидиҳад. Аз ин рӯ

мард аҳаммияте намедода, ки дар чандзанӣ қалб ва авотифи занро аз даст медиҳад. Вале барои зан қалб ва авотифи мард асолат дорад. Агар онро аз даст бидиҳад, ҳама чизро аз даст додааст.

Ба иборати дигар, дар амри заношӯӣ ду унсур дахолат дорад: яке моддӣ ва дигар маънавӣ. Унсури моддии заношӯӣ ҷанбаҳои ҷинсии он аст, ки дар ҷавонӣ дар мунтаҳои авҷ ва ғалаён аст ва тадриҷан рӯ ба коҳиш ва оромиш меравад. Ҷанбаи маънавӣ он авотифи рақиқ ва самимонае аст, ки миёни онҳо ҳукмфармо мешавад ва аҳёнан ҳар чи замон мегузарад, нерӯмандтар мегардад. Яке аз тафовутҳои зану мард ин аст, ки барои зан унсури дуввум беш аз унсури аввал аҳаммият дорад, бар хилофи мард. Заношӯӣ барои зан бештар ҷанбаи маънавӣ дорад ва барои мард бештар ҷанбаи моддӣ ва лоақал ҷанбаи моддӣ ва маънавии заношӯӣ барои мард мусовӣ аст.

Гузашта аз инҳо, дар мақолаи 24 гуфтем ва суханони як бонуи равоншиноси урупоиро низ шоҳид овардем, ки зан аз он назар, ки парваришдиҳандаи фарзанд дар раҳим ва доман аст, ҳолатҳои равонии махсусе дорад, ки сахт ӯро ба муҳаббат ва авотифи меҳромези шавҳар ба унвони падари фарзандаш ниёзманд месозад. Ҳатто мизони муҳаббати зан ба фарзандон бастагии зиёде дорад ба мизони муҳаббат ва алоқаи мард ба ӯ ба унвони падари фарзандаш ва ба унвони омиле, ки мӯҷиби ба вуҷуд омадани фарзанд шудааст. Ин ниёзи зан мунҳасиран дар такшавҳарӣ бароварда мешавад.

Бинобар ин муқоисаи чандшавҳарӣ ба чандзанӣ ва тасаввури ин ки фарқе миёни чандзанӣ ва чандшавҳарӣ нест ва иллати ин ки чандзанӣ дар қисмате аз ҷаҳон маъмул ва ҷорӣ шудааст ин аст, ки мард зӯрмандтар будааст ва иллати ин ки зан натавонистааст чандшавҳариро ба унвони як имтиёз барои худ ҳифз кунад, заъф ва нотавонии зан будааст, иштибоҳи фоҳиш аст.

Хонум Манучеҳриён дар китоби “Интиқод бар қонунҳои асосӣ ва мадании Эрон”, сафҳаи 34 мегӯяд:

“*Қонуни маданӣ моддаи 1049 мегӯяд: ҳеч кас наметавонад духтари бародар ё духтари хоҳари занро бигирад магар бо иҷозаи зани худ… Зан агар иҷоза диҳад, шӯйи вай метавонад духтари бародар ё хоҳари ӯро бигирад. Ҳоло бояд дид, ки агар иҷоза надиҳад, чӣ мешавад? Ҳеч. Ба истилоҳ, он ки иваз дорад, гила надорад, мард бо дигаре издивоҷ мекунад. Хуб, ҳоло агар қазияро ба акс кунем, он вақт чӣ хоҳад шуд? Масалан агар бигӯем, зан наметавонад бо писари бародар ё писари хоҳари шавҳари худ*

*издивоҷ кунад (дар ҳамон ҳоле, ки зани ин шавҳар аст) магар бо иҷозаи шавҳар, аз шунидани ин сухан хуни рагҳои мутаассиб ба ҷӯш меояд ва фарёд мезананд: ин пешниҳод бар хилофи усули инсоният аст ва аслан табъ ва ниҳоди зан ҳам бо он мубойинат дорад. Дар посух бояд гуфт, танҳо ин пешниҳод мухолиф бо асли бардагии зан аст. Ҳамчунон ки як мол беш аз як молик надорад ва ё агар ҳам дошта бошад, маҳсули он пас аз ифроз боз ба як молик бармегардад, зан ҳам чун бино ба қонунҳои сареҳ ва зимнии кишвари мо дар ҳукми амвол аст, аз ин рӯ набояд бештар аз як молик дошта бошад…*”

Дар сафҳаи 73-и он китоб мегӯяд:

“*Мо метавонем бигӯем ҳамчунон ки мард, то чаҳор зан метавонад дошта бошад, зан ҳам чун башар аст ва бо мард баробар, бояд битавонад ҳуқуқеро, ки ӯ дорад, доро шавад.*

*Натиҷаи ин суғро куброи мантиқӣ барои мардон бисёр ваҳшатовар мешавад.*

*Ин ҷост, ки хун дар рагҳои онон ба ҷӯш меояд ва бо чеҳрае барафрӯхта ва чашмони оташбор фарёд мезананд: чӣ гуна зан метавонад беш аз як шавҳар дошта бошад? Мо дар посух бо сардӣ ва оромӣ мегӯем: чаро мард метавонад беш аз як зан дошта бошад?*

*Мо дар инҷо намехоҳем тарвиҷи фасоди ахлоқ кунем ва намехоҳем иффат ва покдомании занонро ночиз ва беҳуда бигирем, вале мехоҳем ба мардон бифаҳмонем, ки дар бораи зан ақидаи онон чунонки мепиндоранд бар пояе муҳкам ва тазалзулнопазир ҷой надорад. Зан яке аст ва мард яке. Ҳар ду бо ҳам баробаранд.*

*Агар ба мардон аз лиҳози ин ки марданд, ҳақ дода шудааст, ки то чаҳор зан бигиранд, бояд занон ҳам ҳамин ҳақро дошта бошанд. Агар фарзан аз лиҳози ақл тавонотар аз мард набошад, бояд изъон кард, ки таҷаллии руҳ ва кайфиёти нафсонӣ дар зан заъифтар аз мард нест.*“

Чунонки мулоҳиза мефармоед, дар баёноти фавқ ҳеч фарқе миёни чандзанӣ ва чандшавҳарӣ гузошта нашудааст ҷуз ин ки мард чун зӯр доштааст ба нафъи худ чандзаниро маъмул доштааст, бар хилофи зан, ки озодӣ надошта аз чандшавҳарӣ, ки танҳо асли мухолифи бардагии ӯст дифоъ кунад. Ва низ дар баёноти фавқ чунин баён шуда, ки иллати ривоҷи чандзанӣ ва шикасти чандшавҳарӣ моликияти мард ва мамлукияти зан будааст. Мард чун молики зан будааст, метавонистааст занони мутаъаддид яъне амволи фаровон дошта бошад, аммо зан чун мамлук будааст ва мамлук наметавонистааст беш аз як молик дошта бошад, аз мавҳибати чандшавҳарӣ маҳрум мондааст.

Иттифоқан бар хилофи назари хонуми нависанда, пазириш наёфтани чандшавҳарӣ худ далел аст, ки мард ба зан ба чашми як мол нигоҳ намекардааст, зеро ширкат дар мол ва молик шудани чанд нафар як молро ва истифодаи муштарак аз он, яке аз қонунҳои ҷорӣ ва сории башарӣ дар амвол аст. Агар мард ба зан ба чашми як мол нигоҳ мекард, ширкат дар онро ҷоиз мешумурд, ҳамчунон ки ширкат дар мол ва истифодаи муштарак аз онро ҷоиз шумурдааст.

Дар куҷои дунё маъмул аст, ки мол, бештар аз як молик наметавонад дошта бошад, то қонуни такшавҳариро ношӣ аз он бидонем?

Мегӯянд, чун мард яке аст ва зан яке, бояд ҳуқуқи баробар дошта бошанд. Чаро мард битавонад аз ҳуқуқи чандзанӣ баҳраманд шавад ва зан натавонад аз ҳаққи чандшавҳарӣ истифода кунад?

Мегӯем, иштибоҳи шумо ҳамин ҷост, ки хаёл кардаед таъаддуди завҷот ҷузъи ҳуқуқи мард аст ва таъаддуди шавҳар ҷузъи ҳуқуқи зан, дар сурате, ки таъаддуди завҷот ҷузъи ҳуқуқи зан аст ва таъаддуди шавҳар на ҷузъи ҳуқуқи мард аст ва на ҷузъи ҳуқуқи зан, ҳам бар хилофи масолеҳ ва манофеъи мард аст ва ҳам бар хилофи масолеҳ ва манофеъи зан. Мо баъдан собит хоҳем кард, ки қонуни таъаддуди завҷот дар ислом ба манзури эҳё ва эҳқоқи ҳуқуқи зан вазъ шудааст ва агар бино буд ҷониби мард риоят шавад, ислом ҳамон кореро мекард, ки дунёи ғарб кардааст; ба мард ҳаққи истифода ва бахрабардорӣ аз занони дигар ҷуз зани аввал медод, вале ҳеч таъаҳҳуде барои мард ба нафъи зану фарзандони ӯ ба унвони ҳамсари қонунӣ ва фарзандони қонунӣ қоил намешуд. Чандшавҳарӣ ба нафъи зан набуда, ки ҳаққи аз ӯ салб шуда бошад.

Мегӯянд, мехоҳем ба мардон бифаҳмонем, ки ақоиди онҳо дар бораи зан он чунонки худ мепиндоранд, муҳкам ва тазалзулнопазир нест.

Аз қазо он чи мо мехоҳем, ҳамин аст. Мо дар мақолоти оянда мабнои назари исломро дар бораи таъаддуди завҷот хоҳем гуфт. Аз ин нависанда ва ҳар соҳибназари дигар

мултамисона талаб мекунем бибинанд ва назар бидиҳанд, ки оё назари ислом мубтанӣ бар як асли тазалзулнопазир аст ё на. Ман қавли шараф медиҳам, агар касе тавонист халале дар мабнои назари исломӣ роҷеъ ба ин масъала пайдо кунад, ман аз тамоми гуфтаҳои худ дар заминаи ҳуқуқи зан сарфи назар мекунам.

## Иллатҳои таърихии таъаддуди завҷот (2)

Ҳавасронӣ ва тасаллути бечуну чарои мард, ба танҳоӣ барои пайдоиши расми "чандзанӣ" кофӣ нест; ҳатман иллатҳо ва омилҳои дигар низ дахолат доштааст, зеро барои марди ҳавасрон роҳи саҳлтар ва бедардисартар аз чандзанӣ ин аст, ки ҳисси танаввӯъталабии худро аз роҳи занбозии озод ва рафиқа ва маъшуқагирӣ ирзоъ кунад, бидуни он ки зани мавриди назари худро ба унвони "ҳамсарӣ" бипазирад ва нисбат ба фарзандони эҳтимолии ӯ таъаҳҳуд ва масъулияте ба ӯҳда бигирад.
Аз ин рӯ дар иҷтимоъоте, ки чандзанӣ маъмул будааст, ё мавонеъи ахлоқӣ ва иҷтимоӣ роҳи маъшуқагирӣ ва занбозии озодро барои марди ҳавасбоз баста будааст ва марди ҳавасбоз маҷбур буда ғаромати танаввӯъталабии худро бо баҳои қабули ҳамсарии қонунии зани мавриди истифодаи худ ва падари фарзандонаш бипардозад ва ё бояд фарз кунем иллатҳои дигаре (ҷуғрофиёӣ ё иқтисодӣ ё ичтимоӣ) ғайр аз ҳавасбозӣ ва танаввӯъталабии мард дар кор будааст.

## Омилҳои ҷуғрофиёӣ

Монтескё ва Гюстав Лебон исрори зиёде доранд, ки иллатҳои ҷуғрофиёиро дахолат диҳанд. Ба ақидаи ин муфаккирон, обу ҳавои Машриқзамин муқтазии расми таъаддуди завҷот будааст.
Дар обу ҳавои Машриқзамин зан зудтар болиғ мешавад ва ҳам зудтар пир мешавад ва аз ин ҷиҳат мард ба зани дуввум ва севвум эҳтиёҷ пайдо мекунад. Ба илова, марди парвардаи обуҳавои Машриқзамин аз лиҳози нерӯи ҷинси тавре аст, ки як зан наметавонад ӯро иқноъ кунад.
Гюстав Лебон дар "Таърихи тамаддуни ислом ва араб", сафҳаи 509 мегӯяд:
"*Расми мазкур (расми таъаддуди завҷот) фақат бар асари обу ҳавои Машриқ ва дар натиҷаи хасоиси нажодӣ ва иллатҳо ва сабабҳои дигаре, ки ба тарзи зиндагонии Машриқ марбут буда пайдо шудааст, на ин ки мазҳаб онро оварда бошад. Ва маълум аст обу ҳаво ва хасоиси қавмӣ аз*

*ҷумлаи омилҳое аст, ки фавқулъода қавӣ ва муассир буда ва ҳатто мо лозим ҳам намедонем, ки роҷеъ ба он зиёд қаламфарсоӣ кунем. Ба илова, асли табиат ва сохтмони махсуси занони Машриқ ва лузуми ҳизонати тифл ва амроз ва авориз ва ғайра, онҳоро ағлаб маҷбур сохта, ки аз шавҳар канорагирӣ ихтиёр кунанд ва чун обу ҳавои Машриқ ва ҷибиллати қавмӣ тавре аст, ки барои мард таҳаммули ин канораҷӯӣ мувақкат ғолибан ғайримумкин буда, аз ин рӯ таъаддуди завҷот лузум пайдо намудааст.*"

Монтескё дар "Руҳул-қавонин", сафҳаи 430 мегӯяд:

"*Дар кишварҳое, ки дорои обу ҳавои гарм мебошанд, занҳо дар синини 8 ва 9 ва 10-солагӣ болиғ ҳастанд ва баъд аз ин ки шавҳар карданд, борвар мешаванд, ба тавре, ки метавон гуфт, дар кишварҳои гармсер издивоҷ ва борварии занҳо билофосила пушти ҳам сурат мегирад.*

*Придо (Humphrey Prideaux) дар шарҳи ҳоли пайғамбари ислом мегӯяд, ки он ҳазрат дар 5-солагӣ Хадиҷаро ба ҳаболаи никоҳ даровард ва дар 8-солагӣ бо вай ҳамхоб шуд.*

*Ин аст, ки занҳои кишварҳои гармсер дар 20-солагӣ пир ҳастанд ва ҳангоме, ки тоза мехоҳанд ақлашон ба тарафи камол биравад, пир шудаанд… Дар кишварҳое, ки ҳаво мӯътадил аст, назар ба ин ки зебоии занҳо муддате боқӣ мемонад ва дертар ба ҳадди булуғ мерасанд ва вақте, ки издивоҷ мекунанд, ба воситаи зиёдии синн таҷрибиёте доранд ва дар мавқеъи баччадор шудан миқдоре аз синни онҳо гузашта ва зану шавҳар тақрибан дар як син ва дар як мавқеъ пир мешаванд, ин аст, ки мусовоте байн зану мард барқарор шуда ва мардҳо беш аз як зан намегиранд…*

*Бинобар ин қонуни манъи таъаддуди издивоҷ дар Уруппо ва муҷоз кардани ин амал дар Осиё марбут ба муқтазаёти обу ҳавост…*"

Ин тавҷеҳ ба ҳеч ваҷҳ саҳеҳ нест, зеро аввалан расми таъаддуди завҷот дар Машриқзамин мунҳасир ба манотиқи гармсер набудааст. Дар Эрон бо ин ки аз лиҳози обу ҳаво мӯътадил аст, аз қабл аз ислом таъаддуди завҷот маъмул будааст. Ин ки Монтескё мегӯяд, дар манотиқи гармсер занон дар 20-солагӣ пир мешаванд, газофе беш нест. Аз он газофатар ин ки ба нақл аз Придо мегӯяд: пайғамбари ислом дар 5-солагӣ Хадиҷаро ба ақди хеш даровард ва дар 8-солагӣ бо вай зифоф кард, дар сурате, ки ҳама медонанд, пайғамбари ислом дар 25-солагӣ бо Хадиҷа, ки дар он вақт 40 сол аз синнаш мегузашт издивоҷ кард.

Сониян, агар зуд пир шудани зан ва ғалаёни нерӯи ҷинсии мард мӯҷиби аслии ин кор будааст, чаро мардуми Машриқзамин ҳамон роҳи мардуми Мағрибзаминро дар қуруни вусто ва қуруни ҷадид пеш нагирифтанд ва ба ҷойи таъаддуди завҷот, табиати худро бо фаҳшо ва занбозии озод иқноъ накарданд? Зеро дар Мағрибзамин ба қавли Гюстав Лебон, расми ваҳдати завҷа расме аст, ки фақат дар китобҳои қонун дарҷ аст ва дар муошаратҳои Мағрибзамин асаре аз он нест.

Ва боз ба қавли ӯ, дар Машриқзамин таъаддуди завҷот ба шакли қонунӣ яъне қабули таъаҳҳуди ҳамсарӣ нисбат ба зан ва масъулияти падарӣ нисбат ба фарзандони ӯ вуҷуд доштааст ва дар Мағрибзамин ба шакли солусона ва ғайриқонунӣ яъне ба шакли маъшуқабозӣ ва рафиқабозӣ бидуни қабули таъаҳҳуди ҳамсарӣ нисбат ба зан ва таъаҳҳуди падарӣ нисбат ба фарзандони ӯ.

## Вазъи чандҳамсарӣ дар Мағрибзамин

Ман дар инҷо лозим медонам шарҳи мухтасаре аз вазъи чандҳамсарӣ ба шакли мағрибзаминӣ дар қуруни вусто аз забони яке аз муаррихони муҳаққиқи Мағрибзамин нақл кунам, то хонандагони мӯҳтарам ва ҳамаи касоне, ки Машриқзаминро ба номи таъаддуди завҷот ва аҳёнан ба номи ҳарамсародорӣ мавриди интиқод қарор медиҳанд ва онро мояи сарафкандагии Машриқзамин дар муқобили Мағрибзамин мешуморанд, бидонанд, ки он чи дар Машриқзамин вуҷуд дошта, бо ҳамаи айбҳо ва ҷанбаҳои нангини он, нисбат ба ҷараёноте, ки аз ин назар дар Мағрибзамин мегузашта, ҳазор дараҷа фазилат дорад.

Уилям Дюрант дар ҷилди 17-и “Таърихи тамаддун”, фасле дорад таҳти унвони “Сустии ахлоқ”.

Дар ин фасл вазъи ахлоқи умумиро дар Италия дар давраи ренессанс шарҳ медиҳад. Тамоми ин фасл, ки дар 11 қисмат зикр шуда хонданӣ аст. Ман хулосае аз он чи таҳти унвони “Ахлоқ дар равобити ҷинсӣ” зимни ин фасл омадааст нақл мекунам.

Уилям Дюрант аввал муқаддимаи кӯтоҳӣ зикр мекунад ва мисли ин ки бо ин муқаддима қаблан мехоҳад маъзаратхоҳӣ карда бошад. Муқаддаматан чунин мегӯяд:

“*Ҳол, бо пардохтан ба ахлоқиёти мардуми ғайрруҳонӣ ва бо оғоз аз равобити ҷинсӣ, бояд нахуст мутазаккир шавем, ки мард зотан табиати чандҳамсарӣ дорад ва фақат нерӯмандтарин қайдҳои ахлоқӣ, мизони муносибе аз фақр ва кори сахт ва назорати доимии завҷа, метавонад якҳамсариро ба ӯ таҳмил кунад.*“

Он гоҳ ба асли матлаб пардохта мегӯяд:

“*Маълум нест зинои мӯҳсина дар қуруни вусто камтар будааст, то ренессанс ва ҳамон гуна, ки дар қуруни вусто зино бо баҳодурӣ талтиф мешуд, ба ҳамон тариқ дар давраи ренессанс дар миёни табақоти таҳсилкарда бо ормонӣ сохтани зарофат ва сеҳромезии руҳии зани тарбиятшуда нармиш меёфт… Духтарони хонаводаҳои асил то ҳадде аз мардоне, ки бо хонадони худашон таъаллуқ надоштанд, нисбатан муҷаззо нигаҳ дошта мешуданд. Имтиёзи иффат пеш аз заношӯӣ ҷиддан ба онон таълим дода мешуд. Гоҳ ин таълим чунон муассир меафтод, ки бино ба ривоят, зани ҷавоне пас аз таҷовузе, ки ба номусаш шуд, худро дар об ғарқ кард. Он зан бешак мунҳасир ба фард будааст, зеро пас аз марги ӯ усқуфе дар садад баромад, то муҷассамае аз ӯ барпо кунад.*

*Моҷароҳои қабл аз издивоҷ мебоист қобили мулоҳиза бошад, вагарна мушкил битавон барои атфоли номашрӯъи бешуморе, ки дар ҳар як аз шаҳрҳои Италияи ренессанс ёфт мешуд, далеле ҷуст. Фарзанди ҳаромзода надоштан имтиёзе ба шумор мерафт, аммо доштани он нанги фоҳише набуд. Мард маъмулан ба ҳангоми издивоҷ, зани худро тарғиб мекард, ки тифли ҳаромзодаи хешро ба хона биёварад, то бо соири фарзандони он мард парвариш ёбад. Ҳаромзода будан аз қадри*

*касе намекост. Доғе, ки ҷомеа бар он мезад, чандон муҳим набуд. В-он гаҳе машрӯъиятро мешуд бо ришва додан ба яке аз аъзои калисо ба даст овард.*

*Дар набудани ворисони машрӯъ ё зисалоҳият, писарони ҳаромзода мумкин буд ба мулк ё ҳатто ба тоҷу тахт бирасанд. Ҳамон гуна, ки Ферентеи I ворисӣ салтанати Алфонсои I, подшоҳи Неапол ва Леонел Людесте ҷонишини Николаи III, амири Феррара шуд. Вақте, ки Пий II дар соли 1459 ба Феррара омад, мавриди пазироии 7 шоҳзода қарор гирифт, ки ҳама номашрӯъ буданд. Рақобати ҳаромзодагон бо ҳалолзодагон маншаъи муҳимме аз кашмакашҳои давраи ренессанс буд… Аммо дар мавриди ҳамҷинсгароӣ бояд бигӯем, ки тақрибан як қисмати иҷборӣ аз эҳёи русуми Юнони бостон буд…*

*Сан-Бернардино мавориди ин амали шанеъро дар Неапол чандон зиёд дид, ки шаҳрро ба сарнавишти Содом ва Гоморра таҳдид кард. Артино ин инҳирофро дар Рум низ ба ҳамон андоза шойеъ ёфт… Дар мавриди фаҳшо низ метавонем ҳамин гуна сухан бигӯем. Бино бар ривояти Инфосура, ки дӯст медошт омори худро дар Руми попнишин сангинтар созад, ба соли 1490 дар миёни нуфус 90 ҳазор нафарии Рум 6800 рӯспии сабтшуда вуҷуд дошт ва ин рақам албатта шомили рӯспиёни махфӣ ва ғайри расмӣ намешуд. Дар Венетсия тибқи омори соли 1509, 11654 фоҳиша дар миёни нуфуси 300 ҳазор нафарии он шаҳр вуҷуд дошт… Дар қарни 15-ум духтаре, ки дар 15-солагӣ ҳанӯз ба шавҳар нарафта буд, нанги хонавода ба шумор мерафт. Дар садаи 16-ум “синни нангин” ба 17-солагӣ расонда шуд, то таҳсилоти олитарро барои духтар мумкин созад. Мардон, ки аз тамоми имтиёзҳо ва тасҳилоти фаҳшо бархӯрдор буданд, фақат дар сурате маҷзуби издивоҷ мешуданд, ки зан бароящон ҷиҳози мӯътабаре биёварад… Бино бар ойини издивоҷи қуруни вустоӣ, чунин интизор мерафт, ки дар мароҳили мухталифи даврони заношӯӣ*

*ишқ миёни зану мард нузҷ гирад, чунонки дар шодӣ ва андӯҳ, хушбахтӣ ва бадбахтӣ шарики якдигар бошанд ва зоҳиран дар бисёре аз маворид чунин интизоре баровper мешуд… Бо ин ҳол зинои мӯҳсина роиҷ буд, чун бештари издивоҷҳои табақоти олӣ, иттиҳоди дипломатик ба хотири манофеъи сиёсӣ ва иқтисодӣ буд, бисёре аз шавҳарон худро ба доштани маъшуқае зиҳақ медонистанд ва зан гарчӣ мумкин буд аз ин амр андӯҳгин шавад, маъмулан дида бар он мебаст ё лаб намегушуд.*

*Дар миёни табақоти мутавассит, бархе аз мардон гумон доштанд, ки зино тафреҳи машрӯъе аст. Макиавеллӣ ва дӯстонаш зоҳиран аз достонҳое, ки дар бораи бевафоиҳои худ бо якдигар радду бадал мекарданд, нороҳат намешуданд. Вақте, ки дар ин маворид зан бо тақлид аз шӯйи худ интиқом мегирифт, шавҳар ғолибан бар амали ӯ чашм мепӯшид ва кулоҳи ғайратро болотар мекашид.*“

Оре, ин буд намунае аз зиндагии мардуме, ки ҳамвора таъаддуди завҷотро бар Машриқ як гуноҳи нобахшуданӣ мешуморанд ва аҳёнан обу ҳавои Машриқзаминро масъули ин амали ба истилоҳ “ғайри инсонӣ” медонанд ва аммо обу ҳавои сарзамини онҳо ба ҳеч ваҷҳ ба онҳо иҷозаи бевафоӣ ба зан ва тахаттӣ аз якҳамсарӣ намедиҳад.

Зимнан ин нукта низ ногуфта намонад, ки набудани таъаддуди завҷот ба сурати машрӯъ дар миёни ғарбиҳо, чӣ хуб ва чӣ бад, марбут ба мазҳаби Масеҳ нест. Дар асли дини Масеҳ, нассе бар манъи таъаддуди завҷот нест, балки чун ҳазрати Масеҳ муқаррароти Тавротро таъйид кардааст ва дар Таврот таъаддуди завҷот ба расмият шинохта шудааст, бояд бигӯем, дар асли дини Масеҳ таъаддуди завҷот таҷвиз шудааст. Ҳатто гуфта мешавад, ки қудамои масеҳиюн дорои завҷоти мутаъаддид будаанд. Пас худдории ғарб аз таъаддуди завҷот ба сурати шаръӣ ва қонунӣ, иллат ё иллатҳои дигаре доштааст.

## Одати моҳона

Баъзе дигар бемории моҳонаи зан ва адами омодагии ӯро барои таматтӯъи мард дар муддати беморӣ, ҳамчунин хастагии зан аз фарзанд зоидан ва майли ӯ ба канорагирӣ аз зиндагии заношӯӣ ва расидагӣ ба ғизо ва парвариши фарзандонро маншаъи таъаддуди завҷот донистаанд.

Уилям Дюрант мегӯяд: “*Дар иҷтимоъоти ибтидоӣ, занон ба суръат пир мешаванд ва ба ҳамин ҷиҳат худ ғолибан мардонро ба заношӯии ҷадид ташвиқ мекарданд, то битавонанд муддати дарозтаре ғизои кӯдакони худро таъмин кунанд ва дар айни ҳол фосилаи миёни давраҳои ҳамли худро тӯлонитар созанд бе он ки аз майли мардон дар тавлиди насл ва дафъи шаҳвати худ чизе бикоҳанд. Ғолибан дида шуда, ки зани аввал, шавҳари худро тарғиб мекардааст, то зани тоза бигирад, ки кори ӯ сабкатар шавад ва зани тоза барои хонавода атфоли дигаре биёварад ва баҳрабардорӣ ва сарват зиёдтар шавад.*“

Бидуни шак бемории моҳонаи зан ва ҳамчунин хастагии ӯ аз фарзанд зодан, зану мардро аз лиҳози амри ҷинсӣ дар вазъи номушобеҳе қарор медиҳад ва сабаб мегардад, ки мард каму беш рӯ ба сӯйи зани дигар биёварад. Аммо ҳеҷ як аз ду иллати боло ба танҳоӣ мӯҷиби расми таъаддуди завҷот намешавад, магар он ки як монеъи ахлоқӣ ё иҷтимоӣ барои мард вуҷуд дошта бошад, ки натавонад ҳаваси худро бо маъшуқагирӣ ва занбозии озод таскин диҳад.

Пас ҳар як аз ду омили фавқ ҳар замон дахолат доштаанд, дар заминае буда, ки мард озодии комил дар ҳавасбозӣ надоштааст.

## Маҳдуд будани давраи фарзандзоии зан

Ба ақидаи баъзе, маҳдуд будани синни зан аз назари тавлиди фарзанд бар хилофи мард ва расидани ӯ ба синни “йоисагӣ” яке аз иллатҳои пайдоиши расми таъаддуди завҷот будааст. Аҳёнан зане ба ин син мерасидааст дар ҳоле, ки ба қадри кофӣ барои мард фарзанд наёварда будааст ё фарзандони қаблӣ талаф шуда буданд.

Майли мард ба доштани фарзанд ба иловаи адами майли ӯ ба талоқи зани аввал сабаб шуда, ки мард ба дунболи зани дуввум ё севвум биравад, ҳамчунон ки нозо будани зани аввал омили дигаре барои рӯй овардани мард ба издивоҷи сонавӣ будааст.

## Омилҳои иқтисодӣ

Барои таъаддуди завҷот решаҳои иқтисодӣ низ зикр кардаанд ва гуфтаанд, дар даврони қадим бар хилофи имрӯз, зану фарзанди зиёд аз лиҳози иқтисодӣ ба нафъи мард будааст. Мард аз занон ва фарзандони худ монанди бардагон кор мекашидааст ва аҳёнан

фарзандони худро мефурӯхтааст. Маншаъи бардагии бисёре аз афрод, асорат дар ҷанг набудааст, балки падарони онҳо, онҳоро ба бозор оварда ва фурӯхтаанд.

Ин ҷиҳат метавонад иллати таъаддуди завҷот воқеъ шавад, зеро мард танҳо бо қабули ҳамсарии расмии зан метавонад аз имтиёзи касрати авлод баҳраманд шавад. Маъшуқагирӣ ва занбозии озод наметавонад ин имтиёзро барои мард таъмин кунад. Вале чунонки медонем, ин иллатро ба ҳамаи мавориде, ки таъаддуди завҷот вуҷуд доштааст наметавон таъмим дод.

Фаразан милали ибтидоӣ ба ин манзур занони мутаъаддид мегирифтаанд, ҳамаи милал ин тавр набудаанд. Дар дунёи қадим расми таъаддуди завҷот дар миёни табақоте маъмул буд, ки бо таҷаммул ва таъайюн ва ташаххус зиндагӣ мекарданд ва маъмулан подшоҳон, амирон, сардорон, руҳониюн ва бозаргонони мутъайин занони мутаъаддид доштаанд ва чунонки медонем, ин табақот аз вуҷуди занон ва фарзандони зиёди худ баҳраи иқтисодӣ намебарадаанд.

## Омили адад ва ашира

Алоқа ба касрати фарзанд ва тавсиъаи нуфуси фомил низ ба навбаи худ омили дигаре буда барои таъаддуди завҷот. Яке аз ҷиҳоте, ки зану мардро дар вазъи мутафовите қарор медиҳад ин аст, ки адади фарзандоне, ки як зан метавонад таввлид кунад, бисёр маъдуд ва маҳдуд аст, хоҳ такшавҳар бошад ё чандшавҳар, аммо адади фарзандоне, ки мард метавонад тавлид кунад, бастагӣ дорад ба теъдоди заноне, ки дар ихтиёр дорад. Мумкин аст як мард ба танҳоӣ аз садҳо зан ҳазорҳо фарзанд аз насли худ тавлид кунад.

Дар дунёи қадим бар хилофи дунёи имрӯз адад ва ашира омили иҷтимоии муҳимме ба шумор мерафтааст. Қабоил ва тавоиф аз ҳар василае барои таксири адад ва ҷилавгирӣ аз коҳиши он истифода мекардаанд. Яке аз ифтихороти он мардум ифтихор ба касрати адади афроди қабила будааст. Бадеҳӣ аст, ки таъаддуди завҷот ягона василаи таксири адад будааст.

## Фузунии адади занон бар мардон

Охирин омили таъаддуди завҷот, ки зимнан муҳимтарини омилҳо аст, фузунии адади занон бар адади мардон будааст. Маволиди духтарон аз маволиди писарон зиёдтар набуда ва нест. Аҳёнан агар дар бархе сарзаминҳо маволиди духтар аз маволиди писар бештар аст, дар баъзе сарзаминҳои дигар баръакс аст, маволиди писар аз маволиди духтар афзунтар аст. Чизе, ки ҳамвора сабаб мешавад, ки адади занони омодаи издивоҷ

аз адади мардони омодаи издивоҷ бештар бошад ин аст, ки талафоти мард ҳамеша аз талафоти зан бештар буда ва ҳаст. Касрати талафоти мард ҳамвора сабаб шуда ва мешавад, ки дар сурати такҳамсарӣ, гурӯҳи фаровоне аз занон аз доштани шавҳари қонунӣ ва хона ва зиндагӣ ва фарзанди машрӯъ маҳрум бимонанд.

Дар ин ки дар иҷтимоъоти ибтидоӣ ин тавр буда баҳсе нест. Қаблан аз Уилям Дюрант нақл кардем, ки: “*Дар иҷтимоъоти ибтидоӣ ба воситаи иштиғоли мардон ба ҷанг ва шикор, зиндагии мард дар маърази хатар буд ва ба ҳамин ҷиҳат мардон бештар аз занон талаф мешуданд. Фузунии иддаи занон бар мардон сабаб мешуд, ки ё таъаддуди завҷот ривоҷ пайдо кунад ва ё иддае аз занон ба ҳоли узубат ба сар баранд.*”

## Баррасии иллатҳо ва омилҳо

Иллатҳоеро, ки аз лиҳози таърихӣ метавон мабдаъ ва маншаъи чандзанӣ фарз кард, ҳаминҳост, ки гуфта шуд. Аммо чунонки мулоҳиза шуд, баъзе аз ин иллатҳо дар воқеъ иллат набуда ва беҷиҳат дар радифи иллатҳои таъаддуди завҷот зикр шудааст, монанди обу ҳаво. Аз ин як, ки бигузарем, ба се навъ иллат бармехӯрем:

Навъи аввал он ки дар рӯй овардани мард ба таъаддуди завҷот таъсир дошта, бидуни он ки муҷаввизе барои мард шумурда шавад, фақат ҷанбаи зӯр ва зулм ва истибдод доштааст. Иллати иқтисодӣ, ки қаблан зикр шуд, аз ин қабил аст. Бадеҳӣ аст, ки фурӯхтани фарзанд яке аз ваҳшиёнатарин ва золимонатарин корҳои башарӣ аст ва таъаддуди завҷоте, ки ба хотири ин ҳадафи ваҳшиёна ва золимона бошад, монанди худи он амал номашрӯъ аст.

Навъи дуввуми он иллатҳо аз ҷанбаи ҳуқуқӣ қобили мутолеа аст ва метавонад “муҷаввизе” барои мард ё барои иҷтимоъ шумурда шавад, аз қабили нозо будани зан ё йоиса шудани ӯ ва эҳтиёҷи мард ба фарзанд ё ниёзмандии қабила ё кишвар ба касрати нуфус. Ба таври куллӣ иллатҳои табиӣ, ки зану мардро аз лиҳози ирзоъи ҷинсӣ ва ё аз лиҳози тавлиди фарзанд дар вазъи номусовӣ қарор медиҳад, метавонад аз ҷанбаи ҳуқуқӣ “муҷаввиз”-и таъаддуди завҷот маҳсуб шавад.

Аммо дар миёни иллатҳои гузашта навъи севвуме ҳаст, ки агар фарз кунем дар дунёи гузашта вуҷуд дошта ва ё дар дунёи имрӯз вуҷуд дорад, беш аз он аст, ки фақат “муҷаввиз”-и таъаддуди завҷот барои мард ё иҷтимоъ маҳсуб гардад, балки мӯҷиби

“ҳаққе” аст аз ҷониби зан ва мӯҷиби таклифе аст ба ӯҳдаи мард ва иҷтимоъ. Он иллат, фузунии адади зан бар мард аст.

Агар фарз кунем дар гузашта ё замони ҳозир адади занони омода ба издивоҷ бар адади мардони омода ба издивоҷ фузунӣ дорад ба тавре, ки агар якҳамсарӣ танҳо сурати қонунии издивоҷ бошад, гурӯҳе аз занони бешавҳар аз ташкили зиндагии хонаводагӣ маҳрум мемонанд, чандзанӣ ба унвони “ҳаққе” аз занони маҳрум ва “таклифе” ба ӯҳдаи мардон ва занони мутаъаҳҳил маҳсуб мешавад.

Ҳаққи таъаҳҳул аз табиитарин ҳуқуқи башарӣ аст. Ҳеч башареро аз ин ҳақ ба ҳеч номе ва таҳти ҳеч унвоне наметавон маҳрум кард. Ҳаққи таъаҳҳул ҳаққе аст, ки ҳар фард бар иҷтимоъи худ пайдо мекунад. Иҷтимоъ наметавонад коре бикунад, ки натиҷатан гурӯҳе аз ин ҳақ маҳрум бимонанд.

Ҳамон тавре, ки масалан ҳаққи кор, ҳаққи хӯрок, ҳаққи маскан, ҳаққи таълиму тарбият, ҳаққи озодӣ, ҷузъи ҳуқуқи аслӣ ва аввалии башар шумурда мешавад ва ба ҳеч ваҷҳ ва ҳеч унвон наметавон аз ӯ салб кард, ҳаққи таъаҳҳул низ як ҳаққи табиӣ аст ва назар ба ин ки дар сурати фузунии адади занони омода ба издивоҷ аз мардони омода ба издивоҷ, қонуни инҳисори издивоҷ ба якҳамсарӣ бо ин ҳаққи табиӣ мунофӣ аст, пас ин қонун бар хилофи ҳуқуқи табиии башар аст.

Инҳо марбут ба гузашта аст. Дар замони ҳозир чӣ бояд гуфт? Оё иллатҳои “муҷаввиз”-и таъаддуди завҷот ва ҳамчунин иллате, ки таъаддуди завҷотро ба унвони “ҳаққи” зан расмият медиҳад, дар ин замон вуҷуд дорад ё хайр? Ба фарзи ин ки ин иллатҳо вуҷуд дошта бошад, аз ҷанбаи ҳаққи зани собиқ чӣ бояд гуфт?

## Ҳаққи зан дар чандҳамсарӣ

Иллатҳои шикасти чандшавҳарӣ ва ривоҷи чандзаниро шарҳ додем. Равшан кардем, ки дар пайдоиши чандзанӣ иллатҳои гуногуне таъсир доштааст. Баъзе аз он иллатҳо аз руҳияи таҳаккум ва истибдоди ҷинси мард сарчашма гирифтааст ва баъзе дигар ношӣ аз тафовути вазъи табиии зану мард аз лиҳози синини истеъдоди тавлиди фарзанд ва қобилияти теъдоди тавлиди фарзанд будааст ва метавониста “муҷаввизе” барои чандзании мард ба шумор равад. Аммо иллати хоссе ҳамвора дар тӯли таърих дар кор буда, ки чандзаниро ба унвони “ҳаққе” барои зан ва “вазифае” барои мард эҷоб мекардааст. Он, фузунии нисбии адади занони омода ба издивоҷ аз адади мардони омода ба издивоҷ аст.

Мо барои ин ки аз дарозии сухан худдорӣ кунем, аз баҳс дар бораи иллатҳое, ки мумкин аст “муҷаввиз”-и таъаддуди завҷот барои мард маҳсуб шавад худдорӣ мекунем; суханро маҳдуд мекунем ба иллате, ки агар вуҷуд дошта бошад, таъаддуди завҷот ба сурати “ҳаққе” барои табақаи нисвон (занон) дармеояд.

Барои исботи ин муддао ду муқаддима бояд равшан шавад: яке ин ки собит шавад тибқи омори қатъӣ ва мусаллам, иддаи занони омодаи издивоҷ, бар адади мардони омодаи издивоҷ фузунӣ дорад.

Дигар ин ки агар чунин чизе вуҷуд пайдо кунад, аз ҷанбаи ҳуқуқи башарӣ ва инсонӣ, мӯҷиби ҳаққе мешавад барои занони маҳрум бар ӯҳдаи мардон ва занони мутаъаҳҳил.

Аммо аз назари аввал. Хушбахтона дар дунёи имрӯз омори нисбатан саҳеҳе дар ин замина вуҷуд дорад. Ҳамаи кишварҳои ҷаҳон дар ҳар чанд сол як бор саршуморӣ мекунанд. Дар ин саршумориҳо, ки дар кишварҳои пешрафта ба сурати дақиқе сурат мегирад, на танҳо ададди маҷмӯъи ҷинси зукур (мард) ва маҷмӯъи ҷинси унос (зан) ба даст меояд, балки нисбати ададди ду ҷинс дар синини мухталиф ба даст меояд. Масалан, равшан мегардад, ки ададди писарони аз 20-сола то 24-сола чӣ қадр аст ва ададди духтарони аз 20-сола то 24-сола чӣ қадр аст, ҳамчунин дар соири синини умр. Созмони Милали Муттаҳид дар солномаҳои ҷамъиятшиносии худ ҳамвора ин оморро мунташир мекунад ва зоҳиран то кунун 16 нашрия дар ин замина мунташир кардааст. Охирин нашрия марбут аст ба соли 1964, ки дар соли 1965 мунташир шудааст.

Албатта қаблан бояд ба ин нукта таваҷҷӯҳ дошта бошем, ки барои муддаъои мо кофӣ нест, ки бидонем маҷмӯъи ададди ҷинси зукури мардуми як кишвар чӣ қадр аст ва маҷмӯъи ададди уноси онҳо чӣ қадр. Он чи муфид ва лозим аст ин аст, ки бидонем, нисбати мардон ва занони омода ба издивоҷ чӣ нисбат аст. Ғолибан, нисбати мардон ва занони омода ба издивоҷ, бо нисбати маҷмӯъи ҷинси зукур ва ҷинси унос мутафовит аст ва ин ду иллат дорад: яке ин ки давраи булуғи духтарон қабл аз давраи булуғи писарон аст. Ба ҳамин ҷиҳат маъмулан дар қонунҳои ҷаҳон синни қонунии духтарон аз синни қонунии писарон пойинтар аст ва амалан дар ҳамаи ҷаҳон аксарияти қариб ба иттифоқи издивоҷҳо миёни мардон ва заноне сурат мегирад, ки мардон ба таври мутавассит 5 сол аз занон бузургтаранд.

Иллати дигар, ки иллати асосӣ аст ва муҳимтар аст ин аст, ки бо ин ки маволиди духтар аз маволиди писар бештар нест ва аҳёнан дар баъзе кишварҳо маволиди писар бештар аст, ҳамвора ба воситаи ин ки талафоти ҷинси зукур аз талафоти ҷинси унос бештар аст, дар синини издивоҷ тавозун баҳам мехӯрад; гоҳе ба сурати фоҳише тафовут пайдо мешавад ва ададди занони омодаи издивоҷ бар ададди мардони омодаи издивоҷ, ба микёси

васеъе фузунӣ мегирад. Ва ба ҳамин хотир мумкин аст маҷмӯъи адади ҷинси зукури як кишвар, бо адади ҷинси уноси он мусовӣ ё аз он бештар бошад, аммо дар табақаи омода ба издивоҷ, яъне табақае, ки ба синни қонунии издивоҷ расидаанд, кор баръакс буда бошад.

Ин матлаб аз оморе, ки дар охирин нашрияи ҷамъиятшиносии Созмони Милали Муттаҳид марбут ба соли 1964 дарҷ шуда комилан равшан аст. Масалан, дар Ҷумҳурии Корея тибқи омори ин нашрия, маҷмӯъи ҷамъият 26,277 635 нафар аст. Аз ин маҷмӯъ 13,145 289 нафар аз ҷинси зукуранд ва 13,132 346 нафар аз унос, яъне дар маҷмӯъи ҷамъият, адади зукур 12 943 нафар беш аз унос аст. Ин нисбат дар атфоли камтар аз 1-сола ва атфоли аз 1-сола то 4-сола ва аз 5-сола то 9-сола ва аз 12-сола то 14-сола ва аз 15-сола то 19-сола ҳамчунон маҳфуз аст.

Омор нишон медиҳад, ки дар ҳамаи ин синин теъдоди зукур беш аз унос аст. Аммо аз 20-сола то 24-сола ин нисбат иваз мешавад. Маҷмӯъи адади зукур дар ин синин 1,083 364 нафар аст ва маҷмӯъи унос 1,110 051 нафар аст. Аз ин синин ба боло, ки синини издивоҷи қонунии занон ва мардон аст, ҳар чи боло биравем, адади ҷинси унос беш аз адади ҷинси зукур аст.

Тоза, Ҷумҳурии Корея вазъи истисноӣ дорад, ки дар маҷмӯъи ҷамъият, адади зукур беш аз унос аст. Аксарияти қариб ба иттифоқи кишварҳо на танҳо дар синини издивоҷ адади ҷинси унос беш аз ҷинси зукур аст, дар маҷмӯъи ҷамъият низ адади унос беш аз зукур аст. Масалан, дар Шӯравӣ маҷмӯъи ҷамъият 216,101 000 аст ва аз ин маҷмӯъ 97,840 000 аз ҷинси зукур ва 118,261 000 аз ҷинси унос аст ва ин тафовут дар синини қабл аз издивоҷ ва ҳамчунин синини издивоҷ, яъне аз 20-сола то 24-сола ва аз 25-сола то 29-сола ва аз 30-сола то 34-сола ва ҳамчунин то 80-сола ва 84-сола, ҳамчунон маҳфуз аст.

Ва ҳамчунин аст кишварҳои Ангилистон, Фаронса, Олмони Ғарбӣ, Олмони Шарқӣ, Чехославакия, Полша, Руминия, Венгрия, Омрико, Япония ва ғайра. Ва албатта дар баъзе нуқот монанди Берлини Ғарбӣ ва Шарқӣ тафовути адади зану мард тафовути фоҳише аст.

Дар Ҳиндустон ҳатто дар синини издивоҷ адади мард бар адади зан мечарбад. Фақат аз синини 50 ба болост, ки адади зан бар адади мард фузунӣ мегирад. Зоҳиран иллати нуқсони зан дар Ҳинд одати қадимии мардуми хурофотии он сарзамин аст, ки зани шавҳармурдаро аз миён мебаранд.

Саршуморӣ, ки соли гузашта дар Эрон ба амал омад, нишон дод, ки Эрон аз кишварҳои истисноӣ аст, ки дар маҷмӯъи ҷамъият, адади зукур беш аз адади унос аст. Маҷмӯъи ҷамъияти Эрон тибқи ин сарашуморӣ 25,781 090 нафар аст ва аз ин маҷмӯъ 13,337 334

нафар аз ҷинси зукуранд ва 12,443 576 нафар аз ҷинси унос мебошанд ва маҷмӯан адади зукур 893 578 беш аз адади унос аст.

Ёдам ҳаст, ки дар ҳамон авқот баъзе нависандагон, ки дар бораи таъаддуди завҷот баҳс карда буданд, навишта буданд, бибинед бар хилофи иддае тарафдорони таъаддуди завҷот, адади мард дар кишвари мо беш аз адади зан аст, пас қонуни таъаддуди завҷот бояд лағв шавад.

Ман ҳамон вақт таъаҷҷуб мекардам аз ин нависандагон. Инҳо фикр намекунанд, ки аввалан қонуни таъаддуди завҷот махсуси Эрон нест ва соният он чи барои ин мавзӯъ муфид аст ин аст, ки бидонем адади мардони омода ба издивоҷ бо адади занони омода ба издивоҷ баробар аст ё аз он бештар аст. Ин ки дар маҷмӯъи адад, иддаи ҷинси зукур беш аз ҷинси унос бошад, барои мавзӯъи мавриди назар кофӣ нест. Дидем, ки дар Ҷумҳурии Корея ва баъзе кишварҳои дигар низ дар маҷмӯъ нуфуси адади ҷинси зукур бештар аст, вале дар афроди омода ба издивоҷ адади ҷинси унос бештар аст. Бигузарем аз ин ки дар кишварҳое монанди Эрон чандон эътимоде ба ин оморҳо нест. Агар танҳо “жести писарзоӣ”-и занони Эронро дар назар бигирем, ки ҳозир нестанд ҳатто дар ҷавоби маъмурони саршуморӣ худро духтарзо муаррифӣ кунанд ва ба ҷойи духтар писар қаламдод мекунанд, кофӣ аст, ки эътимоди моро салб кунад. Ҷараёни амалии арза ва тақозо дар кишвари мо далели қотеъе аст бар ин ки адади занони омода ба издивоҷ дар ин кишвар аз адади мардон бештар аст, зеро бо ин ки таъаддуди завҷот дар ҳама ҷойи ин кишвар аз шаҳрҳо ва деҳот ва ҳатто миёни илот маъмул буда ва ҳаст, ҳаргиз касе дар ин кишвар то кунун эҳсоси камбуди зан накарда ва зан бозори сиёҳ пайдо накардааст. Баръакс, ҳамвора арза бар тақозо мечарбидааст. Духтарон ё занони бева ва ҷавоне, ки иҷборан бидуни шавҳар мемондаанд, аз мардони муҷаррад басе афзунтар будаанд.

Ҳеч вақт як мард, ҳар андоза фақир ва бадқиёфа буда, агар зан мехоста бидуни зан намемондааст, дар сурате, ки заноне, ки иҷборан бидуни шавҳар мондаанд зиёд будаанд. Ин ҷараён машҳуд ва маҳсус беш аз ҳар оморе қотеъият дорад.

Эшли Монтегю дар китоби “Зан, ҷинси бартар”, зимни ин ки беҳуда мекӯшад майли занро ба таҷаммул ва зинат ношӣ аз омилҳои иҷтимоӣ бидонад, ба ин ҳақиқат эътироф мекунад ва мегӯяд: дар саросари олам пайваста мизони занони омодаи издивоҷ бар мардон фузунӣ дорад.

Оморгирии соли 1950 нишон дод, ки занони омодаи издивоҷи Омрико ба андозаи 1 миллиону 439 ҳазор тан бар мардон афзоиш дорад. (*Маҷаллаи “Зани рӯз”, шумораи 69, сафҳаи 71*)

Бертран Рассел дар китоби "Заношӯӣ ва ахлоқ" фасли марбут ба нуфус, сафҳаи 115 мегӯяд:

"*Дар Ангилистони кунунӣ беш аз ду миллион зани зоид бар мардон вуҷуд дорад, ки бино бар урф бояд ҳамвора ақим бимонанд ва ин барои эшон маҳрумияти бузурге аст.*"

Дар чанд сол пеш дар рӯзномаҳои Эрон хондем, ки занони муҷаррадi Олмон, ки пас аз талафоти азими Олмон дар ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ аз доштани шавҳари қонунӣ ва конуни хонаводагӣ маҳрум мондаанд, расман аз давлати Олмон тақозо карданд, ки қонуни такҳамсариро лағв кунад ва иҷозаи таъаддуди завҷот бидиҳад. Давлати Олмон зимни як дархости расмӣ аз Донишгоҳи исломии Алазҳар формулаи ин корро хост ва албатта баъд ҳам иттилоъ ҳосил кардем, ки калисо сахт бо ин тақозо мухолифат кард. Калисо маҳрум мондани занонро ва дар воқеъ шуюъи фаҳшоро бар таъаддуди завҷот, сирфан ба хотири ин ки як формулаи шарқӣ ва исломӣ аст, тарҷеҳ дод.

## Илали фузунии адади занони омода ба издивоҷ аз мардон

Иллати ин амр чист? Чаро бо ин ки маволиди духтар аз маволиди писар бештар нест, адади занони омодаи издивоҷ аз мардон бештар аст?

Иллати ин амр возеҳ аст: талафоти ҷинси мард аз талафоти ҷинси зан бештар аст. Ин талафот маъмулан дар синине воқеъ мешавад, ки мард бояд сарпарасти хонаводае бошад. Агар андаке ба маргҳое, ки дар асари ҳаводис пеш меояд таваҷҷӯҳ кунем аз ҷангҳо, ғарқ шуданҳо, суқутҳо, зери овор монданҳо, тасодуфҳо ва ғайри инҳо, хоҳем дид ҳамаи ин ҳаводис ва талафот мутаваҷҷеҳи ҷинси мард аст. Нудратан зане дар миёни инҳо дида мешавад. Чӣ дар муборизаи инсон бо инсон, чӣ дар муборизаи инсон бо табиат, талафот мутаваҷҷеҳи мард мешавад.

Агар танҳо ҷангҳоро дар назар бигирем, ки аз аввали таърихи башарият рӯзе набуда, ки дар чанд нуқтаи ҷаҳон ҷанг набошад ва талафоте бар мардон ворид наёварад, кофӣ аст, ки бидонем чаро тавозуни зану мард дар синини издивоҷ баҳам мехӯрад. Мизони талафоти ҷанг дар асри санъат садҳо баробари асрҳои шикор ва кишоварзӣ аст. Талафоте, ки дар ду ҷанги ахири ҷаҳонӣ бар ҷинси мард ворид шуд — ки зоҳиран дар ҳудуди 70 миллион нафар будааст — мусовӣ аст бо талафоте, ки собиқан дар чанд қарн аз роҳи ҷанг бар башар ворид мешуд. Шумо агар танҳо талафотеро, ки дар чанд соли

ахир дар ҷангҳои минтақаи Ховари Дур ва Ховари Миёна ва Офриқо ворид омада ва ҳанӯз ҳам дар ҷараён аст, дар назар бигиред, муддаъои моро тасдиқ хоҳед кард.
Уилям Дюрант мегӯяд:

“*Дар заволи ин одат (таъаддуди завҷот) омилҳое чанд дахолат кардааст. Зиндагонии кишоварзӣ, ки ҳолати суботе дорад сахтӣ ва нороҳатии зиндагии мардонро тақлил дод ва мухотирот камтар шуд ва ба ҳамин ҷиҳат иддаи марду зан тақрибан мусовии якдигар шуд.*“

Ин сухан аз Уилям Дюрант хеле аҷиб аст. Агар талафоти мард мунҳасир буд ба талафоте, ки дар мубориза бо табиат мутаҳаммил мешавад, албатта миёни давраи шикор ва давраи кишоварзӣ аз ин ҷиҳат тафовут аст; дар сурате, ки умдаи талафоти ҷинси мард аз роҳи ҷанг аст, ки дар давраи кишоварзӣ аз давраи шикор камтар набудааст ва дигар аз ин роҳ аст, ки мард ҳамвора занро таҳти ҳимояти худ гирифта ва корҳои сахт ва хатарнокро, ки хатари марг дошта худ ба ӯҳда мегирифтааст; ва аз ин рӯ ин адами тавозун дар давраи кишоварзӣ низ монанди давраи шикор вуҷуд доштааст.
Уилям Дюрант аз давраи мошинӣ ва санъатӣ ном намебарад ва ҳол он ки дар ин давра аст, ки талафоти мард бедод мекунад ва тавозунро ба сурати фоҳише барҳам мезанад.

## Муқовамати бештари зан дар баробари бемориҳо

Чизи дигаре, ки сабаб мешавад талафоти ҷинси мард аз талафоти ҷинси зан бештар бошад, мавзӯъе аст, ки ахиран дар партави пешрафти улум кашф шудааст ва он ин ки муқовамати мард дар баробари бемориҳо аз муқовамати зан камтар аст ва дар натиҷа талафоти мард ба воситаи бемориҳо аз талафоти зан бештар аст.
Дар деймоҳи 1335 рӯзномаи “Иттилоот” навишт:

“*Идораи омори Фаронса иттилоъ медиҳад, ки бо ин ки дар Фаронса адади мавлуди писар аз духтар бештар аст ва ба изои ҳар 100 духтар 105 писар мутаваллид мешавад, бо вуҷуди ин, адади занон 1 миллиону 765 ҳазор нафар аз мардон бештар аст ва онҳо иллати ин тафовутро муқовамати ҷинси зан дар муқобили беморӣ зикр кардаанд.*“

Дар маҷаллаи “Сухан”, сол 6-ум, шумораи 11-ум мақолае таҳти унвони “Зан дар сиёсат ва иҷтимоъ” аз маҷаллаи моҳона ва мусаввари Юнеско, ба василаи доктор Заҳро Хонларӣ тарҷима шуд.

Дар он мақола аз Эшли Монтегю нақл шуд, ки:

“*Табиати зан аз назари илмӣ бар табиати мард тафаввуқ дорад. Хромосомаи X марбут ба ҷинси мода аз хромосомаи Y марбут ба ҷинси нар қавитар аст. Аз ин рӯ умри зан аз умри мард дарозтар аст, ҳадди мутавассити умри зан аз мард бештар аст, зан умуман аз мард солимтар аст, муқовиматаш дар баробари бисёре аз амроз аз мард бештар аст,ағлаб зудтар муолаҷа мешавад. Дар баробари 1 зани алкан (гунг), 5 марди алкан ёфт мешавад. Дар баробари 1 зани кӯрранг 16 марди кӯрранг ёфт мешавад. Истеъдоди назфуддам (равонии хун аз бадан = кровотечение) тақрибан мунҳасир ба ҷинси мард аст. Зан дар баробари ҳаводис беш аз мард қувваи муқовимат дорад. Ҳама ҷо дар ҷараёни ҷанги ахир муҳаққақ шудааст, ки дар авзоъи мушобеҳ, зан бисёр беҳтар аз мард тавониста машаққати муҳосира (-и зиндон)-и урдугоҳи зиндониёнро таҳаммул кунад… Тақрибан дар ҳамаи кишварҳо теъдоди интиҳор дар мардҳо се баробари занҳост.*“

Назарияи Эшли Монтегю роҷеъ ба муқовимати бештари ҷинси зан дар баробари бемориӣ, баъдҳо зимни китоби “Зан, ҷинси бартар” ба василаи оқои Ҳисомуддин Имомӣ тарҷима шуд ва дар шумораи 70 маҷаллаи “Зани рӯз” чоп шуд.

Қудрати бештари муқовимати зан дар баробари беморӣ сабаб мешавад, ки фаразан рӯзе мард қудрат пайдо кунад ва интиқоми худро аз ҷинси зан бигирад ва пойи ӯро ба корҳои сахт ва хатарнок, ки мунҷар ба маргу мир мешавад бикашад, махсусан ӯро ба майдони ҷанг бурда, тани зарифи ӯро ҳадафи тӯпу мусалсал ва бомб қарор дода, маззаи ин корҳоро ба ӯ бичашонад, боз ҳам ба воситаи муқовимати бештари зан дар муқобили беморӣ, тавозуни адади ҷинси зан ва ҷинси мард маҳфуз нахоҳад монд.

Инҳо ҳама роҷеъ ба муқаддимаи аввал, яъне фузунии нисбии адади занони омодаи издивоҷ бар адади мардони омодаи издивоҷ. Пас маълум шуд воқеан чунин ҳақиқате вуҷуд дорад ва маълум шуд иллати он чист ва он иллат ё иллатҳо аз аввали таърихи башар то ин соат вуҷуд дошта ва дорад.

# Ҳаққи зан дар чандҳамсарӣ

Аммо муқаддимаи дуввум, яъне ин ки фузунии адади зани омодаи издивоҷ, бар адади марди омодаи издивоҷ барои табақаи зан тавлиди “ҳаққ” мекунад ва барои мардон ва занони мутаъаҳҳил эҷоди “вазифа”.

Дар ин ки ҳаққи таъаҳҳул аз табиитарин ва асилтарин ҳуқуқи башарӣ аст, ҷойи сухан нест. Ҳар касе (аъам аз зан ё мард) ҳақ дорад зиндагии хонаводагӣ дошта бошад, аз доштани зан ё шавҳар ва фарзанд баҳраманд бошад; ҳамон тавре, ки ҳақ дорад кор кунад, маскан дошта бошад, аз таълиму тарбият баҳраманд шавад, аз беҳдошт истифода кунад, амният ва озодӣ дошта бошад. Иҷтимоъ на танҳо набояд монеъе дар роҳи истифои ин ҳуқуқ эҷод кунад, балки бояд василаи таъмини ин ҳуқукро фароҳам созад.

Аз назари мо, як нақисаи бузург дар Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар ин аст, ки ба ҳаққи “таъаҳҳул” таваҷҷӯҳе накардааст. Ин эъломия аз ҳуқуқе монанди ҳаққи озодӣ ва амният, ҳаққи руҷӯъи муассир ба маҳкамаҳои миллӣ, ҳаққи тобеият ва тарки тобеият, ҳаққи озодии издивоҷ бо аҳли ҳар нажод ва мазҳаб, ҳаққи моликият, ҳаққи ташкили иттиҳодия, ҳаққи истироҳат ва фароғат, ҳаққи омӯзишу парвариш ёд мекунад, аммо аз ҳаққи таъаҳҳул яъне ҳаққи доштани як конуни хонаводагӣ, қонуне ном ба миён намеоварад. Ин ҳақ махсусан аз ноҳияи зан бештар аҳаммият дорад, зеро зан беш аз мард ба доштани конуни хонаводагӣ ниёзманд аст. Дар мақолаи 27 гуфтем, издивоҷ барои мард аз ҷанбаи моддӣ аҳаммият дорад ва барои зан аз ҷанбаҳои маънавӣ ва отифӣ. Мард агар хонаводаро аз даст бидиҳад, бо фаҳшо ва рафиқабозӣ лоақал ниме аз эҳтиёҷоти худро бармеоварад, аммо аҳаммияти хонавода барои зан беш аз инҳост.

Зан агар муҳити хонаводагиро аз даст бидиҳад, бо фаҳшо ва рафиқбозӣ наметавонад ба ҳеч ваҷҳ эҳтиёҷоти моддӣ ва маънавии худро — ҳарчанд ба ҳадди ақал — таъмин кунад. Ҳаққи таъаҳҳул барои як мард яъне ҳаққи ишбоъи ғариза, ҳаққи ҳамсар ва шарик ва ҳамдил доштан, ҳаққи фарзанди қонунӣ доштан. Аммо ҳаққи таъаҳҳул барои як зан илова бар ҳамаи инҳо яъне ҳаққи ҳомӣ ва сарпараст доштан, ҳаққи пуштвонаи авотиф доштан.

Акнун пас аз исботи ду мақолаи боло:

1. Фузунии нисбии адади занон бар адади мардон.
2. Ҳаққ таъаҳҳул як ҳаққи табиӣ башарӣ аст.

Натиҷа ин аст: агар якҳамсарӣ танҳо сурати қонунии издивоҷ бошад, амалан гурӯҳи зиёде аз занон аз ҳаққи табиии инсони худ (ҳаққи таъаҳҳул) маҳрум мемонанд. Танҳо бо

қонуни таҷвизи таъаддуди завҷот аст — албатта бо шароити хоссе, ки дорад — ки ин ҳаққи табиӣ эҳё мегардад.
бар ӯҳдаи занон равшан байн мусалмон аст, ки шахсият воқеӣ худро бозёбанд ва ба номи ҳимоят аз ҳуқуқи ҳаққаи зан, ба номи ҳимоят аз ахлоқ, ба номи ҳимоят аз насли башар, ба номи яке аз табиитарин ҳуқуқи башар, ба Комиссияи ҳуқуқи башар дар Созмони Милал пешниҳод кунанд, ки таъаддуди завҷотро дар ҳамон шароити мантиқӣ, ки ислом гуфта, ба унвони ҳаққе аз ҳуқуқи башарӣ ба расмият бишносад ва аз ин роҳ бузургтарин хидматро ба ҷинси зан ва ба ахлоқ бинамоянд. Сирфи ин ки як формула аз ҷониби шарқ омада ва ғарб бояд аз шарқ пайравӣ кунад, гуноҳ маҳсуб намешавад.

## Назарияи Рассел

Бертран Рассел — чунонки қаблан ишора кардем — ба ин нукта таваҷҷӯҳ дорад, ки агар якҳамсарӣ танҳо сурати қонунии издивоҷ бошад, мусталзими маҳрумияти гурӯҳи зиёде аз занон мешавад. Аз ин рӯ роҳи ҳалл пешниҳод мекунад. Аммо чӣ роҳи ҳалл?! Хеле содда, пешниҳод мекунад, ки ба ин занон иҷоза дода шавад, барои ин ки аз доштани фарзанд маҳрум намонанд, бо шикор кардани мардон, фарзандони бепадар ба вуҷуд оваранд ва назар ба ин ки зан дар ҳоле, ки фарзанд дар раҳим ё доман дорад, эҳтиёҷ ба кӯмаки моддӣ дорад ва маъмулан падар ба номи нафақа ба ӯ кӯмак мекунад, давлат аз ин ҷиҳат ҷонишини падар шавад ва ба ин гуна занон кӯмаки иқтисодӣ кунад.
Рассел пас аз ин ки мегӯяд:
“*Дар Англистони кунунӣ беш аз ду миллион зани зоид бар мардон вуҷуд дорад ва бино бар урф (урфи такҳамсари) бояд ҳамвора ақим бимонанд ва ин барои онҳо маҳрумияти бузурге аст.*“ Мегӯяд:
“*Ваҳдати издивоҷи комил (такҳамсарӣ) мубтанӣ бар фарзи тасовии тақрибии занон ва мардон аст. Ҷойе, ки тасовӣ вуҷуд надорад, қасовати зиёде дар бораи касоне мешавад, ки ба ҳукми қонуни риёзӣ бояд муҷаррад бимонанд. Ҳол агар моил ба издиёди нуфус бошем, ин қасоват, гузашта аз назари хусусӣ, аз лиҳози умумӣ низ муҷоз нахоҳад буд.*“
Ин аст роҳи ҳалле, ки як файласуфи қарни 20-ум барои ин масъалаи иҷтимоӣ пешниҳод мекунад ва он буд роҳи ҳалле, ки ислом пешниҳод кардааст. Ислом мегӯяд: ин мушкилро ба ин сурат ҳал кунед, ки як нафар марди воҷиди шароити молӣ ва ахлоқӣ ва ҷисмӣ беш аз як занро такаффул кунад, зани дуввумро ҳамсари қонунӣ ва шаръии худ қарор диҳад,

миёни ӯ ва ҳамсари аввалаш ва ҳамчунин миёни фарзандони ин зан ва фарзандони ҳамсари аввалаш ҳеч гуна табъизу тафовуте қоил нашавад, зани аввал тахти унвони як вазифаи иҷтимоӣ нисбат ба хоҳари худаш аз ҳаққи худ бигузарад ва фидокорӣ кунад ва ин навъ иштирок ва сотсиализмро, ки заруритарин анвоъи сотсиализм аст бипазирад. Аммо ин файласуфи қарни 20-ум мегӯяд: занони маҳрум шавҳарони занони дигарро бидузданд, баччаҳои бепадаре, ки аз ин роҳ ба вуҷуд меоянд, давлат такаффул кунад. Аз назари ин файласуфи қарни 20-ум, эҳтиёҷи зан ба таъаҳҳул фақат аз се ноҳия аст: яке аз ноҳияи ҷинсӣ, ки бо зарангӣ ва дилрубоии зан ба хубӣ таъмин мешавад, дигар аз ноҳияи фарзанд, ки он ҳам бо duздӣ таъмин мегардад, севвум аз ноҳияи иқтисодӣ, ки ба васила и давлат бояд таъмин шавад. Аз назари ин файласуф, чизе, ки аҳаммият надорад яке ин аст, ки зан эҳтиёҷ дорад ба авотифи самимонаи шавҳар; эҳтиёҷ дорад ба ин ки марде ӯро зери боли ҳимояти худ бигирад ва тамос бо ӯ танҳо аз ноҳияи эҳтиёҷи ҷинсӣ набошад. Мавзӯи дигаре, ки аз назари ин файласуф аҳаммият надорад, вазъи парешон ва нороҳаткунандаи кӯдаке аст, ки аз ин роҳ ба дунё меояд. Ҳар кӯдаке, балки ҳар инсоне, ниёз дорад ба падари шинохташуда ва модари шинохташуда. Ҳар кӯдаке ниёз дорад ба авотифи самимонаи падару модар. Таҷриба нишон додааст, модаре, ки фарзандаш падари мушаххасе надорад ва қалбаш аз манбаъи авотифи падари он фарзанд сероб намешавад, камтар нисбат ба фарзандаш меҳр меварзад. Ин касри муҳаббатҳоро аз куҷо бояд таъмин кард? Оё давлат метавонад таъмин кунад?
Оқои Рассел мутаассиф аст, ки агар пешниҳоди ӯ қонунӣ нашавад, гурӯҳи зиёде аз занони муҷаррад ақим мемонанд. Аммо худи оқои Рассел беҳтар медонад, ки занони муҷарради Англистон шикебоии интизори чунин қонунеро надоранд; амалан аз пеши худ мушкили таҷаррyд ва фарзанди бепадарро ҳал кардаанд.

## Аз ҳар даҳ англисӣ

Дар (рӯзномаи) "Иттилоот" (38/925) таҳти унвони "Аз ҳар даҳ англисӣ яке ҳаромзода аст" чунин навишта буд:

"*Лондон, Рейтер, 16 декабр, хабаргузории Фаронса. Дар гузорише, ки доктор Ҷ.А.Скотт, маъмури пизишкии шаҳрдории Лондон таҳия кардааст, хотирнишон шуда: соли гузашта дар Лондон аз ҳар даҳ кӯдаке, ки ба дунё омаданд, яке ғайримашрӯъ будааст. Доктор Скотт таъкид кардааст, ки таваллудҳои ғайриқонунӣ дар ҳоли афзоиши доимӣ*

*аст ва аз 33 838 нафар дар соли 1957, ба 53 433 нафар дар соли баъдӣ афзоиш ёфтааст.*“

Миллати Ангилистон бидуни ин ки интизори қонунӣ шудани пешниҳоди оқои Расселро бикашад, худаш мушкилро ҳал кард.

## Таъаддуди завҷот мамнӯъ ва ҳамҷинсбозӣ равост?!

Аммо давлати Ангилистон дуруст бар хилофи назари оқои Рассел амал кард; ба ҷойи ин ки таклифи занони муҷаррадро равшан кунад ва ҳаққе барои онҳо дар вуҷуди мардон қарор диҳад, коре кард, ки занон беш аз пеш аз вуҷуди мардон маҳрум гарданд. Дар ҳафтаи гузашта қонуни “ҳамҷинсбозӣ”-ро ба тасвиби ниҳоӣ расонид. Дар таърихи 46/414 рӯзномаи “Иттилоот” хабар дод:

“*Лондон. Маҷлиси авоми Бритониё пас аз як баҳси ҳаштсоата қонуни ҳамҷинсбозиро тасвиб кард ва матни лоиҳаро барои тасвиби ниҳоӣ ба Маҷлис аъён фиристод.*“

Дар 10 рӯзи баъд яъне дар 46/424 навишт:

“*Маҷлиси лордҳои Ангилис қонуни “ҳамҷинсбозӣ”-ро дар шӯри дуввум тасвиб кард. Ин қонун, ки қаблан ба тасвиби Маҷлиси авоми Ангилис расида, ба зудӣ аз тарафи Елизаветаи II, маликаи Бритониё тавшеҳ хоҳад шуд.*“

Дар ҳоли ҳозир дар Ангилистон таъаддуди завҷот мамнӯъ аст, аммо ҳамҷинсбозӣ равост. Аз назари ин мардум, агар як мард барои зани худ “ҳаву” аз ҷинси зан биёварад ҷоиз нест, як амали ғайриинсонӣ кардааст, аммо агар “ҳаву” аз ҷинси мард биёварад, амали шарофатмандона ва инсонӣ ва мутаносиб бо муқтазаёти қарни 20-ум анҷом додааст. Ба иборати дигар, ба фатвои аҳли ҳаллу акди Ангилистон, агар “ҳаву”-и зан ришу сибил дошта бошад, чандҳамсарӣ ишкол надорадю Ин ки мегӯянд, дунёи ғарб масоили ҷинсӣ ва хонаводагиро ҳал карда ва мо бояд аз роҳи ҳаллҳои онҳо истифода кунем, ба ин наҳв ҳал карда, ки донистед.

Инҳо барои ман чандон мояи таъаҷҷуб нест. Роҳе, ки ғарб дар масоили марбут ба умури ҷинсӣ ва умури хонаводагӣ пеш гирифта, ба натоиҷе ҷуз ин натоиҷ намерасад; агар ба натоиҷе ғайри инҳо бирасад, таъаҷҷуб дорад.

Он чи мояи таъаҷҷуб ва таъассуфи ман аст ин аст, ки мардуми мо чаро мантиқи худро аз даст додаанд?! Чаро ҷавонон ва таҳсилкардаҳои имрӯзи мо камтар қудрати таҷзияву таҳлили қазоёро доранд?! Чаро шахсияти худро бохтаанд?! Чаро агар гавҳаре дар даст дошта бошанд ва мардуми он сӯйи ҷаҳон бигӯянд, ин гирду аст, бовар мекунанд ва дур меандозанд ва аммо агар гирдуе дар дасти аҷнабӣ бибинанд ва ба онҳо гуфта шавад, ин гавҳар аст, бовар карда шефтааш мегарданд?!

## Оё табиати мард чандҳамсарӣ аст?

Ҳатман таъаҷҷуб хоҳед кард агар бишнавед ақидаи роиҷи равоншиносон ва файласуфони иҷтимоии ғарб бар ин аст, ки мард чандҳамсарӣ офарида шуда, якҳамсарӣ бар хилофи табиати ӯст.

Уилям Дюрант дар "Лаззоти фалсафа" (сафҳаи 91) пас аз он ки шарҳе дар бораи ошуфтагиҳои ахлоқии имрӯз аз назари умури ҷинсӣ медиҳад, мегӯяд:

"*Бешак бисёре аз он, натиҷаи алоқаи "ислоҳнопазире" аст, ки ба танаввӯъ дорем ва табиат ба як зан басанда намекунад.*"

Ҳам ӯ мегӯяд:

"*Мард зотан табиати чандҳамсарӣ дорад ва фақат нерӯмандтарини қайдҳои ахлоқӣ, мизони муносибе аз фақр ва кори сахт ва назорати доимии завҷа метавонад такҳамсариро ба ӯ таҳмил кунад.*"

Дар шумораи 112 маҷаллаи "Зани рӯз" таҳти унвони "Оё мард табиатан хиёнаткор аст?" навиштааст:

"*Профессор Шмиди олмонӣ гуфтааст: "Дар тӯли таърих, мард ҳамеша хиёнаткор буда ва зан дунболарави хиёнат. Ҳатто дар қуруни вусто низ баробари шавоҳиди мавҷуд 90 дарсад аз ҷавонон ба дафаъот рафиқа иваз мекарданд ва 50 дарсад аз мардони зандор ба ҳамсаронашон охиёнат меварзиданд. Роберт Кинси, муҳаққиқи маъруфи омрикоӣ дар гузоришаш — ки ба Kinsey Report машҳур шуда — навиштааст: мардон ва занони омрикоӣ дар бевафоӣ ва хиёнат дасти соири милали дунёро аз пушт бастаанд... Кинси дар қисмати дигари гузоришаш овардааст: "Зан бар хилофи мард аз танаввӯъҷӯӣ дар ишқ ва лаззат безор аст. Ба*

*ҳамин далел баъзе авқот аз рафтори мард сар дарнамеоварад. Вале мард танаввӯъҷӯиро навъе моҷароҷӯӣ талаққӣ мекунад, осон аз роҳ бадар меравад ва ба назари ӯ, он чи муҳим аст, лаззати ҷисмӣ аст, на лаззати отифӣ ва руҳӣ. Тазоҳур ба тамоси отифӣ ва руҳӣ дар мард фақат то вақте аст, ки фурсате барои дарки лаззати ҷисмӣ пеш наомадааст. Рӯзе пизишки машҳуре ба ман гуфт: "полигамен" будани мард (танаввӯъдӯстӣ ва таъаддудхоҳӣ) ва "моногамна" будани зан (инҳисорхоҳӣ ва якашиносӣ) як амри бадеҳӣ аст, зеро дар мард миллионҳо селлули "сперм" тавлид мешавад, дар ҳоле, ки зан дар даврони омодагӣ ҷуз як тухм аз тухмдон тавлид намекунад. Сарфи назар аз фарзияи Кинси, бад нест аз худамон бипурсем:*

*Оё вафодор будан барои мард мушкил аст?*

*Анри Дюмонтерлани фаронсавӣ дар посухи ин суол навиштааст: вафодор будан барои мард мушкил нест, балки ғайримумкин аст. Як зан барои як мард офарида шудааст ва як мард барои зиндагӣ ва ҳамаи занҳо. Мард агар ба торикӣ мепарад ва ба занаш хиёнат мекунад, тақсири худаш нест, тақсири хилқат ва табиат аст, ки ҳамаи омилҳои хиёнатро дар ӯ ба вуҷуд овардааст.*"

Дар шумораи 120 ҳамин маҷалла таҳти унвони "Ишқ ва издивоҷ ба сабки фаронсавӣ" чунин менависад:

"*Зану шавҳари фаронсавӣ масъалаи бевафоиро байни худашон ҳал карда ва барои он қоъидаву қонун ва ҳадду ҳудуде қоил шудаанд. Агар мард аз марзи ин қоъидаву қонун таҷовуз накунад, париш ба торикиаш беаҳаммият аст. Оё усулан як мард баъд аз ду сол зиндагии заношӯӣ метавонад вафодор бимонад? Ба таври яқин на, зеро ин хилофи табиаташ аст. Аммо дар мавриди занон то андозае тафовут мекунад ва хушбахтона онҳо ба ин тафовут воқифанд. Дар Фаронса агар шавҳаре муртакиби хиёнат шавад, занаш эҳсоси норизоӣ намекунад ё*

*асабонӣ намешавад, зеро ба худаш дилдорӣ медиҳад; ӯ фақат ҷисмашро бо худаш назди дигаре бурда на руҳу эҳсосоташро, руҳу эҳсосоташ моли ман аст.*“

Дар чанд соли пеш назарияи як профессори зистшинос ба номи доктор Рассел Лӣ дар ҳамин замина дар рӯзномаи “Кайҳон” мунташир шуд ва муддате мавриди баҳсу гуфтугӯи нависандагони эронӣ буд. Ба ақидаи доктор Рассел Лӣ, қаноати мард ба як зан хиёнат ба насл аст, на аз назари каммият, балки аз назари кайфият; зеро басанда кардани мард ба як зан насли ӯро заъиф мекунад. Насл дар чандҳамсарӣ қавӣ ва нерӯманд мегардад.

Ба ақидаи мо, ин тавсиф аз табиати мард ба ҳеч ваҷҳ саҳеҳ нест. Илҳомбахши ин муфаккирон дар ин ақида авзоъи хосси муҳити иҷтимоии онҳо буда, на табиати воқеии мард.

Албатта мо муддаӣ нестем, ки зану мард аз лиҳози зистшиносӣ ва равоншиносӣ вазъи мушобеҳе доранд. Баръакс, мӯътақидем зистшиносӣ ва равоншиносии марду зан мутафовит аст ва хилқат аз ин тафовут ҳадаф доштааст ва ба ҳамин ҷиҳат набояд тасовии ҳуқуқи инсонии зану мардро баҳона барои ташобуҳ ва якнавохтии ҳуқуқи онҳо қарор дод. Аз назари руҳияи якҳамсарӣ низ қатъан зану мард руҳияҳои мутафовите доранд. Зан табъан такшавҳар аст; чандшавҳарӣ бар зидди руҳияи ӯст. Навъи таманниёти зан аз шавҳар бо чандшавҳарӣ созгор нест. Аммо мард табъан такҳамсар нест, ба ин маънӣ, ки чандзанӣ бар зидди руҳияи ӯ нест. Чандзанӣ бо навъи таманниёте, ки мард аз вуҷуди зан дорад носозгор нест.

Аммо мо бо он ақида, ки руҳияи мард бо якҳамсарӣ носозгор аст, мухолифем. Мо мункири ин назар ҳастем, ки мегӯяд, алоқаи мард ба танаввӯъ “ислоҳнопазир” аст. Мо бо ин ақида мухолифем, ки вафодорӣ барои мард ғайримумкин аст ва як зан барои як мард офарида шуда ва як мард барои ҳамаи занҳо.

Ба ақидаи мо, омилҳои хиёнатро муҳитҳои иҷтимоӣ дар мард ба вуҷуд меоварад, на хилқат ва табиат. Масъули хиёнати мард хилқат нест, муҳити иҷтимоӣ аст. Омилҳои хиёнатро муҳите ба вуҷуд меоварад, ки аз як тараф занро ташвиқ мекунад тамоми фунуни иғво ва инҳирофро барои марди бегона ба кор бибарад, ҳазору як найранг барои аз роҳ берун рафтани ӯ бисозад; ва аз тарафи дигар ба баҳонаи ин ки ягона сурати қонунии издивоҷ такҳамсарӣ аст, садҳо ҳазор, балки миллионҳо зани омода ва ниёзманд ба издивоҷро аз ҳаққи заношӯӣ маҳрум мекунад ва онҳоро барои иғвои мард равонаи иҷтимоъ месозад.

Дар машриқи исломӣ пеш аз он ки одоб ва русуми ғарбӣ роиҷ гардад, 90 дарсади мардон, такҳамсари воқеӣ буданд; на беш аз як зани шаръӣ доштанд ва на бо рафиқа ва маъшуқа саргарм буданд. Завҷияти ихтисосӣ ба мафҳуми воқеии калима бар аксарияти қариб ба иттифоқи хонаводаҳои исломӣ ҳукмфармо буд.

## Чандҳамсарӣ, омили наҷоти якҳамсарӣ

Таъаҷҷуб мекунед агар бигӯям таъаддуди завҷот дар машриқи исломӣ муҳимтарин омили наҷоти якҳамсарӣ буд. Бале, муҷоз будани таъаддуди завҷот, бузургтарин омили наҷоти такҳамсарӣ аст, ба ин маънӣ, ки дар шароите, ки мӯҷиботи таъаддуди завҷот пайдо мешавад ва адади занони ниёзманд ба издивоҷ аз мардони ниёзманд ба издивоҷ фузунӣ мегирад, агар ҳаққи таъаҳҳули ин идда занон ба расмият шинохта нашавад ва ба мардоне, ки воҷиди шароити ахлоқӣ ва молӣ ва ҷисмӣ ҳастанд иҷозаи чандҳамсарӣ дода нашавад, рафиқабозӣ ва маъшуқагирӣ решаи якҳамсарии воқеиро мехушконад.

Дар машриқи исломӣ аз тарафе таъаддуди завҷот муҷоз буд ва аз тарафи дигар ин ҳама муҳайиҷот ва муҳаррикоти иғвокунанда набуд. Аз ин рӯ якҳамсарии воқеӣ бар аксарияти хонаводаҳо ҳукмфармо буд ва кори маъшуқабозии мардон ба онҷо накашид, ки кам-кам барояш фалсафа бисозанд ва бигӯянд, офариниши мард чандҳамсарӣ аст ва якҳамсарӣ барои мард ҷузъи мумтанеъот ва муҳолоти ҷаҳон аст.

Мумкин аст бипурсед: бино ба ақидаи ин донишмандон — ки аз назари қонуни табиат, мардро чандҳамсарӣ медонанд ва аз назари қонуни иҷтимоъ, таъаддуди завҷотро маҳкум мекунанд — таклифи мард дар миёни ин ду қонун чӣ мешавад?

Таклифи мард дар мактаби ин оқоён возеҳ аст: мард бояд қонунан такҳамсар бошад ва амалан чандҳамсар; як зани шаръӣ ва қонунӣ бештар надошта бошад, аммо маъшуқа ва рафиқа ҳар чи дилаш мехоҳад, монеъе надорад. Ба ақидаи ин оқоён, рафиқагирӣ ва маъшуқабозӣ ҳаққи табиӣ ва мусаллам ва машрӯъи мард аст ва басанда кардани мард дар ҳамаи умр ба як зан, навъе "номардӣ" аст.

## Чеҳраи воқеии баҳс

Гумон мекунам вақти он расидааст, ки хонандаи мӯҳтарам дарк кунад, ки масъалае, ки аз лиҳози чандҳамсарӣ барои башар матраҳ буда ва ҳаст чист. Масъала ин нест, ки оё якҳамсарӣ беҳтар аст ё чандҳамсарӣ. Дар ин ки якҳамсарӣ беҳтар аст тардиде нест. Якҳамсарӣ яъне ихтисоси хонаводагӣ, яъне ин ки ҷисму руҳи ҳар як аз завҷайн аз они якдигар бошад. Бадеҳӣ аст, ки руҳи зиндагии заношӯӣ, ки ваҳдат ва ягонагӣ аст, дар

завҷияти ихтисосӣ беҳтар ва комилтар пайдо мешавад. Он ду роҳе, ки башар бар сари он қарор гирифта ин нест, ки аз миёни такҳамсарӣ ва чандҳамсарӣ кадом якро интихоб кунад. Масъалае, ки аз ин лиҳоз барои башар матраҳ аст ин аст, ки ба воситаи заруратҳои иҷтимоӣ, махсусан фузунии нисбии иддаи занони ниёзманд ба издивоҷ бар мардони ниёзманд, якҳамсарии мутлақ амалан дар хатар афтодааст. Якҳамсарии мутлақ, ки шомили тамоми хонаводаҳо бишавад, афсонае беш нест. Яке аз ду роҳ дар пеш аст: ё расмият ёфтани таъаддуди завҷот ва ёривоҷи маъшуқабозӣ. Ба иборати дигар, ё чандҳамсар шудани маъдуде аз мардони мутаъаҳҳил — ки ҳатман аз 10 дарсад таҷовуз нахоҳад кард — ва сару сомон ёфтан ва хонаву зиндагӣ пайдо кардани занони бешавҳар ва ё боз гузоштани роҳи маъшуқабозӣ. Ва чун дар сурати дуввум, ҳар маъшуқае метавонад бо чандин мард иртибот дошта бошад, аксарияти қариб ба иттифоқи мардони мутаъаҳҳил амалан чандҳамсар хоҳанд буд.

Оре, ин аст сурати саҳеҳи тарҳи масъалаи чандҳамсарӣ. Аммо мубаллиғони шеваҳои ғарбӣ ҳозир нестанд сурати саҳеҳи масъаларо тарҳ кунанд; ҳозир нестанд ҳақиқатро ошкоро бигӯянд. Онҳо воқеан мудофеъи маъшуқагирӣ ҳастанд, зани шаръӣ ва қонуниро сарбор ва музоҳим медонанд ва якеашро ҳам зиёд медонанд, чӣ расад ба ду зан ва се зан ва чаҳор зан, лаззатро дар озодӣ аз қайдҳои издивоҷ мешиносанд, аммо дар гуфтаҳои худ барои соддадилон чунин вонамуд мекунанд, ки мо мудофеъи якҳамсарӣ ҳастем; бо лаҳне маъсумона мегӯянд, мо тарафдори онем, ки мард такҳамсар ва бовафо бошад, на чандҳамсар ва бевафо.

## Найранги марди қарни 20-ум

Марди қарни 20-ум дар бисёре аз масоили марбут ба ҳуқуқи хонаводагӣ тавонистааст наъл воруна бизанад ва бо номҳои қашанги тасовӣ ва озодӣ, занро иғфол карда, аз таъаҳҳудоти худ нисбат ба ӯ бикоҳад ва бар комгириҳои беҳисоби худ бияфзояд. Аммо дар камтар масъалае ба андозаи таъаддуди завҷот, аз ин ҷиҳат муваффақият доштааст.

Ростӣ, ман гоҳе дар осори баъзе аз нависандагони эронӣ чизҳое мебинам, ки дучори тардид мешавам, намедонам соддадилӣ аст ё иғфол?

Яке аз ин нависандагон назари худро дар бораи таъаддуди завҷот инчунин навиштааст:

“*Дар ҳоли ҳозир дар мамолики пешрафта равобити завҷайн муттакӣ бар таколифи ҳуқуқии мутақобил аст ва бинобар ин шинохти таъаддуди завҷот ба ҳар шакл ва унвон аз ҷониби зан ҳамон андоза*

*душвор аст, ки аз мард бихоҳанд вуҷуди руқабои худро дар арсаи заношӯӣ таҳаммул кунад.*“

Ман намедонам ин гуна ашхос тасаввури воқеияшон аз ин масъала ҳамин аст ё наъл воруна мезананд?! Оё инҳо воқеан намедонанд, ки таъаддуди завҷот ношӣ аз як мушкили иҷтимоӣ аст, ки бар дӯши тамоми мардон ва занони мутаъаҳҳил сангинӣ мекунад ва роҳи ҳалли беҳтаре аз таъаддуди завҷот то кунун барои ин мушкил пайдо нашудааст? Оё инҳо намедонанд, ки чашмҳоро рӯйи ҳам гузоштан ва шиор додан ва фарёди “Зинда бод такҳамсарӣ ва марг бар чандҳамсари!” дарде даво намекунад? Оё инҳо намедонанд, ки таъаддуди завҷот ҷузъи ҳуқуқи зан аст, на ҳуқуқи мард ва рабте ба ҳуқуқи мутақобили зану мард надорад?

Музҳик ин аст, ки мегӯянд: “*Таъаддуди завҷот аз ҷониби зан, ҳамон андоза душвор аст, ки аз мард бихоҳанд вуҷуди руқабои худро дар арсаи заношӯӣ таҳаммул кунад.*”

Гузашта аз ин ки муқоисаи ғалате аст, шояд намедонанд, ки дунёи имрӯз — ки ин оқоён ҳар падидаеро ба ин ном ҷазб мекунанд ва ҳеч тардидеро дар сиҳҳати рӯйдодҳои он раво намедоранд — мураттабан аз мард мехоҳад, ки ишқи зани хешро мӯҳтарам бишуморад ва вуҷуди руқабои худро дар арсаи заношӯӣ таҳаммул кунад. Дунёи имрӯз ин “нобурдбориҳо”-ро ба номи ҳасодат, таъассуб, фанатизм ва ғайра маҳкум мекунад. Эй кош ҷавонони мо лоақал аз умқи ҷараёноте, ки аз ин лиҳоз дар мағриб мегузарад андаке огоҳӣ доштанд!

Равшан шуд, ки таъаддуди завҷот ношӣ аз як мушкили иҷтимоӣ аст, на табиати зотии мард. Бадеҳӣ аст, ки агар дар иҷтимоъе мушкилаи фузунии нисбии адади занони ниёзманд бар мардони ниёзманд вуҷуд надошта бошад, таъаддуди завҷот аз миён хоҳад рафт ва ё бисёр кам хоҳад шуд. Ва агар бихоҳем дар чунин шароите (фаразан чунин шароите вуҷуд пайдо кунад) (заноне бе шавҳар намонанд), таъаддуди завҷот на кофӣ аст ва на саҳеҳ. Барои ин манзур чанд чизи дигар лозим аст: аввал адолати иҷтимоӣ ва кору даромади кофӣ барои ҳар марди ниёзманд ба издивоҷ, то битавонад ба ташкили конуни хонаводагӣ иқдом намояд. Дуввум озодии ирода ва ихтиёри ҳамсар барои зан, ки аз тарафи падар ё бародар ё шахси дигар иҷборан ба ақди як марди зандори пулдор дароварда нашавад. Бадеҳӣ аст, ки агар зан озод ва мухтор бошад ва имкони ҳамсарӣ бо як марди муҷаррад бароящ фароҳам бошад, ҳаргиз зани марди зандор нахоҳад шуд ва сари “ҳаву” нахоҳад рафт. Ин авлиёи зан ҳастанд, ки ба тамаъи пул, духтар ё хоҳари худро ба мардони зандори пулдор мефурӯшанд. Севвум ин ки омилҳои таҳрик ва таҳйиҷ

ва иғво ва хонахаробкун ин қадр зиёд набошад. Омилҳои иғво, занони шавҳардорро аз хонаи шавҳар ба хонаи бегона мекашад, чӣ расад ба занони бешавҳар.

Ичтимоъ агар сари ислоҳ дорад ва тарафдори начоти якҳамсарии воқеӣ аст, бояд дар роҳи барқарории ин се омил бикӯшуд, вагарна манъи қонунии таъаддуди завчот чуз ин ки роҳи фаҳшоро боз кунад, асари дигаре надорад.

## Бӯҳрони ношӣ аз маҳрумияти занони бешавҳар

Аммо агар адади занони ниёзманд бар мардони ниёзманд фузунӣ дошта бошад, манъи таъаддуди завчот хиёнат ба башарият аст, зеро танҳо помол кардани ҳуқуқи зан дар миён нест. Агар матлаб ба помол шудани ҳуқуқи иддае аз занон хатм мешуд, боз қобили таҳаммул буд. Бӯҳроне, ки аз ин роҳ оризи ичтимоъ мешавад, аз ҳар бӯҳрони дигар хатарноктар аст, ҳамчунон ки хонавода аз ҳар конуни дигар муқаддастар аст.

Зеро он ки аз ҳаққи табиии худ маҳрум мемонад, як мавчуди зинда аст бо ҳамаи аксуламалҳое, ки як мавчуди зинда дар маҳрумиятҳо нишон медиҳад, як инсон аст бо ҳамаи авориզи равонӣ ва укдаҳои руҳӣ дар заминаи нокомиҳо, зан аст бо ҳамаи найрангҳои занона, духтар бо қудрати комили “одамфиребӣ”.

Ӯ гандуму чав нест, ки зоид бар масрафро ба дарё бирезанд ё дар анборе барои “рӯзи мабодо” захира кунанд, хона ва утоқ нест, ки агар мавриди эҳтиёч набуд, қуфлиеба он бизананд.

Бале, ӯ як мавчуди зинда аст, як инсон аст, як зан аст; нерӯи шигарфи худро зоҳир хоҳад кард ва дамор аз рӯзгори ичтимоъ бархоҳад овард. Ӯ хоҳад гуфт:

*Сухан дуруст бигӯям, наметавонам дид,*

*Ки май хӯранд ҳарифону ман назора кунам.*

*(Ҳофиз)*

Ҳамин “наметавонам дид” корҳо хоҳад кард, хонаҳо ва хонаводаҳо вайрон хоҳад сохт, укдаҳо ва кинаҳо ба вучуд хоҳад овард. Вой ба ҳоли башар он гоҳ, ки ғариза ва укда даст ба дасти ҳам бидиҳанд!

Занони маҳрум аз хонавода ниҳояти кӯшишро барои иғвои мард — ки қадамаш дар ҳеч чо ин андоза ларзону лағзон нест — ба кор хоҳанд бурд ва бадеҳӣ аст, ки “чу гил бисёр шуд, пилон билағзанд” ва мутаассифона аз ин “гил” миқдори каме ҳам барои лағзидани ин пил кофӣ аст.

Оё матлаб ба ҳамин чо хотима пайдо мекунад? Хайр, навбат ба занони хонадор мерасад.

Заноне, ки шавҳарони худро дар ҳоли хиёнат мебинанд, онҳо ҳам ба фикри интиқом ва хиёнат меафтанд, онҳо ҳам дар хиёнат дунболарави мард мешаванд. Натиҷаи ниҳоӣ чӣ хоҳад буд?

Натиҷаи ниҳоӣ дар гузорише, ки ба Kinsey Report машҳур шуда, зимни як ҷумла хулоса шудааст: "*Мардону занони омрикоӣ дар бевафоӣ ва хиёнат дасти соири милали дунёро аз пушт бастаанд*".

Мулоҳиза мефармоед, ки танҳо бо фасод ва инҳирофи мард хотима намеёбад, шӯълаи ин оташ дар ниҳояти амр домани занони хонадорро ҳам мегирад.

## Аксуламалҳои мухталиф дар заминаи падидаи фузунии зан

Падидаи фузунии нисбии зан ҳамеша дар зиндагии башар вуҷуд дошта. Чизе, ки ҳаст аксуламалҳо дар баробари ин падида — ки мушкилае барои иҷтимоъ ба вуҷуд меоварад — яксон набудааст. Миллатҳое, ки руҳашон бо тақво ва ифоф пайванди бештаре дошта, ба раҳбарии адёни бузурги осмонӣ ин мушкиларо бо таъаддуди завҷот ҳал кардаанд ва миллатҳое, ки тақво ва ифоф чандон бо руҳияашон созгор набуда, ин падидаро василае барои фаҳшо қарор додаанд.

На таъаддуди завҷот дар Машриқ ношӣ аз дини ислом аст ва на тарки он дар Мағриб марбут ба дини Масеҳ аст, зеро қабл аз ислом дар Машриқзамин таъаддуди завҷот вуҷуд дошта ва адёни шарқӣ онро муҷоз карда буданд ва дар асли дини Масеҳ ҳам нассе бар манъи таъаддуди завҷот вуҷуд надорад; ҳар чи ҳаст, марбут ба худи милали Ғарб аст, на дини Масеҳ.

Миллатҳое, ки дар масири фаҳшо қарор гирифтаанд, беш аз миллатҳое, ки таъаддуди завҷотро таҷвиз кардаанд, ба якҳамсарӣ зарба задаанд.

Доктор Муҳаммад Ҳусайн Ҳайкал, нависандаи китоби "Зиндагонии Муҳаммад" пас аз зикри оятҳои Қуръон дар бораи таъаддуди завҷот мегӯяд:

"*Ин оятҳо иктифо ба як занро беҳтар мешуморад ва мегӯяд: агар метарсед мутобиқи адолат рафтор накунед, фақат як зан бигиред. Зимнан таъкид мекунад, ки наметавонед ба адолат рафтор кунед. Аммо дар айни ҳол, чун мумкин аст дар зиндагии иҷтимоӣ ҳаводисе пеш ояд, ки таъаддуди занонро эҷоб мекунад, бад-ин ҷиҳат онро ба шарти адолат раво шумурдааст. Муҳаммад Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи дар*

*аснои ҷангҳои мусалмонон, ки гурӯҳе аз онон кушта мешуданд ва табъан занонашон бева монданд, бад-ин тариқ рафтор кард. Воқеан оё метавонед бигӯед, ки пас аз ҷангҳо ва амрози умумӣ ва шӯришҳо, ки ҳазорҳо ва миллионҳо ашхос талаф мешаванд ва иддаи зиёде занон бе шавҳар мемонанд, иктифо ба як зан беҳтар аз чанд зан аст, ки ба таври истисно ва ба қайди адолат раво шумурда шудааст? Оё мардуми Мағрибзамин метавонанд иддао кунанд, ки пас аз ҷанги ҷаҳонагир қонуни иктифо ба як зан ҳамон тавр, ки исман вуҷуд дорад, амалан низ иҷро шудааст?*"

## Ишколот ва айбҳои чандҳамсарӣ

Саодат ва хушбахтии заношӯӣ дар гарави сафо, самимият, гузашт, фидокорӣ, ваҳдат ва ягонагӣ аст ва ҳамаи инҳо дар чандҳамсар. ба хатар меафтад.

Гузашта аз вазъи ноҳинҷори занон ва фарзандони думодара, аз назари худи мард он қадр масъулиятҳои таъаддуди завҷот сангин ва хурдкунанда аст, ки рӯ овардан ба он, пушт кардан ба масаррат ва осоиш аст.

Аксари мардоне, ки аз таъаддуди завҷот розӣ ва хушнуданд, онҳо ҳастанд, ки амалан аз зери бори масъулиятҳои шаръӣ ва ахлоқии он шона холӣ мекунанд; занеро мавриди таваҷҷӯҳ қарор дода, зани дигарро аз ҳисоб хориҷ мекунанд ва ба таъбири Қуръони Карим, ӯро

كالمعلّقه

— раҳо мекунанд. Он чи ин гуна афрод номи таъаддуди завҷот ба он медиҳанд, дар воқеъ навъе такҳамсарӣ аст тавъам бо ситамкорӣ ва ҷиноят ва бедодгарӣ.

Масали омиёнае дар миёни мардум роиҷ аст, мегӯянд: "Худо яке, зан яке". Ақидаи аксари мардон бар ин буда ва ҳаст ва ҳаққан агар хушӣ ва масарратро микёс қарор диҳем ва масъаларо аз зовияи фардӣ ва шахсӣ бисанҷем, ақидаи дурусте аст. Агар дар бораи ҳамаи мардон содиқ набошад, дар бораи аксарияти мардон содиқ аст.

Агар марде хаёл кунад, ки таъаддуди завҷот бо қабули ҳамаи масъулиятҳои шаръӣ ва ахлоқӣ, ба нафъи ӯст ва ӯ аз назари таносӯӣ аз ин кор сарфа мебарад, сахт дар иштибоҳ аст.

Мусалламан якҳамсарӣ аз назари таъмини хушӣ ва осоиш, бар чандҳамсарӣ тарҷеҳ дорад, аммо…

## Баррасии саҳеҳ

Баррасии дурустӣ ва нодурустии масоиле монанди таъаддуди завҷот — ки ношӣ аз заруратҳои шахсӣ ё иҷтимоӣ аст — ба ин наҳв саҳеҳ нест, ки онро бо якҳамсарӣ муқоиса кунем.

Баррасии саҳеҳи ин гуна масоил манут ба ин аст, ки аз тарафе иллатҳо ва мӯҷиботи эҷобкунандаи онҳоро дар назар бигирем ва бибинем авоқиби вахими беэътиноӣ ба онҳо чист. Аз тарафи дигар, назаре ба мафосид ва айбҳое, ки аз худи ин масоил ношӣ мешавад биафканем. Он гоҳ як муҳосабаи куллӣ рӯйи маҷмӯъи осор ва натоиҷе, ки аз ду тарафи масъала пайдо мешавад, ба амал оварем. Танҳо дар ин сурат аст, ки ин гуна масоил ба сурати воқеии худ тарҳ ва мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Тавзеҳан мисоле зикр мекунам: фарз кунед, мехоҳем дар бораи “сарбозии иҷборӣ” назар бидиҳем. Агар танҳо аз зовияи манофеъ ва тамоюлоти хонаводаӣ, ки сарбоз ба онҳо таъаллуқ дорад бингарем, шак надорад, ки қонуни сарбози вазифа қонуни хубе нест. Чӣ аз ин беҳтар, ки қонуне ба номи қонуни сарбози вазифа вуҷуд надошта бошад ва азизи дили хонавода аз канорашон дур наравад ва аҳёнан ба майдони ҷанг ва хоку хун кашида нашавад.

Аммо баррасии ин масъала ба ин наҳв саҳеҳ нест. Баррасии саҳеҳи он ба ин наҳв аст, ки зимни таваҷҷӯҳ ба ҷудо шудани фарзанде аз хонаводае ва эҳтимолан доғдор шудани он хонавода, авоқиби вахими сарбози мудофеъ надоштанро барои кишвар дар назар бигирем. Он вақт аст, ки комилан маъқул ва мантиқӣ ба назар мерасад, ки гурӯҳе аз фарзандони ватан ба номи “сарбоз”, омодаи дифоъ ва ҷонбозӣ барои кишвар бошанд ва хонаводаҳои онҳо ранҷҳои ношӣ аз сарбозиро таҳаммул кунанд.

Мо дар мақолоти гузашта, ба заруратҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ, ки аҳёнан муҷаввизи таъаддуди завҷот мешавад, ишора кардем. Акнун мехоҳем айбҳо ва мафосиди ношӣ аз таъаддуди завҷотро баррасӣ кунем, то замина барои як муҳосабаи куллӣ фароҳам гардад ва зимнан равшан шавад, ки мо ба як силсила айбҳо барои таъаддуди завҷот эътироф дорем, ҳарчанд баъзе аз эродот ва ишколотро ворид намедонем, чунонки анқариб равшан хоҳад шуд. Айбҳое, ки мешавад барои таъаддуди завҷот зикр кард зиёд аст ва мо аз ҷанбаҳои мухталиф вориди баҳс мешавем. Инак баёни он ишколот ва айбҳо:

# Аз назари рӯҳӣ

Равобити заношӯӣ мунҳасир ба умури моддӣ ва ҷисмонӣ яъне тамосҳои баданӣ ва ҳимоятҳои молӣ нест. Агар мунҳасир ба ин умур буд, таъаддуди завҷот қобили тавҷеҳ буд, зеро умури моддӣ ва ҷисмониро метавон миёни афроди мутаъаддид қисмат кард ва ба ҳар кадом саҳме дод.

Дар равобити заношӯӣ он чи умда ва асос аст, умури рӯҳӣ ва маънавӣ аст, ишқ ва отифа ва эҳсосот аст. Конуни издивоҷ ва нуқтаи пайванди ду тараф ба якдигар, дил аст. Ишқ ва эҳсосот монанди ҳар амри руҳии дигар қобили таҷзия ва тақсим нест; наметавон онҳоро миёни афроди мутаъаддид ҷирабандӣ кард. Магар мумкин аст дилро дуним кард ё дар ду ҷо ба гарав гузошт? Магар мешавад қалбро ба ду нафар таслим кард? Ишқ ва парастиш яккашинос аст, шарик ва рақиб намепазирад. Ҷав ва гандум нест, ки бишавад паймона кард ва ба ҳар нафар саҳме дод. Ба илова, эҳсосот қобили контрол нест. Одамӣ дар ихтиёри дил аст, на дил дар ихтиёри одамӣ. Пас он чизе, ки руҳи издивоҷ аст ва ҷанбаи инсонии он аст ва равобити ду инсонро аз равобити ду ҳайвон — ки сирфан шаҳавонӣ ва ғаризӣ аст — мутамойиз мекунад, на қобили қисмат аст ва на қобили контрол. Пас таъаддуди завҷот маҳкум аст.

Ба ақидаи мо, дар ин баён қадре иғроқ вуҷуд дорад, зеро рост аст, ки руҳи издивоҷ отифа ва эҳсосот аст; ҳам рост аст, ки эҳсосоти қалбӣ таҳти ихтиёри одамӣ нест, аммо ин ки гуфта мешавад эҳсосот қобили тақсим нест, як тахайюли шоирона, балки як муғолата аст, зеро сухан дар ин нест, ки эҳсосоти бахусусеро монанди як қитъа ҷисм ду қисмат кунанд ва ба ҳар кадом саҳме бидиҳанд, то гуфта шавад, ки умури рӯҳӣ қобили тақсим нест; сухан дар зарфияти руҳии башар аст. Мусалламан зарфияти руҳии одамӣ он қадр маҳдуд нест, ки натавонад ду алоқаро дар худ ҷой диҳад. Падар соҳиби 10 фарзанд мешавад ва ҳар 10 нафарро то ҳадди парастиш дӯст медорад, барои ҳамаи онҳо фидокорӣ мекунад.

Бале, як чиз мусаллам аст ва он ин ки ишқ ва эҳсосот ҳаргиз дар сурати таъаддуд он қадр авҷ намегирад, ки дар ваҳдат мегирад. Авҷи аълои ишқ ва эҳсосот бо таъаддуд созгор нест, ҳамчунон ки бо ақлу мантиқ низ созгор нест.

Рассел дар “Заношӯӣ ва ахлоқ” мегӯяд:

“*Бисёре аз мардум имрӯз ишқро як мубодилаи мунсифонаи эҳсосот медонанд ва ҳамин далел ба танҳоӣ, сарфи назар аз далоили дигар, барои маҳкум кардани таъаддуди завҷот кофӣ аст.*“

Ман намедонам чаро агар биност мубодилаи эҳсосот мунсифона бошад, бояд инҳисорӣ бошад? Магар падар, ки фарзандони мутаъаддиди худро дӯст медорад ва мутақобилан онҳо падарро дӯст медоранд, мубодилаи эҳсосот онҳо ба таври мунсифона нест? Иттифоқан бо ин ки фарзандон мутаъаддиданд, алоқаи падар ба ҳар як аз фарзандон бар алоқаи ҳар як аз фарзандон нисбат ба падар мечарбад.

Аҷиб ин аст, ки ин суханро касе мегӯяд, ки доиман ба шавҳарон тавсия мекунад, ки ишқи зани худро ба бегона мӯҳтарам бишуморанд ва монеъи равобити ошиқонаи онҳо нашаванд; мутақобилан чунин тавсияҳое ба занон мекунад. Оё ба ақидаи Рассел боз ҳам мубодилаи эҳсосоти зану шавҳар мунсифона аст?

## Аз назари тарбиятӣ

Ҳавугарӣ зарбулмасали носозгоре аст. Барои зан душмане болотар аз “ҳаву” вуҷуд надорад. Чандҳамсарӣ, занонро ба қиём ва иқдом алайҳи якдигар ва аҳёнан шавҳар вомедорад ва муҳити заношӯиро — ки бояд муҳити сафо ва самимият бошад — ба майдони ҷангу ҷидол ва конуни кина ва интиқом табдил мекунад. Душманӣ ва рақобат ва адоват миёни модарон ба фарзандони онҳо низ сироят мекунад, дудастагиҳо ва чанддастагиҳо ба вуҷуд меояд, муҳити хонаводагӣ — ки аввалин мадраса ва парваришгоҳи руҳии кӯдакон аст ва бояд илҳомбахши некӣ ва меҳрубонӣ бошад — дарсомӯзи нифоқ ва номардӣ мегардад.

Дар ин ки таъаддуди завҷот заминаи ҳамаи ин осори ногувори тарбиятӣ аст шакке нест. Аммо як нуктаро набояд фаромӯш кард ва он ин ки бояд дид чӣ қадр аз ин осор ношӣ аз табиати таъаддуди завҷот аст ва чӣ қадр аз онҳо ношӣ аз жесте аст, ки марду зани дуввум мегиранд.

Ба ақидаи мо, ҳамаи ин нороҳатиҳо маълули табиати таъаддуди завҷот нест, бештар маълули тарзи иҷрои он аст.

Марде ва зане бо ҳам зиндагӣ мекунанд ва зиндагии онҳо ҷараёни оддии худро тай мекунад.

Дар ин байн он мард дар як бархӯрд фирефтаи зане мегардад ва фавран ҳаваси чандҳамсарӣ ба сараш мезанад. Пас аз як қавлу қарори маҳрамона ногаҳон зани дуввум мисли аҷали муъаллақ по ба хона ва лонаи зани аввал мегузорад ва шавҳар ва зиндагии ӯро тасоҳуб мекунад ва дар ҳақиқат ба зиндагии ӯ шабихун мезанад. Возеҳ аст, ки аксуламали руҳии зани аввал ҷуз кина ва интиқом чизи дигар нест. Барои зан ҳеч чизе нороҳаткунандатар аз ин нест, ки мавриди таҳқири шавҳар қарор бигирад. Бузургтарин

шикаст барои як зан ин аст, ки эҳсос кунад натавониста қалби шавҳари худро нигаҳдорӣ кунад ва бибинад, ки дигарӣ ӯро тасоҳуб кардааст. Вақте, ки мард жести худсарӣ ва ҳавасронӣ мегирад ва зани дуввум жести шабихуни занӣ, интизори таҳаммул ва бурдборӣ аз зани аввал интизори беҷойе аст.

Аммо агар зани аввал бидонад, ки шавҳараш "муҷаввиз" дорад, аз ӯ сер нашудааст ва рӯ овардан ба чандҳамсарӣ ба маънии пушт кардан ба ӯ нест ва мард жести истибдод ва худсарӣ ва ҳавасрониро аз худ дур кунад ва бар эҳтиромот ва авотифи худ нисбат ба зани аввал биафзояд ва ҳамчунин агар зани дуввум таваққӯҳ дошта бошад, ки зани аввал ҳуқуқе дорад ва ҳуқуқи ӯ мӯҳтарам аст ва таҷовуз ба онҳо ҷоиз нест, хусусан агар ҳама таваққӯҳ дошта бошанд, ки дар роҳи ҳалли як мушкили иҷтимоӣ қадам бармедоранд, мусалламан аз нороҳатиҳои дохилӣ коста мешавад.

Қонуни таъаддуди завҷот як роҳи ҳалли мутараққиёнаи ношӣ аз як диди иҷтимоии васеъе аст. Ҳатман иҷрокунандагони он низ бояд дар сатҳи олитаре фикр кунанд ва аз як тарбияти олии исломӣ бархӯрдор бошанд.

Таҷриба нишон додааст, ки дар мавориде, ки мард жести худсарӣ ва ҳавасронӣ надошта ва зан эҳсос карда, ки шавҳараш ниёзманд ба зани дуввум аст, худ довталаб шуда ва зани дуввумро ба хонаи шавҳар овардааст ва ҳеҷ як аз нороҳатиҳои мазбур вуҷуд надоштааст. Аксари нороҳатиҳо ношӣ аз тарзи рафтори ваҳшиёнае аст, ки мардон дар иҷрои ин қонун ба кор мебаранд.

## Аз назари ахлоқӣ

Мегӯянд: иҷозаи таъаддуди завҷот иҷозаи "шараҳ" ва шаҳват аст; ба мард иҷоза медиҳад ҳавопарастӣ кунад. Ахлоқ эҷоб мекунад, ки инсон шаҳавоти худро ба ҳадди ақалли мумкин тақлил диҳад, зеро муқтазои табиати одамӣ ин аст, ки ҳар андоза ҷилави шаҳватро боз гузорад, рағбат ва тамоюлаш фузунӣ мегирад ва оташи шаҳваташ муштаъилтар мегардад.

Монтескё дар "Руҳул-қавонин" (сафҳаи 434) дар бораи таъаддуди завҷот мегӯяд:

"*Подшоҳи Марокаш дар ҳарамсарои худ аз тамоми нажодҳо, аъамм аз сафед ва зард ва сиёҳпӯст, зан дорад. Аммо агар ин шахс дубаробари занҳои кунунии худ низ зан дошта бошад, боз ҳам хоҳони зани тоза хоҳад буд, зеро шаҳватронӣ мисли хиссат ва лаомат аст ва ҳар чи шиддат кард, зиёдтар мешавад, чунонки таҳсили симу зар зиёд боиси издиёди ҳирсу оз мегардад. Таъаддуди завҷот расми ишқбозии мустаҳҷан ва мухолифи табиат (ҳамҷинсбози)-ро низ меомӯзад ва роиҷ мекунад, зеро дар арсаи шаҳватронӣ*

*ҳар амале, ки аз ҳудуди муайян хориҷ гардид, боиси аъмоли беқоъида мегардад. Дар Исломбул вақте, ки шӯрише даргирифт, дар ҳарамсарои як ҳукмрон ҳатто як зан вуҷуд надошт, чӣ он ҳукмрон бо ишқбозиҳои мухолифи табиат, рӯзгори худро мегузаронид*.“

Ин эродро аз ду назар бояд мавриди баррасӣ қарор дод: яке аз ин назар, ки мегӯянд, ахлоқи пок бо аъмоли шаҳват мунофот дорад ва барои покии нуфус бояд шаҳватро ба ҳадди ақалли мумкин тақлил дод. Дигар аз назари он асли равонӣ, ки мегӯяд, муқтазои табиати одамӣ ин аст, ки ҳар чи бештар бо он мувофиқат шавад, бештар туғён мекунад ва ҳар чи бештар бо он мухолифат шавад, ором мегирад.

Аммо аз назари аввал: бояд бигӯем, мутаассифона ин як талқини ғалате аст, ки ахлоқи масеҳӣ — ки бар пояи риёзат аст ва аз ахлоқи ҳиндӣ ва будоӣ ва калбӣ мутаассир аст — илқо кардааст. Ахлоқи исломӣ бар ин поя нест. Аз назари ислом чунин нест, ки ҳар чи аз шаҳавот тақлил шавад, бо ахлоқ созгортар аст ва агар ба ҳадди сифр бирасад, сад дарсад ахлоқӣ аст. Аз назари ислом, ахлоқ бо ифрот дар шаҳватронӣ носозгор аст.

Барои ин ки бидонем, таъаддуди завҷот як амали ифротӣ аст ё на, бояд бибинем оё мард биттабъ такҳамсарӣ аст ё на. Аз мақолаи 31 маълум шуд, ки шояд имрӯз як нафар ҳам пайдо нашавад, ки табиати мардро маҳдуд ба якҳамсарӣ бидонад ва чандҳамсариро як амали инҳирофӣ ва ифротӣ бишносад. Баръакс, ақидаи бисёре ин аст, ки табиати мард чандҳамсарӣ аст ва якҳамсарӣ чизе аст назири таҷарруд, ки бар хилофи табиати мард аст.

Агарчӣ мо бо он назар, ки табиати мард чандҳамсарӣ аст мухолифем, аммо бо ин назар ҳам мувофиқ нестем, ки табиати мард такҳамсарӣ аст ва чандҳамсарӣ бар зидди табиати мард аст ва навъе инҳироф ва мухолифи табиат аст назири ҳамҷинсбозӣ.

Касоне монанди Монтескё, ки таъаддуди завҷотро мусовӣ бо шаҳватпарастӣ медонанд, назарашон ба ҳарамсаробозӣ аст; хаёл кардаанд, ки ислом бо қонуни таъаддуди завҷот хостааст ҷавози ҳарамсаро барои хулафои аббосӣ ва усмонӣ ва амсоли онҳо содир кунад. Ислом беш аз ҳама бо он корҳо мухолиф аст. Ҳудуд ва қайдҳое, ки ислом барои таъаддуди завҷот қоил аст, озодии марди ҳавасронро ба куллӣ аз ӯ салб мекунад.

Аммо аз назари дуввум: ин ақида, ки мегӯяд: “табиати одамӣ ҳар андоза ирзо шавад, бештар туғён мекунад ва ҳар андоза мухолифат шавад, беҳтар ором мегирад”, дуруст нуқтаи муқобили ақидае аст, ки имрӯз дар миёни пайравони Фрейд пайдо шуда ва мураттабан ба нафъи он таблиғ мешавад.

Фрейидистҳо мегӯянд: “табиат бар асари ирзо ва иқноъ ором мегирад ва дар асари имсок фузунӣ мегирад ва туғён мекунад”. Аз ин рӯ ин идда сад дар сад тарафдори озодӣ ва шикастани одоб ва сунан хусусан дар масоили ҷинсӣ мебошанд. Эй кош Монтескё зинда

мебуд ва медид, ки имрӯз чӣ гуна фарзияи ӯ маврид тамасхури фрейдистҳо қарор гирифтааст.

Аз назари ахлоқи исломӣ ҳар ду ақида хатост. Табиат, ҳуқуқ ва ҳудуде дорад ва он ҳуқуқ ва ҳудудро бояд шинохт. Табиат дар асари ду чиз туғён мекунад ва оромишро баҳам мезанад: яке дар асари маҳрумият ва дигар дар асари озодии комил додан ва бардоштани ҳамаи қайдҳо ва ҳудуд аз муқобили ӯ.

Ба ҳар ҳол на таъаддуди завҷот зидди ахлоқ ва баҳамзанандаи оромиши руҳӣ ва мухолифи покии нуфус астончунонки амсоли Монтескё мегӯянд ва на қаноат варзидан ба зан ё занони машрӯъи худ зидди ахлоқ аст ончунонки фрейдистҳо амалан таблиғ мекунанд.

## Аз назари ҳуқуқӣ

Ба мӯҷиби ақди издивоҷ, ҳар як аз завҷайн ба дигарӣ таъаллуқ мегирад ва аз они ӯ мешавад. Ҳаққи истимтоъе, ки ҳар кадом нисбат ба дигарӣ пайдо мекунанд, аз он ҷиҳат аст, ки манофеъи заношӯии тарафро ба мӯҷиби ақди издивоҷ молик шудааст. Аз ин рӯ дар таъаддуди завҷот он ки зиҳаққи шумораи аввал аст, зани собиқ аст. Муомилае, ки миёни марду зани дигаре сурат мегирад, дар ҳақиқат муомилаи “фузулӣ” аст, зеро колои мавриди муомила яъне манофеъи заношӯии мард қаблан ба зани аввал фурӯхта шуда ва ҷузъи моямалаки ӯ маҳсуб мешавад. Пас он кас, ки дар дараҷаи аввал бояд назараш риоят шавад ва иҷозаи ӯ таҳсил гардад, зани аввал аст. Пас агар биност иҷозаи таъаддуди завҷот дода шавад, бояд мавкул ба иҷоза ва изни зани аввал бошад ва дар ҳақиқат ин зани аввал аст, ки ҳақ дорад дар бораи шавҳари худ тасмим бигирад, ки зани дигар ихтиёр бикунад ё накунад.

Бинобар ин зани дуввум ва севвум ва чаҳорум гирифтан дуруст мисли ин аст, ки шахсе як бор моли худро ба шахси дигар бифурӯшад ва ҳамон моли фурӯхташударо барои навбати дуввум ва севвум ва чаҳорум ба афроди дигар бифурӯшад. Сиҳҳати чунин муомилае бастагӣ дорад ба ризояти молики аввал ва дуввум ва севвум ва агар амалан шахси фурӯшанда моли мавриди назарро дар ихтиёри афроди баъдӣ қарор диҳад, қатъан мустаҳиққи муҷозот аст.

Ин эрод мубтанӣ бар ин аст, ки табиати ҳуқуқии издивоҷро мубодилаи манофеъ бидонем ва ҳар як аз завҷайнро молики манофеъи заношӯии тарафи дигар фарз кунем. Ман феълан роҷеъ ба ин матлаб — ки албатта қобили хадша ва эрод аст — баҳсе намекунам. Фарз мекунем табиати ҳуқуқии издивоҷ ҳамин бошад. Ин эрод вақте ворид аст, ки

таъаддуди завҷот аз ҷониби мард фақат ҷанбаи тафаннун ва танаввӯъ дошта бошад. Бадеҳӣ аст, ки агар табиати ҳуқуқии издивоҷ мубодилаи манофеъи заношӯӣ бошад ва зан аз ҳар лиҳоз қодир бошад, ки манофеъи заношӯии мардро таъмин кунад, мард ҳеч гуна муҷаввизе барои таъаддуди завҷот нахоҳад дошт. Аммо агар ҷанбаи тафаннун ва танаввӯъ надошта бошад, балки мард яке аз муҷаввизҳое, ки дар мақолоти пеш ишора кардем дошта бошад, ин эрод маврид надорад. Масалан агар зан ақим бошад, ё ба синни йоисагӣ расида бошад ва мард ниёзманд ба фарзанд бошад, ё зан мариз ва ғайриқобили истимтоъ бошад, дар ин гуна маворид ҳаққи зан монеъи таъаддуди завҷот нахоҳад буд.

Тоза, ин дар сурате аст, ки муҷаввизи таъаддуди завҷот амри шахсии марбут ба мард бошад. Аммо агар пойи як иллати иҷтимоӣ дар кор бошад ва таъаддуди завҷот ба воситаи фузунии адади занон бар мардон ва ё ба воситаи эҳтиёҷи иҷтимоъ ба касрати нуфус таҷвиз шавад, ин эрод сурати дигаре пайдо мекунад. Дар ин гуна маворид, таъаддуди завҷот як навъ таклиф ва воҷиби кифоӣ аст; вазифае аст, ки барои наҷоти иҷтимоъ аз фасод ва фаҳшо ва ё барои хидмат ба таксири нуфуси иҷтимоъ бояд анҷом шавад. Бадеҳӣ аст он ҷо, ки пойи таклиф ва вазифаи иҷтимоӣ ба миён меояд, ризоят ва иҷоза ва изн мафҳум надорад. Агар фарз кунем иҷтимоъ воқеан мубтало ба фузунии зан бар мард аст ё ниёзманд ба таксири нуфус аст, як вазифа, як воҷиби кифоӣмутаваҷҷеҳи ҳамаи мардон ва занони мутаъаҳҳил мешавад; пойи як фидокорӣ ва аз худ гузаштагӣ ба хотири иҷтимоъ барои занони мутаъаҳҳил ба миён меояд.

Дуруст мисли вазифаи сарбозӣ аст, ки мутаваҷҷеҳи хонаводаҳо мешавад ва бояд ба хотири иҷтимоъ, аз азизашон дил биканад ва ӯро равонаи майдони корзор кунанд. Дар ин гуна маворид, ғалат аст, ки мавкул ба ризоят ва иҷозаи шахс ё ашхоси зинафъ бишавад.

Касоне, ки муддаӣ ҳастанд ҳақ ва адолат эҷоб мекунад, ки таъаддуди завҷот бо иҷозаи ҳамсари пешин бошад, фақат аз зовияи тафаннун ва танаввӯъталабии мард матлабро нигаристаанд ва заруратҳои фардӣ ва иҷтимоиро аз ёд бурдаанд. Асосан агар зарурати фардӣ ё иҷтимоӣ дар кор набошад, таъаддуди завҷот ҳатто бо иҷозаи зани пешин низ қобили қабул нест.

## Аз назари фалсафӣ

Қонуни таъаддуди завҷот бо асли фалсафии тасовии ҳуқуқи зану мард — ки ношӣ аз тасовии онҳо дар инсоният аст — мунофот дорад. Чун зану мард ҳар ду инсон ва мутасовиулҳуқуқ мебошанд, ё бояд ҳар ду муҷоз бошанд, ки дорои чанд ҳамсар бошанд

ё ҳеч кадом муҷоз набошанд. Аммо ин ки мард муҷоз бошад чанд зан дошта бошад ва зан муҷоз набошад, ки чанд шавҳар дошта бошад, табъиз ва марднавозӣ аст. Иҷоза додан ба мард, ки то чаҳор зан метавонад бигирад, ба маънии ин аст, ки арзиши як зан мусовӣ аст бо як чаҳоруми мард. Ин ниҳояти таҳқири зан аст ва ҳатто бо назари ислом дар бораи ирс ва шаҳодат — (ки ирс ва шаҳодати) ду занро баробар бо ирс ва шаҳодати як мард қарор додааст — мунофот дорад.

Ин эрод сахифтарин эроде аст, ки бар таъаддуди завҷот гирифта шудааст. Гӯӣ эродкунандагон ба иллатҳо ва мӯҷиботи фардӣ ва иҷтимоии таъаддуди завҷот кучактарин таваҷҷӯҳе надоштаанд; хаёл кардаанд танҳо мавзӯе, ки дар миён аст ҳавас аст. Он гоҳ гуфтаанд чаро ба ҳаваси мард таваҷҷӯҳ шуда ва ба ҳаваси зан таваҷҷӯҳ нашудааст?

Чун дар гузашта роҷеъ ба иллатҳо ва мӯҷибот ва муҷаввизҳои таъаддуди завҷот, махсусан роҷеъ ба чизе, ки таъаддуди завҷотро ба сурати ҳаққ аз ҷониби занони бе шавҳар бар ӯҳдаи мардон ва занони мутаъаҳҳил дармеоварад баҳс кардаем, дигар баҳсе намекунем.

Дар инҷо ҳамин қадр мегӯем, агар мабнои фалсафаи ислом дар таъаддуди завҷот ва ирс ва шаҳодат, таҳқир ва беэътиноӣ ба ҳуқуқи зан буд ва ислом миёни зану мард аз лиҳози инсоният ва ҳуқуқи ношӣ аз инсоният тафовут қоил буд, ҳама ҷо як ҷур назар медод, зеро ин фалсафа ҳама ҷо як ҷур ҳукм мекунад; як ҷо намегуфт, як зан нисфи як мард ирс бибарад ва дар ҷойи дигар намегуфт, як зан бо як мард баробар ирс бибарад ва дар ҷойи дигар намегуфт, як мард, то чаҳор зан бигирад ва ҳамчунин дар боби шаҳодат дар ҳар мавриде ба наҳве ҳукм намекард. Аз инҳо ба хубӣ метавон фаҳмид, ки ислом фалсафаҳои дигаре дар назар гирифтааст. Мо дар яке аз мақолоти гузашта роҷеъ ба ирс тавзеҳ додем ва дар мақолаи дигаре гуфтем масъалаи тасовии зану мард дар инсоният ва ҳуқуқи ношӣ аз инсоният, аз назари ислом ҷузъи алифбои ҳуқуқи башарӣ аст. Аз назари ислом дар ҳуқуқи зану мард масоиле болотар аз тасовӣ вуҷуд дорад, ки лозим аст онҳо дақиқан манзур гардад ва иҷро шавад.

## Нақши ислом дар чандҳамсарӣ

Ислом на чандҳамсариро ихтироъ кард (зеро қарнҳо пеш аз ислом дар ҷаҳон вуҷуд дошт) ва на онро насх кард (зеро аз назари ислом барои иҷтимоъ мушкилоте пеш меояд, ки роҳи чораи онҳо мунҳасир ба таъаддуди завҷот аст), вале ислом расми таъаддуди завҷотро ислоҳ кард.

## Маҳдудият

Аввал ислоҳе, ки ба амал овард ин буд, ки онро маҳдуд кард. Қабл аз ислом таъаддуди завҷот номаҳдуд буд; як нафар ба танҳоӣ метавонист садҳо зан дошта бошад ва аз онҳо ҳарамсаройе ба вуҷуд оварад. Вале ислом "ҳадди аксар" барои он муайян кард; ба як нафар иҷоза надод беш аз чаҳор зан дошта бошад. Дар ҳикоёт ва ривоятҳо номи афроде дар садри ислом дида мешавад, ки дар ҳоле, ки ислом оварданд, беш аз чаҳор зан доштанд ва ислом онҳоро маҷбур кард миқдори зоидро раҳо кунанд. Аз он ҷумла номи марде ба номи Ғайлон ибни Салама бурда мешавад, ки даҳ зан дошт ва Пайғамбари Акрам ӯро маҷбур кард, ки шаштои онҳоро раҳо кунад. Ва ҳамчунин марде ба номи Навфал ибни Муовия панҷ зан дошт. Пас аз он ки ислом ихтиёр кард, Расули Акрам амр кард, ки яке аз онҳоро ҳатман раҳо кунад.

Дар ривоятҳои шиъа ворид шуда, ки як нафар эронии маҷусӣ дар замони Имом Содиқ ислом ихтиёр кард, дар ҳоле, ки ҳафт зан дошт. Аз Имом Содиқ суол шуд: таклифи ин мард, ки акнун мусалмон шуда бо ҳафт зан чист? Имом фармуд: ҳатман бояд сетои аз онҳоро раҳо кунад.

## Адолат

Ислоҳи дигаре, ки ислом ба амал овард ин буд, ки адолатро шарт кард ва иҷоза надод ба ҳеч ваҷҳ табъизе миёни занон ё миёни фарзандони онҳо сурат бигирад. Қуръони Карим дар камоли сароҳат фармуд:

فَإِنْ خِفْتُمْ أَلَّا تَعْدِلُوا فَوَاحِدَةً

(*Нисо/3*) Агар бим доред, ки адолат накунед (яъне агар ба худ итминон надоред, ки бо адолат рафтор кунед), пас ба яке иктифо кунед.

Дар дунёи қабл аз ислом асли адолат ба ҳеч ваҷҳ риоят намешуд; на миёни худи занон ва на миёни фарзандони онҳо. Дар мақолаи 27 аз Кристенсен ва дигарон нақл кардем, ки дар Эрони Сосонӣ расми таъаддуди завҷот шойеъ буд ва миёни занон ва ҳамчунин миёни фарзандони онҳо табъиз қоил мешуданд. Яке ё чанд зан, занони мумтоз (подшоҳзан) хонда мешуданд ва аз ҳуқуқи комил бархӯрдор буданд. Соири занон ба унвони "чокарзан" ва ғайра хонда мешуданд ва имтиёзҳои қонунии камтаре доштанд. Фарзандони чокарзан агар аз ҷинси зукур буданд, дар хонаи падар ба фарзандӣ пазируфта мешуданд ва агар духтар буданд, ба фарзандӣ қабул намешуданд.

Ислом ҳамаи ин русуму одотро мансух кард; иҷоза надод, ки барои як зан ё фарзандони ӯ имтиёзоти қонунии камтаре қоил гарданд.
Уилям Дюрант дар ҷилди аввали “Таърихи тамаддун” зимни баҳс аз таъаддуди завҷот мегӯяд:
“*Ба тадриҷ, ки сарват назди як фард ба миқдоре зиёд ҷамъ мешуд ва аз он нигаронӣ пайдо мекард, ки чун сарваташ ба қисматҳои зиёде мунқасим шавад, саҳми ҳар як аз фарзандон кам хоҳад шуд, ин фард ба фикр меафтод, ки миёни зани аслӣ ва сугулӣ ва ҳамхобаҳои худ фарқ бигузорад, то мерос танҳо насиби фарзандони зани аслӣ шавад*.”
Ин ҷумла мерасонад, ки табъиз миёни занон ва фарзандони онҳо дар дунёи қадим амри роиҷе будааст. Вале аҷиб ин аст, ки Уилям Дюрант баъд ба суханони худ чунин идома медиҳад:
“*То насли муосир тақрибан заношӯӣ дар қорраи Осиё бад-ин тартиб будааст. Кам-кам зани аслӣ мақоми зани мунҳасир ба фардро пайдо кард ва занони дигар ё маҳбубаҳои сиррии мард шуданд ва ё аслан аз миён рафтанд*.“
Уилям Дюрант таваҷҷӯҳ накарда ё нахоста таваҷҷӯҳ кунад, ки 14 қарн аст, ки дар Осиё дар партави дини муқаддаси ислом расми табъиз миёни фарзандон мансух шудааст. Як зани аслӣ ва чанд маҳбубаи сиррӣ доштан ҷузъи русуми урупоӣ аст, на осиёӣ. Ин расм ахиран аз Урупо ба Осиё сироят кардааст.
Ба ҳар ҳол ислоҳи дуввуме, ки ислом дар таъаддуди завҷот анҷом дод ин буд, ки табъизро чӣ дар миёни занон ва чӣ дар миёни фарзандон мулғо сохт.
Аз назари ислом “сугулӣ”-бозӣ ба ҳар сурат ва ба ҳар шакл ҷоиз нест. Уламои ислом тақрибан ваҳдати назар доранд, ки табъиз миёни занон таҳти ҳеч унвоне ҷоиз нест.
Фақат баъзе аз ниҳлаҳои фиқҳии исломӣ ҳаққи занро тавре тавҷеҳ кардаанд, ки бо табъиз созгор аст. Ба назари ман, набояд тардид кард, ки ин назар дуруст нест ва бар хилофи мафҳуми ояти каримаи Қуръон аст. Расули Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ҷумлае дар ин бора фармудааст, ки шиъа ва суннӣ билиттифоқ онро нақл ва ривоят кардаанд. Фармуд:
“*Ҳар кас ду зан дошта бошад ва дар миёни онҳо ба адолат рафтор накунад (ба яке аз онҳо бештар аз дигарӣ изҳори тамоюл кунад), дар рӯзи қиёмат маҳшур хоҳад шуд дар ҳоле, ки як тарафи бадани худро ба замин мекашад, то саранҷом дохили оташ шавад*.“
Адолат олитарин фазилати инсонӣ аст. Шарти адолат яъне шарти воҷид будани олитарин нерӯи ахлоқӣ. Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки маъмулан эҳсосоти мард нисбат ба ҳамаи занҳо яксон ва дар як дараҷа нест, риояти адолат ва парҳез аз табъиз миёни занон яке аз мушкилтарин вазоиф ба шумор меравад.

Ҳама медонем, ки Расули Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи дар даҳ соли охири умри худ яъне дар давраи Мадина — ки давраи ҷангҳои исломӣ буд ва занони бесарпараст дар миёни мусалмонон зиёд буданд — занони мутаъаддид ихтиёр кард. Аксарияти занони пайғамбар бева ва бузургсол буданд ва ғолибан аз шавҳарони собиқи худ фарзандоне доштанд. Танҳо дӯшизае, ки Пайғамбари Акрам бо ӯ издивоҷ кард, Оиша буд. Оиша ба ҳамин ҷиҳат ҳамеша тафохур мекард ва мегуфт: ман танҳо зане ҳастам, ки ҷуз пайғамбар шавҳари дигаре ӯро ламс накардааст.

Расули Акрам мунтаҳои адолатро дар бораи ҳамаи онҳо риоят мекард ва ҳеч гуна табъизе миёни онҳо қоил намешуд. Урва ибни Зубайр хоҳарзодаи Оиша аст; дар бораи тарзи рафтори пайғамбари акрам бо занони худ, аз холаи хеш Оиша суолоте кардааст. Оиша гуфт: расми пайғамбар ин буд, ки ҳеч як аз моро бар дигарӣ тарҷеҳ намедод. Бо ҳама ба адолат ва тасовии комил рафтор мекард. Камтар рӯзе иттифоқ меафтод, ки ба ҳамаи занони худ сар назанад ва аҳволпурсӣ ва тафаққуд накунад. Вале навбати ҳар кас буд, нисбат ба дигарон ба аҳволпурсӣ қаноат мекард ва шабро дар хонаи он кас ба сар мебурд, ки навбати ӯ буд. Агар аҳёнан дар вақте, ки навбати зане буд мехост назди зани дигар биравад, расман меомад ва иҷоза мегирифт. Агар иҷоза дода мешуд, мерафт ва агар иҷоза дода намешуд, намерафт.

Ман шахсан ин тавр будам, ки ҳар вақт аз ман иҷоза мехост, намедодам.

Расули Акрам ҳатто дар бемориe, ки мунҷар ба фавти эшон шуд, ки тавоноии ҳаракат надошт, адолатро дар камоли диққат иҷро кард. Барои ин ки адолат ва навбатро риоят карда бошад, ҳар рӯз бистарашро аз утоқе ба утоқи дигар мунтақил мекарданд. То он ки як рӯз ҳамаро ҷамъ кард ва иҷоза хост, дар як утоқ бимонад ва ҳама иҷоза доданд дар хонаи Оиша бимонад.

Алӣ ибни Абӯтолиб алайҳис салом дар авқоте, ки ду зан дошт, ҳатто агар мехост вузӯ бисозад, дар хонаи зане, ки навбаташ набуд, вузӯ намесохт.

Ислом барои шарти адолат он андоза аҳаммият қоил аст, ки ҳатто иҷоза намедиҳад марду зани дуввум дар ҳини ақд тавофуқ кунанд, ки зани дуввум дар шароити номусовӣ бо зани аввал зиндагӣ кунад, яъне аз назари ислом, риояти адолат таклифе аст, ки мард наметавонад бо қарори қаблӣ бо зан, худро аз зери бори масъулияти он хориҷ кунад. Марду зан ҳеч кадом ҳақ надоранд чунин шарте дар матни ақд бинамоянд. Зани дуввум коре, ки метавонад бикунад фақат ин аст, ки амалан аз ҳуқуқи худ сарфи назар кунад, аммо наметавонад шарт кунад, ки ҳуқуқи мусовӣ бо зани аввал надошта бошад, ҳамчунон ки зани аввал низ метавонад амалан бо майл ва ризои худ аз ҳуқуқи худ сарфи назар кунад, аммо наметавонад коре кунад, ки қонунан ҳаққе надошта бошад. Аз Имом

Боқир алайҳис салом суол шуд: оё мард метавонад бо зани худ шарт кунад, ки фақат рӯзҳо ҳар вақт бихоҳад ба ӯ сар бизанад ё моҳе як бор ё ҳафтае як бор назди ӯ биравад, ё шарт кунад, ки нафақа ба таври комил ва мусовӣ бо зани дигар ба ӯ надиҳад ва худи он зан ҳам аз аввал ин шартҳоро бипазирад? Имом фармуд:

“*Хайр, чунин шартҳое саҳеҳ нест. Ҳар зане ба мӯҷиби ақди издивоҷ хоҳ нохоҳ ҳуқуқи комили як занро пайдо мекунад. Чизе, ки ҳаст, пас аз вуқӯъи издивоҷ ҳар зане метавонад амалан барои ҷалби ризояти шавҳар, ки ӯро раҳо накунад ё ба иллати дигаре, ҳама ё қисмате аз ҳуқуқи худро бибахшад*.“

Таъаддуди завҷот бо ин шарти ахлоқии акид ва шадид ба ҷойи он ки василае барои ҳавасронии мард воқеъ гардад, шакл ва қиёфаи анҷоми вазифа ба худ мегирад. Ҳавасронӣ ва шаҳватпарастӣ ҷуз бо озодии комил ва дунболи ҳавои дил рафтан созгор нест. Ҳавасронӣ он гоҳ сурати амал ба худ мегирад, ки одамӣ худро дар ихтиёри дил қарор диҳад ва дилро дар ихтиёри хоҳишҳо ва майлҳо. Дил ва хоҳишҳои дил мантиқ ва ҳисоб барнамедорад. Он ҷо, ки пойи инзибот ва адолат ва анҷоми вазифа ба миён меояд, ҳавасронӣ ва ҳавопарастӣ бояд рахт барбандад. Аз ин рӯ ба ҳеч ваҷҳ таъаддуди завҷотро дар шароити исломӣ наметавон василае барои ҳавасронӣ шинохт.

Касоне, ки таъаддуди завҷотро василаи ҳавасронӣ қарор додаанд, қонуни исломиро баҳона барои як амали нораво қарор додаанд. Иҷтимоъ ҳақ дорад онҳоро муохаза ва муҷозот (кунад) ва ин баҳонаро аз дасти онҳо бигирад.

## Масъалаи бим аз адами адолат

Инсоф бояд дод, ки афроде, ки шароити исломиро дар таъаддуди завҷот комилан риоят мекунанд, бисёр каманд. Дар фиқҳи исломӣ мегӯянд: “*Агар бим дорӣ, ки истеъмоли об барои баданат зиён дорад, вузӯ нагир*”, “*Агар бим дорӣ, ки рӯза бароят зиён дорад, рӯза нагир.*”

Ин ду дастур дар фиқҳи исломӣ расидааст. Шумо афроди бисёреро мебинед, ки мепурсанд: метарсам об бароям зиён дошта бошад, вузӯ бигирам ё нагирам? Метарсам рӯза бароям зарар дошта бошад, рӯза бигирам ё нагирам? Албатта ин пурсишҳо пурсишҳои дурусте аст. Чунин ашхосе набояд вузӯ бисозанд ва набояд рӯза бигиранд.

Вале насси Қуръони Карим аст, ки “агар бим доред, ки натавонед миёни занони худ ба адолат рафтор кунед, як зан бештар нагиред”. Бо ин ҳол, оё шумо дар умр аз як нафар шунидаед, ки бигӯяд: мехоҳам зани дуввум бигирам, аммо бим дорам, ки риояти адолат ва мусоват миёни онҳо накунам, бигирам ё нагирам? Ман, ки нашунидаам. Ҳатман шумо

ҳам нашунидаед. Саҳл аст, мардуми мо бо илм ва тасмими ин ки ба адолат рафтор накунанд, занони мутаъаддид мегиранд ва ин корро ба номи ислом ва зери сарпӯши исломӣ анҷом медиҳанд. Инҳо ҳастанд, ки бо амали ноҳинҷори худ исломро бадном мекунанд.

Агар танҳо касоне икдом ба таъаддуди завҷот намоянд, ки лоақал ин як шартро воҷид бошанд, ҷойи ҳеч гуна баҳона ва эроде набуд.

## Ҳарамсароҳо

Мавзӯъи дигаре, ки сабаб шуда таъаддуди завҷотро бар қонуни ислом айб бигиранд, дастгоҳҳои ҳарамсародории хулафо ва салотини пешин аст. Бархе аз нависандагон ва мубаллиғони масеҳӣ таъаддуди завҷоти исломиро мусовӣ бо ҳарамсародорӣ бо ҳамаи мазоҳири нангин ва мазолими бепоёни он муаррифӣ кардаанд ва чунин вонамуд мекунанд, ки таъаддуди завҷот дар ислом яъне ҳамон ҳарамсародориҳо, ки таърих дар дастгоҳҳои хулафо ва салотини пешин нишон медиҳад.

Мутаассифона баъзе аз нависандагони худамон низ — ки ҳарф ба ҳарф бозгӯкунандаи афкору ақоид ва манвиёти ғарбиҳо ҳастанд — ҳар ҷо, ки номи таъаддуди завҷот мебаранд, онро бо ҳарамсаро радиф мекунанд. Ин қадр шахсият ва истиқлол фикрӣ надоранд, ки миёни онҳо тафкик кунанд.

## Шароит ва имконоти дигар

Гузашта аз шарти адолат, шароит ва таколифи дигаре низ мутаваҷҷеҳи мард аст. Ҳама медонем, ки зан мутлақан як силсила ҳуқуқи молӣ ва истимтоъӣ ба ӯҳдаи мард дорад. Марде ҳақ дорад оҳанги чандҳамсарӣ кунад, ки имконоти молии ӯ ба ӯ иҷозаи ин корро бидиҳад.

Шарти имкони молӣ дар якҳамсарӣ низ ҳаст. Акнун фурсате нест, ки вориди ин баҳс бишавем.

Имконоти ҷисмӣ ва ғаризӣ низ ба навбаи худ шарт ва воҷиби дигаре аст. Дар "*Кофӣ*" ва "*Васоил*" аз Имом Содиқ ривоят шудааст, ки фармуд:

"*Ҳар кас гурӯҳе аз занон назди худ гирд оварад, ки натавонад онҳоро аз лиҳози ҷинсӣ ишбоъ (сер) намояд ва он гоҳ онҳо ба зино ва фаҳшо биафтанд, гуноҳи ин фаҳшо ба гардани ӯст.*"

Таърихчаҳои ҳарамсароҳо достонҳо зикр мекунанд аз занони ҷавоне, ки аз лиҳози ғариза таҳти фишор қарор мегирифтанд ва муртакиби фаҳшо мешуданд ва аҳёнан пушти сари он фаҳшоҳо кушторҳо ва ҷиноятҳо воқеъ мешуд.

Хонандаи мӯҳтарам аз маҷмӯъи ҳафт мақолае, ки дар бораи чандҳамсарӣ навиштем, комилан ба реша ва иллатҳо ва мӯҷиботи таъаддуди завҷот ва ин ки чаро ислом онро насх накард ва чӣ шароит ва ҳудуд ва қайдҳое барои он қоил шуд, комилан огоҳ гашт; барояш равшан шуд, ки ислом бо таҷвизи таъаддуди завҷот нахостааст занро таҳқир кунад, балки аз ин роҳ бузургтарин хидматро ба ҷинси зан кардааст. Агар таъаддуди завҷот, махсусан дар шароити фузунии нисбии адади занони омодаи издивоҷ бар мардони омодаи издивоҷ — ки ҳамеша дар дунё буда ва ҳаст — иҷоза дода нашавад, зан ба бадтарин шакле малъабаи мард хоҳад шуд; рафтори мард бо ӯ аз як каниз бадтар хоҳад буд, зеро инсон дар муқобили як каниз лоақал ин андоза таъаҳҳуд мепазирад, ки фарзанди ӯро фарзанди худ бидонад, аммо дар муқобили маъшуқа ва рафиқа ин андоза таъаҳҳуд ҳам надорад.

## Марди имрӯз ва таъаддуди завҷот

Марди имрӯз аз таъаддуди завҷот рӯгардон аст, чаро? Оё ба хотири ин ки мехоҳад ба ҳамсари худ вафодор бошад ва ба як зан қаноат кунад ё ба хотири ин ки мехоҳад ҳисси танаввӯъталабии худро аз тариқи гуноҳ — ки ба ҳадди ишбоъ, васила барояш фароҳам аст — ирзо намояд? Имрӯз гуноҳ ҷойи таъаддуди завҷотро гирифтааст, на вафо ва ба ҳамин далел марди имрӯз сахт аз таъаддуди завҷот, ки барои ӯ таъаҳҳуд ва таклиф эҷод мекунад мутанаффир аст. Марди дирӯз агар мехост ҳавасронӣ кунад, роҳи гуноҳ чандон барои ӯ боз набуд, ночор буд таъаддуди завҷотро баҳона қарор дода ҳавасронӣ кунад. Дар айни ин ки шона аз зери бори бисёре аз вазоиф холӣ мекард, аз анҷоми баъзе таъаҳҳудоти молӣ ва инсонӣ дар бораи занон ва фарзандон чорае надошт. Аммо марди имрӯз ҳеч илзом ва иҷборе намебинад, ки кучактарин таъаҳҳуди дар заминаи ҳавасрониҳои бепоёни худ бипазирад. Ночор алайҳи таъаддуди завҷот қиём мекунад.

Марди имрӯз таҳти унвони секретар, мошиннавис ва садҳо унвони дигар коми худро аз зан мегирад ва будҷаи онро ба сандуқи давлат ё ширкат ё муассисае, ки дар он кор мекунад таҳмил мекунад бидуни он ки диноре аз ҷайби худ бипардозад.

Марди имрӯз ҳар чанд сабоҳ як бор маъшуқаи худро иваз мекунад бидуни ин ки эҳтиёҷе ба ташрифоти маҳру нафақа ва талоқ дошта бошад. Мусалламан Мӯсо Чумбӣ бо таъаддуди завҷот мухолиф аст, зеро ӯ ҳамеша як секретари ҷавони зебо дар канори худ

дорад ва ҳар чанд сол як бор онро иваз мекунад. Бо чунин имконоте чӣ ҳоҷат ба таъаддуди завҷот?

Дар шарҳи ҳоли Бертран Рассел — ки яке аз мухолифони сарсахти таъаддуди завҷот аст — чунин мехонем:

“*Дар нахустин даврони зиндагии ӯ илова бар модарбузургаш ду зани дигар нақши бузурге доштаанд, ки яке аз онҳо Алиса, нахустин ҳамсараш ва дигаре рафиқааш ба номи Эттолин Морел мебошанд. Морел аз занони саршиноси он давра буд ва бо бисёре аз нависандагони аввалҳои қарни 20-ум дӯстӣ дошт*.“

Мусалламан чунин шахсе бо таъаддуди завҷот рӯйи мувофиқ нишон намедиҳад. Гӯё ҳамин рафиқабозии ӯ буд, ки ба издивоҷи ӯ бо ҳамсараш Алиса поён дод, зеро аз забони худи Рассел чунин навиштаанд:

“*Дар баъд аз зуҳри яке аз рӯзҳо ҳангоме, ки бо дучарха озими яке аз ййлоқоти наздики шаҳр будам, ногаҳон эҳсос кардам, ки дигар Алисаро дӯст надорам*.”

*Поёни китоб*